**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ** 37 (091) (575-3)
**ТКБ** 74.200+63.3 (2 )
**К**-33

**КАРИМЗОДА МУСО БОБИШО**

# ТАЪРИХИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ (1991-2021)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои таърих
Абдурашитов Ф.М.

**ДУШАНБЕ - 2026**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**......................................................4

Муқаддима..............................................................................................................5

**БОБИ I. ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ**

1.1. Инъикоси таърихии ислоҳоти соҳаи маориф дар адабиёти илмӣ..........................................................................................................24

1.2. Барраси масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф дар асарҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.......................................40

**БОБИ II. ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОӢ**

2.1 Хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатӣ дар замони Истиқлол...................................................................................................................72

2.2 Ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ.....................94

**БОБИ III. ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ НАВ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ**

3.1 Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф..................................................................................................................107

3.2 Таъсис ва фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо............................................................................................................137

3.3 Арзёбии хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ .........................................................161

**БОБИ IV. ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ**

4.1 Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар замони Истиқлол...................................................................................................................193

4.2 Сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ,

фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф........................................................................................................223
**БОБИ V. НИЗОМИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ**
5.1 Раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол..............249
5.2 Ташаккул ва рушди низоми кредитии таҳсилот........................................286
**ХУЛОСА...................................................................................................318**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.........................328**
**Руйхати адабиёт.........................................................................................334**
**Интишоорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия..................................................366**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ-** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМИҶТ-** Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**АИ ҶТ** – Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**НТҶ** – Ноҳияи тобеи марказ

**ҶДММ-** Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**ШМА**- Штатҳои Муттаҳидаи Амрико

**СММ-** Созмони Милали Муттаҳид

**ТУТ-** Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ

**БРСММ-** Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

**ЛКТ**- Литсеи касбии техникӣ

**ДДМТ-** Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон

**ДДТТ-** Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон

**ДДОТ-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

**ДАТ-** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон

**ДТТ-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон

ДБЗХТ- Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон

**ФУТ-** Фанҳои умумитаълимӣ

**ФУК**- Фанҳои умумикасбӣ

**ФТ**- Фанҳои тахассусӣ

**КМД**- Корҳои мустақилонаи донишҷӯ

**КМДРО**- Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор

**МТУ**- Муассисаи таҳсилоти умумӣ

**МТМУ-** Муассисҳои таҳсилот миёнаи умумӣ

**МТОК**- Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

**БМД**- Бойгонии марказии давлатӣ

**ВМКБ-** Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти босуръати иҷтимоию иқтисодӣ, соҳаи маориф ба яке аз омилҳои калидии рушди устувори давлат ва ташаккули сармояи инсонӣ табдил ёфтааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ (соли 1991) марҳилаи нави давлатдорӣ ва ҷомеасозиро оғоз намуд, ислоҳоти соҳаи маориф аҳаммияти махсуси стратегӣ касб кард. Дар ҳамин замина, омӯзиши таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар давраи соҳибистиқлолӣ, на танҳо аҳаммияти илмӣ, балки арзиши баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амалӣ дорад.

Ислоҳоти соҳаи маориф солҳои (1991–2021) дар Тоҷикистон бо шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардид. Аз як тараф, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонӣ, ва аз ҷониби дигар, зарурати мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи нави ҷомеа ва бозори меҳнат, масъалаи таҷдиди куллии муассисаҳои таълимиро ба миён овард. Маҳз дар ҳамин давра низоми маориф марҳилаҳои муҳимми тағйиротро аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбӣ аз сар гузаронд.

Аҳаммияти мавзуъ, дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои ғайридавлатӣ, литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои хусусӣ ва ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитии таҳсилот ба вуҷуд омаданд. Ин равандҳо на танҳо мазмуну мундариҷаи таълим, балки сифати таҳсил, усулҳои идоракунӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисосро ба таври ҷиддӣ тағйир доданд.

Таҳқиқот инчунин, бо зарурати арзёбии таърихии фаъолияти муассисаҳои миёна  ва олии касбӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф алоқамандии зич дорад, зеро маҳз дар ин зинаҳо тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ: маориф, тандурустӣ, техника, технология, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш сурат мегиранд.

Ҷанбаи муҳимми диссертатсия, таҳлили нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул, ислоҳот ва рушди низоми миллии маориф мебошад. Таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти олии давлат ба масъалаҳои маориф, инъикоси онҳо дар паёмҳо, барномаҳо ва санадҳои стратегӣ, инчунин ташаббусҳои амалӣ дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, соҳаи маорифро ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил додааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2018 оид ба масъалаҳои мубрами маорифи мамлакат чунин баён намуданд: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Аз ин рӯ, мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем» [1, с.602].

Бо назардошти норасоии таҳқиқоти мукаммали таърихӣ, ки тамоми паҳлуҳои ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистонро дар давраи солҳои 1991–2021 ба таври комплексӣ фаро намегиранд, бинобар сабаб диссертатсияи омодашуда дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Барои ҳалли масъалаҳои умдаи ҷамъиятиву сиёсӣ дар мамлакат як зумра ислоҳотҳои иҷтимоиву иқтисодӣ гузаронида шуданд, ки пеш ҳама, ба ислоҳоти маориф, алалхусус, ба таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон марбутанд.

Аҳаммияти омӯзиши ин мавзуъ барои баррасӣ дар ҳаҷми як диссертатсияи докторӣ бо далелҳои зерин пешниҳод мегардад:

**Якум**. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эълон намуда, ба вазъи соҳаи маориф ва рушду инкишофи он, омодагии кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи муосир, ҳамзамон, тақвият додани дараҷаи сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён дар муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ, типи нав, ибтидоию миёна ва олии касбӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад.

**Дувум.** Рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат вобаста ба неруи созандаву эҷодкор алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, агар мо ба тарбияи ворисони бомаърифату донишманд, ватандӯсту меҳнатқарин бо масъулияти баланд машғул нашавем, ба пешравии иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию техникӣ дар кишварамон муяссар шуда наметавонем.

**Сеюм.** Зинаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ яке аз воситаҳои асосии такмил додани тарбияи ахлоқии хонандагон ва донишҷӯён ба ҳисоб меравaнд. Муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки дар ботини насли наврасу ҷавонон аз рӯйи принсипи ахлоқи ватандӯстӣ амал карда, дар онҳо ва худшиносию худогоҳиро тарбия намоянд. Чунин сифатҳои ахлоқӣ, монанди ватандӯстӣ, инсонгароӣ, ҳисси миллӣ, ҳувияти миллӣ, бовиҷдонӣ, шаъну шараф, қарзи шаҳрвандӣ бояд омили бедоркунандаи фаъолияти таълимиву тарбиявии хонандагону донишҷӯён гарданд.

**Чорум.** Масъалаҳои баланд бардоштани касбияти мураббияву омӯзгорони баландихтисос ки унвони илмӣ доранд, рушд додани касбият, такмили ихтисосу бозомӯзӣ, савияи дониш ва тарбияи омӯзгорони болаёқат ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ буда, дар тамоми зинаҳои таҳсилот бо раванди ислоҳоти соҳаи маориф муносибати мустақим дорад.

**Панҷум**. Мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додани низоми нави таълимӣ, истифодаи усулҳои нав ва фаъоли таълим, ки ҷавобгӯи талаби замон ва мутобиқ ба сохти иҷтимоиву иқтисодии мамлакатанд.

**Шашум**. Тақвият додани табодули донишҷӯён аз рӯйи равияҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриву хориҷи мамлакат ва дар ҳамин замина, андешидани тадбирҳои

судманд, аз ҷумла, зиёд намудани гурӯҳҳои таълимии таҳсилашон бо забонҳои русӣ ва англисӣ.

**Ҳафтум.** Дар низоми кредитии таҳсилот раванди таълим мувофиқи накшаю барномаҳои таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққардашуда, амалӣ мегарданд. Муҳимтарин уҳдадориҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбии мамлакат дар раванди таълим истифода аз технологияи кредитии таълим, дар шакли ташаккули ҳаҷми дониш вобаста ба зинаҳои таҳсилот ва ҳамзамон, самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯ муайян карда мешавад.

**Ҳаштум**. Барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир дар бозори меҳнати кишвар, зарурати босифат тайёр намудани онҳо пеш омадааст, ки он дар навбати худ, аз ҷаҳонишавии низоми таҳсилот вобастагӣ дорад. Ҷаҳонишавии низоми миллии таҳсилот дар ҷумҳурӣ дар шакли воридшавии он ба низоми аврупоии таҳсилот ва ба имзо расонидани Баёнияи Болония аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гаштааст. Шакл ва принсипҳои асосии гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот, аз ҷумла, бакалавриат, магистратура, доктори фалсафа (доктор PhD), дар амал татбиқ намудани низомҳои таъминкунандаи сифати таҳсилот, зина ба зина гузариш ба низоми ягонаи воҳидҳои санҷишӣ (ECTS), таъмини ҳаракати академии донишҷӯён ва омӯзгорон инъикос ёфтааст. Яке аз талаботи чунин навгониҳоро дар муассисаҳои таълимии мамлакат татбиқи низоми кредитии таҳсилот ташкил медиҳад.

Аз ин сабаб, таҳқиқ ва баррасӣ намудани «Таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» дар шароити муосир аҳаммияти махсус касб менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба масъалаи таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлол, то ҳол таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Аммо паҳлуҳои гуногуни он дар асарҳои бунёдии таърихии дохилию хориҷӣ ва диссертатсияву китобҳои ба

масъалаҳои гуногуни таърихи ислоҳоти соҳаи маориф бахшидашуда, инъикос ёфтаанд.

Дар раванди баррасӣ намудани мавзуи диссертатсионӣ таҳқиқоти пажуҳишгарони соҳаи маорифро ба якчанд гурӯҳи зерин ҷудо кардан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи якум** сарчашмаҳо**,** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки соҳаи маорифро ба танзим медароранд, дохил мешаванд. Зеро ислоҳоти соҳаи маорифро дар замони истиқлол, асосан Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [54], инчунин, 10 қонуни амалкунанда ба танзим медарорад: «Дар бораи маориф» [58; 59], «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» [69], «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» [64], «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» [67], «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» [68], «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» [65], «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» [66], «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [61], «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» [63], «Дар бораи Парки технологӣ» [62] ва инчунин, низомномаҳо, дастуруламал ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ба гурӯҳи дуюм таҳқиқоти** илмии олимони хориҷиро шомил намудан ҷоиз аст. Муҳаққиқони Федератсияи Россия ва Аврупою Амрико, ба хусусиятҳои таҳсилоти салоҳиятнок ва низоми кредитии таҳсилот асарҳо таълиф намуда, фикру ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, доир ба масъалаи мазкур муҳаққиқони қазоқу рус Н.А. Абишев [292], Ж.М. Молбасинова [292], А. Байденко [293], В.А. Болотов [294], В.В. Сериков [294], В.И. Курилов [200], Е.К. Кубея [198], В.А. Козирев [194], Д. Найт [225], Б. Сужикова [225], А. Раисова [225], Н. Муравев [225], В. Хуторской [314], Н.Н. Фролов [256], Г.В. Сундуков [256], В.А. Голутвин [256], А.И. Чучалин [261], О.В. Боев [261], А.Е. Кузьмин [281], И.Д. Фрумин [257], С. Велде [180], Э.Ф. Зеер [186], Ҷ. Равен [233; 334], Ю.Г. Татур [251; 252] ва муҳаққиқони аврупоию амрикоӣ К. Аделман, [335], А.Т Феррер [321; 322], Ҷ.

Ҳуйсман [326; 327; 328; 329; 330; 331], Ҳ. Абоитес [319], Ф.Э.Фигероа [323], Ҷ. Файл [324], Р. Килинг [332], Д. Теферра [336], У. Тайхлер [337], Ҷ. Велимаа [338], Д. Ҳофман [338], М. Ҳууско [338], М. Ван дер Венде [330], Ҷ. Витте [339], Л. Пурсер [339] таҳқиқот бурда, асарҳо таълиф намудаанд.

**Ба гурӯҳи сеюм** суханрониҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил мешаванд. Аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ, Пешвои муаззами миллат соҳаи маорифро ҳамчун бунёди асосии худшиносии миллӣ ва пешрафти давлат арзёбӣ намуда, дар ин замина, як силсила ислоҳоти амиқро роҳандозӣ намуданд. Пешвои миллат пайваста дар ҳамаи вохӯриҳояшон бо зиёиёни мамлакат ва ҳамзамон, дар Паёмҳои солонаи худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 8; 9; 10; 11; 12; 13; 14; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22; 23; 24; 25; 48; 52; 53], мавқеи Ҳукуматро доир ба мушкилоти ислоҳоти соҳаи маориф равшану возеҳ муайян намуда, роҳҳои ҳалли онро низ баён намудаанд. Аз ҷумла, дар паёмашон дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми апрели соли 2021, чунин қайд намудаанд: «Дар даҳ соли охир ҷиҳати таҷдид ва рушди соҳаи маориф корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Фақат дар соли ҷорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 120 млн сомонӣ равона карда мешавад. Дар 5 соли охир барои эҳтиёҷоти соҳаи маориф ва тандурустӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 90 млн доллари ШМА, маблағҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявиро ҷалб кардааст, ки аз он зиёда 40 млн доллари ШМА аз худ карда шудааст». Дар натиҷа, дар доираи лоиҳаҳои инноватсионӣ зиёда аз 310 иншоот дар соҳаи маориф, аз он ҷумла, 210 муассиса, инчунин, бо миқдори зиёда аз 15000 ҳазор мизу курсӣ ва аз рӯйи 37 номгӯ дар ҳаҷми 3,4 млн нусха китобҳои дарсӣ ба муассисаҳои миёна тақсим карда дода шуд».

Сарвари давлат дар осори илмию таҳқиқи хеш, ба масоили рушду равнақи соҳаи маориф [26; 27; 28; 29; 30; 31; 32; 33; 34; 35; 36; 37; 38; 39; 40; 41; 42; 43; 44; 45; 46; 47; 49; 50; 51] таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд.

**Ба гурӯҳи чорум** пажуҳишҳои муҳаққиқони ватаниро дохил кардан мумкин аст. Муҳаққиқони зиёди ватанӣ ислоҳоти соҳаи маорифро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои мухталифи онро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додаанд. Дар ин самт, нашри китобҳои илмии олимони тоҷик Н. Ақилов [171], М. Абдуллоев [164; 165; 166; 167], Х. Аъзамов [167], Ҳ. Аллоева [165], Х. Раҳимов [238], А. Нуров [238], Ғ. Бобизода [178; 179; 211], Ш. Исрофилниё [178; 179], Д. Имомназаров [178; 179], А. Байзоев [174; 175; 176; 178; 179], М. Давлатов [179; 183], М. Дадоҷонова [340], Л. Иматзода [190], Л. Иматзод [191], Н. Мирхонова [191], Ш. Котибова [197], С. Қурбонов [199], М. Лутфуллоев [206; 207; 208; 209; 210; 211], Р. Мирбобоев [215; 216], Х. Зиёев [216], С. Қосимӣ [201; 216; 262], Б. Бадалов [216], Ф. Мирзоахмедов [217; 218], Б. Боев [217], З. Шукурова [217], Н. Мирхонова [219], З. Мухторов [219], Г.Б. Искандарова [219], З. Мухторов [223], М.Б. Раджабов [223], Қ. Мухторӣ [222], Д.В. Сафин [222], Н. Кабиров [222], У. Умаров [222], Х. Садурдинов [222], А. Наҷмиддинов [222], А. Ҳалимов [222], А.А. Раҳмонов [240], Б.Ҷ. Самиев [240], И.О. Сулаймонов [240], У.С. Умаров [254], А.Ш. Шукуров [254], Г.Ш. Ҷонмаҳмадова [184], Ф. Шарифов [269], И.Х. Каримова [269], Н. Ҳотамов [260], Д. Довудӣ [260], С. Муллоҷонов [260], М. Исоматов [260], А. Шарифзода [231, с.304], Н. Шарипов [272, с.381-387], А. Шарипов [192, с.578], Н.М. Назаршоев [192, с.578], А.Шарифзода [264], З.Қосимӣ [264], Н.Ҳакимов [259], Р. Набиева [224], Ф. Зикриёев [224], М. Зикриёева [224] китобҳои илмӣ навиштаанд

**Ба гурӯҳи панҷум** таҳқиқотҳои алоҳида дар шакли рисолаҳои номзадӣ доир ба паҳлуҳои мухталифи рушд ва ислоҳоти зинаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлолро дохил кардан мумкин аст, ки аз ҷониби И.А.

Алимов [274], А.Р. Рашидов [242], А.М. Ашуров [276], А.К. Умаров [286], М.И. Иззатова [279], М.З. Фозилова [289], Ғ.Ғ. Сафарзода [285], Н.Т. Саидов [283], У.И. Атакуллаев [275], С.Ш. Базарова [277], А.Г. Бермус [278], Т.Г. Каримов [280], Р.Р. Мирзоев [282], Д.У. Сангинова [284], И. Фархудинов [288], Н.Н. Файзов [287], С.К. Хаким-заде [290], М.О. Хусейнзода [291] бурда шудаанд.

**Ба гурӯҳи шашум** осори таҳқиқии пажуҳишгарони замони истиқлолро, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳо масоили рушди соҳаи маорифи ҷумҳуриро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд, метавон аз ҷумлаи онҳо М. Ибрагимова [296], А.Ш. Қурбонов [298], М. Лутфуллоев [301; 302], Ш. Муҳиддини [305], М. Назарова [308], Р. Назаров [306; 307], И.Р. Раджабова [310], Н. Сангинов [312], М. Хидирова [312], А. Ҳусайнов [317], М. Ҳайдарова [315], А Шарифзода [231, с.304], С Эшонов-ро [318] шомил намуд.

Аз гурӯҳбандии асару рисолаҳо метавон натиҷа бардошт, ки мақсади ниҳоии ислоҳот ба вуҷуд овардани чунин низоми таҳсилоти босифат ва дастрас барои ҳамаи шаҳрвандон дар тули ҳаёт аст, то ки иқтисодиёти кишвар бо кормандони босалоҳияти мутобиқ ба инфрасохтор ва технологияҳои муосиру инноватсионӣ асосёфта таъмин гардад. Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи иқтисодӣ устувор бошад ва ба стандартҳои низоми таҳсилоти пешрафтаи ҷаҳонӣ ва низоми байналмилалии арзёбии сифат мувофиқат кунад.

Дар ин замина, доир ба паҳлуҳои мухталифи рушд ва ислоҳоти зинаҳои таҳсилоти томактаби, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқотҳои алоҳида аз ҷониби И.А. Алимов [274], А.Р. Рашидов [242], А.А. Шарипов [215], А. Ашуров [276], А. Умаров [286], М. Иззатова [279], М. Фозилова [289], Ғ. Сафарзода [285], Н. Саидов [283] бурда шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои амалӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи таърихи

халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гаштааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур ба мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» бахшида шудааст ва фарогири мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳқиқ ва таҳлили таърихи раванди ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоию миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Вазифаҳои таҳқиқот оид ба ислоҳоти соҳаи маориф дар инкишофи зинаҳои таҳсилот дар самтҳои зерин арзёбӣ карда мешавад:

- муайян намудани дараҷаи омӯзиши ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмӣ;

- баррасии масъалаҳои соҳаи маориф дар асарҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳқиқи хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатӣ дар замони Истиқлол;

- мушаххас кардани рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ;

- муайян кардани вазъи муассисаҳои миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф;

- таҳқиқ кардани таъсиси фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо;

- баррасии хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- инъикоси вазъи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар замони Истиқлол;

- мушаххас намудани сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ,

технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф;

- таҳлили раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- таҳқиқи ташаккул ва рушди низоми кредитии таҳсилот.

**Объекти таҳқиқот** таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол вобаста ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** таърихи татбиқи раванди ислоҳоти соҳаи маориф дар зинаҳои таҳсилот, роҳҳои муҳимми рушди соҳаи маориф, ин ислоҳоти ботадриҷи соҳаҳои таҳсилоти ҳамаи зинаҳо маҳсуб меёбад. Ҳадафи ниҳоӣ дар ин самт, муҳайё сохтани шароити мусоид барои ташаккули низоми таҳсилоти нав ва ҷавобгӯ ба талаботи замон ва ба стандартҳои ҷаҳонии раванди таҳсилот мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).**

**Марҳилаи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар давраи солҳои 2021-2025 бо се марҳалаи бо ҳам алоқаманд амалӣ гаштааст. Марҳалаи аввали таҳқиқот солҳои 2021-2022-ро дар бар гирифта, хусусияти ҷӯяндагӣ дошт. Ин давра, асосан бо омӯзиши адабиёти таърихию педагогӣ, асарҳои муҳаққиқон, маводи ба мавзуи диссертатсия наздик ва дахлдошта марбут аст. Мақсад ва проблемаҳои асоситарин ва муҳимтарини таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва типи нав, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ омӯхта шуда, бо далелҳои асосӣ тарҳрезӣ гардидаанд.

Марҳилаи дуюм, солҳои 2022-2024-ро дарбар мегирад. Дар ин давра барои пурра ва ҳаматарафа таҳқиқ кардани проблемаҳои муҳимми мавзуъ, аз Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелу маводҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Аз Бойгонии давлатии марказии ҷумҳурӣ ва бойгониҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, асосан далелу рақамҳои марбути

таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар зинаҳои таҳсилот, махсусан раванди фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ташкил ва созмон додани муассисаҳои томактабӣ (давлатӣ ва ғайридавлатӣ) муассисаҳои типи нав, вазъ ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, вазъи маорифи кишвар дар солҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, рушди минбаъдаи соҳаи маориф дар солҳои 1991-2021 таҳқиқ шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ тибқи таълими салоҳиятнокӣ, низоми кредитии таҳсилот ва ҳуҷҷату маводи бойгонӣ имконият доданд, ки масъалаҳои асосии ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба риштаи пажуҳиш кашида шаванд.

Марҳилаи сеюм, солҳои 2024-2025-ро дар бар мегирад. Ғолибан, он ҷамъбаст намудани натиҷаи таҳқиқот аст. Тамоми маводи ҷамъшуда ба низоми муайян даровarда шуд. Маводи адабиёти илмӣ дар таҳқиқот ҷойгир кунонида шуда, мукаммалгардонии хулосаҳо ва ҳамоҳанг сохтани онҳо бо овардани пешниҳод ва тавсияҳо маҳз дар ҳамин марҳала сурат гирифт.

**Макони таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) анҷом дода шуда, макон ва объекти таҳқиқоти он таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар бар мегирад.

**Давраи таҳқиқот.** Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз лаҳзаи таъсисёбии давлатдории миллӣ фаро гирифта, раванди ташаккул, тағйирот ва рушди низоми маорифро дар давраи солҳои 1991–2021 мавриди таҳлили илмӣ қарор медиҳад. Ин марҳила ба давраи бунёд ва таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ, институтсионӣ ва методологии соҳаи маориф рост меояд ва бо таҳаввулоти амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа алоқаманд мебошад. Асоснокии интихоби ин чорчӯбаи хронологӣ аз он бармеояд, ки маҳз пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, соҳаи маориф ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид гардида, зарурати таҷдиди куллии мазмун, сохтор ва

механизмҳои идоракунии низоми таълим ба миён омад. Соли 2021 ҳамчун нуқтаи ниҳоии таҳқиқ бо ҷамъбасти марҳилаи муайяни ислоҳот, қабули барномаҳои муҳими давлатӣ ва гузариш ба марҳилаи нави рушди маориф муайян мегардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар асоси омӯзиши асарҳои илмӣ ва таърихию педагогии муҳаққиқони форсу тоҷик ва ҷаҳон, ҳамзамон, муҳаққиқони шуравӣ ва имрӯзаи ватанӣ дар низоми маорифи Тоҷикистон оид ба раванди ислоҳоти соҳаи маориф асосҳои назарӣ таҳрезӣ гардидааст.

Дар таълифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додем, ки муҳиммияти консепсияи мутафаккиронро оид ба раванди ислоҳот, ки асоси пешравӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мегарданд, вобаста ба даврaҳои мухталиф аз осори классикони адабиёти форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш то замони шуравӣ, аз осори муосирон Садриддин Айнӣ, Н.А. Абишев, Ж.М. Молбасинова, А. Байденко, В.А. Болотов, В.В. Сериков, В.И. Курилов, Е.К Кубея, В.А. Козирев, Д. Найт, Б. Сужикова, А. Раисова, Н. Муравев, пайравӣ намоем.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Рисола, дар асоси принсипи таърихият, усулҳои аёният, бартарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлил, мушоҳида, дедуксия, индуксия ва монанди онҳо навишта шудааст. Ҳамчунин, асоси таҳқиқотро усули проблемавӣ - хронологӣ ташкил медиҳад. Он имконият медиҳад, ки бартариҳои раванди ислоҳоти низоми маорифро, ки дар арсаи байналмилалӣ маҳаки асосии пешрафти ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишварҳо мегардад ва дар низоми маорифи пешрафтаи давлатҳои Аврупо, Амрико ва Федератсияи Россия ҷорӣ гардидааст, муайян намоем.

Инчунин, хусусиятҳои хоси раванди ислоҳоти маорифи Тоҷикистонро, ки аз ислоҳоти маорифи умумиҷаҳонӣ маншаъ мегирад, вобаста ба низоми таҳсилот ва дигаргуниҳои баамаломада корбаст гардидаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи маорифро дар таърихи фарҳанги навини тоҷикон вобаста ба рушди он дар арсаи байналмилалӣ нишон диҳем.

**Пойгоҳи таҳқиқот** санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ислоҳоти соҳа, суханрониҳо, паёмҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводи Бойгонии маркази давлатии ҷумҳурӣ, бойгонии вилоятҳо, таърихи навтарини Тоҷикистон ва бойгониҳои шаҳру ноҳияҳо, Китобхонаи миллии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, китобхонаи Энсиклопедияи миллии тоҷик, инчунин диссертатсияҳо, адабиёти илмӣ, сомонаҳои расмии ба мавзуи таҳқиқот нигаронидашуда ва матбуоти даврӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсия бори нахуст дар асоси маъхазҳои дасти аввал, махсусан, асноду ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ, маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва таҳқиқоти олимони соҳа дар илми таърихи ватанӣ, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз инҳо иборатанд:

- дараҷаи омӯзиши ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмӣ муайян карда шуд;

- инъикоси масъалаҳои соҳаи маориф дар асарҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардид;

- хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатӣ дар замони Истиқлол мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

- рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ мушаххас карда шуд;

- вазъи муассисаҳои миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф муайян гардид;

- фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо таҳқиқи худро ёфт;

- хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ шуд;

- вазъи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ  дар замони Истиқлол инъикоси  мушаххас гардид;

- сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифт;

- сатҳи омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф мавриди пажуҳиш қарор дода шуд;

- роҳу усулҳои тақвияти маҳорат ва малакаи мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва типи нав, ибтидоию миёна ва олии касбӣ дар таърихи раванди ислоҳоти соҳаи маориф мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифт;

- раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳлил шуд;

- ташаккул ва рушди низоми кредитии таҳсилот таҳқиқ гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асоснок карда мешавад, ки нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ислоҳот ва рушди соҳаи маориф хусусияти стратегӣ дошта, тавассути паёмҳо, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ташаббусҳои амалӣ, сиёсати давлатии ягона дар соҳаи маориф ташаккул ёфта, ба таҳкими пояҳои низоми миллии таҳсилот ва рушди устувори ҷомеа мусоидат намудааст;

-аввалин бор дар асоси таҳлили сарчашмаҳои бойгонию оморӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҷрибаи таърихии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ дар давраи солҳои 1991–2021 ба таври комплексӣ ҷамъбаст гардида, тамоюлҳои асосии рушд, мушкилот ва дурнамои такмили низоми маорифи миллӣ муайян карда шудаанд;

- маълумоти мукаммал доир вазъи таърихию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ мавриди баркароршавӣ, рушди низоми маорифи кишвар ва раванди

ислоҳот дар муассисаҳои томактабии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва типи нав, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёна ва олии касбӣ дода шудааст;

- дар диссертатсия саҳми ислоҳоти соҳаи маориф дар ташаккули сармояи инсонӣ ва таҳкими иқтидори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дидгоҳи таърихӣ асоснок шуда, нишон дода мешавад, ки пайдарпайӣ ва ҳамоҳангии ислоҳот дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ба рушди устувори ҷомеа ва баланд бардоштани нақши маориф ҳамчун ниҳоди калидии давлатдорӣ мусоидат намудааст;

- исбот мегардад, ки ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991–2021) раванди марҳилавӣ ва мураккаб буда, он таҳти таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва арзишҳои нави давлатдории миллӣ ташаккул ёфта, тамоми зинаҳои низоми таҳсилот аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбиро фаро гирифтааст;

- дар диссертатсия нишон дода мешавад, ки дар шароити Истиқлол ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва ҷорӣ гардидани шаклҳои нави идоракунӣ ба диверсификатсияи низоми маориф, баланд бардоштани дастрасӣ ба таҳсил ва мутобиқсозии муҳтавои таълим ба талаботи бозори меҳнат мусоидат намуданд;

- муайян карда мешавад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокӣ дар таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, заминаи методологӣ ва институтсионалии баланд бардоштани сифати таълим, рушди қобилиятҳои касбӣ ва рақобатпазирии кадрҳои миллиро фароҳам овард;

- проблемаҳои бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ ва соҳибтаҷриба таъмин кардани муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва ҳайати омӯзгорони унвони илмидошта дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ пурра мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳоди илмию методӣ барои хониши курсҳои махсус доир ба ислоҳоти соҳаи маорифро дар ҳама зинаҳои таҳсилот, алалхусус, таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар курсҳои асосӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар амалия истифода намудани ислоҳоти соҳаи маориф, татбиқи низоми нави таълим, аз қабили истифодаи технологияҳои инноватсионии раванди таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пурмаҳсул гардонида шуда, ҳавасмандии омӯзгор ва хонандаро ба дарс зиёд мегардонад. Натиҷаи таҳқиқот ба кормандони соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, алалхусус мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва типҳои нав, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барои баланд бардоштани сифати кори таълиму тарбия ёрии амалӣ мерасонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоснок будани натиҷаҳои пажуҳиши ниҳоии диссертатсия, хулосаҳои назариявию амалӣ, ҳаҷми маводи нашргардида таҷассум гардида, омӯзишу баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои асосии мавзуъ мувофиқат менамояд. Таҷрибаи амалии муаллифи диссертатсия ба ҳайси омӯзгори фанни методикаи таълими таърих дар муассисаи олӣ, ки боэътимодии системаи ислоҳоти соҳаи маорифро дарбар мегирад, муайян месозад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот бо шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6.1. таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.-Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳангоми таълифи диссертатсия асосноккунии назариявии методологӣ, кушода додани мафҳумҳои асосӣ вобаста ба роҳандозӣ, татбиқи таърихи ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Раванди таҳқиқот оид ба татбиқи

ислоҳоти соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот омода шуда, оид ба натиҷаи онҳо хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд.

Ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли таълимашон (давлатӣ ва ғайридавлатӣ) томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ новобаста аз шакли фаъолияташон тавсияҳо дода мешаванд.

Навгониҳои илмии диссертатсия ҳадафҳои илмӣ, ки ба дифоъ пешниҳод карда мешаванд, дар таҳияи монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конфренсияҳои илмию амалӣ, таҳияи китобҳо барнома дастуру воситаҳои таълимӣ дар муассисаҳои олӣ мақоми арзанда дорад. Ҳамзамон, сабки таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби нигориши диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмӣ ва амалии диссертатсия дар мақолаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд. Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи мазкур ба дифоъ пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқот, ки дар диссертатсия мавҷуданд, дар маводи конференсияи байналмилалӣ «XIX Международная молодежная научно-практическая конфренция «Научный потенциал молодежи – будущему Белоруси (г.Пинск, Полесу ГУ, 17.04.2025)» Аз таърихи омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон дар партави суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъулияти омӯзгор дар замони Истиқлол» (12 декабри соли 2024, ш.Душанбе) «Метод ва шаклҳои инкишоф додани дониш ва маҳорати хонандагон дар дарси таърих» // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалии «Проблемаҳои таълими тафриқавӣ»

(24.05.2009, ш.Душанбе), «Ҳамкории мактаб ва оила оид ба тарбияи насли наврас дар шароити муосир» // Маводи конфронси илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (20.10.2013, ш.Душанбе), «Баланд бардоштани маърифати педагогии волидон ҳамчун омили муҳимми пешрафти сифати таълиму тарбияи фарзандон» // Маводи конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Таълими тафриқа», (10.10.2014, ш.Душанбе) интишор гардида, ҳамзамон дар асоси муҳтавои диссертатсия дар ҳамоишҳои илмии мазкур бо маърузаҳо баромад кардааст.

Инчунин, маърӯзаи мо дар конференсия дар мавзуи «Баланд бардоштани тафаккури миллӣ ва зиракии сиёсии ҷавонон дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм» // Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» (5-уми апрели соли 2024) дар шакли маърузаҳои илмӣ пешниҳод гардина, нашр шудааст.

Мавқеи тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар мактаби сулҳи Пешвои миллат // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди инноватсионии кишвар (15 ноябри соли 2023) инчунин, дар бахши «Социогуманитарие и правовое проблемы цивилизационной модернизации Белорусского общества: историческое наследие и современность», (г.Пинск, Полесу ГУ, 22.04.2025) ва дигар конфронсҳои сатҳи ҷумҳурӣ ва дохилидонишгоҳӣ ироа шуда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ нашр шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 2 монография, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 16 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ ва руйхати адабиёти истифодашуда (347 номгуй) иборат буда, 370 саҳифаи матни компютериро дар бар мегирад. Маводи кор бо диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва расмҳо, ки натиҷаҳои таҳқиқотро таҷассум менамоянд, пешниҳод гардидааст.

# БОБИ I. ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

## 1.1 Инъикоси таърихии ислоҳоти соҳаи маориф дар адабиёти илмӣ

Ислоҳоти соҳаи маориф яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста, чораандешӣ намуда барои гузаштан ба низоми салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои ибтидои, миёна ва олии касбӣ шароитҳои зарурирo фароҳам овардааст, ки ҷанбаҳои гуногуни он дар асарҳои муаррихон ва дигар мутахассисони соҳа инъикос ёфтааст.

Оид ба таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоию миёна ва олии касбӣ таҳқиқоти алоҳида ва махсус аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ то ба имрӯз ба анҷом нарасидааст, вале дар умум, оид ба соҳаҳои мухталифи ислоҳот дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти типи нав, ибтидоию миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла, таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитии таҳсилот китобҳои дарсӣ, маводи таълимию дастурҳои методӣ таълиф гардидаанд. Аз ҷумла, дар китоби дастаҷамъии А. А. Раҳмонов, А. Б. Расулов, Қ. Б. Қодиров, Х. С. Афзалов «Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [239] доир ба таърихи соҳаи маориф дар давраҳои мухталиф вазъ, рушд ва ислоҳоти соҳаи маориф дар даврони истиқлол маълумоти саҳеҳ пешниҳод шудааст.

Қисмати муҳимми китоби мазкур ба инкишофи соҳаи маориф дар замони ба Истиқлоли комил расидани Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин қисмат паҳлуҳои мухталифи ислоҳоти соҳаи маориф ва низоми таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба таври мушаххас нишон дода шуда, идоракунии ин соҳаи такдирсоз, дастовардҳо ва навгониву навовариҳо дарҷ гардидаанд.

Дар китоби мазкур раванди ислоҳоти низом ва методологияи маорифи халқи тоҷик, ки асоси онро фалсафаи муосир, назарияи маърифат, инчунин ғояҳои ватандорию ватандӯстӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ ташкил медиҳанд, мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҳамзамон, дар китоб оид ба истиқлоли давлатӣ ва масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф, вазъи соҳаи маорифи халқи тоҷик дар даврони Истиқлол, низом ва идораи соҳаи маорифи Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Муҳаққиқи ватанӣ, профессор Қ. Расулиён саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушди фарҳанг, илму маорифи кишвар воқеъбинона арзёбӣ намуда, чунин қайд менамояд: «Боиси хушнудист, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дӯстдор ва посдори таърих ва тамаддуни фарҳанги куҳанбунёди дирӯзу имрӯзи мамлакатамон мебошанд. Ин ишқу алоқа ба арзишҳои волои таърихию фарҳангии ин мамлакати тамаддунофару фарҳанггустар аз ҷониби ин абармарди майдони сиёсат аз ибтидои даврони ба қудрат расиданаш то ба имрӯз бараъло ва возеҳу равшан ба чашм мехӯрад» [235, с.399; 304, с.3].

Масоили марбут ба фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ, ба монанди Н. Ҳотамов [260], Д. Довудӣ [260], С. Муллоҷонов [260], М. Исоматов [260], А. Шарифзода [231, с.304], Н. Шарипов [272, с.381-387] инъикос ёфтааст.

Дар таҳқиқоти А. Шарифзода [231, с.304] (дар мақолаи илмии «Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ») сабабҳои коҳишёбии муассисаҳои томактабӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба таври хеле фишурда оварда шудааст. Муаллиф қайд менамоянд, ки ба сабаби нарасидани маблағ дар бисёр корхонаю ташкилот колхозу совхозҳо аз нигоҳ доштани муассисаҳои томактабӣ даст кашиданд ва онҳоро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ супурданд.

Бо вуҷуди он ки нисбат ба маълумотҳо ва шароити таърихиву сабабҳои рӯ ба карахтӣ ва ё пастравии шумораи муассисаҳои томактабӣ ва тарбиятгирандагон дар асари дастаҷамъии таълимӣ барои донишҷӯён ҷойи

шубҳа нест, вале раванду шароити таълим, барномаҳои омӯзишӣ, ҳолати кадрии муассисаҳои томактабӣ аз таҳқиқоти муаллифон дур мондааст.

Аз таҳқиқотҳои муаррихоне, ки зикрашон дар боло кардем, баҳо додан ба сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои томктабӣ дар замони истиқлолият хеле душвор аст, зеро дар таҳиқотҳои анҷомдодаи онҳо дар соҳаи маориф муассисаҳои томактабӣ қариб берун аз таҳқиқотҳо қарор гирифта, фақат бо якчанд ҷумла ҷамъбаст шудааст. Илова бар ин як қатор муҳаққиқони дигар, аз ҷумла А. Шарипов, Н.М. Назаршоев [192, с.578], Абдулфаттоҳ Шарифзода [264], Заробиддин Қосимӣ [264], Н.Ҳакимов [259, с.485-487], Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева [260, с.237] зимни таҳқиқоти соҳаи маориф муассисаҳои томактабиро ба инобат нагирифтаанд.

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан, мумкин аст, ки бо вуҷуди дучор омадан ба таърихи муассисаҳои томактабӣ дар таркиби асару мақолаҳои илмии ба соҳаи маориф бахшидашуда, муассисаҳои томактабӣ то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ пурра омӯхта пурра барраси нагардидааст.

Муаррихон Абдуфаттоҳ Шарифзода, Садриддин Шамсиддинов, Заробиддин Қосимӣ дар китобашон Президент: «Нақши Эмомали Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ доир ба фаъолияти пурсамари сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Президенти Тоҷикистон ва Ҳукумати кишвар маълумоти саҳеҳ пешниҳод менамоянд. Дар китоби мазкур натиҷаҳои фаъолияти гуногуни Сарвари давлат Эмомали Раҳмон доир ба ислоҳоти соҳаи маориф ба бунёдкорию созандагӣ, тарғиби арзишҳои волои давлатдории миллии тоҷикон, тарбияи насли ҷавони кишвар дар руҳияи худшиносию худогоҳи миллӣ» [347] ба таври возеҳ баён гардидаанд.

Доир ба рушд ва ислоҳоти соҳаи маориф дар замони Истиқлол - таърихшинос М. Абдуллоев дар таълифоташ «Истиқлолият дар таҳкими маорифи Тоҷикистон», [166] «Мақоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол», [167] «Ислоҳот ва рушди маорифи Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ» [165] доир ба масъалаҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилёбии муассисаҳои типи нав, воридшавии Тоҷикистони

соҳибистиқлол ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ, рушди кадрҳои омӯзгорӣ дар ҷумҳурӣ, оид ба тақвияти соҳаи маориф ва афзалиятнокии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият, нақши он дар мустаҳкам намудани заминаҳои моддӣ-техникии мактабҳои ҷумҳурӣ, роҳу воситаҳои баланд бардоштани сифати таълим, таҳлили илмӣ ва маълумотномаи муфассал дар асоси манобеи расмиву ғайрирасмӣ барои доираи васеи коршиносону муаррихон, сиёсатшиносон ва ҳамаи онҳое, ки аз таърихи рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ доранд, пешниҳод гардидаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ дар асарҳои муҳаққиқон, аз ҷумла, А. Шарипов, Н.М. Назаршоев [192, с.578], А. Шарипов [231, с.304], Н. Ҳакимов [259, с.485-487], Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева [224, с.237], Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов [260] инъикос гардидаанд.

Дар боби 6-уми китоби бунёдии «История таджикского народа» [192, с.578] самтҳо, вазифаҳо, шумораҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, шароит ва сифати таълим, рушди муассисаҳои таҳсилоти миёни умумӣ хеле хуб дарҷ шуда, қайд мегардад, ки  дар ин давра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санаду ҳуҷҷатҳоро доир ба рушди маориф ва ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф, ба монанди  «Консепсияи мактаби миллӣ», «Консепсияи тарбия», «Консепсияи самтҳои касбӣ», «Консепсияи маорифи миллӣ», «Стандартҳои давлатии маориф», «Дастурамали муассисаҳои таълимӣ» ва ғайраҳо  қабул намуд.

Назар ба ақидаи Нозим Ҳакимов, хусусияти хоси инкишофи муассисаву маорифи ҷумҳуриро дар солҳои 90-уми асри XX мебоист ислоҳоти муассиса ва  барномаҳои таълимӣ ташкил медод ва дар сиёсати давлатӣ ин навгониҳо ҳам вуҷуд дошт, вале бар асари ҷанги мулки ислоҳоти муассисаву маориф дар нимроҳа монд [259, с.485-487]. Муаллиф дар китоби худ «Таърихи халқи тоҷик» қайд менамоянд, ки баъзе навгониҳо аз қабили пайдо шудани

гимназияю литсейҳо ҳамчун шакли алтернативӣ ба муассисаҳои таҳсили ҳамагонӣ, чизи нав ва хуб буд. Ҳамчунин, ба назари ӯ гимназияю литсейҳо на ҳамчун шакли алтернативӣ, балки ҳамчун шакли имтиёздори таълими ҳамгонӣ гардида, то дараҷае сабаби коҳиши муассисаҳои таълими ҳамагонӣ ҳам гардиданд. Аммо ба ақидаи мо, ин андешаи муаллиф чандон ҳақиқат надорад. Зеро шумораи литсейҳо дар ҷумҳурӣ на ба он дараҷае буд, ки ба муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ таъсир расонида тавонад, балки асоси коҳиш ёфтани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои ҳамагонӣ, касби худро тарк кардани омӯзгорони соҳибтаҷриба ва ба дигар корҳои фоиданок машғул шудани онҳо буд. Мо медонем, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба тамоми соҳаҳо зарари калон ворид сохт ва мардуми ҷумҳуриро дар гирдоби гуруснагӣ қарор дод. Бинобар ин, қисми зиёди кормандони ташкилоту корхонаҳои давлатӣ, ки бо маоши ночизи он солҳо рӯзгори худро пеш бурда намиетавонистанд, маҷбур шуданд, ба дигар корҳо машғул шаванд. Таҳлили камбудиҳо нишон медиҳад, ки паст будани сатҳи иқтисодиёти кишвар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, сабаби асосии косташавии сатҳу сифати таълим гардида буд.

А. Шарипов дар мақолаи худ «Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ» қайд менамояд, ки то соли 2015 шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба 2 млн. 250 ҳазор нафар расид ва ин дар вазъияте ба амал омад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷойи нишаст намерасид. Қариб як миллион нафар хонандагон дар бастҳои 2-юму 3-юм таҳсил мекунанд [231, с.304]. Муҳаққиқ камбудиҳои ҷиддии соҳаро дар мақолаи худ зикр менамояд, ки он аз таъмирталаб будани 1549 муассиса, дар ҳолати садамавӣ қарор доштани 248 муассиса, хароб гардидани инфрасохтори соҳаи маориф, аз ҷумла, норасоии мизу курсӣ ва таҷҳизоти лабараторӣ иборат мебоашанд.

Мувофиқи таҳқиқоти Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов ва М. Исоматов [260] дар соли таҳсили 2005-2006 шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 3804 адад, бо 1.682 ҳазор нафар талабагон, соли таҳсили 2009-

2010 шумораи муассисаҳо 3780 адад, бо 1.694,9 ҳазор нафар талабагон расидааст. Ба ақидаи муҳаққион, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қариб 20% муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хароб гардида, пас аз ҷанг аксари онҳо азнавбарқарор, ё худ аз нав сохта шудаанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки «Соли 2009 бошад, новобаста аз таъсири манфии буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, танҳо ба ин соҳа 1.110,2 млн. сомонӣ ҷудо гардид, ки ин нисбат ба соли 2008 60,6% ва нисбат ба соли 2000-ум 27 баробар зиёд аст».

Дар дастури методии олимон Қ. Мухторӣ, Д.В. Сафин, Н. Кабиров, У. Умаров, Х. Садурдинов, А. Наҷмиддинов, А. Ҳалимов «Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ» [222] ба масъалаҳои таълим дар асоси ташаккули салоҳиятҳо оид ба таърихи масъала, мафҳумҳои «салоҳият» ва «босалоҳиятӣ» чӣ гуна аз ҳамдигар фарқ мекунанд, муносибати босалоҳият дар таълими муосири низоми маориф, тавсифи муносибати босалоҳият, мақсади дарс, салоҳиятҳои асосӣ ва тавсифи онҳо, усулҳо ва машқҳо барои азхудкунии маводи нав, ҷанбаҳои методологии банақшагирии дарсҳои ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронидашуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки тамоми паҳлуҳо ва хусусиятҳои таълими салоҳиятнокиро вобаста ба раванди таълими салоҳиятнокӣ дарбар гирифта наметавонанд.

Дар маводи таълимии муҳаққиқон М. Лутфуллозода, Ғ. Бобизода «Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо» [211] доир ба вожаҳои салоҳияту салоҳиятнокӣ, салоҳиятдору салоҳиятдорӣ, басалоҳияту бесалоҳият андешаронӣ шуда, муаллифон қайд менамоянд, ки моҳияти мафҳумҳои зикргардида аз решаи умумии компетент (компетентис)-и вожаи лотинӣ бармеоянд. Дар забони мо ҳамин маъно бо калимаю таркибу ибораҳои салоҳият, салоҳият доштан, соҳибихтиёр будан, соҳибҳуқуқ, салоҳиятдор, комилҳуқуқ, кордонӣ, қодир будан ба амал, салоҳдид, ихтиёр, ақидаи муътабар, шахси доною донишманд, тасаввуроти пурра доштан, сазовор будан, лоиқи чизе, шоистаю шоистагӣ ифода меёбад, ки қисми зиёди ин маъноҳо ба қобилияти шахс мансубанд.

Ҳамзамон, дар маводи таълимии муҳаққиқон роҷеъ ба масъалаҳои умумии салоҳияту салоҳиятнокӣ, нақши фарҳангии омӯзгор ва моҳияти он дар салоҳиятнокӣ, салоҳияти нутқ ва салоҳияти омӯзгор, ифода ва такмили он, мазмуни таҳсилот ва салоҳияти талабагон, мазмуни таҳсилоти мактабӣ ва унсурҳои таркибии он, ҳамдигарфаҳмӣ ва унсурҳои таркибии он, салоҳият ирсӣ аст, ё онро таълиму ташаккул медиҳанд, мушкилоти ташаккул ва фарқи салоҳиятҳои талабагон, муқаррар ва таъйини салоҳиятҳои талабагон, салоҳият ва фаъолиятнокии талабаҳо, мушкилоти ташаккул ва фарқи салоҳиятҳои талабагон, сарвари мактаб ва сифатҳои маънавии он, омӯзгор ва ташаккули салоҳиятҳо, омӯзгор ва таълими инкишофпазир баррасӣ гардидааст. Аммо раванди системанокии таълим, вобаста ба нақшаҳои таълимӣ пурра ба назар гирифта нашудааст.

Доир ба паҳлуҳои асосии таълими салоҳиятнокӣ дар модули таълимии «Муносибати салоҳиятнок ба таълим» [220] маълумот дода шудааст. Дар ин модули таълим, асосан, роҷеъ ба масъалаҳои муносибати салоҳиятнок ба таълим ҳамчун асоси методологияи таҳсилоти муосир, муносибати салоҳиятнок ба таълим зарурат, мафҳумҳои асосӣ, шаклҳо ва таснифот, принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълим, зарурати тағйири муносибат ба таълим, назарияҳое, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунанд, назарияи наздиктарини рушд, муносибати салоҳиятнок ба натиҷаҳои таълим, навъҳои салоҳият, муносибати салоҳиятнок дар таҳияи стандарт, муносибати салоҳиятнок дар таҳияи барномаи таълим, муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим пешниҳод гардидаанд.

Дар модули мазкур роҷеъ ба проблемаи арзёбии ташаккулдиҳанда чунин гуфта мешавад: «Арзёбии ташаккулдиҳанда ба дастовардҳои таълимии хонанда, равона шуда, омӯзгор ҳангоми арзёбӣ бояд тамоми дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирифта, онро қадрдонӣ кунад. Ҳар як хонанда бояд имконияти гирифтани тавсия, тақриз ва таҳлили фаъолияти таълимии худро дошта бошад. Аз эътибор дур сохтани дастовардҳои таълимии хонанда ҳавасмандии маърифатҷӯйии ӯро паст мегардонад. Аз ин

лиҳоз, тавсия мешавад, ки ҳар як дастоварди ӯ дар доираи имкон қадрдонӣ гардад» [221, с.148].

Дар шароити муосир, бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани соҳаи маориф, сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Аз ҷумла, ислоҳоти куллии соҳаи маориф, ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилотро ба стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот ва технологияи кредитии таълимро талаб менамояд.

Набиева Р., Зикриёев Ф., Зикриёева М. [224, с.243] зимни таҳқиқоти худ дар асари «Таърихи халқи тоҷик» (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ) рушди соҳаи маорифи кишварро бо далелҳои мушаххас инъикос менамоянд. Аммо бо вуҷуди ин, муаллифони китоби мазкур аз камбудиҳои ҷойдоштаи соҳаи маориф чашм напушида, изҳор медоранд. «Дар роҳи ислоҳоти маориф камбудиҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Хусусан, ҳодисаҳои аз муассиса берун мондани бачагон, суст шудани базаи моддӣ-техникии маориф ва бо сабаби кам будани маош аз кор рафтани беҳтарин омӯзгорон ташвишовар мебошанд. Мутаассифона, дар айни замон дониши талабагон хеле суст мебошад. Чунин вазъият ба муассисаҳои олӣ низ таъсир расонда, мутахассисони тайёршуда на ҳама вақт бо техникаи нав ва технологияи пешқадами қарни XXI кор карда метавонанд. Инчунин дар муассисаҳои миёна омӯзгорони баландихтисос намерасанд ва шумораи омӯзгорони камтаҷриба хеле зиёданд» [224, с.243].

Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1998, таъсис ёфтани стипендияи президентӣ ва тибқи квотаи президентӣ ҷалб намудани ҷавонон ба донишгоҳҳову донишкадаҳои олии кишвар мебошад, ки туфайли ин, шумораи духтарон дар макотиби олӣ сол то сол зиёд мегардад.

Дар китоби «Таърихи халқи тоҷик», ки ба қалами Н. Ҳакимов [259, с.487] тааллуқ дорад ва барои донишҷӯёни макотиби олӣ пешбинӣ шудааст, макотиби олии кишвар  бо якчанд ҷумла зикр мешавад». Дар давраи ҳозира дар маълумоти касбии миёна ва олии ҷумҳурӣ навгониҳои зиёде, ба мисли таълими шартномавӣ, мутобиқ кардани таълим ба стандартҳои байналмилалӣ дар ҷараён аст». Маҳз ҳамин талаботҳо зарурияти таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълими маълумоти касбӣ»-ро пеш оварда буд» [259, с.487].

Шарипов А.А. [231, с.304] дар мақолаи худ «Мароифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ» масоили омӯзиши макотиби олиро дар замони истиқлолият инъикос менамояд. «Муҳаққиқ дар такия бо маълумотҳои бойгонӣ, ҳисоботҳо ва суханрониву маърӯзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди макотиби олиро дар мақолаи худ зери таҳлилҳои илмӣ қарор додааст, ки сол ба сол рушди макотиби олӣ дар таҳқиоти ӯ ба мушоҳида мерасад» [231, с.325].

Муҳаққиқони дигар, аз қабили Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов [260] қайд менамоянд, ки дар шароити пешрафти илму техника, махсусан технологияи навин, мақоми муассисаҳои олии касбӣ басо бузург аст. Маҳз дар ҳамин самт, дар замони истиқлолият Донишгоҳи давлати ва донишкадаҳо таъсис ёфтанд.

Мувофиқи таҳқиқоти анҷомдодаи Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов [260] дар китоби «Таърихи халқи тоҷик», ки барои донишҷӯёни макотиби олӣ пешбинӣ шудааст, дар соли 1991 теъдоди умумии муассисаҳои томактабӣ 944 адад ва шумораи тарбиятгирандагони он 141,5 ҳазор нафарро дар бар мегирифт. Маълумоти оморие, ки аз ҷониби муҳаққиқон оварда шудааст, дар солҳои минбаъда нисбат ба соли 1991 шумораи муассисаҳои томактабӣ ва тарбиятгирандагони он кам мегардад. Масалан, дар маълумотҳои оморӣ соли 2009 шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ 487 адад ва шумораи тарбиятгирандагон 58,1

ҳазорнафар нишон дода шудааст, ки нисбат ба соли 1991 ду баробар кам мебошад.

Дар таҳқиқотҳи олимони дар боло зикргардидан кишвар рушди ислоҳоти соҳаи маориф хуб инъикос ёфтааст. Алалхусус, дар асари дастаҷамъии бунёдии «История таджикского народа» [192, с.578] қайд мегардад, ки дар солҳои 1991-1992 дар Тоҷикистон 13 мактаби олӣ вуҷуд дошт, ки шумораи онҳо дар соли 2010-2011 ба 38 адад расонида мешавад [192, с.582]. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар асари мазкур зикр мегардад, ҷалби духтарон ба мактабҳои олӣ мебошад. Мувофиқи маълумотҳои дар асар дарҷшуда бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ноҳияҳои дурдаст духтарон тариқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олӣ қабул карда мешуданд, ки шумораи онҳо аз соли 1997 то соли 2010 аз ноҳияҳои дурдаст 3 898 нафарро ташкил медиҳанд. Ин шумора дар соли 2011-2741 духтар ва 178 ҷавонписар баробар шуд.

Дар китоби дарсии олимон Х. Раҳимов ва А. Нуров «Педагогика» [238] масъалаҳои марбути меъёрҳои нави маълумот (таҳқиқотҳои навин, таҷриба ва комёбиҳои таърихи педагогикаи ниёгон ва педагогикаи умумибашарии кишварҳои мутараққӣ инъикос гардидааст. Китоби мазкур се фасл: асосҳои раванди тарбия, назарияи маълумот ва таълимро дар бар мегирад ва вобаста ба дигаргуниҳои раванди ислоҳоти соҳаи маориф дар замони истиқлоли кишвар омода гардидааст.

Доир ба хусусиятҳои хос ва татбиқи таҳсилоти низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ китоби «Низоми кредитии таҳсилот» аз ҷониби Р. Мирбобоев, Б. Одинаев, А. Расулзода, А. Миралиев, М. Нарзуллоев, Н. Сангинов, Р. Мирзоев, И. Амонов, Н. Тошматов, Н. Маҳкамов, А. Шарипов, С. Қосимов, С. Самадов, М. Шоев, С. Исвалиев [215] таълиф гардидааст, ки дар ин заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ тавсияҳо пешниҳод гардидаанд. Дар китоб инчунин, доир ба паҳлуҳои алоҳидаи

дигари низоми кредитии таҳсилот дастурҳои методӣ ва воситаҳои таълимӣ таълиф гардидаанд.

Дар тавсияҳои методӣ доир ба машғулиятҳои аудиторӣ (лексия, дарс-лексия, машғулияти амалӣ (семинарӣ), ки муҳаққиқон У.С. Умаров, А.Ш. Шукуров [254] таҳия намудаанд, барои омӯзгорон, донишҷӯёну магистрантҳои донишкадаву донишгоҳҳои олӣ дар асоси талаботи педагогию равоншиносӣ ва методӣ маводи арзишманд тарҳрезӣ гардидааст . Дар дастури методии мазкур доир ба ташкил намудан ва ҷараёни машғулиятҳои аудиторӣ, талабот нисбат ба онҳо, навъҳо ва функсияҳои онҳо, тайёрии омӯзгорону донишҷӯёну магистрантҳо ба ин машғулиятҳо, усулҳои ташаккул додани фаъолияти толибилмон дар машғулиятҳо маълумот дода шудааст.

Инчунин, дар дастури методӣ оид ба таҳия ва омода кардани рисолаи хатм (рисолаи магистрӣ, рисолаи (дипломӣ) барои зинаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассис муҳаққиқон А.А. Раҳмонов, Б.Ҷ. Самиев, И.О. Сулаймонов, [240] хусусиятҳои хоси омода намудани рисолаҳои илмии бакалавриат ва магистратураро дар низоми кредитии таҳсилот пешниҳод намудаанд.

Мутахассиси аврупоӣ Алехандро Тиана Феррер доир ба рушди салоҳиятҳои калидӣ дар соҳаи маориф, шарҳи ҳамаҷонибаи таҳсилоти салоҳиятнокро пешниҳод мекунад, ки ба муайян кардан, интихоб ва татбиқи малакаҳои калидӣ дар барномаҳои таълимии мактабӣ дар саросари ҷаҳон бояд амалӣ гарданд. Дар ин асар гузариш аз такроristeҳсоли дониш ба малакаҳои амалӣ ва байнифаннӣ, таҳлили мушкилоти сиёсат ва татбиқ таъкид шудааст [321].

Яке аз муаррихони амрикоӣ Клиффорд Аделман низоми кредитии таҳсилотро чунин арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки хусусиятҳои таърихи академиро, ки аз ҷониби муассисаҳо воқеан, тағйир дода мешаванд. Ба ҷои нигаронӣ дар бораи хусусиятҳои тағйирнопазир, ба монанди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Toolbox Revisited ба муайян кардани он, ки чӣ гуна мактабҳо метавонанд сиёсат ва барномаҳои таълимии худро аз нав дида бароянд, то

ҷавонони бештарро ба сафҳои гирифтани дараҷа ҷалб кунанд, нигарон аст. Бозёфти асосии он ин аст, ки донишҷӯёне, ки ба донишгоҳҳо бо заминаи қавии академӣ дохил мешаванд ва онҳое, ки курсҳои душвори «Gateway»-ро, ки барои кредити коллеҷ ҳисоб мешаванд (ба монанди AP), гирифтаанд, эҳтимоли бештари хатми таҳсилро бо дараҷаи баъдидипломӣ доранд [335].

Муҳаққиқи дигари амрикоӣ Абойтес Х (2010) таҳлили интиқодии лоиҳаи Тюнинг-Амрикои Лотиниро пешниҳод мекунад ва изҳор медорад, ки истифодаи моделҳои раванди Болонияи аврупоӣ ба донишгоҳҳои Амрикои Лотинӣ таҳсилоти олиро тиҷоратӣ мекунад ва гуногунии минтақавиро нодида мегирад.

«Ҷероен Ҳюйсман доир ба дурнамои байналмилалӣ оид ба идоракунии таҳсилоти олӣ, чаҳорчӯбаҳои алтернативӣ барои ҳамоҳангсозӣ, идеяҳои муҳимми илмӣ пешниҳод намудааст, ки таҳаввулоти системаҳои идоракунии таҳсилоти олиро аз нигоҳи фанҳои гуногун таҳлил мекунад» [328].

Масъалаҳои тарбияи томактабӣ, инчунин, дар асарҳои мутахассисони соҳаи Федератсияи Россия низ арзёбӣ шудааст. Дар китоби Е.В. Колесникова оид ба талаботи кӯдак ва қонеъ гардонидани талаботи моддии ӯ, соҳиб шудан ба нозукиҳои кори муассиса, ашёҳои хониш дафтар, китоб, ручка ва ғайраҳо маълумот дода шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки «бояд дар гурӯҳҳо гӯшаи «Мактаббачагон» вуҷуд дошта бошад. Ин гӯша тамоми ашёҳои барои муассисаи томактабӣ зарурро дошта бошад» [195, с.2].

«Мутахассиси дигар аз Федератисияи Россия К. Байденко оид ба масъалаи сатҳи баланд бардоштани сифати таълими хонандагонро дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва дорои ахлоқи ҳамида будаи даврони муосир арзёбӣ менамояд» [293, с.3-13]. Таъкид менамояд, ки саҳми донишкадаҳои такмили ихтисос барои ҳалли масъалаи мазкур мавқеи калидӣ доранд. Вазифаи асосии донишкадаҳоро муаллиф дар он мебинад, ки масъалаи мазкур мувофиқи нақшаи тасдиқнамудаашон бо сифати баланд гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси роҳбарону омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Дар мақолаи А.И. Орлова бошад, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва ҷалби хонандагон ба маҳфилҳо, аз ҷумлаи олимпиадаву шабнишиниҳо, озмунҳо, мусобиқаҳо, викторинаҳо ва маҳфилҳо пешниҳодҳои муфид оварда шудааст. Ба фикри муаллиф, чунин чорабиниҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои назариявӣ, амалӣ ва маънавии худро ҳаматарафа инкишоф диҳанд [309, с.55].

Яке аз муҳаққиқони соҳаи таҳсилоти томактабӣ М. Маҷидова бар чунин ақидааст: «Дар кишвар муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ фаъолият доранд, ки хизматрасониҳои пулӣ (пардохтӣ) пешниҳод мекунанд. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф 67% кӯдакони ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифташуда дар кӯдакистонҳои рӯзона, 32% дар марказҳои инкишофи кӯдакон ва 1% дар муассисаҳои таълимии статсионарӣ фаро гирифта шудаанд» [304, с.313].

Ақидаи олимонро нисбат ба бартарӣ доштани системаи таълими салоҳиятнок аз низоми таълими анъанавӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Аз ҷумла, муҳаққиқ Р. Аткинсон хусусиятҳои хоси таълими анъанавиро мавриди омӯзиш қарор дода, чунин мегӯяд: «Дар таълими анъанавӣ системаи ангезиши бача рушд дода намешавад. Инкишофи тафаккур, қобилияти эҷодӣ, мустақилияти хонанда ба назар намерасад. Аз ин рӯ, системаи таълими номбурда ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа ҷавоб гуфта наметавонад» [172, с.56].

Муаррихон В.А. Болотов ва В.В. Сериков паҳлуҳои асосии низоми анъанавиро таҳлил намуда, чунин мегӯянд: «Бо назардошти пешравӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷаҳони имрӯза, ки боиси пайдо гардидани фарҳангу маданияти нав гаштааст, низоми таълими анъанавӣ камнуфуз мегардад. Ва ҷойи онро низоми нав, ки бо пешрафтҳои ҷомеаи мутамаддин бархурдор аст, яъне низоми таълими салоҳиятнокӣ мегирад» [221, с.7].

Доир ба масъалаи мазкур А.А. Вербитский чунин қайд менамояд: «Дар низоми таълими анъанавӣ хонандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замону макон дақиқ карда наметавонанд. Ин усули таълим ҳавасмандии талабагонро

нисбат ба маводи таълимӣ заиф мегардонад. Онҳо намедонанд, ки кай ва дар куҷо, чӣ тавр, барои чӣ ва ба кадом роҳ истифода баранд» [181, с.145].

Дар таълими салоҳиятнокӣ бошад, доираи метод ва принсипи таълим ба куллӣ фарқ мекунад, ки муҳаққиқи соҳа А.В. Хуторской бар чунин андеша аст: «Муносибати таълим: аввал назария, сипас истифодаи он дар таҷриба роҳи ягонаи дуруст ба шумор намеравад. Принсипи алоқамандии назария бо амалия роҳи алтернативиро дорад, яъне назария бо амалия алоқаманд намешавад, балки дар натиҷаи фаъолияти амалии хонандагон аз дарку татбиқи онҳо бармеоянд» [258, с.27].

М.Е. Бершадский ба яке ақидаҳо мувофиқ буда, чунин қайд менамояд: «Мафҳуми босалоҳият фаҳмиши наверо, ки аз доираи мафҳуми «малака» берун бошад, дарбар намегирад; ҳамаи он ақидаҳо оид ба салоҳият ва босалоҳият сохта ба вуҷуд омадаанд, ки проблемаҳои куҳнаро дар «либоси нав» дар бар гирифтаанд» [177, с.97].

В.С. Лазарев вобаста ба қобилияти касбии омӯзгорӣ чунин менависад: «Ба қобилияти салоҳияти омӯзгорӣ (истеъдод, рағбат, осори қобилият) мо бояд замина гузорем, то ки муассиса беомӯзгор намонад ва азхудкунии касби омӯзгорӣ идома ёбад, вале на барои ноухдабароёни ин касби пуршараф. Чунки соҳиби ин касб бо торҳои ақлу заковат ва руҳи нозуки инсон сарукор дорад» [299, с.4].

Нуқтаи назари дигар ба он асос меёбад, ки бештар ба хулосаҳои мантиқӣ такя намуда, муносибати босалоҳиятро ба тамоми мазмун ва паҳлуҳояш раванди навгониро ба пуррагӣ дар худ таҷассум менамояд. Пажуҳиш нишон дод, ки доираи чунин ақидаҳо аз ҷониби муҳаққиқи соҳа В.А. Болотов чунин баррасӣ шудааст: «Муносибати босалоҳият ба дархости соҳаи истеҳсолот ҷавоб мегӯяд» [294, с.15].

У.З. Зубайдов маҳорати салоҳиятноки омӯзгорро таҳлил намуда, чунин қайд менамояд: «Омӯзгори ҳақиқӣ ҳама вақт ба ҳар саволи ғайримуқаррарӣ ҷавоб ёфта метавонад. Вай метавонад бо хонандагон бедушворӣ наздик шавад, фикрро равшан гардонад, ба қобилиятҳо такон оварад, ба шарте ки

маҳорати (санъати) омӯзгорӣ дошта бошад» [189, с.42]. Муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзгори муосир бояд сифатҳои асосии омӯзгори фанро дошта бошад, яъне дониш ва малакаҳои заруриро барои ҳалли масъалаҳои таълими тафриқа бо воситаҳои технологияҳои педагогӣ ҳамчун омили муҳимми рушд дар муассисаҳои тълимии миёнаи умумӣ истифода намояд.

Устод М.Лутфуллоев талаботи асосии дидактикаи муосирро зимни донишомӯзии хонандагон мавриди баррасӣ қарор дода, чунин гуфтааст. «Ин гуна дониш вақте андӯхта мешавад, ки зинаҳои мантиқии зерин риоя гарданд: дарк, фаҳмидан ва ҷамъбаст кардан, мустаҳкам намудан, дар амал татбиқ кардан ва ташаккули маҳорату малакаҳо» [207, с.47].

Қ. Мухторӣ ва дигар муҳаққиқони ватанӣ хусусиятҳои хоси арзёбии ташаккулдиҳандаро таҳқиқ намуда, асосан се самти муҳимтарини онро муайян намудаанд: «а) Таъмини робитаи мутақобили самарабахш бо хонандагон аз ҷониби омӯзгор; б) Иштироки фаъолонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзиш; в) Маҳорати хонандагон барои арзёбии мустақилонаи донишҳои худ» [222, с.54].

Муҳаққиқи соҳа Д. Ашурова этикаи омӯзгориро мавриди пажуҳиш қарор дода, чунин андешаро пешниҳод менамояд: «Омӯзгори замон дар ҳар гуна вазъият, дар ҳама ҷо бояду шояд ба он риоя кунад, то ки шогирдон аз ӯ накебанд, ҳамчун дӯсти мунису ғамхорашон бидонанд. Дар чунин муносибат бо ҳар васила, омӯзгор метавонад аз олами ботинии шогирдон огоҳӣ пайдо кунад, қобилияту майли ниҳонии ононро дарёбад» [173, с.74]. Дар ҳақиқат, омӯзгори асил чун муҳандиси руҳи инсон ба қалби шогирдон ворид гардида, дар ботини ниҳони онҳо истеъдодҳои нуҳуфтаро бедор менамояд.

Ҳанӯз дар соли 2002 дар доираи таҳқиқоти педагогӣ масъалаҳои Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маорифи навини кишвар аз тарафи педагогони маъруфи тоҷик, Ф. Шарифзода [265, с.80], Ҷ. Файзализода [268, с.138], С. Сулаймонӣ, И.Х. Каримова [267, с.5-9] ва дигарон омӯхта шуданд, вазифаҳои асосии давлат дар соҳаи таҳсилот аз нав муайян шуда буд [208, с.50-52].

Яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф дар давраи ислоҳот – маблағгузории сарикасӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [56; 57] амалӣ мегардад. Татбиқи ин мезанизм, пеш аз ҳама, «Бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва беҳтар намудани низоми идораи ислоҳоти таҳсилоти умумӣ алоқаманд аст» [103, с.4].

Хулоса. Ислоҳоти ҳадафманди соҳаи маорифи мамлакат, дар заминаи сиёсати оқилонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамчунин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидиро дорост. Аз ин нуқтаи назар, таҷдиди назар намудани вазъ ва рушди ҳамаи зинаҳои таҳсилот, махсусан таърихи раванди низоми таҳсилоти салоҳиятнокӣ ва таҳсилоти кредитӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз ба ҳисоб меравад.

Таърихи муассисаҳои томактабӣ дар таркиби асару маҚолаҳои илмии ба соҳаи маориф бахшидашуда, то имрӯз аз ҷониби муҳаҚҚиҚони ватанӣ пурра омӯхта ва баҳогузорӣ нашудааст.

Таҳлилу масъалагузориҳое, ки дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ оид ба соҳаи маориф инъикос ёфтааст, маълум мешавад, ки соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият рушд карда, имрӯзҳо сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва типи нав бо шароити ҷавобгу ба стандарти меъёрҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монда шудааст. Аз таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу муқоисаҳои асару мақолаҳои ба соҳаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ, хеле босуъат рушд кард. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати инкишофи таълиму тарбия ва муҳайё намудани шароити таълиму тарбия тамоми имконоти худро истифода намуда, сол то сол маблағгузориро ба ин соҳа беҳтар ба роҳ мона шудааст.

Маҳз бо муҳаё намудани шароити хуби таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти таҳсилоти миёнаи умумӣ, типи нав, ибтидою миёна ва олии касби

кишвар сатҳу сифати дониши талабагону донишҷуён боло рафта, дар олимпиадаҳои байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гаштаанд.

Таҳлили асарҳо, мақолаҳои олимони соҳа бармеояд, ҷараёниислоҳоти соҳаи маориф то андозае таълиф шудааст. Аммо дар таърихнигории ин масъала то ҳол ягон асари мукаммал таълиф нашудааст, ки дар он тамоми паҳлуҳои ин соҳа ва дар кадом сатҳ қарор доштани он, инъикос ёфта бошад.

## 1.2 Барраси масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф дар суханрониҳо, асарҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Дар суханрониву паёмҳои ҳамасола ва осори арзишманди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти соҳаи маориф ба таври самаранок истифода гардидаанд. Вобаста ба зарурати рушду тақвияти соҳаи маорифи кишвар чунин қайд гардидааст: «Соҳаи маориф муҳимтарин масъалаи рӯзгори мост. Илму маориф аз самтҳои хеле муҳимми сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад» [45, с.28].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақом ва манзалати аҳли зиё, алалхусус омӯзгорро мавриди ситоиш қарор дода, чунин мефармоянд: «Ман фикр мекунам, ки бебаҳотарин сарвати Тоҷикистон ин неруҳои зеҳнию ақлӣ, яъне аҳли зиё, аҳли маърифату эҷодаш аст, ки чун ворисони арзандаи аҷдодонамон дар рушди таммадуни башарӣ саҳм мегиранд» [26, с.14].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониашон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат соли 2002 чунин қайд намудаанд. «Солҳои охир дар Тоҷикистон воситаҳои гуногуни алоқаи электронӣ, алалхусус интернет густариш ёфта истодаанд ки мо инро падидаи нек арзёбӣ менамоем. Мо таввасути интернет ба фазои иттилоотии

ҷаҳон пайваста, аввалан аз маҷрои беинтиҳои ахбор ба таври васеъ баҳравар мешавем, сониян имкониятҳои мо дар кори тарғибу муаррифии Тоҷикистон садчанд меафзояд» [27, с. 307].

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҷанбаҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар замони истиқлол таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, чунин қайд менамояд: «Масъалаи маориф ва таълиму тарбия чун яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ва манбаи асосии ташаккули захираҳои инсонӣ дар кишвар мавриди таваҷҷуҳи доимии мо қарор дорад. Мо зимни паёму суханрониҳои худ дар иртибот ба соҳаи маориф ҳамеша дастуру супоришҳои муҳимму мушаххас дода, рушди пайгиронаи онро дар сиёсати кунунии давлату ҳукумат ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа арзёбӣ менамоем. Омӯзиш ва таҳлили вазъи мактабу маориф ва таълиму тарбия дар марҳалаи аввали Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувazзаф гардонид, ки барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани рушди соҳаи маориф чораҳои саривақти ва муассир андешад ва давра ба давра бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва консепсияҳою барномаҳои давлатӣ ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти соҳаи ниҳоят афзалиятнок иқдоми ҷиддиро амалӣ гардонад» [46 с.249].

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хулосае меоянд, ки дар замони Истиқлолияти давлатӣ соҳаи маориф таҳти парчами ормонҳои Истиқлолияти давлати рушд карда, симои худро ба куллӣ тағйир дод, ба низоми муайян даромад ба дастовардҳои назаррас ва муҳиме ноил гардид, ки ҳамаи он аз баракати соҳибистикдолӣ ва заҳматҳои аҳли маорифу шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин марҳалаи сарнавиштсози таърихӣ мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомали Раҳмон, таъкид менамоянд ки «Зиёиён табақаи пешсафи миллатанд ва аз ин рӯ бояд арзишҳои демократиро ҳимоя намоянд, чунки дар таърихи давлатдории тоҷикон чунин сохти ҷомеа, ки моро ба кишварҳои мутараққии имрӯзаи ҷаҳон наздик намояд, вуҷуд надошт» [28 с.306].

Бозсозии низоми соҳаи маориф тақозои замон буда, дар маросими ҷашни 10-солагии рӯзи таъсис ёфтани Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, 25-сентябри соли 2006 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ чунин қайд менамоянд. «Воқеан, дар рӯзҳои мо, ки равандҳои мураккабтарин ва пуртазоди дохилии трансформатсионӣ ва ҷаҳонишавии зеҳникунии босуръати меҳнат ва умуман, фаъолияти иҷтимоӣ, рушди босуръати вобастагиии ҷаҳон ва ҳатто таҷдиди арзёбии бисёр меъёру арзишҳои устувор сурат мегиранд, қадру қимати неруи дараҷаи бағоят баланди зеҳнии инсонӣ, хусусан афзун мегардад. Дар чунин шароити бозсозии муназзами тамоми сохтори маориф ҳамчун тақозои ҳатмӣ ба миён меояд» [30 с. 284].

Аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ, Пешвои миллат соҳаи маорифро ҳамчун бунёди асосии худшиносии миллӣ ва пешрафти давлат арзёбӣ намуда, дар ин замина як силсила ислоҳоти амиқро роҳандозӣ карданд [30].

Бо азму талошҳои бевоситаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф қабул гардиданд, ки ба баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии кадрҳои соҳибихтисос равона шудаанд. Барномаҳои давлатӣ барои фарогирии кӯдакон ба таълим, таъмин кардани мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо компютер, китобу ашёи дарсӣ ва дигар васоити аёнии таълим амалӣ гардиданд.

Қонунҳои соҳавӣ ва асноди меъёрии ҳуқуқии самти маориф ва илми кишвар, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ бо дастурҳои бевоситаи Сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Ҷадвали № 1.

| Т/р | Номгӯйи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф | Маълумот дар бораи қабулшавӣ |
|---|---|---|
| 1 | Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (26 сент. с. 1999, 22 июни. с. 2003 ва 22 майи. с. 2016 бо тариқи раъйпурсии | 6 ноябри соли 1994 |

| | | |
|---|---|---|
| | умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд) | |
| 2 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» | 1 августи соли 2006, № 351 |
| 3 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» | 1 марти соли 2005, № 8 |
| 4 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» | 5 январи соли 2008, № 359 |
| 5 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» | 29 декабри соли 2010, № 675 |
| 6 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | августи соли 2011, № 762 |
| 7 | Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» | 22 июли соли 2013, № 1004 |
| 8 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» | 18 марти соли 2015, № 1197 |
| 9 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» | 18 марти соли 2015, № 1196 |
| 10 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» | 15 июли соли 2004, №52 |
| 11 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ» | 24 декабри соли 2022, №1922 |
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор дар ҷомеа» | 17 декабри соли 2025, №2215 |
| 12 | Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қарори Ҳукумати ҶТ, 3 майи соли 2002, № 200 |
| 13 | Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қарори Ҳукумати ҶТ аз март, с. 2006, № 94 |
| 14 | Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 октябри соли 2010, № 499 |
| 15 | Консепсияи таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2026 | Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2011, № 228 |

Дар воқеъ, яке аз ташаббусҳои муҳимтарини Пешвои миллат дар рушди маориф, ин қабули қонунҳои нав, ташаббусҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва дастгирии қабули қонунҳо маҳсуб меёбад.

Таҳлили вазъи соҳаи маориф ва илм дар Тоҷикистони навин нишон медиҳад, ки аз оғози давраи Истиқлолияти давлатӣ то имрӯз ин ду соҳа мавқеи калидӣ дар паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доштанд ва доранд.

«Назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар донишкадаву донишгоҳҳо ва баъдидипломӣ, илму техника таъсири бузург дошт ва дорад» [171, с.38].

Тавре маълум аст, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ироаи паёмҳои хеш ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор -Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маорифро мавриди арзёбӣ қарор медиҳанд.

Аз ҷумла, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки 30-юми апрели соли 2001 [2] ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, асосан сухан оид ба роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар соҳаи маориф буд. Дар Паёми соли 2001 ташкили хизматрасонии баландсифати соҳаи маориф «ҳамчун омили муҳимми паст кардани сатҳи камбизоатӣ» маънидод мегардад. Ҳамзамон, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбия лоиҳаҳо дар соҳаи маориф мавқеи калидӣ доштанд, ки дар ин замина бештар аз 23 миллион доллари америкоӣ бо шартҳои имтиёзнок аз созмонҳои байналхалқии молиявӣ ҷудо карда шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёмашон ки 22 -юми апрели соли 2002 [3] ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардида буд, ба масъалаҳои зерин диққати махсус додаанд:

1) масъалаҳои маориф роҷеъ ба тарбияи насли наврас ва ҷавонони кишвар;

2) ташкили синфхонаҳои компютерӣ ва умуман, компютерикунонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар;

3) тайёр кардани мутахассисони дорои касбияти баланд дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот.

Доир ба масъалаи якум муҳтарам Пешвои миллат аз камсамар будани тарбияи наврасону ҷавонон ва коста шудани ахлоқи онҳо изҳори нигаронӣ кардаанд. Дастур дода шуд, ки корҳои тарбиявӣ ҳам аз тарафи волидон ва ҳам аз тарафи омӯзгорон бояд пурзӯр карда шаванд.

Сарвари давлат роҷеъ ба масъалаи дуюм, нокифоя будани сатҳи омӯзиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотии кишвар андеша баён намуда, дастур додан ки доир ба ташкили синфҳои компютерӣ ва умуман, компютерикунонии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барномаи мушаххас таҳия намуда, татбиқи амалӣ ва ҳамаҷонибаи онро дар давоми се соли оянда таъмин намоянд.

Оид ба масъалаи сеюм қайд намудаанд, ки имрӯз аз 100 ҳазор нафар омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд, бештар аз 62 ҳазор нафарашон маълумоти олӣ доранд. Дар аксарияти муассисаҳо мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ, алалхусус аз фанҳои физика, математика, забон ва адабиёти рус ва забони англисӣ намерасанд. Муҳтарам Сарвари давлат аз он нигарон буданд, ки «вазъи ҳолати биноҳои баъзе муассисаҳои таълимӣ ва таъминоти моддиву техникии онҳо дар сатҳи зарурӣ нестанд» [3 с.18-19].

Масъалаҳои асосие, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 4 апрели соли 2003 [4] доир ба рушди соҳаи маориф ироа шуда буданд, асосан паҳлуҳои мухталифи соҳаи маорифро дар бар мегирифт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз ҳама мушкилот, ба соҳаи иҷтимоиёт, махсусан ба чунин бахшҳои муҳимми он, ба мисли маориф ва тандурустӣ мартабаи афзалиятро медиҳад.

Дар даҳ соли охир ҷиҳати таҷдид ва рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд. Фақат дар соли ҷорӣ аз

ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 120 млн. сомонӣ ва ба соҳаи тандурустӣ 36 млн. сомонӣ равона карда мешавад. Ба ғайр аз ин, бо сабаби зиёд шудани нархи қувваи барқу газ барои оилаҳои камбизоат 12 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ дар буҷаи ҷумҳуриявӣ ба нақша гирифта шуда буд. Ҳамзамон, дар давоми панҷ соли минбаъда барои маблағгузории соҳаи маориф Ҳукумати кишвар наздики 90 млн. доллари ШМА маблағҳои Созмонҳои молиявии байналмилалиро ҷалб кардааст, ки аз он зиёда аз 40 млн. доллари ШМА аз худ карда шудааст.

Дар натиҷа, дар доираи лоиҳаҳои инвеститсионӣ зиёда аз 310 иншоот дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ аз нав барқарор карда ба истифода дода шудааст, аз он ҷумла 210 мактаб, 100 иншооти соҳаи тандурустӣ, инчунин ба миқдори зиёда аз 15000 адад мизу курсӣ ва аз рӯйи 37 номгӯ дар ҳаҷми 3,4 млн. нусха китобҳои дарсӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна тақсим карда дода шуд. Дар 160 иншооти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ корҳои таъмириву барқароркунӣ идома доштанд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба дӯш гирифтани роҳбарии давлат ба мушкилоти зиёди иқтисодию иҷтимоӣ ва идомаи ҷангу муҳоҷирати шаҳрвандон нигоҳ накарда, кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд, то сатҳи таълиму тарбия ва ба талаботи ҷаҳонӣ мутобиқсозии низоми маорифро таъмин намоянд. Мо хуб медонем, ки бидуни густариши соҳаҳои маориф ба рушди иқтисодиёти пешрафта ноил шудан душвор аст ва бори дигар калидӣ будани соҳаи маорифро қайд намуда, барои беҳбудӣ дар ин самт дастуру ҳидоятҳо доданд. Барои рафти масъалаи мазкур муваззаф намуданд, ки корро дар ин самт ҷоннок намоянд. Зеро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 13 ҳазор омӯзгорон намерасиданд.

Пешвои миллат иброз доштанд, ки вобаста ба барномаҳои сармоягузории муштарак соли 2003 зиёда аз 200 иншооти гуногуни таъминоти иҷтимоӣ, алалхусус, 100 шифохонаю дармонгоҳ ва 84 мактаб дар деҳот барқарор ва ба истифода дода шуданд. Дар солҳои 2004-2006 лоиҳаҳои

сармоягузорӣ зиёда аз 60 миллион долларро ташкил медод, ки барои боз ҳам беҳтар шудани вазъи маориф ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ ҷудо гардида буд. Дар баробари ин, иброз доштанд, ки бартараф намудани мушкилоти ҷавонону занон, ки яке аз табақаи фаъоли иҷтимоӣ ба шумор меравaнд, дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат хоҳад буд.

Дар яке аз вохӯриҳои худ бо ҷавонон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба мушкилоти рӯзмарраи ҷавонон вобаста ба оиладории онҳо сухан гуфта, чунин зикр намудаанд: «Сабаби асосии вайрон шудани оилаҳои ҷавон тайёр набудани онҳо ба оиладорӣ аст», ки бештари муаллимон ва олимони соҳаи педагогика пурра тарафдори суханҳои муҳтарам Пешвои миллат мебошанд [237, с.54].

Дар ҳақиқат, масъалаи баланд бардоштани сифати таълими фанни «Маърифати оиладорӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар назди соҳаи маориф ҳоло ҳам мубрам боқи мемонад, зеро то ҳол дар ягон муассисаи таҳсилоти олии кишвар бо чунин ихтисос ё ихтисосҳои ба фанни «Маърифати оиладорӣ» наздик мутахассис омода намекунанд. Мушкилот ин аст, ки ин фанро дилхоҳ муаллим, бидуни омодагии касбӣ ба хонандагон таълим медиҳад.

Масъалаи соҳаи маориф дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт ва пайваста дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Аз ҷумла, дар паёмҳои навбатиашон солҳои 2005-2009 аслан чунин масъалаҳои мубрами соҳаи маорифро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додаанд.

Ба хотири мусоидат ба рушди минбаъдаи соҳаи маориф ва баланд бардоштани сатҳи тафаккури техникиву технологӣ дар ҷомеа Пешвои миллат соли 2010-ро «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон карданд.

Дар ин давра бори сеюм аст, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» бо тағйироту иловаҳо аз нав таҳия мешавад. Дар баробари ин, барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардидаанд.

Дар ин марҳила, дар соҳаҳои зикршуда 17 лоиҳаи мабағгузорӣ, ки сармояи умумии онҳо 483 миллион сомониро ташкил медиҳад, мавриди татбиқ қарор доштанд. Дар ин паём қайд карда мешавад, ки дар давоми солҳои 2000-2004-ум тавассути ин лоиҳаҳо 1094 иншоот, аз ҷумла 292 муассисаи маориф, 301 иншооти тандурустӣ бунёд, таъмир ва бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин карда шуданд.

- Ҳукумат минбаъд низ тибқи барномаҳои ислоҳоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ маблағгузорӣ, таъминот ва таҳкими заминаҳои моддию техникии онҳоро дар мадди аввал мегузорад;

- ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки ҳоло ҳам шароити баъзе аз мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва таъмини муассисаҳо бо омӯзгорони соҳибкасб ва лавозимоти таҳсил ба талаботи имрӯза мутобиқ нест. Аз ин рӯ, бояд Вазорати маориф бештар ба сифати таълиму тарбия, беҳбудии шароити муассисаҳо ва таъмини онҳо бо мутахассисони зарурӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд;

- ҳамчунин, дар ҳамаи мактабҳои олии омӯзгорӣ низоми сифатан нави тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, дар асоси шартнома ба кор ҷалб намудани хатмкунандагони мактабҳоро ба роҳ монанд;

- дар баробари ин, дар соли 2006 маблағгузории низоми маорифи кишвар 336 миллион сомонӣ ва тандурустӣ 106 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ин нисбат ба соли гузашта мутаносибан 86 ва 20 миллион сомонӣ зиёд аст [262, с.178];

- солҳои 2006-2007-ум аз ҳисоби маблағҳои бебозгашт барои таъмир, таҷҳизонидан ва таҷдиду сохтмони муассисаҳои таълимӣ 60 миллион сомонӣ ва барои соҳаи тандурустӣ бо мақсади амалӣ намудани ислоҳот 20 миллион сомонӣ ба таври илова пешбинӣ мегардад;

- моро лозим аст, ки масъалаи тайёр намудани кадрҳоро, пеш аз ҳама, дар дохили кишвар дуруст ба роҳ монем. Кӯшиш намоем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат мутахассисони ба рақобати бозори меҳнат тобоварро тарбия кунем. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбиро зарур

аст, ки ду ё се забони хориҷиро донанд ва ҳамзамон, нозукиҳои технологияҳои муосирро азхуд карда бошанд.

Дар ин давра бо мақсади дастгирии ҷавонони болаёқат ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои соҳаҳои мухталифи ҷомеа бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ва ба мақсади танзими қабули шаҳрвандони Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» таъсис дода шуд. Ҳамзамон, 19-уми ноябри соли 2013 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд, ки ин таваҷҷуҳи Пешвои миллатро ба тақвияти самтҳои фаъолияти мақоми ваколатдори соҳаи маориф нишон медиҳад.

Дар баробари ин, таҳияи нақшаву барномаҳои нави таълимӣ, китобҳои дарсӣ, таъмиру азнавсозӣ ва бо лавозимоти заруриву воситаҳои техникии муосир таъмин кардани муассисаҳои мавҷудаи таълимӣ ва амалӣ гардонидани тадбирҳои дигар ба рушди соҳаи маориф шароити мусоид фароҳам оварда шуд. «Дар соли 2007 барои пардохти кумакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои миёна таҳсил менамоянд, беш аз 10 миллион сомонӣ ҷубронпулӣ пардохта шуд» [262, с.243].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 1 сентябри соли 2015 чунин иброз доштанд: «Замони муосир ва ҳазораи нав тақозо мекунад, ки вобаста ба ворид гардидани принсипи салоҳиятнокии касбӣ дар раванди таҳсилот стандартҳои нави давлатии таълим такмил дода шуда, вобаста ба ин, барои ҳамаи зинаҳои таълим насли нави китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ таҳия карда шаванд».

Дар соли 2008 Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маорифи кишварро яке аз самтҳои афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии давлат эълон карда, барои

рушди он 690 миллион сомонӣ ҷудо намуд, ки дар муқоиса нисбат ба соли гузашта 40% зиёд буд.

- Дар ин марҳила бобати беҳтар гардидани вазъи соҳаи маориф 7 лоиҳаи маблағгузорӣ дар ҳаҷми 250 миллион сомонӣ амалӣ гардид;

- ин дастгирии Ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф имкон дод, ки корҳои зиёдеро дар самти таҳияи маводи таълимӣ ва ташкили муассисаҳои типи нав анҷом диҳад;.

- кормандони соҳаи маориф вазифадор карда шуданд, ки барои баланд бардоштани сифати таълим, ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, омода намудани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи замон чораҳои зарурӣ андешанд, зеро сифати таълими аксарияти муассисаҳои таълими ба талаботи замон ҷавобгӯ набуд;

- барои таёйр кардани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи замон фонди махсуси кушода шуд, ки аз ҳисоби ин фонд, ҳазорҳо нафар ҷавонони кишвар дар муассисаҳои олии кишварҳои ҷаҳон ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

- дар соли 2009 «Ҷавҳари сиёсати соҳаи маорифро масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро ташкил медоданд. Зеро сатҳи тараққиёти ин ё он давлат, пеш аз ҳама, аз фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста мебошад» [10, с.25]; беҳтар кардани сатҳу сифати кормандони соҳаи иҷтимоиёт мавриди таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои миллат қарор гирифта, нисбати ин масъала чунин гуфтанд: «Дар доираи маблағҳои пешбинишуда аз 1 июли соли ҷорӣ маоши кормандони соҳаҳои тандурустӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва фарҳанг 30 фоиз ва аз 1 сентябр маоши кормандони соҳаи илм ва маориф 15 фоиз зиёд карда мешавад» [10, с.26];

- Президенти мамлакат дар Паёмашон қайд намудаанд, ки дар замони Истиқлол дар мамлакат бештар аз 145 адад литсею гимназияҳо таъсис дода

шуд ва ин имкон дод, ки дар чунин муассисаҳои таҳсилотии шакли нав 67 ҳазор толибилмон ба таълим ҷалб карда шаванд;

- доир ба масъалаи компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ суханронӣ намуда қайд намудаанд, ки ҳоли ҳозир 3100 муассисаи таълимӣ бо 25 000 компютери нав муҷаҳҳаз гардидаанд;

Дар Паёми навбатии Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 чунин омадааст: «Агар соли 2000-ум аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф ҳамагӣ 42 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2009 бо дарназардошти ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ва буҷети тасдиқшуда ҳаҷми он 1 миллиарду 70 миллион сомониро ташкил кард» [11, с.22].

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи копмютерикунонӣ диққати ҷиддӣ дода, дар Паёмашон қайд намудаанд, ки миқдори умумии компютерҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 27 ҳазор ададро дар бар мегирад, ки ин баробар аст ба 80% барномаи комютерикунонӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

Доир ба масъалаи тарбияи томактабӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, қайд намудаанд, ки хиштҳои нахустини бинои шахсият танҳо дар муассисаҳои томактабӣ гузошта мешаванд. Иброз доштанд, ки дар ин самт аз имкониятҳои бахши хусусӣ ба таври васеъ истифода намудан шарт ва зарур аст. Дар ин замина, Вазорати маориф, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту, шаҳрҳо ва ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати ҷалбкунии кӯдакон бо таълиму тарбияи томактабӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Зимни ироаи Паёми навбатии хеш Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2011 вобаста ба соҳаи калидӣ будани маориф чунин қайд карда буданд: «Давлат барои ворид намудани технологияҳои компютерӣ ба муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад, зеро ин имкон медиҳад, ки сифати таҳсилот такмил ёбад ва методҳои замонавии донишандӯзӣ ба роҳ монда шавад. Зарур аст, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони

давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар баробари ин, донистани ҳатмии ду забон, бахусус забонҳои русӣ ва англисиро ҷорӣ намоем» [12 с.29]. Таҳқиқ нишон дод, ки дар солҳои минбаъда бо суръати баланд дигаргун шудани техника ва технология ҳолати истифодаи технологияи иттиллоотӣ ва коммуникатсионӣ сифатан тағйир ёфт. Дар ин раванд аксарияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, типи нав, миёна ва олии касбӣ бо технологияҳои навин, аз қабили компютерҳо, доскаҳои электронӣ ва ғайраҳо, ки ба раванди таълим барои забономӯзӣ зарур буданд, замина гузоштанд.

Пажуҳиш нишон дод, ки дар даврони истиқлолият соҳаи маориф тадриҷан рушд намуда, аксарияти муассисаҳои таълимӣ барқарор ва азнавсозӣ карда шудаанд, ки дар натиҷа, дигаргуниҳои зиёде ба амал омад. Масалан, тавассути дастгирии бевоситаи Ҳукумати мамлакат дар қаламрави кишвар 1200 бинои мактаби ҳозиразамон барои 311 ҳазор нафар ҷойи нишаст мавриди истифода қарор дода шуданд. «Аз соли 1998 то имрӯз 14 лоиҳаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии 720 миллион сомонӣ амалӣ карда шуд».

Истиқлоли давлатӣ ба тамоми соҳаҳо дигаргунии ҷиддӣ ворид намуд ва пеш аз ҳама, ба мардуми Тоҷикистон имкон дод, ки арзишҳои миллии худро эҳё намуда, ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба озодии виҷдонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намоянд. Истиқлол дар баробари бунёди давлати миллӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ба эҳёи арзишҳои маънавӣ ва ормонҳои таърихии миллат мусоидат карда, маорифро ба самти афзалиятнок табдил дод. Зеро рушду такомули ҳамаи соҳаҳо аз пешрафти соҳаи маориф сарманша мегирад ва чӣ қадаре ки соҳаи маориф инкишоф ёбад, ҳамон қадар соҳаҳои дигари ҳаёти мамлакат рушд меёбанд.

Вобаста ба ин, дар Паёмҳои Сарвари давлат инкишофи соҳаи маорифи кишвар афзалиятнок эълон гардида, тадриҷан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони ин соҳаи муҳим таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Бунёди садҳо бинои мактаби нави замонавӣ, бо таҷҳизоти навтарини замонавӣ муҷаҳҳаз намудани онҳо, барои боло рафтани мазмуни таълиму

тарбия мусоидат мекунад. Аз ин бармеояд, ки накши мактабу маориф дар ташаккули ҷаҳонбинии насли нав ва устувории рукнҳои муҳимми давлати миллӣ муассир аст. Ба ин хотир, Ҳукумати мамлакат барои зина ба зина боло бурдани музди меҳнати кормандони соҳаи маориф пайваста тадбирҳои муассир меандешад ва сол то сол барои боло бурдани сатҳи иҷтимоии омӯзгорон иқдомоти ҷиддӣ анҷом медиҳад.

Соли 2012 барои кормандони муассисаҳои таълимӣ файзу нусрати тоза овард, зеро дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон зикр гардидааст, ки «Соли гузашта дар доираи марҳалаи аввали татбиқи ин ҳадаф музди меҳнати вазифавии кормандони соҳаи маориф ва илми соҳавӣ - 30 фоиз, илмҳои академӣ аз 100 фоиз то 3,3 баробар, фарҳангу варзиш ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоиву тандурустӣ - 40 фоиз ва ҳамаи намуди стипендияҳо - 40 фоиз зиёд карда шуд, ки ин далели возеҳи афзалият бахшидан ба соҳаи мазкур буда, арҷгузории воқеӣ ба арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва эҳёи суннатҳои беҳтарини таърихӣ ба насли наврас маҳз ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ муяссар гардид». Аз ин рӯ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ба сифати омили муҳимтарини маънавӣ ба таҳкими Истиқлолияти давлатӣ мусоидат намуда, наслеро ба арсаи вуҷуд овард, ки бо дониш ва ҷаҳонбинии муосир мусаллаҳ буда, метавонад бо дастовардҳои соҳаи маориф Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи ҷаҳон баланд бардорад.

Таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки дар Паёми соли 2012 ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи бештар зоҳир шуда, стипендияи донишҷӯён панҷоҳ дарсад ва музди меҳнати ҳадди ақали аҳолии мамлакат низ ба андозаи 2,5 дарсад боло бардошта шуд. Зеро бо назардошти вазъи ҷаҳони имрӯза мактабу маориф, инчунин омили муҳимтарини амнияти миллӣ низ мебошад, чаро ки дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб азхуд кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд.

Дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон ин нукта таъкид мегардад, ки дар баробари дастгирии ҳукумат бояд кормандони соҳаи

маориф низ масъулияти бештар эҳсос намуда, корро ҷоннок намоянд, ба сифати таълиму тарбия таваҷҷуҳ намоянд ва шеваҳои ҷадиди омӯзишу парваришро рӯйи даст бигиранд ва ба ин васила, дар рушди соҳаи маориф дастаҷамъона саҳм бигузоранд. Чунончи, ҳамин нукта ба таври равшан гӯшзад шудааст, ки «бо вуҷуди ин, дастовардҳои соҳаи маориф ҳанӯз ҳам моро қонеъ карда наметавонанд, зеро дар ин соҳаи муҳимми иҷтимоӣ мушкилоти ҳалношуда хеле зиёданд. Таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ҳолати таълим ва тарбия дар мактабҳои миёна беҳбудии ҷиддиро тақозо мекунад».

Паёми соли 2012 бозгӯйи он аст, ки ҳанӯз роҳбарияти олии мамлакатро вазъи кунунии соҳаи маориф қонеъ карда наметавонад, ҳарчанд Ҳукумат мамлакат барои боло бурдани меъёрҳои захираҳои инсонӣ аз се самти асосӣ – дастрасӣ ба таҳсил, соҳаи тандурустӣ ва дарозумрӣ ва сатҳи зиндагии беҳтар кӯшиш мекард, вале ислоҳоти соҳаи маориф дар ин солҳо бо мушкилӣ пеш мерафт.

Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»- дар таҳрири нав аз дастовардҳои Паёми Сарвари давлат дар 2013 ба ҳисоб меравад. Дар боби мустақили қонуни мазкур бори нахуст «Мақоми омӯзгор» ба сифати нуқтаи меҳварӣ таҷассум ёфтааст. Ба назари мо, ин ду ҷанба дорад. Аввалан, омӯзгоронро барои анҷоми рисолати касбӣ дилгарм менамояд, сониян, таваҷҷуҳи ҳукуматро ба омӯзгор ҳамчун меъмори руҳи инсон бозгӯ менамояд. Дар баробари ин, тазаккур шуда, ки маблағгузории соҳаи маориф таҷдиди назар гардида, дар соли 2013 ба соҳа 2 миллиарду 131 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки агар ин рақамро ба соли 2000-ум қиёс намоем, 57 баробар зиёд аст. Яъне, дар 13 сол маблағгузории соҳаи маориф 57 маротиба афзудааст. Акнун дар назди кормандони соҳаи маориф вазифа гузошта шудааст, ки мутахассисонеро тарбия намоянд, ки ҷавобгӯи талаботи бозори дохиливу хориҷӣ бошанд.

Навгонии дигари Паёми соли 2013 дар он зуҳур меёбад, ки масъалаи ҳамоҳангии тахассус бо фаъолияти кормандон масъалаи доғи рӯз шуморида

шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки аксарияти хатмкунандагони макотиби олии кишвар бо сабаби мутобиқ набудан, яъне надоштани дониши мукаммал аз рӯйи ихтисоси хатмкардаашон кор ва фаъолият намекунанд. Дар ҳамин замина Президенти мамлакат таъкид карданд, ки пайваста кадрҳоро дар самту ихтисосҳои ҳуқуқшинос ва иқтисодиёт омода месозем, аммо мутаассифона, то ҳоло дар мамлакат муҳандисону бинокорон, энергетику технологҳо ва табибони баландихтисоси сатҳи байналмилалӣ надорем. Дастур дода шуд, ки барои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ба талаботи муосир ҷавобгӯ дар самти ихтисосҳои ҳуқуқшинос ва иқтисоддон дар муассисаҳои олии кишвар чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Чунин масъалагузорӣ ба фазову вақт мутобиқ буда, иқдоми саривақтӣ ба шумор меояд. Воқеан ҳангоми омода намудани мутахассисон, пеш аз ҳама, бояд талаботи бозори меҳнат ба назар гирифта шавад. Аз ҷониби дигар, дар назди масъулини соҳаи маориф вазифагузорӣ дар хусуси ба талаботи имрӯза мутобиқ гардонидани барномаҳои таълимии мактабҳои олии кишвар, ба назари мо, иқдоми ҷиддиву шоиста аст, зеро барномаҳои таълимӣ догма набуда, бояд ба руҳияи замон созгор бошанд.

Ин ҳолатро вазъи имрӯзаи ҷаҳони муосир тақозо дорад ва дар Паёми соли 2014 мактабу маориф омили асосии амнияти миллӣ шуморида шудааст. Ба андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мактабу маориф ҳамчунин омили муҳимтарини амнияти миллӣ низ мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб азхуд кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд. Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу ҷаҳонбинӣ, малакаву таҷрибаи корӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таҳсил ва хусусияҳои дигари кори раванди таҳсил робита дорад. Аз иқтибоси мазкур метавон натиҷа бардошт, ки таваҷҷуҳ ба омӯзгор ба хотири он аст, ки ин чеҳраи мунавварфикр маҳаки аслии таълиму тарбияро шакл мебахшад, дунёи илму донишро ба рӯйи толибилмон мекушояд, ақлҳои дар

хоббудаи донишандӯзонро ба таҳрик меорад, чашми онҳоро ба дидани воқеияти рӯз мекушояд. Сифати таълим ва тарбия низ аз омӯзгор вобаста аст, ба ин хотир, омӯзгор ба ҳайси шахси калидӣ донишандӯзонро ба роҳи рост ҳидоят намуда, онҳоро аз ҳама гуна ҳодисаҳои барои ҷомеа номатлуб воқиф менамояд. Барои ҳамин, дар Паёми зикршуда мактабу маориф омили асосии амнияти миллӣ таъкид шудааст. Илова бар ин, ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот ва ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии таҳсилот аз навгониҳои Паёми соли 2014 ба ҳисоб мераванд. Бо ин роҳ, асноди таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар кишварҳои аврупоӣ эътироф карда мешаванд, ки ин ҳам аз дастовардҳои муҳимми соҳа ба шумор меравад.

Яке аз дастовардҳои низоми таҳсилоти Тоҷикистон-ин оғоз аз соли 2014 ба роҳ мондани қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аввал тавассути имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. «Мо ба ин кор дар асоси хоҳишу дархости зиёди падару модарон ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи кадрҳо, инчунин пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ дар ҷараёни имтиҳоноти қабул иқдом намудем», – омадааст дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамин тавр, маҳз дар ҳамин сол иқдоми ҷиддӣ дар амри пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаи маориф гузошта шуд.

Дар Паёмашон Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки барои таъмин намудани кадрҳои баландихтисос дар ноҳияҳои дурдаст имтиёзро махсусан аз ҳисоби квотаи президентӣ барои духтарон зиёд кардан шарт ва зарур аст. Рафти барномаи компютерикунониро барои солҳои 2010-2015, рақамикунонии соҳаи маориф, бартараф кардани мушкилоти марбут ба соҳаи омӯзгориро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Президенти мамлакакат дар Паёмашон чунин иброз доштанд: «Бо сабаби ба низоми кредитӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар роҳбарони ин муассисаҳоро зарур аст, ки меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшударо пурра татбиқ намоянд ва доир ба масъалаи

омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти ҳозиразамон ва ба ин восита, самаранок гардонидани сифати таълим тадбирҳои ҷиддӣ андешанд. Ҳамчунин, ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои илмии мубоҳисавӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ грантҳои хурд ҷудо карда шаванд» [16].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз Паём то Паём дар соҳаи маориф ва таълиму тарбия падидаҳои фараҳбахшу навгониҳо ба миён меоянд ва ба ин васила, соҳаи маориф зина ба зина рушд менамояд ва барои лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ ҷудо гардидани грантҳои хурд нишони ташаккули донишҳои зеҳнии ҷомеа мебошад.

Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳаи маориф пайваста ғамхориҳо зоҳир намуда, соли 2016 барои беҳтар намудани вазъи соҳаи маориф зиёда 3 миллиарду 150 миллион сомонӣ ҷудо намуд, ки дар муқоиса нисбат ба соли ба соли 2015 10 фоиз ва дар қиёс бо даҳ соли пешин қариб 13 маротиба зиёдтар ҷудо гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бисёр мушкилоти соҳаи маориф ба афзоиши солонаи маблағгузорӣ имкон дод, то баъзе мушкилиҳои ин соҳа бартараф шаванд. Дар соли 2016 бо ташаббуси Пешвои миллат дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе аввалин муассисаи рушди зеҳнӣ дар сохтори АМИТ ташкил карда шуд. Дар баробари ин, ба мақоми ваколатдори соҳаи маориф ва илм дастур дода шуд, ки барномаи давлатии таъсиси муассисаҳои рушди зеҳниро дар ҳамаи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Ин иқдоми арзандаю созанда барои рушди захираҳои инсонӣ ва таъмин намудани шароити мусоид барои ҷалби наврасону ҷавонон ба таҳсилоти босифати замони муосир шароити мусоид фароҳам овард.

Доир ба омодасозии кадрҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ муҳтарам Пешвои миллат назари нигаронӣ намуда, роҷеъ ба қонеъкунанда набудани нишондиҳандаҳои омодасозии кадрҳои дорои касбияташон баланд чунин таъкид намудаанд: «Хусусан, доир ба вазъи тайёр кардани олимони ҷавон аз

рӯйи ихтисосҳои зилзилашиносӣ, энергетика, геология, меъморӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, металлургия, биологияи молекулӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия ва экология, ки рушди ҷомеа бе рушди тадриҷии соҳаҳои мазкур ғайриимкон мебошад, зеро ҳеҷ як зуҳуроти дигаре мисли илму маориф ба инкишофи ҷомеа таъсир надорад» [241, с.1].

Вазъи кунунии соҳаи маорифи кишварро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ намуда, ба шахсони масъули соҳа чунин дастуруҳо доданд:

1) ҷустуҷӯ ва дар амал татбиқ намудани роҳу воситаҳои баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёна, ибтидоӣ ва олии касбӣ;

2) масъулияту вазифашиносии баланд дар фаъолияти касбӣ ва софдилона муносибат кардан дар таълиму тарбияи насли наврас;

3) тақвияти низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ.

Дастури мушаххаси муҳтарам Пешвои миллат дар назди муҳассилин чунин гузошта шуда буд: «Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи замони муосир тарбия намоем» [18, с.25-26].

Ҳамзамон, дар Паём қайд гардид: «Соли 2016 аз 170 ҳазор донишҷӯёни кишвар 50 ҳазор нафар дар ихтисосҳои омӯзгорӣ ва беш аз 10 ҳазор нафар аз рӯи ихтисосҳои тиббӣ таҳсил менамуданд» [18, с.3].

Таҳлили мазкур нишон дод, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар байни кишварҳои пасошуравӣ пешсаф буда, ба андешаи мо, ин дастоварди муҳим аст, вале мо бояд ба ин дастовардҳо нигоҳ накарда, барои боз ҳам беҳтар кардани нишондиҳандаҳо дар ин самт кӯшиш намоем.

Вобаста ба ин, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват ба амал оварданд, ки моро зарур аст, бештар заҳмат кашида, ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот диққати аввалиндараҷа диҳем.

Дар ҳамин замина, дар Паём қайд карда мешавад, ки сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои раванди таълим ҷавобгӯ бо талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ва бозори меҳнати кишвар мутобиқ гардонида шавад.

Маҳз соҳаи маориф дар он ҳолат ба натиҷаҳои боз ҳам бештар ноил мегардад, ки сифати омодасозии мутахассисони оянда ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошад.

Барои дар амал татбиқ намудани масъалаи мазкур Пешвои миллат Вазорати маориф ва илмро вазифадор намуданд, ки барои боз ҳам такмил додани сифати таҳсилот таваҷҷӯҳи хосса намоянд.

Ҳамзамон, қайд карда шуд, ки тавсеа бахшидан ба вусъат додани ҷараёни ихтироъкорӣ, омӯзиши технологияҳои муосири инноватсионӣ ва ба роҳ мондани онҳо дар истеҳсоли маҳсулот шарти муҳимми рушди иқтисодии кишвар мебошад.

Инчунин ҳангоми ироаи Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи декабри соли 2018 [20 с.26] ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

- нокифоя будани таъмини кардҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар;

- баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва раванди омӯзиш дар ҳамаи шаклҳои муассисаҳои таълимӣ;

- баланд бардоштани мақом ва манзалати омӯзгор дар ҷомеа.

Дар робита бо масъалаҳои зикргардида, дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар чунин инъикос гардидааст: «Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ

барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем» [20, с.26-27].

Мо метавонем барои инкишофи илм ва маориф замина ба вуҷуд оварда, ислоҳоти низоми маорифро таҳким бахшем. Аз ҳама ҳадафҳои асосӣ дар соҳаи илму маориф, пеш аз ҳама ин рушду равнақ додани илми ватанӣ, дар соҳаи саноат ба роҳ мондани ихтирооти ватанӣ, ба роҳ мондани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ буда, дар натиҷа мушкилоти ҷойдошта оҳиста-оҳиста бартараф карда мешавад.

Дар ин раванд, мо диққати асосиро ба тарбияи томактабӣ равона карда, бояд масъалаи кӯдакистонҳоро бамаротиб густариш диҳем, то барои камолоти зеҳнии насли наврас шароитҳои зарурирo омода намоем. Дар ин замина, Пешвои муаззами миллат ба масъулини соҳаи маорифи кишвар супориш доданд, ки то соли 2021 бояд зинаи таҳсилоти томактабиро 30 фоиз таъмин намоянд. Агар ба соли 2018 назар намоем, аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо 151 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо зиёда 73000 ҷойи нишаст ба истифода дода шуд, ки дар солҳои баъдӣ ин раванд бомаром сурат гирифт.

Ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки дар солҳои нахустин давлатдорӣ низоми маорифи мо ба кадрҳои баландихтисос соҳаи маориф ниёз дошт ва ин нуктаи назарро Пешвои миллат дар баромадашон дар ду масъалаи ҳалталаб таъкид кардаанд. Аввал, нокифоя будани мутахассисони соҳибкасбу соҳибтаҷрибаи омӯзгорӣ ва сониян, такмил додани сатҳу сифати таҳсилот дар ҳамаи муассисаҳои таълимии мамлакат. Бояд гуфт, омӯзгороне, ки ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то низоми маорифи кишвар рушд ёбад, ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор доранд. Дар баробари ин, таъкид карда шуд, ки пешрафту тараққиёти ҷомеа ва рушди илму техника ва технология тақозо менамояд, ки омӯзгор барои тақвият ёфтани дониш ва малакаву маҳорати касбии худ аз болои худ кор намояд ва дар акси ҳол мо наметавонем ба ҳадафҳои дар наазди худ гузошташуда расем. Аз ин хотир Пешвои миллат Вазорати маориф ва илмро муваззаф намуданд, ки барои

тақвият додани ин самт барои аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон чораҳои зарурӣ андешанд. Ҳамин аст, ки то имрӯз ҳама кормандони соҳаи маориф новобаста аз шакли даромад ва ҷои кори иловагӣ ҳар се сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида мешаванд.

Дар баробари ин, дар Паём гуфта шуд, ки «дар соли 2020 бунёди 181 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 900 миллион сомонӣ бо муҳайё намудани 54 ҳазор ҷойи нишаст пешбинӣ гардидааст».

Иловатан ба ин, бо ибтикори соҳибкорон беш аз 400 муассисаҳои фарҳангиву маданӣ, 105 беморхона, 257 маркази саломатӣ ва 467 бунгоҳи тиббӣ сохта ва таъмиру азнавсозӣ гардида, соли оянда ба истифода дода мешаванд.

Пешвои миллат аз номи худ ва Ҳукумати Тоҷикистон ба тамоми сокинони кишвар, ба соҳибкорони ватаниву бурунмарзӣ, алалхусус шахсони ватандӯст дар амалӣ шудани Амри Роҳбари давлат дар бунёду таҷдиди роҳу пулҳо ва иншооти иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои маориф ва фарҳангу тандурустӣ, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, хатҳои обрасонӣ ва дигар корҳои хайр саҳми ватандӯстона гузошта истодаанд, миннатдории самимӣ изҳор намуданд.

Дар ҳамин замина, ба масъулони соҳаи маорифу тарбия супориш дода шуд, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълимӣ новобаста аз шакли моликияташон дар муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва олии касбӣ саҳми худро гузоронад.

Ҳамзамон, Сарвари давлат барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди минбаъдаи илмҳои табиӣ ва риёзӣ чунин дастур доданд: «Барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таълими фанҳои табиӣ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд». Воқеан, таъкид бояд кард, ки тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯ ба бозори меҳнат аз сифати таҳсилот вобастагӣ дошта, рушди илмҳои табиию риёзӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди ҳамаҷонибаи давлат ва ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар паёмҳо суханрониҳои Пешвои миллат масъалаҳои кадрии кишвар миллат ба таври мунтазам инъикос меёбанд. Дар паёмҳои солҳои 2016 ва 2020 [22] таъкид шудааст, ки ҷавонон ҳамчун неруи зеҳнии асосии давлат бояд дастгирӣ ёбанд.

Барномаҳои квотаи Президентӣ барои таҳсил дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин таъсиси Барномаи давлатии дастгирии иқтидори зеҳнии ҷавонон, яке аз намунаҳои сиёсати устувори кадрӣ мебошад.

«Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати маорифпарварона, ки дар паёмҳои Пешвои миллат зикр мегардад, ҷаҳонишавии таҳсилот ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад.

Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти аврупоӣ (системаи Болония) ва ҷорӣ шудани системаи кредитӣ намунаи равшани ин сиёсат аст. Ин раванд аз нигоҳи илмҳои педагогӣ ба глобализатсияи дониш ва ҳамгироии илмии кишвар мусоидат мекунад» [174, с.128-129].

Илова бар ин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва татбиқи барномаҳои рақамии таълимӣ ҳамчун марҳилаи дигари трансформатсияи рақамии маориф арзёбӣ мешавад.

«Яке аз хусусиятҳои хоси паёмҳои Пешвои миллат муттаҳид кардани донишҳои муосир бо арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар таҳлили мафҳумшиносӣ, ин мавқеъ ба принсипи гуманизми миллӣ мувофиқ аст, ки дар он илм на танҳо воситаи рушди техникӣ, балки василаи худшиносии фарҳангӣ арзёбӣ мегардад» [174, с.139-140].

Дар ин замина, таълими фанҳои гуманитарӣ, омӯзиши забони давлатӣ, таърихи Ватан ва афзудани ҳисси ватанпарастӣ ҳамчун унсури муҳимми сиёсати маорифпарварона ба шумор меравад. Аз дидгоҳи илмҳои иҷтимоӣ, ин раванд ба таҳкими капитали иҷтимоӣ ва устувории фарҳангии ҷомеа мусоидат мекунад.

Таҳлили паёмҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар ин ҷода ба самтҳои зерин равона шудааст:

«1. Гузариш аз маорифи анъанавӣ ба маорифи инноватсионӣ;

2. Пайвастани таҳсил бо бозори меҳнат;

3. Рушди илмҳои табиӣ, техникиву риёзӣ дар ҳамбастагӣ бо илмҳои гуманитарӣ;

4. Тақвияти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳҳо;

5. Ҷалби сармояи хусусӣ ба соҳаи илм ва таҳсилот;

6. Аз лиҳози молиявӣ ва иҷтимоӣ дастгирӣ намудани омӯзгрону муҳаққиқон» [174, с.75].

Зикр кардан ба маврид аст, ки мақсадҳо ва раванди устувории иҷтимоиву зеҳнӣ ва инноватсионии инкишофи миллӣ мувофиқат доранд. Пажуҳиш собит сохт, ки паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар соҳаи маориф ва илм дорои хусусияти стратегӣ, таҳлилӣ ва консептуалӣ мебошанд. Онҳо на танҳо барномаи сиёсӣ, балки модели илмии рушди ҷомеаро таҷассум менамоянд.

Дар Паём Пешвои миллат ба масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки масъалаҳои дар боло зикр-шуда, ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат мебошанд ва чунин қайд намуданд: «Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, яъне соҳаҳои илму маориф ва тандурустӣ ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Соли гузашта дар кишвар 157 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои 63000 ҷойи нишаст бунёд ва ба истифода супорида шуданд. Умуман, аз соли 1991 то ба имрӯз дар мамлакат 3020 иншооти соҳаи маориф бо зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода супорида шудааст» [22].

Зимнан, аз тарафи Роҳбари мамлакат зикр шуд, ки барои боз ҳам хубтару беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот тамоми шароитҳо муҳаё карда шавад ва дар баробари ин низ, масъулияти волидайн ва аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баландтар бардошта шавад. Дар ин замина, нақши муассисаҳои типи нави замони истиқлолият, алалхусус, мактабҳои президентӣ, литсею гимназияҳо баръало намоён буда, қариб ҳар сол 97 фоизи хатмкунандагони онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар

сазовори номи донишҷӯӣ гардидаанд. Барои беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар Паёми соли гузаштаи Президент ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020 – 2040 «Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардиданд.

Ғайр аз ин, Пешвои миллат зарур шумориданд, ки бо мақсади боз ҳам бештар ҳавасманд намудани насли наврас ва толибилмон ва дигар категорияҳои аҳолӣ ҳамасола озмун таҳти унвони «Илм – фурӯғи маърифат» ташкил ва амалӣ гардонида шавад.

Чорабиниҳои пештара, аз ҷумла «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» нишон доданд, ки дар байни насли ҷавони мо ашхоси соҳиби дониши фавқулода ба камол расидаанд ва вазифаи мо ин аст, ки онҳоро аз ҳар ҷиҳат пуштибонӣ намуда, руҳбаланд созем. Дар ин озмуни навтаъсис ҷавонону наврасони боистеъдод сатҳи дониш ва тавоноии худро имтиҳон карда, дарояндаи наздик барои шукуфоии соҳаҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ саҳми босазои худро мегузоранд. Аз ин рӯ, лозим аст, ки раванди омодагӣ ва баргузории ин чорабиниро дар сатҳи олии ташкилӣ ба роҳ монда, ҳаҷми маблағҳое, ки барои мукофотонидани ғолибон пешбинӣ шудаанд, афзун гардонда шаванд.

Ҳамзамон, Пешвои миллат  ба тамоми сохторҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дастур доданд, ки ғолибони озмунҳоро мувофиқи хоҳиши худашон ба донишгоҳу донишкадаҳо бе супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ қабул намуда, ҷиҳати ҳавасмандкунии моддиву маънавии устодон ва волидайни онҳо чораҳои иловагӣ андешанд.

Бояд иброз дошт, ки ҳадафи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин заҳматҳо рушд додани сатҳи маърифати кулли бошандагони ҷумҳурӣ, махсусан ҷавонон, таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, дар сатҳи зарурӣ донистани забони тоҷикӣ, таъриху фарҳанги бостонии миллат буда Ҳукумати мамлакат пайваста ба рушди соҳаи илму маориф ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ғамхорӣ намуда, барои рушди манбаъдаи он шароитҳои заруриро муҳайё намудааст.

Ҳамзамон, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар давоми 30-соли замони Истиқлол бештар аз 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1400000 хонанда сохта ба истифода дода шудааст. Шумораи хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат 2200000 нафарро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, қайд менамоянд, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар 173 муассисаҳои таълими типи нав, аз ҷумла литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои президентиву байналмилалӣ барои хонандагони болаёқат ва 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва хусусӣ бунёд гардида, фаъолият доранд. «Дар муассисаҳои номбурда, зиёда аз 150000 нафар хонандагон таҳсил менамояд. Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ зиёда аз 39 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ бошад, 28 муассиса таъсис ёфтанд, ки шумораи онҳо мутаносибан ба 144 расонида шуданд» [23, с.10].

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи соли 2021 дар он мебошад, ки шумораи ҷавонони боистеъдоде, ки ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, мавриди баррасии Пешвои миллат қарор гирифтаанд. Доир ба масъалаи мазкур қайд карда мешавад, соли таҳсили 2021 зиёда аз 42 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдод дар 25 давлати хориҷӣ сазовори номи донишҷӯӣ гардиданд.

Ба он нигоҳ накарда, ки низоми нави таҳсилот, аз қабили таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба тартиби муайян даромадааст, фанҳои риёзӣ ва дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва азбар кардани забонҳои хориҷӣ алалхусус, русиву англисӣ мақоми аввалиндараҷа дорад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин масъала қайд менамоянд, ки дар замони Истиқлол барои муассисаҳои миёна ва олии касбӣ беш аз 315 ҳазор мутахассисони равияи омӯзгорӣ, алалхусус, 115000 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омода карда шудаанд. Дар ин замина Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувазaф кард мешавад, ки вобаста ба масъалаи рӯзафзуни ҷомеа ва рушди бемайлони

технологияҳои иттилоотӣ лоиҳаи консепсияи гузариш ва таҳсилоти рақамиро омода намуда, ба Ҳукумати мамлакат манзур дорад.

Бояд тазаккур дод, ки омӯзиш ва баррасӣ намудани паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси раҳнамо имкон медиҳанд, ки ислоҳот ва пешрафти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи нави инноватсионӣ чун масъалаи калидӣ баррасӣ гардад.

Дарвоқеъ, паёмҳои ироанамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2001-2021 дар низоми сиёсии кишвар ҳамчун санади расмӣ ва барномавии дорои аҳаммияти стратегӣ шинохта мешаванд.

Ироа гардидани Паём аз тарафи Роҳбари мамлакат ва дар доираи манфиатҳои миллии кишвар мустақилона муайян гаштани тамоми самтҳои ҳаётан муҳимми кишвар, аз ҷумлаа ислоҳоти соҳаи маориф, дар ҳақиқат, тантанаи давлатдории миллӣ ва амалӣ шудани ормонҳои таърихии мардуми шарифи тоҷик аст. Аз ин бармеояд, ки Паём сухани самимии Пешвои миллат ба ҳар як ҳамватан, пайғоми пурифтихори насли имрӯз ба наслҳои фардо ва садои баланду созандаи давлату миллати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ҳақиқат, соҳаи маориф маҳаки ассосӣ ва муҳаррики пуриқтидори ба пеш ҳаракатдиҳандаи Тоҷикистони азизамон мебошад, ки тақдири имрӯзу фардои миллатамонро муайян месозад. Бо ин мақсад, ин соҳаи калидиро дар мақолаи мазкур мавриди баррасии илмӣ қарор додем.

Оид ба ин масъала зикр кардан бамаврид аст, ки дастгирии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешрафти мактабҳои олии касбӣ, донишкадаву донишгоҳҳо ва баъдидипломӣ илму техника таъсири бузург дошт ва дорад» [171, с.71].

Дар ҳамаи паёму суханрониҳои Пешвои миллат ҷанбаҳои гуногуни низоми маорифи ҷумҳурӣ дар ҳамбастагӣ бо таълиму тарбияи насли наврас ҳамаҷониба таҳлил гардида, дар ин замина дастурҳои мушаххас ироа мегарданд.

Пешвои миллат маорифро ҳамчун «пояи рушди иқтисодиёти донишбунёд» арзёбӣ намуда, таъкид месозанд, ки низоми таҳсилот бояд ба талаботи иқтисоди рақамӣ мутобиқ карда шавад. Ин мавқеъ дар заминаи принсипи таҳкими рақобатпазирии кадрҳои миллӣ ҷой дорад. Тавре дар суханронии Пешвои муаззами миллат қайд гардидааст: «Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст» [48, с.1-2].

Масъалаи дигаре, ки ба нишондиҳандаҳои сифати таҳсилот вобаста аст, механизми баргардон кардани нишондиҳандаҳои микдорӣ ба нишондиҳандаҳои сифатӣ аст [174, с.17]. Пажуҳиш ошкор сохт, ки дар ҳамаи паёмҳои таҳлилгардида аз солҳои 2007, 2013, 2017, 2019 ва 2021 масъалаи сифати таҳсилот, таҷдиди барнома ва силлабусҳои таълимӣ ва тақвияти инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. «Ин раванд бо барномаҳои миллӣ, аз ҷумла «Стратегияи рушди соҳаи маориф барои солҳои 2021–2030» пайвастагӣ дорад» [100].

Ҳамин тариқ, дар паёмҳои президентӣ илму таҳқиқот на танҳо чун соҳаи академикӣ, балки ҳамчун муҳаррики рушд арзёбӣ мегардад. Мазмуни Паёми соли 2021 нишон медиҳад, ки Пешвои миллат ба зарурати гузариш аз илми назариявӣ ба илми амалӣ ва робитаи мустақими илм бо истеҳсолот аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд.

Дар солҳои охир, бо ташаббуси Президенти кишвар Фонди давлатии дастгирии олимони ҷавон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, рушд ёфтанд ва ин иқдомҳо ба рушди илму маориф мусоидат менамоянд.

Муҳтарам Пешвои миллат пайваста бо аҳли илму маориф суҳбат менамоянд ва дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои соҳаро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор медиҳанд. Зеро асоси рушди давлат ва дурнамои тараққиёти он ба пешрафти соҳаи маориф иртибот дорад. Дар мулоқоти 30 майи соли 2021 таъкид доштаанд: «Аз рӯзҳои аввали ташкили давлати соҳибистиқлол илму маориф дар сиёсати Ҳукумати мамлакат мавқеи меҳварӣ дошта, олимону муҳаққиқон ва омӯзгорону зиёиён неруи созанда ва пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кишвар мебошанд» [25, с.1].

Баланд бардоштани мақоми омӯзгорон дар меҳвари фаъолияти Сарвари давлат қарор дорад ва дар ин самт корҳои зиёде анҷом ёфтааст. Маҳз дастгирию ҳидоятҳои Пешвои миллат аст, ки тадриҷан сатҳи зиндагии аҳли маориф беҳтар мегардад.

Мақому манзалати омӯзгорро Пешвои миллат мавриди барраси қарор дода, қайд намуданд, ки мехоҳам боз хотиррасон намоям, ки омӯзгорону устодони мо ҳамчун қишри пешқадами ҷомеа дар солҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳамаи мушкилоти вазнин нигоҳ накарда, саҳми худро дар тарбияи насли наврас мегузоранд.

Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ мақому манзалати устоду олим боло рафт. Ин ҳама аз ғамхориҳои Раҳбари давлат ва боварию эътимод ба кормандони соҳа мебошад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад» ва ин гуфтаҳо исботи таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои миллат нисбат ба нақши калидии омӯзгор дар рушду таҳкими давлатдорӣ мебошанд.

Сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёмҳои Пешвои миллат ба таври мунтазам инъикос меёбад. Дар паёмҳои солҳои 2016 ва 2021 таъкид шудааст, ки ҷавонон ҳамчун неруи зеҳнии асосии давлат бояд дастгирӣ ёбанд.

Барномаҳои квотаи Президентӣ барои таҳсил дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин таъсиси Барномаи давлатии дастгирии иқтидори зеҳнии ҷавонон, аз намунаҳои сиёсати устувори кадрӣ мебошад.

«Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати маориф, ки дар паёмҳои Пешвои миллат зикр мегардад, ҷаҳонишавии таҳсилот ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад» [174 с.48].

Доир ба сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳуриии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои навиштаи муаррихон Абдуфаттоҳ Шарифзода, Заробиддин Қосимӣ [263], М.И. Шамсиддинов, Нуралӣ Нурзод [45] баҳои баланд додан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши нақши масъалаҳои соҳаи маориф дар асарҳо, санадҳо ва паёмҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳиммияти амалӣ намудани нуктаҳои асосӣ дар самти рушди маориф ва илм ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Соҳаи маориф таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон гардида, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои замони муосир он яке аз, омилҳо асосӣ барои мустаҳкамии давлат ва устувории миллат ба шумор меравад.

2. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки ҷаҳонишавӣ бомаром идома дорад ва таъсири манфии он низ соҳаи маорифро дар канор гузошта наметавонад. Ин соҳа пояи асосии давлатдорӣ, тарбияи инсони комил ва пойдории ҷомеаи солим ба шумор меравад.

3. Сиёсати Пешвои миллат дар самти илм бар пояи модели энергетикии рушд устувор аст – яъне, ҳамкории илм, истеҳсолот ва давлат барои ҳосил намудани натиҷаи мутақобилан судманд.

4. Сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогири масъалаҳои мубрами рӯз аст ва ба ҳалли масъалаҳои мушаххас равона шудааст.

5. Аз нуқтаи назари илмҳои иҷтимоӣ, ин сиёсатро метавон ҳамчун намунаи амалӣ намудани назарияи сармояи инсонӣ арзёбӣ кард, ки асоси онро муносибати стратегӣ ба таълим ва рушди қобилиятҳои шахсӣ ташкил медиҳад.

6. Соҳаи маориф дар меҳвари сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва ҳамчун асоси амнияти кишвар аз тарафи роҳбарияти олии мамлакат диққати ҷиддӣ дода мешавад.

7. Сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогири масъалаҳои мубрами рӯз аст ва ба ҳалли масъалаҳои мушаххас равона шудааст.

8. Аз нуқтаи назари илмҳои иҷтимоӣ, ин сиёсатро метавон ҳамчун намунаи амалӣ намудани назарияи сармояи инсонӣ арзёбӣ кард, ки асоси онро муносибати стратегӣ ба таълим ва рушди қобилиятҳои шахсӣ ташкил медиҳад.

9. Сиёсати Пешвои миллат дар ин самт ба принсипи давлатдории донишбунёд такя дорад, ки дар он маориф – воситаи асосии таҳкими истиқлолият ва илм – заминаи пешрафти давлат аст.

Аз ин рӯ, таҳлили илмии паёмҳо нишон медиҳад, ки сиёсати маорифу илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир ба сатҳи сифатан нав гузашта, ба ҳамгироии илмӣ, рақамисозӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ равона шудааст.

Хулоса. Муносибати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи илму маориф воқеъбинона буда, чунин мулоҳиза баён кардан мумкин аст, ки маориф ҷавҳари ҳастии миллат аст. Бо воситаи рушди соҳаи маориф Сарвари давлат тавонистанд рукнҳои асосии давлатдории муосирро мустаҳкам намуда, аҳли ҷомеаро дар руҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбия намоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот ҳамеша дар мадди назари Пешвои миллат қарор дорад. Аз ҷумла, дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар мегирад, таваҷҷуҳи асосиашонро ба масъалаҳои зерин равона намуданд:

- суръат бахшидан ба бунёди инфрасохтори муассисаҳои таҳсилотӣ ва тақвияти заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ;

- тақвият додани маблағгузории соҳаи маориф, махсусан муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- такмили сифати таҳсилот дар тамоми зинаҳои таълим;

- таъсис додани маркази рушди зеҳнӣ дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Имрӯз вақте мо ба дастовардҳои маориф менигарем, бо ифтихор метавон гуфт, ки дар паси ҳар як муваффақият ирода ва ҳидояти хирадмандонаи Пешвои миллат меистад.

Ҳадафҳо бо принсипи устувории иҷтимоиву зеҳнӣ ва инноватсионии рушди миллӣ мувофиқат доранд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки асарҳо, санадҳо ва паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф ва илм дорои хусусияти стратегӣ, таҳлилӣ ва консептуалӣ мебошанд. Онҳо на танҳо барномаи сиёсӣ, балки модели илмии рушди ҷомеаро таҷассум менамоянд.

## БОБИ II. ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОӢ

### 2.1. Хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатӣ дар замони Истиқлол

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари дигар муассисаҳои таълимӣ муассисаҳои томактабӣ фаъолият менамоянд, ки мақсаду мароми онҳо тайёр кардани кӯдакон ба муассиса, инкишофи ҷаҳонбинии тарбиятгирандагон бо ба инобатгирии хусусиятҳои хоси миллӣ ва ҳамзамон, бо нигоҳдошти саломатии ҷисмонӣ ва руҳии тарбиятгиранда, таъмини рушди ҳамаҷонибаи хурдсол дар асоси ҳамкорӣ бо оила ва аҳли ҷомеа сурат мегирад.

Пажуҳиш нишон дод, ки дар давраи таҳқиқшаванда таъмин намудани муассисаҳои томактабии мамлакат бо ашёҳои лозима хубтар гардида бошад ҳам, ҳанӯз проблемаҳо вуҷуд доранд. Алалхусус, дар деҳот ҳолати муассисаҳои томактабӣ пурра ба талабот ҷавобгӯ нест.

Олими соҳа Б. Маҷидова қайд менамояд, ки «Муассисаҳои таълимии томактабӣ ба мебел, мизу курсӣ ва кат, рахти хоб, таҷҳизоти варзишӣ, адабиёти бачагона, бозича ва асбобҳои аёнии таълимӣ ниёз доранд» [212, с.19].

Охирҳои солҳои 90-уми асри гузашта дар инкишофи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе камбудиҳо ба чашм мерасиданд, ки ба раванди амалӣ гардидани ислоҳот монеа эҷод мегардиданд. Масалан, муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ дар шаҳрҳо ва шаҳракҳо зиёд буданд (ба ҳар сад ҷой 115-122 нафарӣ кӯдак рост меомад). Навбат дар боғчаҳои кӯдакон сол аз сол зиёд мешуд (беш аз 54,3 ҳазор оилаҳо дар навбат буданд). Дар ҷумҳурӣ ба як кӯдак танҳо 4,4 метр (5,75 метри мураббаъ) рост меомад. Бештар аз 30% муассисаҳои томактабӣ дар биноҳои фарсуда ҷой гирифта буданд ва таъмиру тармими ҷиддиро талаб мекарданд. Онҳо қубури об, гармии мутамарказ ва барои машғулияти мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ҷои мувофиқ надоштанд. Дар нимаи якуми соли 1990 нақшаи ба кор андохтани муассисаҳои томактабӣ танҳо 10% иҷро шуда буд [239, с.32].

Дар даврони Истиқлол Барномаи таълимиву тарбиявии «Раҳнамои мураббӣ» ба тасвиб расид. Дар асоси ин ҳуҷҷат муассисаҳои томактабӣ тавонистанд фаъолияти мураббияҳоро ба танзим оваранд ва раванди тарбияро дуруст ба роҳ монанд.

Барои рушди зинаи таҳсилоти томактабӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра тадбирҳо андешида, барои рушди ин зинаи таҳсилот моҳи октябри соли 2005 «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» [71]-ро қабул намуд. Қабул гардидани Барномаи номбурда масъулини маорифи ҷумҳурӣ ва дигар мақомоти марбути соҳаро водор сохт, ки баҳри таҳкими пояи моддӣ - техникӣ, аз нав сохтану барқарор кардан ва бозгардонидани иншоотҳое, ки бо сабабҳои гуногун фурӯхта шуда буданд, чораҳои амалӣ андешида, дар фаъол шудани муассисаҳои томактабӣ ва омода намудани атфол ба мактаб саҳмгузорӣ намоянд.

«Ба муассисаҳои томактабӣ ҷалб намудани кӯдакон, албатта, боиси осон гардидани кори соҳаи маориф мегардид. Аммо мушкилот дар ин ҷода хеле бисёр буд. Агар соли 1991 шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ 944 ададро ташкил мекард, соли 2007 теъдоди онҳо ба 494 адад расид, ки ин 450 адад камтар аст» [88].

Дар ноҳияҳои Муъминобод, Ховалинг, Шуроободи вилояти Хатлон, Мастчоҳи вилояти Суғд, Варзобу Тавилдара ягон муассисаи томактабӣ фаъолият намекард. Биноҳои кӯдакистонҳои ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Бохтар, Зафаробод, Бешкент, Темурмалик, Ёвон, Рошқалъа, Шуғнон, Ванҷ дар ҳолати садамавӣ қарор доштанд. «Дар кӯдакистонҳои амалкунанда аз 4475 нафар кормандону мураббияҳо танҳо 10 фоизашон мутахассисони соҳа буданд» [130, в.122].

Таҳқиқ нишон дод, ки самти фаъолияти худро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои томактабӣ оғоз бахшида, дар ин замина Барномаи давлатӣ ва Низомномаи намунавиро омода намуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардонида, роҳҳои беҳтар

намуданиислоҳотро дар ин самт тарҳезӣ намуд. Ба ин хотир, барои муассисаҳои томактабӣ се китоби таълимию дастурӣ чоп карда, ҳамкориҳоро бо шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо густариш бахшид.

«Бояд зикр кард, ки дар он марҳила танҳо 7 % кӯдакон ба ин муассисаҳо ҷалб шуда, 93% ба муассисаҳо ҷалб нагардида буданд» [145, в.182]. Дар ноҳияҳоии Балҷувон, Тавилдара боғчаҳои нав бунёд шуда, дар бештари шаҳру ноҳияҳо таъмири онҳо ба роҳ монда шуд. Дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд бошад, баробари таъмир баъзе кӯдакистону боғчаҳо бо маводи зарурӣ таъмин гардиданд. Аммо кормандони соҳаи маориф ва раисони ноҳияҳои Муъминобод, Ховалинг, Шуроободро зарур буд, ки барои сохтмони боғчаҳо икдом мегирифтанд. Ҳамчунин, вазъи муассисаҳои томактабӣ ноҳияҳои Мастчоҳ, Айнӣ, Ашт, Бохтар, Зафаробод, Носири Хисрав, Темуралик, Ёвон, Роштқалъа, Ванҷ беҳбудиро талаб менамуданд.

«Дар доираи ҳамкориҳо бо Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар соҳаи маориф (Хазинаи Оғохон) аз соли 1993 инҷониб барои рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Роҷеъ ба Стратегияи Рушди Соҳаи Маориф барои солҳои 2006-2015 аз ҷониби ташкилоти мазкур як қатор барномаҳо амалӣ шуда истодаанд. Барои беҳтар намудани сифати таҳсилоти томактабӣ дар соли 2009 дар ноҳияи Рашт ва Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) 17 марказҳои инкишофи бармаҳали кӯдак кушода шуд, ки 500 тифлои аз сини 3 то 6-сола дар ин марказҳо таълим мегиранд» [151, в.81].

Дар соли 2007 бештар аз 20 масъала оид ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ дар ҷаласаҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои назоратии назди вазири маориф ва муовинони вазир мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ки дар оянда барои рушди соҳа заминаҳои асосиро фароҳам овард.

Бо мақсади амалӣ намудани шакли мазкури маблағгузории давлатӣ (сарикасӣ) ва ғайридавлатӣ корҳои зерин бояд ба анҷом расонида мешуданд:

- таҳияи маълумоти пурраи оморӣ оид ба муассисаҳои томактабӣ;
- таҳлили пурраи молиявии муассисаҳои мазкур;

- модели маблағгузории сарикасӣ муайян карда мешуд;

- меъёри маблағгузории сарикасӣ муайян мешуд;

- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳия мешуданд;

- тибқи меъёрҳои муайянгардида дархости буҷетӣ пешниҳод мегардид.

Таҳқиқ нишон дод, ки рушди соҳаи томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар шаҳри Душанбе ва минтақаи Қурғонтеппаи (ҳоло Бохтар) вилояти Хатлон хело заиф буда, шумораи кӯдакистонҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят кам шуда, шумораи тарбиятгирандагону таълимгирандагон афзудааст. Муассисаҳои томактабие, ки ба дигар муассисаҳо табдил дода шуда буданд, то ҳол баргардонида нашуда буданд. Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ барои амалӣ гардонидани он ягон чораи амалӣ наандешидаанд. Кӯдакистонҳо бо маводи таълимӣ, катҳои хобу истироҳат, асбобҳои мусиқиву бозичаҳо таъмин карда намешуданд. Таъмиру тармими муассисаҳои томактабӣ чандин сол боз гузаронида нашуда буд. Дар шаҳри Душанбе мудирони кӯдакистонҳо бештари вақти худро ба корҳои хоҷагидорӣ сарф намуда, ба кори таълиму тарбия ва ҳуҷҷатгузорӣ эътибори ҷиддӣ намедоданд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф 1 - уми декабри соли 2009 «Дастурамали намунавии маркази инкишофи кӯдакон» тасдиқ гардид. Дастурамали мазкур бо мақсади ба роҳ мондани намуди нави алтернативӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ қабул гардид. Дар ҷумҳурӣ соли 2010 зиёда 40 маркази инкишофи кӯдакон фаъолият менамуд, ки дар онҳо 900 нафар кӯдак ба шароити ба талаботи замон ҷавобгӯ ба муассисаҳо ҷалб гардида буданд.

«Ҳадафи асосии муассисаҳои томактабӣ иҷро намудани ниёзи оилаҳо, омода намудани кӯдакон ба муассисаи таълимӣ, рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси миллӣ, ҳифз намудани инкишофи ҷисмонӣ ва руҳии кӯдак, ба шумор меравад. Башарият дар ҳар давру замон ниёз дорад ба мураббии ҳидояткунанда, роҳбар, ба устод, ба шахсе ки раҳнамоӣ мекунад» [227, с.3].

Барои дар амал татбиқ шудани «Барномаи давлатии рушди тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» [71] соли 2008 дар муассисаҳои томактабӣ қисме аз маркази шаҳру ноҳияҳои мамлакат тафтиш гузаронида шуданд, ва маълум гардид, ки беш аз 17%-и кӯдакони синни томактабӣ ба кӯдакистонҳо фаро гирифта шудаанд. То ҳанӯз дар ноҳияҳои Муъминобод, Шурообод ва Ховалинг муассисаҳои томактабӣ ташкил карда нашуда буданд [130, в.47].

Яке аз сабабҳои пасти дониши хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ, ин дар сатҳи зарурӣ ҷалб нашудани кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои таълимӣ мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки муассисаҳои томактабӣ дар шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон дар моҳи августи соли 2008 сурат гирифта, барои қабул намудани кӯдакон дар маҳалҳо ба муассисаҳои томактабӣ дастурҳои Вазорати маориф ба масъулини Раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ирсол карда шудааст. Ҳамчунин, дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Румӣ ва Бохтари вилояти Хатлон бо мудирони муассисаҳои томактабӣ семинар доир намуда, усулҳои пешқадами тарбия дар муассисаҳои томактабӣ баррасӣ гардиданд.

Фаъолияти муназзам ва рушди муассисаҳои таҳсилоти муассисавӣ аз вазифаҳои муҳимми соҳа аст, ки дар он мақомоти худидоракунии маҳаллии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Тоҷикистон нақши муҳим дорад.

«Чунон ки маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, дар 11 соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 77 адад кам шудаанд. Агар дар соли 1998 миқдори онҳо 562 ададро ташкил медода бошад, пас дар соли 2010 шумораи онҳо ба 487 ададро расонида шуд. Сатҳи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ то ҳамон замон паст буда, танҳо 17 фоизи кӯдакони синни томактабиро дарбар мегирифт» [128, в.87].

Маблағгузорӣ ба муассисаҳои томактабӣ хело кам буд. Масалан, ҳиссаи хароҷоти давлатӣ барои таҳсилоти томактабӣ дар соли 2009 вобаста ба хароҷоти умумии соҳаи маориф 2,4% ва дар соли 2010 2,1% -ро ташкил дод

[146, в.196]. Дар давраи миёнамуҳлати татбиқи барнома маблағгузорӣ ба муассисаи таҳсилоти томактабӣ то андозаи 0,5 фоиз зиёд гардидааст.

Соли 2010 барои муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ 25.2 млн сомонӣ ҷудо шудааст. Қисми асосии маблаҒи мазкур барои пардохти музди меҳнати кормандони ин муассисаҳо сарф мешуд. «Ҳиссаи фонди музди меҳнат ба 65.2 фоизи маблағҳои ба нақша гирифташуда баробар аст. Барои таъмини кӯдакон бо хӯроквории ҳамагӣ 2,9 млн. сомонӣ маблағ ҷудо шудааст, ки ба ҳар як тарбиятгиранда дар як сол 49,6 % рост меояд. Шумораи умумии тарбиятгирандагон ҳамагӣ 59358 нафарро ташкил медиҳад» [128, в.189]. Хароҷоти банақшагирифташуда ба ҳисоби миёна ба як нафар тарбиятгиранда дар давоми соли 2010 425,4 сомониро ташкил медод, ки ба талабот ҷавобгӯ набуд.

Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи вазъи муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ фаъолияти томактабии шаҳри Бохтарро мавриди баррасӣ қарор додем. Соли 2010 муассисаҳои томактабии шаҳри Бохтар фаъолияти худро барои мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ, таъмини онҳо бо кадрҳои омӯзгорӣ, баланд бардоштани маҳорату малакаи омӯзгорон тавассути ҷалби онҳо ба курсҳои такмили ихтисос беҳтар намудани сифати таълиму тарбия равона намуда буданд.

Дар шуъбаи маориф иттиҳодияи методӣ амал менамоянд, ки ба мудирону мураббиён кӯмаки методӣ мерасонад. Дар 15 муассисаи томактабии шаҳри Бохтар 70 тарбиятгар фаъолият менамуданд, ки дар муассисаҳои то мактабии зикргардида бештар аз 2010 нафар ба таълиму тарбия ҷалб гардида буданд. Дар муассисаи дар боло зикргардида ба таълиму тарбияи кӯдакон мураббиёни собиқадор ва дорои таҷрибаи баланд вобаста шуда буданд, ки аз ин теъдод дорои маълумоти олӣ дошта 16 нафар, нопурра 14 нафар ва миёнаи омӯзгорӣ 31 нафарро ташкил медод [129, в.189].

«Ҳуҷҷатгузорӣ ва чораёни таълиму тарбия дар кӯдакистонҳои шаҳру деҳот бо забони давлатӣ ба роҳ монда шуда буд» [273, с.8]. Инчунин, баҳри

саломатии кӯдакон, пешгирӣ намудани касалиҳои сироятӣ, ба ҳисоб гирифтани ҳолатҳои санитарӣ дар кӯдакистонҳо хуб ба роҳ монда шуда буд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар фаъолияти муассисаҳои томактабии шаҳри Бохтар камбудиҳо низ мавҷуданд. Дар кӯдакистонҳои №№,5, 9, 3, гӯшаҳо дуруст таҷҳизонида нашудааст. Дар синни калони томактабӣ, махсусан, талаботи ба муассиса рафтан мутахассисонро водор мекунад, ки доир ба муассиса, муаллим, фаъолияту амалҳои онҳо бисёртар ба кӯдакон маълумот диҳанд.

Албатта, талаботи кӯдак ба қонеъ гардонидани талаботи моддии ӯ майл мекунад. Ба монанди соҳиб шудан ба нозукиҳои кори муассиса, ашёҳои хониш дафтар, китоб, ручка ва ғайраҳо. «Ин аст, ки бояд дар гурӯҳҳо гӯшаи «Мактаббачагон» вуҷуд дошта бошад, ки ин гӯша бо тамоми ашёҳои барои муассисаи томактабӣ зарурро дода шуда бошад. Чунин лаҳзаҳои фараҳбахш ва хурсандиовар барои кӯдак гуворо аст ва тамоми умр дар хотири кӯдак нақши худро мегузорад» [195, с.2].

Аммо, мутассифона, дар кӯдакистонҳои таҳқиқшуда чунин гӯшаҳо вуҷуд надоранд. Бояд қайд кард, ки аз тарафи маъмурияти кӯдакистон нақшаи кори кӯдакистон бояд вучуд дошта бошад, ки дар он иштироки кӯдакон дар дарс, тамошо, вохӯрӣ ва суҳбат дар кӯдакистон бо муаллим ва дарси кушод барои волидон дарҷ гардида бошад, вуҷуд надошт.

«Дар ноҳияи Хуросон 4 муассисаи томактабӣ мавҷуд буда, онҳо 358 нафар хурдсолонро ба таълиму тарбия ҷалб намуда буданд. Шумораи умумии мураббиён 16 нафар, 1 нафар бо таҳсилоти олӣ, 10 нафар бо таҳсилоти миёна, 5 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ фаъолият доштанд» [126, в.119]. Дар шуъбаи маориф мутахассиси томактабӣ (Д.Гурезова) ихтисосаш иқтисодчӣ, бо собиқаи кории 8 -моҳа фаъолият менамуд, ки ба талаботи тахассуси соҳа мутобиқат намекард.

Дар нақшаи кори шуъбаи маориф, ки аз 35 масъала иборат буд, танҳо як масъала ба кӯдакистонҳо вобаста буду халос, ки он ҳам аз назорат ва баррасӣ

дур мондааст. Аз тарафи мутахассиси шуъбаи маорифи ноҳияи Хуросон Д. Гурезова ҳуҷҷатҳои зарурӣ дуруст ба роҳ монда нашуда буданд.

«Кӯдакистони №1, мудираш М. Азизова ихтисоси муаллимаи забон ва адабиёт, собиқаи кори дусола дар кӯдакистон дошт. Кудакистон дорои 4 гурӯҳ буда, дар онҳо тақрибан 80 нафар кӯдак барои гирифтани таълиму тарбия ҷалб гардида буданд. Агар аз тарафи мудири кӯдакистон барои кӯдакон хӯроки серғизо ташкил, барои хоб ва бозии онҳо шароити хуб фароҳам оварда бошад ҳам, аммо ягон ҳуҷҷати лозимӣ доир ба фаъолияти кӯдакистон вуҷуд надошт» [126, в.121].

Кӯдакистони №2, мудираш Л.Пулотова, ихтисосаш адабиёти рус, собиқаи кори 31-сола дошт. Кӯдакистон дорои 4-гурӯҳ буда, дар он 86 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Гарчанде соли хониш ба итмом расида бошад ҳам, танҳо 3 Шурои омӯзгорӣ гузаронидаасту халос. Мудири кӯдакистон дар машғулияти мураббиён давоми сол боре иштирок накардааст, пас чӣ тавр метавонад кори тарбиявиро дуруст ба роҳ монад?

Кӯдакистони №3, мудири кӯдакистон М.Шамсуддинова, ихтисосаш забони русӣ буд. Дар кӯдакистон 6 гурӯҳ бо шумораи 156 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд, ки бо онҳо 8 мураббия фаъолият доштанд. Таҳқиқ нишон дод, ки муаллима фаъолияти кориро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дуруст ба роҳ мондааст.

Кӯдакистони №4, мудираш Ф. Раҳимова бо таҳсилоти махсус фаъолият дошт. Кӯдакистон дорои 4 гурӯҳ буд, ки дар он 85 нафар кӯдак таълиму тарбия мегирифтанд. Пажуҳиш нишон дод, ки дар аксарият ҳолатҳо кӯдакон беназорат буда, кормандони кӯдакистон ба кори гирду атрофи боғча машғул мешуданд. Инчунин, дар кабинети мудир ягон ҳуҷҷати зарурӣ вуҷуд надошт.

Вазифаи кӯдакистон дар соли хониш ба кӯдакон додани дониш, малакаҳои муайяни ҳозирҷавобӣ, ҳушёрӣ ва дигар сифатҳои ақлию зеҳнии онҳоро мукаммал гардонидан аст, ки ҳамаи ин дар таҳсилу тадриси муассиса дида мешуданд. Боиси таассуф аст, ки кӯдакони кӯдакистонҳо аз технологияи нав ва муосир хеле кам истифода мебурданд.

Пажуҳиш нишон дод, ки мудирони кӯдакистонҳо аксар мавриди ба корҳои хоҷагидорӣ машғул буда, аммо ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аз қабили нақшаи солона, машваратҳои назди маҷлисҳои умумии волидайн, таҳлили машғулиятҳо, дафтари қайди машғулиятҳои назорат ва роҳбарӣ надоштанд. Табиист, ки раванди таълиму тарбия дар ин ҳолат мувофиқи талабот сурат нагирифтааст.

Маблағи хӯрокворӣ барои як кӯдак дар як рӯз 61 дирамро ташкил медод, ки тамоман ночиз буд [126, в.141]. Аз сабаби кам ҷудокунии маблағ кӯдакони муассисаҳои томактабӣ бо хӯроки гарм таъмин набуданд. Қисман ҳаққи аъзогии падару модарон ба маводи таълимӣ сарф карда мешуд.

Давраи Истиқлол барои соҳаи маорифи мамлакат давраи комёбиҳо ва дигаргунсозиҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти фаъолияти кори муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, моҳи октябри соли 2005 «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» [71]-ро қабул намуд. Дар ҳамин давра Барномаи таълимиву тарбиявии «Раҳнамои мураббӣ» ба тасвиб расид. Дар асоси ин ҳуҷҷат муассисаҳои томактабӣ тавонистанд фаъолияти мураббияҳоро ба танзим оваранд ва раванди тарбияро дуруст ба роҳ монанд [77, с.42].

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф аз 1-уми декабри соли 2009 бо ҳадафи дар амал татбиқ намудани роҳи нави алтернативии дар таҳсилоти томактабӣ «Дастуруламали намунавии Маркази инкишофи кӯдакон» тасдиқ гардид. Солҳои минбаъда муассисаҳои томактабӣ ноҳияҳои Фирдавсӣ бо 23 адад, Шоҳмансур 17 адад, Сино бо 60 адад ва ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо 23 адад компютери кӯдакона таъмин гаштанд. Баҳри беҳтару хубтар гардонидани саломатии кӯдакон дар ин муассисаҳои томактабӣ комплексҳои махсуси солимгардонӣ ба роҳ монда шуд. Дар вилояти Хатлон миқдори муассисаҳои томактабӣ 5 адад зиёд гардид» [79, с.168]. Дар ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Шурообод, Муъминобод, Тавилдара, Конибодом, Деваштич ва Варзоб кӯдакистонҳои нав сохта шуданд ва ё кӯдакистонҳое, ки

солҳои пеш аз фаъолият бозмонда буданд, баъд аз таъмиру тармим боз ба фаъолият шуруъ намуданд.

«Қайд кардан бамаврид аст, ки барои тақвият додани ангезиш ва рушди системаи асаби кӯдакон ба навор гирифтани филмҳои тасвирӣ ва намоишдиҳӣ мавқеи хосса дорад. Бинобар сабаб, таи солҳои 2010-2011 зиёда аз 25 филм бо давомоти 20 дақиқа таҳия ва омода гардида буданд» [144, в.148]. Филмҳое ба навор гирифта шуданд, асосан хусусияти афсонавӣ доштанд, ки доираи васеи мавзуъҳоро дар бар гирифта буданд.

Инчунин, барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти бозӣ аҳаммияти махсус дорад.

Бозӣ барои он фаъолияти пешбаранда ва тараққидиҳандаи психикии ӯ ба шумор меравад, ки кӯдак қисми зиёди вақташро дар бозиҳои шавқовар мегузаронад ва нисбат ба фаъолияти меҳнатӣ кам шуғл дорад.

«Кӯдак тавассути бозиҳои нақшдор ҳаёту зиндагӣ ва тарзҳои муоширати калонсолонро меомӯзад. Тавассути бозӣ кӯдак одамонро дарк карда, бо ҳамин мефаҳмад, ки дар як фаъолият аз қоидаҳо ва тарзҳои муайяни иҷрои амалро талаб мекунад» [244, с.182].

Пажуҳиш собит сохт, ки теъдоди муассисаҳои таълимӣ давра ба давра зиёд гардидаанд. «Агар соли таҳсили 2013 дар ҷумҳурӣ 546 адад муассисаи томактабӣ бо ҷалби 85770 фаъолият дошта бошанд, пас дар соли 2015 миқдори онҳо 575 адад ва теъдоди кӯдакон 88347-ро ташкил медод, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2013 29 муассиса ва шумораи кӯдакон 2577 нафар зиёд гардидааст» [130, в.196].

Соли 2021 дар ҷумҳурӣ кӯдакони синни томактабӣ имконият ва талаботи махсуси таҳсилотидошта дар 12 кӯдакистони махсус гардонида-шудаи мамлакат таҳсил мекарданд, ки теъдодашон 3,5 ним ҳазор нафарро дар бар мегирифт. «Тибқи маълумоти оморӣ соли 2021дар кишвар 13 000 нафар кӯдакону наврасони имконият ва талаботи махсуси таҳсилоти дошта зиндагӣ менамоянд, ки ҳамаи онҳо бо ғамхории давлат фаро гирифта шудаанд» [304, с.309].

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоту вохӯриҳояшон бо зиёиёни фаъоли маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зарурати ислоҳоти муассисаву маорифро, алалхусус, муассисаҳои томактабиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, онро заминаи асосии пешрафти ҷомеа баҳогузорӣ менамояд. Аз ҷумла, таъмини синфхонаҳои муассисаҳои томактабиро ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба технологияи ҳозиразамон ва дигар воситаҳои аёнию техникӣ таҳти назорати бевоситаи худи Сарвари маорифпарвари давлат, қарор дошта, ин иқдом аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳо, созмону муассисаҳои ғайридавлатию хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ дастгирӣ ёфта истодааст.

Дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ марказҳои инкишофи кӯдак дар раванди ислоҳоти маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол мавқеи хосса дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар, фаъолияти марказҳои инкишофи кӯдакро дар муассисаҳои таълимии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Рашт ва Шаҳринав дар соли таҳсили 2017-2018 мавриди пажуҳиш қарор медиҳем.

Пажуҳиш нишон дод, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумии номбурда марказҳои инкишофи кӯдак ташкил карда шуда, дар шуъбаҳои маориф низ шахсон мутасаддӣ таъйин гардидаанд. Аз ҷумла, дар шаҳри Кӯлоб 30 адад, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 59 адад, Рашт 40 адад ва Шаҳринав 54 маркази инкишофи кӯдак таъсис дода шудааст.

«Давраи таҳқиқшаванда дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1684 адад Маркази инкишофи кӯдакон фаъолият менамуд, ки дар маҷмуъ, 44,3%-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар бар мегирифт» [156, в.151]. Аз беаҳаммиятии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти идораи маҳаллии маориф, новобаста аз зиёд будани талабот ба таҳсилоти томактабӣ, марказҳои мазкурро ташкил накардаанд. Ҳол он ки тибқи талаботи банди 79 Низомнома дар сурати мавҷуд набудани пояи моддӣ-техникӣ, хусусан синфхонаҳо дар муассисаҳои таълимӣ, Маркази инкишофи кӯдакро дар биноҳои алоҳида, яъне берун аз муассисаҳои таълимӣ метавонистанд ташкил намоянд.

Дар раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои таҳқиқшуда оид ба ин масъала ҷузвдони махсус ташкил карда шуда, тамоми ҳуҷҷат ва гузоришҳо дар он нигоҳ дошта мешаванд.

Пажуҳиши масъала дар муассисаҳои таълимӣ нишон дод, ки марказҳо ташкил карда шуда бошанд ҳам, ба таълиму тарбияи кӯдакон омӯзгорони фаннӣ ва шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷалб карда шудаанд. Масалан, дар марказҳои таҳқиқшаванда ҳамагӣ 9 нафар бо ихтисоси педагогика ва психологияи томактабӣ, ба таълими машғул буда, 200 нафар омӯзгори фаннӣ ва 15 нафар бо таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Ҷадвали № 2

| № Т/р | Шаҳр, ноҳия | Шумораи мураббиён | Таҳсилот | | | Ихтисос | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Оли | олии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | педагогика ва психология | Омӯзгор |
| 1. | Кӯлоб | 31 | 21 | 4 | 6 | | 1 | 30 |
| 2. | Бобоҷон Ғафуров | 96 | 95 | 1 | | | | 96 |
| 3. | Рашт | 43 | 7 | 1 | 24 | 11 | | 32 |
| 4. | Шаҳринав | 54 | 6 | 16 | 28 | 4 | 8 | 42 |
| | Ҷамъ | 224 | 912 | 22 | 58 | 15 | 9 | 200 |

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар нархномае, ки муассисаҳои таълимии ноҳияи Б.Ғафуров бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ мувофиқа намудаанд, на ба ҳайси маркази инкишоф, балки ҳамчун маркази дарси иловагӣ қайд шудааст.

«Дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Кӯлоб, Ваҳдат, ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Шаҳринав, Рӯдакӣ, Ҳисор маблағи хизматрасонӣ барои маркази инкишофи кӯдак, ки аз ҷониби падару модар пардохт карда мешуд, ба суратҳисоб ва бе таҳияи сметаи даромаду хароҷот аз ҷониби муассисаҳои дар боло зикршуда гирдоварӣ ва масраф карда мешуданд, ки ин гуна амал ба талаботи қонунгузории соҳаи молия мувофиқат намекард» [84, с.156].

Ҳамчунин, зикр намудан ба маврид аст, ки дар пардохти маблағи

хизматрасониҳо талаботи ягона мавҷуд набуда, дар ҳар муассиса ҳар хел пардохт карда мешавад. Нигаред ба ҷадвали зерин:

Ҷадвали № 3

| № | Шаҳр ва ноҳия | Маблағи шартнома (сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1. | Кӯлоб | Аз 20 то 25 сомонӣ |
| 2. | Бобоҷон Ғафуров | Аз 35 то 50 сомонӣ |
| 3. | Рашт | Аз 20 то 30 сомонӣ |
| 4. | Шаҳринав | Аз 20 то 25 сомонӣ |

Дар шаҳру ноҳияҳои таҳқиқшаванда танҳо як шакли Маркази инкишофи кӯдак ташкил карда шудааст. Ҳол он ки тибқи талаботи банди 77-и Низомнома шахси ҳуқуқии алоҳида ҳам метавонад Маркази хусусии (ғайридавлатии) инкишофи кӯдак ташкил намояд. Таъсис ва ташкили фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Мутаассифона, дар тамоми муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои таҳқиқшуда танҳо гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб аз ҳисоби кӯдакони 6-7-сола ташкил карда шудаасту халос.

«Ҳарчанд истифодаи усулҳои таълим, иҷрои барнома, нақшаю чорабиниҳо ва ташкили ҷараёни таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдак аз тарафи директори муассиса назорат шавад ҳам, масъалаи мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии рақами 29 ноҳияи Рашт, рақамҳои 10, 20 ноҳияи Шаҳринав ва рақами 13 шаҳри Кӯлоб боре ҳам дар Шурои педагогӣ ва маҷлисҳои назди директор мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор дода нашудааст» [163, в.164].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷалби кӯдакони имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таълимӣ яке масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, то ҳанӯз роҳи ҳалли пурраи худро наёфтааст. Мувофиқи маълумоти «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [100] чунин арзёбӣ карданд: «Соли 2019 дар муассисаҳои таълимии томактабӣ 536 кӯдаки имконияташон маҳдуд, аз он ҷумла 234 духтар таълим мегирифтанд.

Дар байни кӯдакони имконияташон маҳдуд 366 кӯдак бо норасоии ақлонию фикрӣ, 170 – норасоии биноӣ, 55 – норасоии шунавоӣ, 41 – норасоии нутқ ва 19 нафар дорои ҷароҳатҳои сутунмуҳра буданд» [100 с.17].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди соҳаи маорифи муосири тоҷик чунин қайд кардаанд: «Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ низом ва методологияи маорифи халқи тоҷик тағйир ёфта, асоси онро фалсафаи муосир, назарияи маърифат, ҳуҷҷатҳои такдирсоз, инчунин ғояҳои ватандорию ватандӯстӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ ташкил медиҳанд» [45, с.180].

Бинобар ин сабаб фаъолияти муассисаҳои таълими мамлакат, алалхусус муассисаҳои томактабӣ дар даврони ислоҳоти соҳаи маориф яке аз масъалаҳои ҳалталаби рӯз буда, ҳанӯз роҳи ҳалли пурраи худро наёфтааст. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар замони истиқлол чунин аст:

Ҷадвали № 4

| **Сол** | **Шумораи муассиса** | **Теъдоди кӯдакон** |
|---|---|---|
| 1995 | 944 | 141,1 |
| 2000 | 555 | 78 |
| 2005 | 502 | 53 |
| 2010 | 486 | 62 |
| 2015 | 578 | 92,0 |
| 2021 | 696 | 101 |

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои мазкур тадриҷан меафзояд. Масалан соли 2021 дар ноҳияи Шаҳринав 7 муассисаи томактабӣ, аз ҷумла 3 муассисаи давлатии №1,2,3 ва 4 муассисаи хусусии томактабӣ бо фарогирии 556 нафар кӯдак ва дар назди 36-муассисаи таълимӣ 58 марказҳои инкишофи кӯдак бо фарогирии 1405нафар кӯдакони синни 5-6-сола фаъолият менамояд. Дар муассисаҳои мазкур 84 нафар мураббӣ, аз он 28 нафар бо маълумоти олӣ, 47 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус, 9 нафар миёнаи ғоибхон кор ва фаъолият доштанд [112, с.1].

Рушди муассисаҳои томактабиро солҳои 2013-2021 дар диаграммаи зер пешниҳод менамоем:

Диаграммаи № 1




Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки агар соли 2013 дар ҷумҳурӣ 530 адад муассисаҳои томактабӣ вуҷуд дошта бошанд, пас шумораи онҳо дар соли 2021, 696 ададро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2013, 169 адад зиёд мебошад.

Шумораи ҷалби кӯдаконро ба муассисаҳои томактабӣ тайи солҳои 2013-2021 дар диаграммаи зерин нишон медиҳем:

Диаграммаи № 2




Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки агар соли 2013 дар ҷумҳурӣ шумораи кӯдакони томактабӣ 80442 нафарро ташкил диҳад, пас шумораи онҳо дар соли 2021 101170 нафарро ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2013 20728 нафар зиёд мебошад.

Миқдори муассисаҳои томактабӣ ва шумораи кӯдакони ба он ҷалбгардидаро дар солҳои 2014-2021 дар ҷадвали зерин нишон медиҳем [108, с.6].

Ҷадвали № 5

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои томактабӣ Ҳамагӣ | 521 | 550 | 578 | 602 | 615 | 636 | 678 | 694 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Ширхоргоҳ | 7 | 5 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Ширхоргоҳ-кӯдакистон | 355 | 396 | 320 | 332 | 334 | 336 | 348 | 346 |
| Кӯдакистон | 157 | 142 | 247 | 262 | 267 | 286 | 300 | 116 |
| Кӯдакиистони муассисаи ибтидои | 8 | 7 | 9 | 7 | 13 | 13 | 13 | 13 |
| Кӯдакистони оилавӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Шумораи кӯдакон Ҳамагӣ | 80442 | 85777 | 92024 | 91081 | 93053 | 96578 | 97164 | 101166 |
| Аз ҷумла, кӯдакон дар: | | | | | | | | |
| Ширхоргоҳ | 721 | 598 | 219 | 103 | 122 | 110 | 109 | 104 |
| Ширхоргоҳ-кӯдакистон | 60630 | 67574 | 61184 | 60365 | 61785 | 63253 | 66897 | 62823 |
| Кӯдакистон | 17948 | 15658 | 29137 | 29161 | 29498 | 31442 | 33421 | 32524 |
| Кӯдакистон-муассисаи ибтидой | 1143 | 839 | 1484 | 1452 | 1648 | 1773 | 1748 | 1713 |
| Кӯдакистони оилавӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Шумораи умумии | 80442 | 85777 | 92024 | 91081 | 93053 | 96578 | 102175 | 97164 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| кӯдакистон | | | | | | | | |
| Аз онҳо духтарон | 36418 | 39137 | 40992 | 41004 | 41423 | 43317 | 45850 | 43840 |
| Писарон | 44024 | 46640 | 51032 | 50077 | 51630 | 53261 | 56325 | 53324 |
| Фарогирии кӯдакони 1-6-сола, фоиз | 12,2 | 9,0 | 9,1 | 9,2 | 9,3 | | 10,3 | |
| Фарогирии кӯдакони 3-6 сола, фоиз | 15 | 11,4 | 12,3 | 12,4 | 12,5 | 14,7 | 15,9 | |

Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ 694 муассисаи томактабӣ бо шумораи 101166 нафар бо таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд. Соли таҳсили 2014 бошад 521 муассиса бо шумораи 81585 нафар кӯдакон фаъолият менамуд. Агар дар муқоиса нисбат ба соли 2014 гирем муассисаҳои томактабӣ 173 адад ва миқдори тарбиятгирандагон 19581 нафар зиёд гардидааст.

Муассисаҳои томактабиро вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳо тайи солҳои 2012-2021 дар ҷадвали зерин нишон медиҳем [108, с.6].

Ҷадвали № 6

| Солҳо | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | | Кӯдакон (нафар) | Аз ҷумла | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шахр | Деҳот | | Шахр | Деҳот |
| ДАР ҶУМҲУРӢ | | | | | | |
| 2012-2013 | 451 | 323 | 127 | 74448 | 55971 | 10752 |
| 2013-2014 | 527 | 382 | 145 | 80442 | 66096 | 14346 |
| 2014-2015 | 550 | 387 | 163 | 85777 | 69884 | 15893 |
| 2015-2016 | 578 | 383 | 195 | 92024 | 73671 | 18353 |
| 2016-2017 | 602 | 401 | 201 | 91081 | 71811 | 19270 |
| 2017-2018 | 615 | 403 | 212 | 93053 | 73391 | 19662 |
| 2018-2019 | 636 | 417 | 219 | 96578 | 75348 | 21230 |
| 2019-2020 | 662 | 432 | 230 | 102175 | 79470 | 22705 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2020-2021 | 678 | 432 | 246 | 97164 | 75190 | 21974 |
| ВМКБ | | | | | | |
| 2012-2013 | 20 | 5 | 15 | 1497 | 705 | 792 |
| 2013-2014 | 20 | 5 | 15 | 1508 | 716 | 792 |
| 2014-2015 | 21 | 5 | 16 | 1613 | 775 | 838 |
| 2015-2016 | 22 | 5 | 17 | 1617 | 844 | 773 |
| 2016-2017 | 23 | 5 | 18 | 1828 | 857 | 971 |
| 2017-2018 | 26 | 6 | 20 | 1979 | 894 | 1085 |
| 2018-2019 | 26 | 6 | 20 | 2109 | 1002 | 1107 |
| 2019-2020 | 26 | 6 | 20 | 2079 | 969 | 1110 |
| 2020-2021 | 26 | 6 | 20 | 2141 | 1043 | 1098 |
| ВИЛОЯТИ ХАТЛОН | | | | | | |
| 2012-2013 | 109 | 94 | 15 | 12427 | 11455 | 972 |
| 2013-2014 | 117 | 93 | 24 | 13335 | 11290 | 2045 |
| 2014-2015 | 119 | 82 | 40 | 14497 | 11590 | 2907 |
| 2015-2016 | 128 | 81 | 47 | 15987 | 12178 | 3809 |
| 2016-2017 | 132 | 85 | 47 | 15139 | 11416 | 3723 |
| 2017-2018 | 136 | 85 | 51 | 14601 | 10756 | 3845 |
| 2018-2019 | 142 | 87 | 55 | 15482 | 11262 | 4220 |
| 2019-2020 | 152 | 92 | 60 | 16622 | 12126 | 4842 |
| 2020-2021 | 156 | 91 | 65 | 16268 | 11426 | 4842 |
| ВИЛОЯТИ СУҒД | | | | | | |
| 2012-2013 | 210 | 107 | 76 | 29507 | 21247 | 8260 |
| 2013-2014 | 219 | 140 | 79 | 33323 | 23668 | 9655 |
| 2014-2015 | 226 | 140 | 86 | 36132 | 25768 | 10364 |
| 2015-2016 | 237 | 134 | 103 | 38691 | 26895 | 11796 |
| 2016-2017 | 249 | 142 | 107 | 39930 | 27419 | 12511 |
| 2017-2018 | 252 | 142 | 110 | 40654 | 27920 | 12734 |
| 2018-2019 | 261 | 147 | 114 | 42282 | 28497 | 13785 |
| 2019-2020 | 272 | 153 | 119 | 44507 | 29486 | 15021 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2020-2021 | 276 | 153 | 123 | 40283 | 26399 | 13884 |
| ШАҲРИ ДУШАНБЕ | | | | | | |
| 2012-2013 | 109 | 109 | 0 | 23880 | 23880 | 0 |
| 2012-2013 | 109 | 109 | 0 | 24586 | 24586 | 0 |
| 2014-2015 | 119 | 119 | 0 | 25895 | 25895 | 0 |
| 2015-2016 | 122 | 122 | 0 | 27499 | 27499 | 0 |
| 2016-2017 | 125 | 125 | 0 | 25939 | 27499 | 0 |
| 2017-2018 | 125 | 125 | 0 | 27312 | 27312 | 0 |
| 2018-2019 | 132 | 132 | 0 | 27576 | 27576 | 0 |
| 2019-2020 | 134 | 134 | 0 | 29647 | 29647 | 0 |
| 2020-2021 | 136 | 136 | 0 | 29906 | 29906 | 0 |
| НТҶ | | | | | | |
| 2012-2013 | 60 | 39 | 21 | 7137 | 5659 | 1478 |
| 2013-2014 | 62 | 39 | 23 | 7690 | 5836 | 1854 |
| 2014-2015 | 62 | 41 | 21 | 7640 | 5856 | 1784 |
| 2015-2016 | 69 | 41 | 28 | 8230 | 6255 | 1975 |
| 2016-2017 | 73 | 44 | 29 | 8245 | 6180 | 2065 |
| 2017-2018 | 76 | 45 | 31 | 8507 | 6509 | 1998 |
| 2018-2019 | 75 | 45 | 30 | 9129 | 7011 | 2118 |
| 2019-2020 | 78 | 47 | 31 | 9320 | 7197 | 2123 |
| 2020-2021 | 84 | 46 | 38 | 8566 | 6416 | 2150 |

Аз ҷадвали дар боло овардашуда маълум мегардад, ки дар баробари шаҳрҳо миқдори муассисаҳои томактабии деҳот рӯ ба афзоиш доранд. Агар дар соли хониши 2012-2013 шумораи муассисаҳои томактабии дар деҳот буда 127 ададро ташкил дода, дар онҳо 10752 кӯдакон ҷалб гардида бошанд, пас дар соли таҳсили 2020-2021 шумораи муассисаҳои томактабӣ 246 ададро ташкил дода, ба онҳо 21974 нафар кӯдакон ҷалб гардидаанд. Агар дар муқоиса нисбат ба соли 2012-2013 гирем, 109 адад муассисаҳои томактабӣ зиёд гардида, шумораи хонандагони онҳо 11222 нафар низ зиёд гардидаанд.

Дар даврони Истиқлол вобаста ба амалӣ намудани «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ барои солҳои 2020-2025», корҳои зиёде ба анҷом дода шуд. Аз ҷумла, таъсиси марказҳои инкишофи кудак дар тамоми муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ ҷоннок гардиданд.

Рушди маркази кӯдакон ва зиёдшавии шуморат онҳоро дар диаграммаи зерин нишон медиҳем:

Диаграммаи № 3




Аз диаграммаи дар боло оварда шуда маълум мегардад, ки агар дар соли 2016 дар ҷумҳурӣ 1647 маркази кӯдакон амал карда бошад, пас дар соли 2021 миқдори онҳо 1789 нафарро ташкил медиҳад. Агар дар муқоиса нисбат ба соли 2016 гирем, шумораи маркази кӯдакон 142 адад зиёд гардидааст.

Диаграммаи № 4




Чӣ тавре ки аз диаграмма бармеояд, агар соли 2016 дар марказҳои рушди кӯдакон 2157 нафар кӯдакон ҷалб гардида бошанд, пас дар соли 2021 шумораи онҳо 2485 нафарро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2016 328 нафар кӯдакон бештар ба марказҳо ҷалб гардидаанд.

Таъмиру азнавсозӣ, баргардонидани биноҳои кӯдакистонҳо дар аксари шаҳру ноҳияҳо мувофиқи нақша ба пуррагӣ амалӣ нагардидааст. Баргардонидан, барқарор намудан ва таъмири муассисаҳои томактабӣ ба уҳдаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо вогузор шуда буданд, вале дар ин самт мақомоти дахлдор корҳои судмандро ба анҷом нарасониданд. Имрӯз дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ 140 ҳолати ғайримақсаднок истифода гардидани биноҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ ба назар мерасад. Ба нақша гирифтани масъалаи баргардонидани биноҳое, ки дорои шароити мусоид барои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ мебошанд, барои фарогирии бештари кӯдакон зарур аст.

Таърих собит сохтааст, ки асоси рушду нумуи шахсият, ҷамъият, давлат ва миллатро маориф ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии кишвар ба он сахт вобаста мебошад. Инкишофу пешрафт, дастовардҳо ва рушди ҷомеа ба туфайли муассисаву маориф ва

таълиму тарбия сурат мегирад. Аз ин хотир, таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи таърихи сарзамини тоҷикон аст, ки баррасии он яке аз проблемаҳои ҳалталаби руз ба шумор меравад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи таҳсилоти касбӣ чун зинаи аввали таҳсилот ва тайёр кардани мураббияҳо, мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ диққати махсус медиҳанд.

Хулоса. Ҳукумати мамлакат барои беҳтару хубтар гардонидани зинаи таҳсилоти томактабӣ моҳи октябри соли 2005 «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006 - 2010» [71]-ро қабул намуд. Қабули Барномаи мазкур кормандони соҳаи маориф ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро водор сохт, ки барои қавӣ намудани пояи моддӣ - техникӣ, аз нав сохтану барқарор кардан ва бозгардонидани иншоотҳое, ки бо сабабҳои гуногун фурӯхта шуда буданд, чораҳои амалӣ андешанд.

Агар соли 2013 муассисаҳои томактабӣ 527 ададро ташкил дода, дар онҳо 80442 нафар кӯдакон ҷалб гардида бошанд, пас, дар соли 2021 миқдори муассисаҳои томактабӣ ба 696 ва шумораи хонандагони онҳо бошад, 101170 нафарро ташкил доданд, ки дар қиёс нисбат ба соли 2013 169 муассиса ва шумораи кӯдакон 20728 нафар зиёд гардидаанд.

Дар баробари шаҳрҳо миқдори муассисаҳои томактабии деҳот рӯ ба афзоиш доранд. Агар дар соли хониши 2012-2013 шумораи муассисаҳои томактабии дар деҳот 127 ададро ташкил дода, дар онҳо 10752 кӯдакон ҷалб гардида бошанд, пас, дар соли таҳсили 2020-2021 шумораи муассисаҳои томактабӣ 246 ададро ташкил дода, ба онҳо 21974 нафар кӯдакон ҷалб гардидаанд. Дар муқоиса ба соли таҳсили 2012-2013, шумораи муассисаҳо 119 адад ва шумораи кӯдакон ба 11222 нафар зиёд гардидааст.

Ба муваффақиятҳо нигоҳ накарда ҳанӯз мушкилотҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии давлати камбудиҳо низ вуҷуд доранд:

- дар амал татбиқ намудани меъёрҳои маблағгузорӣ ва тартиби маблағгузории сарикасии муассисаҳои томактабӣ ба таври таҷрибавӣ, ки дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» инъикос гардидааст.

- дар гурӯҳҳои муассисаҳои томактабии шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз меъёр зиёд будани миқдори тарбиягирандагон;

- дар факултаҳои омӯзгории донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ давра ба давра зиёд намудани қабули довталабон оид ба таҳсили кӯдакони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ақлонӣ заиф ;

- кам фаро гирифта шудани кӯдакони синни томактабӣ бо муассисаҳои томактабӣ, риоя нагардидани дастрасӣ ва хуқуқи ҳар як кӯдак ба таҳсилоти томактабӣ;

- ба талабот пурра ҷавобгӯ набудани мутахассисон- мураббиён, мушовирон ва мудирони баландихтисоси дорои маълумоти олӣ, ки онҳо тибқи талаботи ҷомеа вазифаҳои худро иҷро намуда, дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, инноватсияи педагогӣ, роҳбарии илмӣ ва маркетинги соҳавиро ривоҷ диҳанд. Бояд таъкид намуд, ки дар соли таҳсили 2020-2021 кӯдакистонҳо ба 69 нафар мутахассиси соҳаи тарбияи мусиқӣ эҳтиёҷ доштанд.

## 2.2. Ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ

Бо ташаббус ва дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти давра ба давраи соҳаи маориф рушд намуда, ба комёбиҳои куллӣ ноил гардид. Дараҷаи дониши тарбиягирандагони томактабӣ тадриҷан беҳтар гардида истодааст. Чунин дастовардҳо имрӯз дар соҳаи маориф бисёранд. Вале дар баробари пешравиҳо дар фаъолияти раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, раёсату шуъбаҳо ва бахшҳои дастгоҳи Вазорати маориф ва илми кишвар, муассисаҳои тобеи он дар ин ҷода камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Масалан, иҷрои қисме аз бандҳои баъзе қарорҳои Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша- чорабиниҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданд, баъзе бандҳои барномаҳои дарозмуддату кӯтоҳмуддати ҳукуматӣ аз тарафи масъулини раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои дастгоҳи Вазорати маориф дар вақти муайншуда иҷро нагардидаанд.

Моҳи марти соли 1993 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак»-ро тасдиқ намуд. Конвенсияи мазкур ба таълиму тарбия ҷалб намудани тамоми қишрҳои ҷомеа новобаста аз миллат, мансубияти нажодӣ, дин ва мавқеи иҷтимоӣ доштанашро дарбар мегирифт.

Дар асоси таҳлили пешрафт ва мавҷудияти норасоиҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар кишвар, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давдатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби имкониятҳои ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ, бахши хусусӣ ва шахсони эҳсонкор доир ба таъсиси шаклҳои алтернативии муассисаҳои томактабӣ, таъмиру таҷдид ва таҷҳизонидани онҳо тадбирҳои муассир андешанд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол солҳои хониши 2015-2016 66 муассисаи томактабии хусусӣ фаъолият менамуданд, ки дар вилояти Хатлон 5 адад, Суғд - 29 адад, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ -8 адад ва дар шаҳри Душанбе 24 ададро ташкил медоданд. Бояд қайд кард, ки дар соли 2016 дар вилояти Суғд 5 адад, дар ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ - 5 адад ва дар шаҳри Душанбе 6 адад муассисаи таълимии хусусӣ мавриди истифода қарор дода шудааст [147, в.42].

Кормандони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ пайваста тасмим гирифтанд, ки таҳияи барномаҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ ва мураттаб намудани маводи методӣ барои таълиму тарбияи кӯдакони боистеъдоду болаёқат дар муассисаҳои томактабӣ, роҳҳои рушди зеҳнии кӯдакон дар деҳоти мамлакат ва таҷдиди назар намудани мазмуну

мундаричаи стандарт, барномаҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва ба дархости хонандаю ҷомеа мутобиқ ва мувофиқ намудани онҳо идома бахшанд [109, с.5].

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [100] чунин пешниҳод карда мешавад: «Аз соли 2010 то соли 2019 сатҳи фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ зиёда аз ду маротиба афзуда, зиёдшавии он идома дорад. Шумораи умумии кӯдакони то 7-сола аз соли 2000 то соли 2019 25,7% афзудааст. Фарогирии кӯдакони 3-6-сола ба таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 15,9%-ро ташкил дод. Дар сатҳи зарурӣ набудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таълимии томактабӣ, асосан, ба се омили калидӣ вобаста аст: а) дар сатҳи зарурӣ набудани дастрасӣ, махсусан дар деҳот; (б) набудани сифати зарурии хизматрасонӣ; (в) сатҳи камбизоатии аҳолӣ» [100, с.15].

Қайд кардан бамаврид аст, ки зиёдшавии муассисаҳои таълимии томактабӣ аз ҳисоби таъсиси муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ ба амал меояд. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф дар соли 2019 «дар ҷумҳурӣ 107 муассисаи таълимии томактабии хусусӣ фаъолият мекард. Ҳамасола аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ муассисаҳои таълимии томактабии нав сохта ва мавриди истифода қарор дода мешаванд. Суръати таъсиси муассисаҳои таълимии томактабии нав нисбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар сатҳи зарурӣ нест. Ин, пеш аз ҳама, ба гаронии арзиши аслии муассисаҳои таълимии томактабии будубоши рӯзона пурра алоқаманд аст. Сохтмону таҷҳизонидани стандартии муассисаҳои таълимии томактабӣ барои 150 ҷой қариб 8 млн сомонӣ, арзиши миёнаи солонаи хизматрасонӣ 380000 сомониро ташкил медод» [100, с.18].

Барои рушди ҳаматарафаи муассисаҳои томактабии хусусӣ устодони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ оиди дар амал татбиқ гардонидани «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ барои солҳои 2020-2025» [72] оид ба проблемаҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ, аз қабили: «Ҳамкории оила ҷомеа ва шаҳрвандон бо муассисаи

томактабӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони лаёқатдошта» [72] пажуҳиш гузаронида, аз натиҷаи таҳқиқоташон дар мавзуи «Имконияти педагогии инкишофи кудакони болаёқат дар муассисаҳои томактабӣ» ва «Ҳамбастагии оила, аҳли ҷомеа ва муассисаҳои томактабӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони рушдёфта» семинари илмӣ-методӣ баргузор карданд. Аз 03.05.2021 то 10.05 2021 ба вилояти Хатлон сафар карда, вазъи фаъолияти устодону кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳамзамон ҳолати иҷроиши стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабиро мавриди омӯзиш қарор дода, тавсияҳою маслиҳати методӣ доданд. Бояд қайд кард, ки кормандони шуъба дар гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи барномаҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ ва мураттаб намудани дастурҳои методӣ бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим саҳмгузор буда, барои ёрии методӣ расонидан ба тарбиятгарони муассисаҳои томактабӣ мақолаву дастурҳо, аз қабили «Хислатномаҳои фарқкунандаи таълим ва тарбия дар муассисаҳои томактабӣ», «Бози яке омилҳои муҳимми рушд додани нутқи кӯдакон» инчунин «Роҳҳои рушди мустақилияти кӯдакон дар ҷараёни таълим»-ро таълиф карданд. Аз 05.04.2021 то 09.04.2021 муассисаҳои томактабии ш. Ҳуҷанд ва ноҳияи Б. Ғафуров «Омода намудан, ба навор гирифтани маводи видеоӣ дар муассисаҳои томактабӣ барои падару модарон» дар гурӯҳҳои корӣ (асос: фармоиши ВМИҶТ аз 16.10.2021 №2193 ва фармоиши директори ПРМ таҳти рақами 200 аз 05.04.2021) фаъолият намуданд [109, с.10].

Мавриди зикр аст, ки кормандони шуъба дар семинарҳои доимо-амалкунандаи омӯзишӣ барои мудирони кӯдакистонҳо мунтазам иштирок намуда, 07.12.2021 дар кӯдакистони №44-и ноҳияи Шоҳмансур дар мавзуи «Роҳҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар зинаи аввали таълим» мизи мудаввар гузарониданд. Доир ба масъалаи таълиму тарбия дар кӯдакистон ва татбиқи Барномаи зикршуда як дастур бо номи «Дарёфт, тарбияи кӯдакони лаёқатманд ва боистеъдод» таҳия гардид.

Натиҷагирии вазъи хизматрасониҳоро вобаста ба муассисаҳои таълимии томактабӣ дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи то солҳои 2030» [100] ҳамаҷониба таҳқиқ карда шуда, чунин арзёбӣ гардидааст: «Арзёбии муассисаҳои таълимӣ ва хизматрасониҳои томактабӣ дар соли 2016 нишон дод, ки сифати хизматрасонӣ дар маҷмуъ, паст буда, байни марказҳои инкишофи кӯдакон ва муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои таълимии томактабии шаҳр ва деҳот, муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ ва хусусӣ тафовути назаррас ба мушоҳида мерасад. Ин таҳқиқот дар доираи лоиҳаи Шарикии глобалӣ дар соҳаи таҳсилот аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд оид ба арзёбии сифати хизматрасониҳо дар байни 73 муассисаи таълимии томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон гузаронида шуд. Таҳлил ҳамчунин нишон дод, ки мушкилот дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, давлатии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба ҳам монанданд. Муассисаҳои таълимии томактабӣ хусусӣ ва идоравӣ (соҳавӣ) ба шарофати муассисони онҳо дорои инфрасохтори нисбатан инкишофёфта буда, дар муқоиса бо муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ хизматрасониҳои босифат дошта, дар вазъияти беҳтар қарор доранд ва метавонанд кормандони нисбатан баландихтисосро ҷалб намуда, онҳоро бо маводи таълимӣ-методии босифат таъмин кунанд» [100, с.16].

Дар давраи таҳқиқшаванда дар аксарияти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ марказҳои инкишофи кӯдак таъсис дода шуданд, ки ҳанӯз ба талабот пурра ҷавобгӯ набуданд. «Масалан, дар ноҳияи Шаҳринав бояд 72 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак таъсис дода мешуд, аммо танҳо 36 муассисаи таълимӣ, 58 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 1405 нафар фаъолият дошт» [111, с.2].

Ҳамоҳангсозии кӯмаки машваратӣ ва методӣ ба оилаҳое, ки кӯдакони синну соли томуассисавиро дар хона тарбия мекунанд, доимоамалкунанда буда, дар маҳал корҳои фаҳмондадиҳиро бо модарон ба роҳ мондаанд.

Ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барномаҳои таълимӣ, дастури методӣ, маводи хониши китобҳои таълимӣ ва дигар ашёҳои таълим ба пуррагӣ дастрас гардидааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ

истифодаи филми аниматсионии «Сандуқчаи зулбиё» ба намуди фита (диск) таъмин карда шуда, тавассути DVD ба кӯдакон намоиш дода мешавад.

Дар соли 2020 бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия тибқи нақшаи чорабиниҳо боғчаи хусусии «Назокат» барои 120 нафар кӯдак бунёд гардида, ба истифода дода шуд. Ҳамзамон, тибқи нақша-чорабиниҳои шуъбаи маориф оид ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмону бунёди муассисаҳои томактабӣ ба нақша гирифта шудааст.

Мувофиқи имконияти мавҷуда айни ҳол дар боғчаи №1 2 ду гурӯҳи русӣ, дар боғчаҳои хусусии «Олами афсона», «Ғунчаи Истиқлол», «Назокат» дар маҷмуъ, 8 гурӯҳ бо омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ машғул мебошанд.

Пардохти музди меҳнати мураббияҳои марказҳои икишофи кӯдакон дар назди 36 муассисаҳои таълимӣ, ки дар 56 гурӯҳ фаъолият доранд, бо шартномаи дутарафа бо волидайн амалӣ карда мешавад.

Кӯдакистони томактабии ҶДММ «Олами афсона» аз моҳи июли соли 2018 фаъолияташро оғоз намуд. Он барои таълиму тарбияи 60 нафар кӯдак сохта шудааст. Дар кудакистон барои таълиму тарбияи кӯдакон ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудааст. «Дар як рӯз ба кӯдакон се маротиба хӯрокҳои гарми серғизо дода мешавад. Майдончаҳои бозӣ ва гурӯҳҳо бо таҷҳизотҳои зарурӣ муҷаҳҳаз мебошанд. Бо кӯдакон бозиҳои гуногун, аз қабили нақшдор, дидактикӣ, серҳаракат ва ором мунтазам гузаронида мешаванд» [110, с.1].

Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар ҷумҳурӣ соли 2021 200 муассисаи томактабии хусусӣ ва Марказҳои хусусии инкишофи кӯдак бо фарогирии 10593 нафар фаъолият менамуданд.

Мувофиқи маълумоти «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [100] «Шумораи кӯдакони синни аз 3 то 6 сола ба 1137400 нафар мерасад, ки нисбат ба соли 2015 – 255000 нафар

зиёд мегардад. Фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ бояд аз 15,9% то ба 40% расонида шавад» [108, с.12].

Дар давраи таҳқиқшаванда дар ҷумҳурӣ 60 муассисаҳои таҳсилоти томактабии хусусӣ, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе 20 адад, ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон 1 кӯдакистон бо фарогирии 315 нафар, дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 1 кӯдакистон бо фарогирии 200 нафар, дар шаҳри Истаравшан 1 кӯдакистон бо фарогирии 200 нафар, дар шаҳри Хуҷанд кӯдакистони «Хуршеди истиқлол» бо фарогирии 240 нафар, кӯдакистони «Меҳросо» бо фарогирии 200 нафар, кӯдакистони «30–солагии Истиқлол» барои 200 нафар, дар ноҳияи Рашт кӯдакистони «Ахтарак» барои 100 нафар, дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон кӯдакистони «Оиша» барои 210 нафар, дар ноҳияи Турсунзода кӯдакистони хусусӣ барои 100 нафар, дар ҷамоати Чоркӯҳи шаҳри Исфара «Сардорон» барои 120 нафар, дар маҳаллаи хати роҳи шаҳри Кӯлоб кӯдакистони «Ягона» барои 50 нафар, дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ кӯдакистони хусусӣ барои 34 нафар, дар шаҳри Душанбе кӯдакистони хусусии «Шаҳбоз-Муҳаммад» барои 80 нафар, дар ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе «Констофилт» барои 70 нафар, «Дунёи ширин» барои 50 нафар, дар ноҳияи Сино «Лонача» барои 50 нафар сохта, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Пешвои миллат мавриди сафари корӣ соли 2019 дар ноҳияи Сангвор ба бунёди кӯдакистони замонавии «Калидчаи заррин» барои 150 нафар кӯдакон санги асосиро тррезӣ намуданд.

Маврид ба ёдоварист, ки дар самти баргардонидан, барқарор намудан ва таъмири муассисаҳои томактабӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар натиҷаи корбарӣ як муассисаи назди хоҷагии деҳқонии «Тоҷикистон», ки аз фаъолият бозмонда буд, пас аз таъмиру барқарорсозӣ бо фарогирии 250 нафар кӯдак ба фаъолият шуруъ кард.

Дар ноҳияи Турсунзода, дар деҳаи Шаҳрисабзи ҷамоати Регар барои 80 нафар кӯдак, дар деҳаи Аскаралӣ Мирзоеви ҷамоати Ҷӯра Раҳмон барои 100

нафар кӯдакистонҳои аз фаъолият бозмонда пас аз таъмиру азнавсозӣ ба фаъолият шуруъ карданд.

Яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ ин таъмини кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ мебошад. Беҳтар шудани сифати таълиму тарбия маҳз аз фаъолияти омӯзгори донишманду варзида вобастагӣ дорад.

Дар муассисаҳои таълимии томактаби давлатӣ соли хониши 2019-2020 ҳамагӣ 8299 устодон фаъолият менамуданд. Мувофиқи асноди меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таълимии томактабӣ кулли устодони муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ё олии касбии омӯзгорӣ дошта, бо дониши психологии томактабӣ ва педагогикаи базавии коррексионӣ мусаллаҳ бошанд [100, с.17].

Дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, махсусан хусусӣ ҳайати кадрӣ мақоми асосиро ишғол менамояд, зеро бе омӯзгори варзида ва мураббии пуртаҷриба наметавон фаъолияти таълимию тарбиявии кӯдаконро дар муассисаҳо инкишоф дод. Бинобар ин, шумораи кормандони муассисаҳои томактабии хусусӣ дар Ҷумҳурӣ фаъолият доштаро соли 2021 дар ҷадвали зерин нишон медиҳем:

Ҷадвали № 7

| Номгӯй | Шумораи омӯзгорон | | Аз ҷумла, бо таҳсилот | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | олӣ (Омӯзгор) | | Олӣ | | Олии нопурра | | Миёнаи касбӣ | | Миёнаи касбӣ (омӯзгорӣ) | | Миёнаи умумӣ | |
| | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон |
| ДАР ШАҲРУ ДЕҲОТ | | | | | | | | | | | | | | |
| Мудир | 104 | 97 | 51 | 47 | 38 | 36 | 2 | 2 | 5 | 5 | 5 | 5 | 3 | 2 |
| Муовини мудир | 7 | 7 | 3 | 3 | 2 | 2 | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 |
| Сармураббӣ | 30 | 28 | 12 | 12 | 4 | 4 | 2 | 1 | 6 | 6 | 6 | 4 | 0 | 0 |

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Омӯзгор | 62 | 53 | 26 | 25 | 20 | 18 | 4 | 2 | 7 | 3 | 5 | 3 | 0 | 0 |
| Мураббӣ | 320 | 320 | 106 | 106 | 68 | 68 | 18 | 17 | 55 | 57 | 69 | 69 | 4 | 4 |
| Ёрдамчии мураббӣ | 250 | 249 | 10 | 10 | 5 | 5 | 14 | 15 | 38 | 38 | 18 | 17 | 163 | 162 |
| Доя | 20 | 20 | 4 | 4 | 1 | 1 | 2 | 1 | 3 | 3 | 0 | 0 | 10 | 10 |
| Ҳамагӣ | 793 | 774 | 212 | 207 | 138 | 134 | 43 | 39 | 114 | 112 | 104 | 99 | 182 | 180 |

Тавре, аз ҷадвал бармеояд, дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 793 нафар тарбиятдиҳандагон ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул буданд, ки аз ҷумлаи онҳо 774 нафарро занон ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 209 нафари онҳо бо маълумоти олии омӯзгорӣ, 134 нафар бо маълумоти олӣ, 40 нафар бо маълумоти олии нопурра, 112 нафар бо маълумоти миёнаи касбӣ, 99 нафар бо маълумоти миёна фаъолият менамуданд [91, с.173].

Шумораи кормандони муассисаҳои томактабии хусусӣ, ки дар шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020 фаъолият менамуданд, чунинанд:

Ҷадвали № 8

| Номгӯй | Шумораи омӯзгорон | | Аз ҷумла, бо таҳсилот | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Олӣ (Омӯзгор) | | Олӣ | | Олии нопурра | | Миёнаи касбӣ | | Миёнаи касбӣ (омӯзгорӣ | | Миёнаи умумӣ | |
| | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон |
| ДАР ШАҲР | | | | | | | | | | | | | | |
| Мудир | 773 | 68 | 445 | 441 | 119 | 119 | 12 | 12 | 33 | 33 | 22 | 22 | 02 | 01 |
| Муовини мудир | 85 | 55 | 22 | 12 | 22 | 02 | 01 | 01 | 20 | 20 | 20 | 20 | 00 | 00 |
| Сармураббӣ | 222 | 220 | 58 | 58 | 23 | 23 | 02 | 02 | 34 | 34 | 75 | 73 | 30 | 30 |
| Омӯзгор | 557 | 249 | 227 | 124 | 117 | 116 | 04 | 02 | 36 | 24 | 73 | 53 | 50 | 30 |
| Мураббӣ | 2258 | 2258 | 996 | 996 | 446 | 446 | 116 | 116 | 552 | 552 | 444 | 444 | 44 | 44 |
| Ёрдамчии мураббӣ | 2202 | 2200 | 110 | 110 | 12 | 12 | 115 | 115 | 331 | 331 | 112 | 111 | 1132 | 1131 |

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Доя | 117 | 117 | 06 | 06 | 00 | 00 | 01 | 01 | 21 | 21 | 10 | 10 | 59 | 49 |
| Ҳамагӣ | 6634 | 6617 | 1194 | 1187 | 889 | 888 | 441 | 339 | 997 | 995 | 666 | 663 | 114 7 | 114 5 |

Таҳқиқи ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки дар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ҳамагӣ 634 нафар дар муассисаҳои томактабӣ кормандон фаъолият менамуданд, ки аз ҷумлаи онҳо 617 нафарро занон ташкил медиҳанд: бо маълумоти олии омӯзгорӣ 187-нафар, бо маълумоти олӣ 88 нафар, бо маълумоти олии нопурра 39 нафар, бо маълумоти миёнаи касбӣ 95 нафар, бо маълумоти миёнаи касбии омӯзгорӣ 63-нафар, бо маълумоти миёнаи умумӣ 145 нафар [91, с.174].

Шумораи кормандони муассисаҳои томактабии хусусӣ, ки дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ соли 2021 ба таълиму тарбияи кӯдакон машғуланд, дар ҷадвали зер оварда мешавад:

Ҷадвали № 9

| Номгӯ | Шумораи омӯзгорон | | Аз ҷумла, бо таҳсилот | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Олӣ (Омӯзгор) | | Олӣ | | Олии нопурра | | Миёнаи касбӣ | | Миёнаи касбии (омӯзгорӣ | | Миёнаи умумӣ | |
| | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон | Ҳамагӣ | Занон |
| ДАР НОҲИЯҲО ВА ҶАМОАТҲО | | | | | | | | | | | | | | |
| Мудир | 331 | 229 | 66 | 66 | 119 | 117 | 00 | 00 | 02 | 22 | 23 | 33 | 11 | 11 |
| Муовини мудир | 22 | 22 | 11 | 11 | 00 | 00 | 00 | 00 | 00 | 00 | 11 | 11 | 00 | 00 |
| Сармураббӣ | 88 | 88 | 44 | 44 | 11 | 11 | 00 | 00 | 22 | 22 | 11 | 11 | 00 | 00 |
| Омӯзгор | 55 | 44 | 11 | 11 | 33 | 22 | 00 | 00 | 11 | 11 | 00 | 00 | 00 | 00 |
| Мураббӣ | 665 | 665 | 110 | 110 | 222 | 222 | 22 | 22 | 55 | 55 | 225 | 225 | 11 | 11 |
| Ёрдамчии мураббӣ | 449 | 449 | 00 | 00 | 33 | 33 | 00 | 00 | 77 | 77 | 66 | 66 | 333 | 333 |
| Доя | 66 | 66 | 00 | 00 | 31 | 31 | 00 | 00 | 22 | 22 | 00 | 00 | 33 | 33 |
| Ҳамагӣ | 116 6 | 116 3 | 22 | 222 | 449 | 446 | 22 | 22 | 119 | 119 | 336 | 336 | 338 | 338 |

Аз нишондоди ҷадвал маълум мегардад, ки дар ноҳия ва ҷамоатҳои ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ 166 корманд фаъолият менамоянд, ки 163 нафари онҳоро занҳо ташкил медиҳанд. Кормандоне, ки вобаста ба дараҷаи маълумот ба ҳайси мудир, муовини мудир, сармураббӣ, омӯзгор, мураббӣ, ёрдамчии мураббӣ, доя фаъолият менамоянд чунин аст: бо маълумоти олӣ (омӯзгор) 22 нафар, олӣ 49-нафар, олии нопурра 2 нафар, миёнаи касбӣ 19 нафар, миёнаи касбии омӯзгорӣ 36 нафар, миёнаи умумӣ 38 нафар.

Моҳи октябри соли 2021 дар анҷумани омӯзгорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мураббияи кӯдакистони ноҳияи Вахши вилояти Хатлон бо нишони сарисинагии аълочии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сарфароз гардонида шуд.

Мутахассисони самти таҳсилоти томактабӣ, махсусан мутахассисони муассисаҳои томактабии хусусӣ бо воситаҳои ахбори омма низ ҳамкориро ба роҳ монда, ҷиҳати тарғиби таълиму тарбияи томактабӣ ва инъикоси дастовардҳои таълимии томактабӣ, нақши амалишавии барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳа корҳои зеринро роҳандозӣ намуданд:

- дар шабакаи телевизионии «Баҳористон» дар барномаи «Сухани рӯз» роҷеъ ба мавзуи «Нақши муассисаҳои томактабӣ дар рушди кӯдакони синни томактабӣ», барнома дар ҳаҷми 35 дақиқа интишор гардид;

- дар радиои Тоҷикистон дар барномаи «Маърифат» вобаста ба муваффақият ва мушкилот дар самти фаъолияти муассисаҳои томактабӣ суҳбат дар пахши мустақим анҷом дода шуд.

Хулоса. Дар давраи таҳқиқшаванда давлат барои пешрафти соҳаи мазкур тадбирҳо андешида, сол ба сол ба муваффақият ноил гардид. Бо ҳадафи ба тартиб даровардани фаъолияти муассисаҳои томактабӣ нахуст дар даврони соҳибистиқлолӣ «Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ» таҳия гардид. Бевосита, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 - юми июли соли 2009, ҳамзамон «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ» ба тасвиб расид.

Бо мақсади ба роҳ мондани намуди нави алтернативии таҳсилоти томактабӣ бо қарори мушовараи Вазорати маориф 1 - уми декабри соли 2009 «Дастурамали намунавии маркази инкишофи кӯдакон» тасдиқ гардид. Ҳамагӣ соли хониши 2010-2011 дар мамлакат 40 Маркази инкишофи кӯдакон фаъолият дошт, ки дар онҳо 900 нафар кӯдак ба таълиму тарбия ҷалб гардида буданд.

Ба пешравии бемайлони системанокӣ муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз ислоҳоти он ва муваффақиятҳои мавҷуда, бархе аз камбудиҳо дар фаъолияти онҳо ба чашм мерасанд, ки асосиашон инҳоянд:

- бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ таъмин намудани муассисаҳои томактабии хусусӣ;

- ниёз доштани биноҳои кӯдакистонҳо ба таъмири асосӣ, ба талаботи ҳолати беҳдоштӣ-санитарӣ ҷавобгӯ набудани баъзе аз муассисаҳои томактабии хусусӣ, махсусан дар деҳот;

-мақомоти маҳаллии ҳокимиятҳои давлатӣ вазифадоранд , ки барои мустаҳкам намудани заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои томактабии хусусӣ ёрии амалӣ расонанд;

- биноҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабии хусусиро дар шароити муосир вусъат додан шарт ва зарур аст;

- вуҷуд надоштани барномаҳои таълиму тарбияи вариантивӣ, ки тавонанд хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маънавӣ, таърихию этникиро фарогир бошанд, то онҳо дар бунёди кӯдакистони миллӣ замина гузошта тавонанд;

- таъмин нагардидани тайёрии пеш аз томактабии кӯдакон ба таҳсилоти мактабӣ;

- рушд наёфтани шаклҳои нави муассисаҳои томактабии оилавии хусусӣ, ки маблағгузории онҳо аз тарафи шахсони сарватманд, соҳибкорон таъмин мегардад;

- омода гардонидани барномаҳои нави алтернативӣ, таъмини маводи таълимӣ, барномаю дастурҳои нави методӣ, муҳайё гардонидани шароити хуби корӣ барои кормандону омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии мамлакат.

- тайёр кардани кормандони педагогии муосир, ки талаботи кӯдакон ва кӯдакистонҳоро қонеъ гардонида, минбаъд ба корҳои методӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияи педагогӣ машғул шуда тавонанд.

# БОБИ III. ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ НАВ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

## 3.1. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии худ ба рушду нумуи соҳаи илму маориф ва умуман, неруи ақлонӣ диққати аввалиндараҷа дода меояд. Дар ҳамин раванд, Пешвои миллатамо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳли илму маориф ва қувваҳои солими зеҳниро хазинаи тиллоии миллат номида, дар ҳама маврид донишу таҷриба ва таклифу пешниҳоди онҳоро самаранок истифода мебарад. Чунки ҳеҷ як қувваи дигар чун илму маориф ба пешравии ҷомеа таъсир расонда наметавонад. Ҳалли дурусти ин масъала дар паёмҳои ҳамасолаи Президенти кишвар, Пешвои миллат ба таври возеҳу равшан дарҷ гардида, тасдиқи худро ёфта истодааст.

Масъалаи рафти бозсозии низоми соҳаи маориф идома ёфта, бештар ба масъалаҳои ислоҳот диққат дода мешуд. Дар ин давра проблемаи тартиб додани Консепсияи нави таҳсилот ба миён гузошта шуд, ки дар натиҷа, зарурияти тартиб додани нақшаю барномаҳои таълим ва дастуру китобҳо аз нигоҳи нав ба вуҷуд омаданд.

Дар ин давра шумораи муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот афзоиш ёфт ва дар раванди таълиму тарбия низ тағйирот ба амал омад. «Масалан, соли таҳсили 1990-1991 дар ҷумҳурӣ қариб 115 муассисаи беруназмуассисавӣ, бештар аз 3100 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 42 муассисаи миёнаи махсус фаъолият менамуд. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 158 ҳазор нафар хонанда ба таҳсил машғул буданд» [122, с.123].

Пас аз табаддулоти августии соли 1991 Иттиҳоди Шуравӣ барҳам хӯрд. Ҷумҳуриҳои собиқ, аз ҷумла, Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 мустақилияти худро эълон намуд. Баробари ба даст овардани мустақилият Тоҷикистон дар ҳолати ниҳоят вазнини сиёсию иҷтимоӣ қарор дошт. Кишвар, ки амалан ҷумҳурии камрушд ва дорои мушкилоти ниҳоят зиёди

иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва коммуникатсионии собиқ шуравӣ буд, бо фурӯпошии он ба вазъи сангинтар гирифтор шуд. Ҳамзамон, афзоиши рӯзафзуни дахолати қувваҳои муайяни давлатҳои хориҷӣ ба ҳамдастии фаъоли баъзе гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар дохили кишвар омили шиддати бесобиқаи бӯҳрони сиёсӣ ва табдили он ба ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми ноябри соли 1992 бо дастгирии вакилони мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд. Барои пойдории сулҳ ва амнияти кишвар чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Дар чунин шароити ниҳоят вазнин ва ҳассос Эмомалӣ Раҳмон дар рафти Иҷлосияи таърихии XVI чунин таъкид намудаанд: «Ман оғози кори худро аз сулҳ оғоз хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд дар ором кардани вазъият ҳамдами якдигар бошем» [87].

«Соли хониши 1992-1993 дар ҷумҳурӣ 2718 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ амал мекарданд, ки теъдоди хонандагон 1 млн. 386 ҳазор нафарро ташкил мекард ва аз нақша 54 ҳазору 800 нафар кам буд» [122, с.123]. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар синфҳои 1-5 мазмуну мундариҷаи маълумот пурра тағйир ёфта, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли хониши 1992-1993 дар асоси Консепсияи муассисаи миллӣ нақшаҳои таълимиро дар 3 нусха таҳия намуда, бо тавзеҳоти васеъ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод намуд. Вобаста ба тағйироти мазмуну мундариҷаи маълумот ва нақшаҳои нави таълимӣ фанҳои нави «Санъат ва меҳнат» дар синфи 1-4, «Таърихи халқи тоҷик ва умумӣ» ҷорӣ гардида, омӯзиши фанни «Ҳуруфот ва матни классикӣ» дар синфҳои 3-4 идома ёфта, дар синфи 5 низ ба роҳ монда шуд.

Соли 1992 дар соҳаи маориф қисме аз чорабиниҳои банақшагирифташуда иҷро нагаштанд. Пажуҳиш нишон дод, ки ибтидои соли хониши 1992-1993 дар шаҳри Душанбе, бархе аз ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон

ва дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи умумӣ дарсҳо қатъ гардиданд. Муаллимон ва шогирдони зиёде фирор карданд ва ё ба ҳалокат расиданд. Ин ҳолат низому раванди таълиму тарбияро дар ҳамаи намуди зинаҳои таҳсилот халалдор намуд.

Пас аз иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, моҳи ноябри соли 1992 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав барқарор карда шуд ва садҳо проблемаҳо дар назди роҳбарияти нав интихобшуда буданд, ки яке аз онҳо соҳаи маориф ба ҳисоб мерафт. Дар ҳамин давраи ҳассос ва мураккаб Эмомалӣ Раҳмон (Раҳмонов) Сарвари кишвар интихоб гардид, ки барояш ҳалли ин мушкилиҳо осон набуд.

Таъсиси комиссияи оштии миллӣ соли 1997 яке аз икдомҳои дурандешона ва такрорнашавандаи Сарвари давлат буд, ки дар оянда сулҳу оромиро дар кишвар таъмин намуд. Ҳалли ҳамаи ин мушкилот ба як нафар ҷавони ба арсаи сиёсат нав қадамгузошта осон набуд. Аммо ҷасорат, матонат, ҳисси баланди масъулияти роҳбарӣ ва эҳтирому садоқат ба Ватан, ин сарзамин, ин хоку бум Эмомалӣ Раҳмонро водор намуд, ки шабонарӯзӣ меҳнат намояд, дар сатҳҳои баланди байналмилалӣ баромад кунад ва Ватани азизашро аз вартаи парокандашавӣ ва гирдобҳои даҳшатбори сиёсӣ озод намояд. Ин характери шахсияти ватандӯст ва ватанпарварро ифода менамуд ва мушкилоти ҳаррӯза ва саривақт ҳал намудани онҳо Эмомалӣ Раҳмонро ба як чеҳраи тобноки сиёсии дохиливу байналмилалӣ табдил дод. Ин боис гардид, ки давра ба давра вазъи сиёси ҷумҳурӣ ба эътидол ояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки соли хониши 1993-1994 дар аксарияти муассисаҳои таълимӣ машғулиятҳо оғоз гардиданд. Солҳои номбурда иштироки хонандагон ба дарсҳо дар баъзе минтақаҳо аз 60 то 75% ва дар маркази кишвар-шаҳри Душанбе то 92%-ро ташкил медод.

Ба ҳолати ниҳоят вазнини сиёсию иқтисодии мамлакат нигоҳ накарда, Сарвари давлат барои рушди муассиса-интернатҳо диққати махсус дод ва бо дастури ӯ дар шаҳру ноҳияҳои мухталиф муассисаҳои типи нави муассиса-интернатҳо таъсис меёфтанд. Дар назди муассисаҳо ташкил намудани

хобгоҳҳо ва ба муассиса ҷалб кардани кӯдакон низ яке аз афзалиятҳои соҳаи маориф ба шумор мерафт.

«Чунончи, агар соли 1991 теъдоди муассисаҳои интернатӣ ҳамагӣ 38-торо ташкил мекард, соли 1996 ин рақам ба 44-то расид, ки ба 7-тои он мақоми ҷумҳуриявӣ дода шуд. Соли хониши 1997-1998 бошад, шумораи муассиса-интернатҳо ба 48 адад расид, ки аз ин 13-тоаш мақоми ҷумҳуриявиро касб намуд» [239, с.95].

Эмомалӣ Раҳмон ҳолати вазнини мактаб-интернатҳоро дарк намуда, барои беҳтар намудани фаъолияти онҳо масъулони давлативу ғайридавлатиро вазифадор намуданд, ки ба ин муассисаҳо кумак намоянд. 17 апрели соли 2008 Сарвари муҳтарами мамлакат зимни суханрониашон ҳангоми ба истифода додани бинои дуюми хона интернати кӯдакони Чорбоғ иброз доштанд: «Воқеан, ғамхорӣ дар ҳаққи кӯдакони ятиму бепарастор ва маъюб, бахусус, фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагӣ ва тарбияи онҳо ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумат қарор дорад ва мо минбаъд низ тамоми тадбирҳоро меандешем, ки онҳо дар муҳити мусоид ва шароити шоиста зиндагӣ дошта бошанд» [52].

Вазъи фаъолияти мактаб-интернатҳои ҷумҳуриро солҳои 2008-2011, ки дар онҳо асосан хонандагони ятиму бепарастор таҳсил менамуданд, мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Мактаб-интернати ноҳияи Вахш. «Дар муассиса-интернати ноҳияи Вахш солҳои таҳсили 2008-2009 271 нафар хонандагон, аз ҷумла, 77 нафар духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд. Таълимгирандагони муассисаи дар боло зикргардида ҳуҷҷатҳои расмии худро, аз ҷумла нусхаи шаҳодатномаи таваллуд, роҳхат, маълумотномаҳои ҷойи истиқомат, саломатӣ, нусхаи фавти падар ё модар тайёрро намуда, дар асоси амри раиси ноҳия ба мактаб-интернат дохил гардида буданд» [127, в.88].

Дар давраи таҳқиқшаванда 6 нафар хонандагони ятими танҳо дар муассисаи мазкур таҳсил менамуданд. Ҳамаи онҳо аз ноҳияи Вахш буда, дар муассиса-интернат зиндагӣ менамуданд. Нисбати онҳо эътибори махсус дода

мешуд. Рӯйхат ва маълумот дар бораи онҳо пурра таҳия гардида, дар ҷузвдон нигоҳдорӣ карда мешуданд. Таълимгирандагони муассиса аз чизе шикоят надоштанд. Барои таҳсили хонандагон ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Синфҳои технологияи информатсионӣ, физика, устохонаҳои дуредгарӣ, дӯзандагӣ, рӯзгордорӣ бо тамоми таҷҳизоти нав (22 адад компютер ва 6 адад принтер, парма, арра, зарфҳо, технологияи барқӣ, мошинаҳои дарздӯзии барқӣ) таъмин буданд.

«Дар муассиса-интернати мазкур ҳамчунин хобгоҳ (барои 260 нафар), ошхона (дорои 100 ҷойи нишаст), ҳаммом, хонаи ҷомашӯӣ, бунгоҳи тиббӣ (бо кадрҳои соҳибихтисос таъмин буд) амал мекарданд» [127, с.83]. Толори варзишӣ низ ҷиҳозонида шудааст, ки дар он ҷо асосан, дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида мешавад.

Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи ба номи Ҷалолиддини Балхӣ. Дар муассиса-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 221 нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд, ки аз онҳо 9 нафар ятими танҳо, 74 нафар бепадар, 19 нафар бемодар, 61 нафар аз оилаҳои ҷудошуда, 44 нафар аз оилаҳои камбизоат, 8 нафар маъюб, 6 нафар аз оилаҳое, ки яке аз волидон маҳбус шудаанд.

Шароити моддию маишии таълимгоҳ хуб буда, тарбиятгирандагон аз кору рафтори омӯзгорону мураббиҳо розӣ буданд. Хобгоҳи хонандагон тоза буда, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Аксарияти ятимони танҳо касби худро интихоб намуда буданд ва дар оянда мехостанд, ки донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бошанд. Ҳамзамон, ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур сарпарасти муассиса «Тоҷикистандарт» ва маъмурияти муассиса нақшаи худро тарҳрезӣ намуда буданд.

«Дар муассисаи таълимӣ рӯйхати ятимони танҳо тартиб дода шуда, бо онҳо дар алоҳидагӣ корбарӣ намудаанд. Сатҳи дониши тарбиятгирандагон низ бад набуд» [130, в.101].

Ҳуҷҷатнигорию ҳуҷҷатгузории муассиса ба талабот мувофиқ буда, камбудиҳои ҷузъии парвандаҳои шахсии хонандагон дар ҷояш ислоҳ карда шуданд. Ҳамаи таълимгирандагон дар асоси роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълимгоҳ қабул шуда буданд.

Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод муассисаи таълимии давлатӣ буда, аз соли 1953 ҳамчун муассиса-интернати ҷумҳуриявии барои кӯдакони ятим, бесаробон ва кӯдакон аз оилаҳои камбизоат фаъолият мекунад.

Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2006, №594 номи муассисаи таълимӣ «муассиса-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим» мебошад. Таҳқиқ нишон дод, ки дар муассиса-интернати дар боло зикршуда вазъи ҳуҷҷатгузорӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ буда, парвандаҳои шахсии хонандагон дар ҷузвдонҳои алоҳида синф ба синф ҷой дода шудаанд.

«Соли таҳсили 2001-2002 дар муассиса-интернат ҳамагӣ 86 нафар тарбият-гирандагон таҳсил намуда бошанд, ки аз миқдори умумии онҳо 10 нафарро ятим, 42 нафарро бепадар, 10 нафарро бемодар, 12 нафарро падарҷудо ва 10 нафарро камбизоатон ташкил намоянд, пас дар соли таҳсили 2010-2011 бошад, дар муассиса-интернат ҷамъ 186 нафар тарбиягирандагон, ки аз ин 4 нафар ятим, 57 нафар бепадар, 9 нафар бемодар, 59 нафар падарҷудо, 27 нафар камбизоат ва 30 нафар, ки дар маҳали зисташон муассиса нест, ба таълим фаро гирифта шуда буданд» [130, в.117].

Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Шаҳринав. Дар муассиса-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Шаҳринав 268 нафар тарбиягирандагон таҳсил ва истиқомат менамоянд, ки 15 гурӯҳи таълимиро ташкил медиҳанд (аз синфи 1 то синфи 11). Тарбиягирандагон қариб аз ҳамаи гӯшаю канори ҷумҳурӣ қабул гардида (ба истиснои ВМКБ), 74 нафарашон духтарон ва 224 нафарашон писарон мебошанд.

Ҷадвали № 10

| Т/р | Шумораи умумӣ | Шароити оилавӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|

| Синф | Ятим | Бепадар | Бемодар | Камбизот | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 9 | 8 | 7 | |
| 2 | 3 | 8 | 6 | 6 | |
| 3 | 2 | 8 | 7 | 8 | |
| 4 | 2 | 6 | 9 | 5 | |
| 5 | 2 | 7 | 5 | 9 | |
| 6 | 2 | 5 | 6 | 6 | |
| 7 | 3 | 6 | 10 | 8 | |
| 8 | 2 | 7 | 8 | 7 | |
| 9 | 3 | 9 | 7 | 6 | |
| 10 | 2 | 6 | 6 | 11 | |
| 11 | 4 | 10 | 9 | 15 | |
| Ҷамъ | 27 | 81 | 72 | 88 | 268 |

Мавриди зикр аст, ки дар муассиса-интернати мазкур ҳолати хуҷҷатгузорӣ оид ба тарбиягирандагон бо тартиби муайян ба роҳ монда шудааст. Аз ҷониби масъулини муассиса ҷузвдонҳои алоҳида омода гардидаанд, ки дар онҳо роҳхатҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо, мактубҳои воридотӣ ва содиротӣ, фармонҳои директор ва ҳуҷҷатҳои шахсии тарбиягирандагон нигоҳдорӣ шудаанд.

«Соли 2009 - 13 нафар (2 нафар ятим) муассиса-интернатро хатм намуданд, ки аз ин шумора 1 нафар хонанишин буда, 1 нафар ба сифати муаллимаи технологияи информатсионӣ дар муассисаи № 4-и ноҳия фаъолият дорад» [130, в.176].

Қайд кардан бамаврид аст, ки таи солҳои 1999-2000 дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии давлати тоҷикон дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Обрӯ ва эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ беш аз пеш афзуд. Иқтисодиёт рӯ ба тараққӣ оварда, илму фарҳанг, адабиёту маориф инкишоф ёфт, сатҳи зиндагӣ ва маърифатнокии мардум баландтар гашт. Соли 1999 аз ибтидо то интиҳо соли таҷлили ҷашни бошукӯҳи 1100-солагии давлати Сомониён буд. Дар ин сол корвони маърифати Вазорати маориф ба аксари шаҳру ноҳияҳо сафар карда, ба аҳли маорифи ин маҳалҳо ба ғайр аз ёрии методию амалӣ бо дастгирии созмонҳои

байналхалқӣ ва аз ҳисоби маблағгузориҳои ғайрибуҷавии бисёршабака ба андозаи 25 миллион рубл кумаки моддӣ расонид.

Таҳқиқ нишон дод, ки фаъолияти пурсамари муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷалби хонандагон ба маҳфилҳо, аз ҷумлаи олимпиадаву шабнишиниҳо, озмунҳо, мусобиқаҳо, викторинаҳо ва маҳфилҳо ба шумор меравад. Чунин тарзи кор ба хонандагон имкон медод, ки донишҳои назариявӣ, амалӣ ва маънавии худро ҳаматарафа инкишоф диҳанд [302, с.55].

Тибқи нақшаи дурнамои экспедитсия солҳои 1997, 1999, 2000 дар шаҳрҳои Панҷакент, Душанбе ва дараи Қаратоғ слёти 2-юми бостоншиносони наврас, слёти ҷумҳуриявии сайёҳон-кишваршиносони наврас аз рӯи ҷамъбасти экспедитсияи XII хонандагон ва мусобиқаи X сайёҳони наврас гузаронида шуданд.

Бо таъсиси ташкилоти худихтиёрии Созмони талабагӣ фаъолияти корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. «Тасдиқи Низомномаи созмон (1996) ва гузаронидани Конференсияи 1-уми Созмони талабагӣ (25-26 феврали соли 2000) ба фаъолияти минбаъдаи кори ин созмон такони ҷиддие бахшид» [144, в.148].

Проблемаи ба сатҳи баланд бардоштани сифати таълими хонандагон, аз кадрҳои баландихтисос ва дорои ахлоқи ҳамида будаи даврони муосир алоқамандии зич дорад [293, с.3-13]. Аз ин нуқтаи назар, саҳми Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос барои ҳалли масъалаи мазкур мавқеи калидӣ дорад. Бинобар ин сабаб, ба риштаи таҳлил кашидани он аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Вазифаи асосии донишкадаи мазкур мувофиқи нақшаи тасдиқнамуда бо сифати баланд гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси роҳбарону омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

«Дар асоси нақшаи солонаи курсу семинарҳои донишкада дар соли 2007 144 курсҳои такмили ихтисос бо иштироки 3328 шунаванда бояд гузаронида мешуд, вале мутаассифона, дар ин муддат танҳо 105 курсҳо гузаронида

шудаанд ва дар онҳо 2540 нафар кормандони соҳа иштирок намуданд, ки фарогирӣ ба курсҳо 85 фоизро ташкил менамуд» [86].

Курсҳои такмили ихтисос, асосан дар маҳалҳо ба таври сайёр гузаронида мешаванд. Камбудии асосӣ дар он аст, ки аз ин миқдори ночизи ба нақша гирифташуда қисме аз омӯзгорон иштирок намекунанд. Масалан, дар курсҳои такмили ихтисоси ноҳияи Файзобод аз 100 нафар танҳо 72 нафар, дар ноҳияи Шаҳринав аз 175 нафар танҳо 120 нафар фаро гирифта шудаасту халос.

Масъалаи фарогирии роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба курсҳои такмили ихтисос ташвишовар аст. «Дар нуҳ моҳи соли 2008 бояд 600 нафар роҳбарони муассисаҳо ба чунин курсҳо фаро гирифта мешуданд, мутаассифона, 338 нафари онҳо ҷалб шудаанду халос, ки танҳо 56 фоизро ташкил мекунад. Махсусан, ҷалби роҳбарони муассисаҳо аз ноҳияҳои Турсунзода, Файзобод, Роғун, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Ҳисор, Тавилдара ва вилояти Суғд ташвишовар буд» [148, в.35].

Раванди ислоҳоти ҳадафноки пайгиронаи соҳаи маориф, дар сиёсати Ҳукумати мамлакат мавқеи муҳимро доро буда, пайваста мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зеро компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар талаботи замони муосир буда, дар рушди соҳаи маориф нақши калидиро иҷро менамояд. Ба риштаи таҳлил кашидани масъалаи мазкур актуалӣ буда, иҷрои он мавқеи созандаро барои пешрафти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар худ таҷассум мекунад.

Аз ҳамин нуқтаи назар вазъи амалӣ шудани Барномаи давлатии компютерикунониро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои вилояти Хатлон ва тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои Ҷиргатол, Тоҷикобод, Рашт ва Нуробод дар тули солҳои 2006-2010 мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Мувофиқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012, таҳти №536 рӯзҳои 10-12 апрели соли 2012 рафти иҷрои қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» [55] ва таъсиси марказҳои компютерӣ дар ноҳияҳои Ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Хуросони вилояти Хатлон мавриди санҷиш қарор дода шудааст.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон (мудираш Мирзоев М.) 58 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 13 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 8 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 2 литсей ва 2 гимназия, аз ҷумлаи он 1 ададаш гимназияи хусусӣ фаъолият менамуданд, миқдори умумии талабагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, асосӣ ва миёна, дар маҷмуъ 44622 нафарро ташкил медод, аз миқдори умумии онҳо шумораи хонандагони синфҳои 7-11, ки ба омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ ҷалб гардида буданд, 18110 нафарро ташкил медиҳанд [80, с.8].

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия то ба ҳолати семоҳаи аввали соли 2012 952 адад компютер, 83 принтер, 47 генератор, 37 сканер, 28 ксерокс, 4 проектори мултимедӣ ва 2 тахтаи электронӣ (аз ҳисоби ташкилоти «Ёрии техникии Олмон») мавриди истифода қарор дошта, иҷрои барномаи мазкур дар маҷмуъ 78%-ро ташкил медиҳад [153, в.11].

Мутаассифона, дар назди шуъбаи маориф то давраи пажуҳиш Маркази технологияи информатсионӣ ва хизматрасонии компютерӣ таъсис дода нашудааст.

Яке аз талаботи асосии барномаи фанни технологияи информатсионӣ, инчунин Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пайвасти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шабакаи Интернет ва омӯзиши маҳорати кор кардан бо ин шабака аст. Аз 58 муассисаи таълимии ноҳияи Ёвон 47-тоаш ба ин шабака тариқи таҷҳизоти беноқил (модемҳо) пайваст буданд, ки ин имкон фароҳам меорад, ки таълими фан дар муассисаҳо боз ҳам беҳтар гардад.

Пажуҳиш нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 1, 2, 30, литсейи давлатии №1 ва гимназияи бачаҳои болаёқати № 1и ноҳия қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» [55] дар ягон муассисаи таълимии ноҳия ҷузвдони алоҳидаи дорои натиҷаҳои санҷиш қарор-додашуда пайдо нагардид. Танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1 (директор Каримова А.), №2 (директор Мусулмонова М.) ва литсейи давлатии №1 (директор Олимов М.) тибқи Нақшаи чорабиниҳои шуъбаи маорифи ноҳия ҷузвдони алоҳида ташкил карда шуда, иҷрои Барномаи давлатӣ назорат карда шудааст.

Дар шуъбаи маорифи ноҳияи А.Ҷомӣ (мудири шуъбаи маориф Маҳмадёров Т.) теъдоди умумии муассисаҳо 63 ададро ташкил медод, ки аз инҳо 53 муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ, 1 литсей-интернат буда, шумораи умумии хонандагон 31766 нафарро ташкил дода, теъдоди хонандагони синфҳои 7-11, ки ба омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ машғуланд, 12328 нафарро ташкил медоданд. Муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумии ноҳия 724 адад компютер, 178 адад принтер, 58 адад генератор доштанд, ки аз ҷумлаи онҳо 11 адад компютер корношоям буданд. Иҷрои «Барномаи компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2011- 2015» дар ноҳия 88 фоизро ташкил медоданд. Дар ноҳия 54 кабинети фанни технологияи информатсионӣ ташкил карда шуда буд. Ба 1 компютер дар муассисаҳои ноҳия 17 нафар хонанда рост меомад.

Компютерҳо асосан, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 306 адад, аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 адад, аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 138 адад, аз шахсони алоҳида 226 адад ва аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 30 адад дастрас гардида буданд [153, в.22].

Дар ноҳия 9 фоизи муассисаҳои таълимӣ, яъне 5 муассиса ва шуъбаи маориф ба шабакаи Интернет пайваст буданд. Ба таълими фанни технологияи информатсионӣ 50 нафар омӯзгорони дорои маълумоти олӣ машғул буда, аз шумораи онҳо танҳо 10 нафар аз курси такмили ихтисос гузаштаанд. Барои иҷрои Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия зарур аст, ки боз 97 адад компютер харидорӣ намоянд.

Набудани шабакаи Интернет дар муассисаҳо ба сатҳи дониши хонандагон таъсири манфӣ расонидааст. Зеро омӯзиши кор бо Интернет дар барномаи таълимии фанни технологияи информатсионӣ дар синфи 9 ба нақша гирифта шудааст ва олимпиадаи байналмилалии фосилавӣ аз фанни мазкур низ бо истифода аз ин Шабака сурат мегирифт. Набудани чунин имконият ба он оварда расонидааст, ки иштироки хонандагони ноҳия дар олимпиадаҳои фаннӣ ва фосилавӣ қаноатбахш набуд.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6, 11 ва литсей-интернати бачаҳои болаёқати ноҳия баъзе камбудиҳо, аз ҷумла корношоям будани баъзе ҷузъҳои компютерҳо, барномаҳои компютерӣ ҷой доштанд. Дар баробари камбудиҳо, фаъолияти хуби муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62 (директор Ашуров С.)-ро махсусан қайд намудан бамаврид аст, ки ба муҳлати кӯтоҳи фаъолияташ нигоҳ накарда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2011-2015» [153, в.24] ҷамъоварӣ намуда, омӯзиши фанни мазкурро хуб ба роҳ мондааст.

Вале рафти иҷрои барномаи мазкур дар литсей-интернати бачаҳои болаёқати ноҳия (директор Бобоев М.) дар ҳолати начандон хуб қарор дошт. Муассисаи таълимии мазкур дорои 411 хонанда буда, дар он 57 нафар кӯдакони ятим, носолим ва камбизоат тарбия ва таълим мегиранд.

Ҳолати ҳуҷҷатдорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар сатҳи паст қарор дошта, қарорҳои Шурои педагогии моҳи январи соли 2012 мавҷуд нестанд.

Аксари омӯзгорони литсей-интернат бо компютер кор карда наметавонистанд. «Умуман, бо сабаби набудани омӯзорони ихтисосманд

қариб тамоми хонандагони синфҳои 10 ва 11-и муассисаҳои таълимии таҳқиқшуда дар таълими мавзуъҳои алгоритм, алгоритмсозӣ, Асосҳои мантиқии алгоритмсозӣ, барномасозӣ, системаҳои барномасозӣ мушкилии ҷиддӣ доштанд» [154, в.78].

Бо ин сабаб, сатҳи дониши хонандагон ба талабот ҷавобгӯ нест ва ягон нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия аз ин фан дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ мақомеро сазовор нагаштааст.

Дар шуъбаи маорифи ноҳияи Хуросон дар маҷмуъ 58 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 48 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ мавҷуд буда, 21413 нафар хонандаро ба таҳсил фаро гирифтааст. Шумораи умумии хонандагони синфҳои 7-11, ки ба омӯзиши технологияи информатсионӣ машғуланд, 8210 нафар мебошад. «Муассисаҳои таълимии ноҳия бо 454 адад компютер, 83 адад принтер, 16 адад генератор таъмин буда, иҷрои Барнома дар семоҳаи аввали соли 2012 83 фоизро ташкил медод. Ба 1 компютер дар муассисаҳои ноҳия 18 нафар хонанда рост меомад» [154, в.39]. Компютерҳо асосан, ба муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 263 адад, аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 адад, аз ҳисоби Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 119 адад, аз ҳисоби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 адад, сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ 40 адад ва аз ҳисоби Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 10 адад дастрас гардидаанд [154, в.55].

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 31 кабинети фаннии технологияи информатсионӣ ташкил карда шудааст. Ба таълими фанни технологияи информатсионӣ 49 нафар омӯзгор, ки 35 нафари онҳо дорои таҳсилоти олӣ ва 10 нафарашон ихтисосманд мебошанд, машғуланд. Барои иҷрои Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия боз 93 компютер харидорӣ намудан зарур буд.

«Дар назди шуъбаи маориф Маркази технологияҳои информатсионӣ ва хизматрасонии компютерӣ (директор Воҳидов С.) соли 2011 кушода шуда, бо

11 воҳиди корӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 фаъолият карда истодааст. Маркази мазкур дорои 4 ҳуҷраи корӣ буда, аз нав таъмир ва бо таҷҳизоти зарурӣ (13 компютер, 1 принтер, 1 ксерокс ва 1 генератор) таъмин карда шуда буд» [154, в.60].

Ҳолати иҷроиши Барномаи давлатӣ дар муассисаҳои таълимии №1, 2 ва литсейи давлатии №1 ба талабот пурра ҷавобгӯ набуд. Масъалаи мазкур дар Шурои педагогӣ ва ҷаласаи назди директор мавриди баррасӣ қарор нагирифат буд.

Теъдоди компютерҳо дар муассисаҳои таълимии мазкур бениҳоят кам буда, сатҳи дониши хонандагон дар сатҳи паст қарор дошт. «Чунончи, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4 1 компютер ба сари 64 нафар хонанда, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 1 компютер ба сари 17 нафар хонанда рост меомад» [154, в.110].

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия роҳбарони муассисаҳо ба сатҳи таълими ин фан диққати ҷиддӣ надодаанд. Ҳарчанд дар нақшаи кории муассиса вазъи таълими фанни технологияи информатсионӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда бошад ҳам, таҳлилҳо сатҳӣ буда, мушкилиҳои ҷиддии фанни мазкурро ҳаллу фасл накардаанд. Аз ҷумла, омӯзгорони ғайриихтисоси муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия, ки ба таълими фанни технологияи информатсионӣ, машғуланд, ҳангоми таълими ин фан дар синфҳои 10-11 мушкилӣ мекашанд. Таҳлили дарсҳои фанни технологияи информатсионӣ аз ҷониби директорони муассисаҳо ва муовинони директор оид ба корҳои таълимӣ дар ҳолати паст қарор дошт.

Камбудии дигар, ин ба моҳияти Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои 1 ва 2 –и ин Барнома шинос набудани худи роҳбарони муассиса ва омӯзгорони муассисаҳо буд [55]. Онҳо аз мавҷудияти ин барномаҳо огаҳӣ доштанд, вале мақсад, моҳият, вазифаҳои асосии Барномаро ба пуррагӣ намедонистанд.

Ҳамин тариқ, қайд кардан бамаврид аст, ки мушкилоту норасоиҳо ҳанӯз ҳам дар фаъолияти муассисаҳои таълимии ноҳияҳои номбурда мавҷуданд. Барои бартараф кардани ин мушкилот чунин пешниҳодҳоро манзур месозем:

Барои таҳлили ҳаматарафа ва амалӣ гардидани раванди барномаи компютеркунонӣ пажуҳиш нишон дод, ки дар шуъбаи маорифи ноҳияи Лахш (Ҷиргатол), мутасаддии фанни «Асосҳои технологияи информатсионӣ» Мавлонов Алаёр буда, ба ноҳия 260 компютер, 32 принтер дастрас гардида, ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тақсим карда шудааст. Компютерҳо асосан аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 192 адад бо 20 принтер, аз ҳисоби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 64 адад бо 12 принтер ва аз дигар сарчашмаҳо 4 адад дастрас гардидаанд. Ба таълими фанни «Асосҳои технологияи информатсионӣ» 37 нафар омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ машғуланд. Иҷроиши Барномаи давлатии компютерикунонӣ дар ноҳия 64,3 фоиз иҷро гардидааст. Ба ҳар як компютер 29,2 хонанда рост меомад, ки ҳамон замон натиҷаи хуб ба ҳисоб мерафт [127, в.53].

Дар шуъбаи маорифи ноҳияи Рашт дар давоми солҳои сипаригардида 460 компютер, 101 принтер, 44 генераторҳо дастрас шуда буданд. Ноҳия дорои 74 муассисаи таълимӣ буд, ки дар ҳамаи онҳо омӯзиши фанни «Асосҳои технологияи информатсионӣ» ба роҳ монда шудааст, ки дар онҳо 76 нафар омӯзгорон ба таълими ин фан машғул буданд. Шумораи умумии хонандагони синфҳои 7-11-и муассисаҳои ноҳия ба 8466 нафар расида, ба ҳар 1 компютер 18 хонанда рост меояд [127, в.162]. Иҷрои Барномаи давлатӣ дар ноҳия 108 фоизро ташкил медод. Ҳамчунин, дар 74 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумии ноҳия 73 синфхонаи компютерӣ ташкил карда шуда буд.

Дар маълумоти пешниҳоднамудаи шуъбаи маорифи ноҳия шумораи компютерҳои корношоям ва таъмирталаб 17 адад нишон дода шудааст, вале пажуҳиш нишон дод, ки дар 5 муассисаи таҳсилоти умумии ноҳия шумораи

чунин компютерҳо 7 ададро ташкил медод, ки дар маҷмуъ 35 ададро ташкил медиҳад [127, в.166].

«Ба шуъбаи маорифи ноҳияи Нуробод (мудири шуъбаи маориф Муҳиддинов Ҷумъабой, мутасаддии шуъбаи маориф оид ба фанни технологияи информатсионӣ Бухориев Наврӯз) 295 компютер, 44 принтер, 36 генератор дастрас гардидаанд. Шумораи умумии хонандагони муассисаҳои 7 - 11 дар ноҳия 5824 нафарро ташкил мекунад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия дар давраи таҳқиқшаванда ба 21,2 нафар хонанда 1 компютер рост меояд, ки иҷроиши Барномаи давлатӣ 101 фоизро таъмин менамояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия ба тадриси ин фан 45 нафар омӯзгорон машғул буданд. Шумораи синфҳои компютерӣ 45 ададро ташкил медод, ки ҳанӯз ба талаботи барнома ҷавобгӯ набуда, боз 10 адад синфхонаи дигар намерасид» [127, в.172].

Бо микдори компютерҳои ба ноҳия тақсимгардида, метавон 29 синфи компютериро ташкил кард. Аз сабабе, ки ба муассисаҳои таълимӣ 5,6 ва 7 компютер дастрас гардидааст, синфхонаҳои компютерӣ низ бо ҳамин микдор компютер ташкил карда шудааст. Компютерҳо асосан аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 253 адад бо 41 принтер ва аз дигар ташкилотҳо, шахсони воқеӣ 42 адад бо 3 принтер дастрас гардидаанд. Таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия бо китобҳои дарсӣ дар синфҳои 7,10,11 ба пуррагӣ ҳалли худро ёфтааст. Хонандагони синфҳои 8 ва 9 боз ба 2705 китоби дарсӣ ниёз доштанд.

Ҷамъбасти иҷрои Барномаи компютерикунонӣ дар соли 2007 аз рӯйи ҳисоботҳои Раёсату шуъбаҳои маориф нишон дод, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо 21105 адад компютер таъмин карда шудаанд, ки он 68,28 фоизи Барномаро ташкил менамояд [129, в.182].

Дар муассисаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1343 адад (57,72%), вилояти Хатлон 7136 адад (71, 6%), вилояти Суғд (7169 адад (83,04%), шаҳри Душанбе 1447 адад (132, 75%), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3561 адад компютерҳо (42,71 %) мавҷуд буданд.

Аз шумораи умумии компютерҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (21105 адад) 1104 ададаш аз фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМКБ-1048 адад, вилояти Хатлон-5134 адад, вилояти Суғд- 2402 адад, шаҳри Душанбе-244 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ- 2147 адад) харидорӣ шудааст [130, в.211].

Барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва донишандӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сохтан ва таҷҳизонидани кабинетҳои методии шуъбаҳои маориф ва таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи ҳалкунанда мебозанд. Аз ин нуқтаи назар, ба риштаи таҳлил кашидани масъалаи зикргардида, мавқеъ ва мароми калидӣ дошта, мехоҳем фаъолияти кабинетҳои методии шуъбаҳои маорифи шаҳрҳои Чкаловск, Қайроққум, ноҳияҳои Б. Ғафуров, Ҷ. Расулов ва Спитамени вилояти Суғдро дар солҳои 2006-2010 мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Аз натиҷаи омӯзиши кабинетҳои методии шаҳри Чкаловск (мудири кабинети методӣ Самадова Ҳ.), шаҳри Қайроққум (мудири кабинети методӣ Ғоибов А. А.), ноҳияи Б. Ғафуров (мудири кабинети методӣ Қобилова М.), ноҳияи Ҷ. Расулов (мудири кабинети методӣ Бекмирзоев Ш.) ва ноҳияи Спитамен (мудири кабинети методӣ Тоҷибоев Дилшод Рӯзибоевич) маълум гардид, ки онҳо фаъолияти кори худро дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда, баҳри беҳтар намудани фаъолияти кабинетҳои методӣ ва сифати таълиму тарбия корҳои муайянеро ба сомон расонидаанд.

Фаъолияти кори кабинетҳои методӣ тибқи нақшаи корӣ ба роҳ монда шуданд. Вобаста ба ин, дар хадамотҳои методии шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимии онҳо, нақшаи дурнамо барои солҳои 2006-2010 ва нақшаи соли таҳсили 2009-2010 мавҷуд буд [149, в.137].

Дар кабинетҳои методии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикр гардида, намунаҳои нақшаҳои тақвимию дарсии омӯзгорон, нақшаҳои кори роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва мудирони кабинетҳои таълимӣ, нақшаи намунавии корҳои беруназсинфию беруназмуассисавӣ, гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ [130, в.141] ҷамъоварӣ гардида буданд.

Рафти омӯзиш нишон дод, ки нисбат ба кабинетҳои методии шуъбаҳои маорифи шаҳр ва ноҳияҳои номбурда ҳолати таҷҳизонидан ва тартиби ҳуҷҷатдорӣ дар кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Б. Ғафуров (мудири кабинети методӣ Қобилова М.) хубтар буда, ба талаботи «Низомномаи кабинетҳои методӣ» мувофиқ аст.

Дар шуъбаи маорифи шаҳри Қайроққум кабинети методӣ аз рӯи 13 воҳиди корӣ фаъолият менамуд, ки 6 нафар мушовирон аз рӯи 1-1,5 воҳиди корӣ фаъолият намуда, аз онҳо 2 нафар дорои собиқаи кори 1-сола мебошанд ва 2,5 воҳиди корӣ вакант мебошад [130, в.146]. Сабабашро мудири кабинети методӣ дар нарасидани кадрҳои ихтисосманд ва кам будани маош арзёбӣ кардааст.

Дар шаҳри Чкаловск (Бӯстон) (мудири шуъбаи маориф Муҳаммадалиева М.) мутахассисон аз рӯи 4 воҳиди корӣ фаъолият менамуданд. Мудири кабинети методии шаҳр (Самадова Ҳ.) аз рӯи 0,5 воҳиди корӣ фаъолият дошт, ки ин ба талабот ҷавобгӯ набуд.

Дар кабинети методии ноҳияи Ҷ. Расулов 27 воҳиди корӣ мавҷуд буда, дар он 15 нафар мушовирон фаъолият намуда, 3 воҳиди корӣ вакант буд. Инҳо мушовирон оид ба корҳои тарбиявӣ, варзиш ва технологияи компютерӣ мебошанд.

Кабинетҳои таҷҳизонидаи мушовирони кабинети методии ноҳияи Б. Ғафуров ба талабот мувофиқ буд. Дар ноҳияҳои Ҷ. Расулов, Спитамен ва шаҳри Чкаловск кабинетҳои мушовирон дар биноҳои хурд ва таъмирталаб ҷойгир шуда, таҷҳизоту ороиш ва таъминоти онҳо ба дастурҳои методӣ ва дигар асноди ҳуқуқию меъёрӣ мувофиқ набуд [130, в.152].

Бо мақсади расонидани кумаки методӣ, мушовирони кабинетҳои методӣ мунтазам мақолаҳо, дастурҳои методӣ таҳия намуда, дастраси омӯзгорон мегардонанд. Масалан, мудири кабинети методии ноҳияи Б. Ғафуров, мақолаҳои методии «Корвони маънавиёт равон аст», «Қудрати ҳампешагон», мушовири кабинети методии ноҳияи Ҷ. Расулов Ҳабибов Э. дастури методии «Химия», мушовири фанни биология Шайзоқова Г. дастури методии

«Методикаи таълими фанни ботаника»-ро таҳия карда, дастраси омӯзгорон намудаанд.

Яке аз вазифаҳои асосии кабинети методӣ, омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон аст. Бо ин мақсад, аз тарафи ҳар як мушовири кабинети методӣ, мувофиқи накшаи корӣ таҷрибаи пешқадами омӯзгорон омӯхта, дар шаклҳои гуногун паҳн карда мешуданд. Дар кабинетҳои методӣ рӯйхати омӯзгороне, ки таҷрибаашон омӯхта мешавад, мавҷуд буда, барои онҳо гӯшаҳои махсус ва буклетҳо ташкил карда шуда буданд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2010 нақшаи курси такмили ихтисос ба пуррагӣ бо сабабҳои гуногун дар ноҳияҳои Б. Ғафуров, Спитамен, Ҷ. Расулов, шаҳри Қайроққум (Гулистон) иҷро нашудаст [130, в.161]. Масалан, дар шаҳри Қайроққум 86 нафар, ноҳияи Спитамен 63 нафар, ноҳияи Ҷ. Расулов 57 нафар ноҳияи Б. Ғафуров 400 нафар омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос нагузаштаанд. Ҳамчунин, таҳлилҳо собит сохтанд, ки на ҳамаи КТИ ва машваратҳо самараи хуб додаанд, зеро қисме аз омӯзгорон машғулиятҳои худро хушку холӣ, бе истифодаи аёниятҳо ва усулҳои куҳна ва дилгиркунанда мегузаронданд.

Дар давраи омӯзиш фаъолияти кабинетҳои фаннӣ, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва таҳсилоти умумии № 20, 30,31, 33- и ноҳияи Ҷ.Расулов, гимназияи №2-и шаҳри Чкаловск (Бӯстон), МТУ № 2-и ноҳияи Спитамен, МТУ №8-и шаҳри Қайроққум дида баромада шуданд. Онҳо дар асоси нақшаҳои солона фаъолият менамуданд. Дар муассисаҳои №20,33 кабинетҳои методӣ дар хонаи муаллимон ташкил шудааст. Гӯшаҳои кабинет қисман мавҷуд буд [130, в.164].

Гарчанде ки иттиҳодияҳои методии фаннӣ амал кунанд ҳам, онҳо дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон фаъолияти назаррас накардаанд. Бинобар ин, дарсҳои онҳо якранг буд. Аз ин ҷост, ки сатҳи дониши хонандагон паст буд, масалан дониши хонандагон дар муассисаҳои

таълимии №30, № 31 ноҳияи Ҷ. Расулов ба талаботи барномаҳои таълимӣ ҷавобгӯ набуд [130, в.166].

Оид ба ташкил ва гузаронидани Олимпиадаи хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз фанҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои номбурда диққати зарурӣ дода, баъзе пешравиҳо низ дида мешуд. Соли таҳсили 2010-2011 дар Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз ноҳияи Б. Ғафуров 10 нафар соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ ва 1 нафар соҳиби «Ифтихорнома», аз шаҳри Чкаловск 7 нафар соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ (аз онҳо 2 нафар хонандаи муассисаи Президентӣ соҳиби медали тилло) гардидаанд [130, в.168].

Пажуҳиш нишон дод, то ибтидои соли 2000 бо сабабҳои паст будани иқтисодиёти кишвар аз ҳисоби буҷаи давлатӣ доир ба чопи китобҳои фанни маблағҳои ниҳоят кам ҷудо мегардид. Аммо чопи китобҳо ва таъмини онҳо ба муассисаҳо давра ба давра беҳтару хубтар мегардид. «Масалан, барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Рашт то соли 2009 277 030 нусха китоби дарсӣ ба маблағи 1 148 912,27 сомонӣ фиристода шудааст. Аз ин микдор, 42 номгӯйи китоби дарсӣ бо теъдоди умумии 65 066 нусха ба маблағи 239 442 сомонӣ дар доираи маблағҳои Лоиҳаи таҷдиди маориф ва 9 номгӯйи китоби дарсӣ бо теъдоди 11 657 нусха ба маблаги 42 897 сомонӣ бо маблағҳои Лоиҳаи гранти Фонди каталитикӣ дастраси хонандагони ноҳия гардиданд» [150, в.32].

Масъалаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи кишвар бо таъмини кадрҳои баландихтисос яке аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта солҳои таҳсили 2014-2015 ҳалли худро наёфта буд. Нисбати масъалаи мазкур дархостҳои раёсату шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои мамлакат пешниҳод мегардид. «Аз ҷумла, солҳои таҳсили дар боло зикршуда 3690 нафар омӯзгор дар ҷумҳурӣ намерасид. Алалхусус дар ВМКБ 160 нафар, вилояти Хатлон 772 нафар, вилояти Суғд 950 нафар, шаҳри Душанбе 440 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумхури 1368 нафар ба қайд гирифта шуд» [133, в.148].

Пас аз ҷамъбасти ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон ба ҳолати моҳи декабри соли 2016 маълум гардид, ки норасоии кадрҳои

омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 330 нафарро ташкил медиҳад. Норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар ВМКБ 59 нафар, вилояти Хатлон 122 нафар, шаҳри Душанбе 6 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 123 нафар ба қайд гирифта шудааст. Норасоии кадрхои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд пурра бартараф карда шуд [130, в.141].

Пажуҳиш нишон дод, ки соли 2016 зинаи таҳсилоти умумии асосиро 167595 нафар хатм намуда, ба зинаи сеюми таҳсилот 123020 нафар ҷиҳати идомаи таҳсил қабул карда шуданд, ки дар маҷмуъ 74,1 % ташкил медиҳад [129, в.169].

Мувофиқи маълумоти пешниҳодгардидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “Соли 2015 6148 хонанда дар 156 синфи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо забони русӣ таълим мегирифтанд” [83 в.236].

Давраи таҳқиқшаванда дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 7076 нафар омӯзгори фанни забони русӣ, аз ҷумла бо таҳсилоти олии омӯзгорӣ 5370, бо таҳсилоти миёнаи махсуси омӯзгорӣ 522, бо таҳсилоти олии нопурраи омӯзгорӣ 248 нафар фаъолият менамуданд [125, в.134].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастури бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ҳамчун соҳаи калидӣ аҳаммияти хосса дода, маблағгузории ин бахши муҳимро сол аз сол афзоиш дода истодааст.

«Аз ҷумла, дар соли 2015 аз Буҷети давлат барои соҳаи маориф 2 млрд. 918 миллиону 639 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 401 млн. сомонӣ ё ин ки 16% зиёд мебошад. Маблағе, ки ба соҳаи маориф дар соли 2015 ҷудо карда шудааст 19,1% буҷети далатиро ташкил дода, ба 5,5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ баробар аст» [16, с.39].

Бо китоби дарсӣ  таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз ба шумор рафта, дар шароити ҳозира низ пурра  ҳалли худро наёфтааст. Новобаста аз ин бо ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва нашри маводи таълимӣ марҳила

ба марҳила роҳи ҳалли худро ёфта истодааст. Масалан, агар соли 1999 ҳамагӣ 9 номгӯи китобҳои дарсӣ бо теъдоди 78000 нусха чоп шудааст, пас дар соли 2016 25 номгӯй китобҳои дарсӣ ба миқдори 2 256 000 нусха ба маблаги 22 022 803 сомонӣ чоп карда шудаанд [130, в.176].

Дар соли 2017 аз анбори китобҳои дарсии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 73 номгӯи китобҳои дарсӣ ба миқдори 1 440 157 нусха ба маблағи 14 199 204 сомонӣ аз тарафи нашриётҳои ватанӣ ворид гардид. Инчунин, аз тарафи ҶДММ «ДНИШ ДК» барои хонандагони «Маркази ҳамоҳангсози муассисаҳои давлатии таълимӣ барои хонандагони болаёқат» китобҳои англисӣ харидорӣ карда шуд, 48 номгӯй маводи таълимӣ ба миқдори 655 966 нусха ба маблағи 5 414 040 сомонӣ ва 8 номгӯи адабиёти таълимӣ ба таври ройгон ба миқдори 17 755 нусха ба маблағи 1 350 844 сомонӣ тақсим гардидааст.

Шумораи гирандагони қарзи имтиёзнок аз ҳисоби омӯзгорони ҷавон дар соли 2017 нисбат ба соли 2009 20 фоиз зиёд гардида, ҳаҷми умумии маблағи қарзи имтиёзнок ба 900 ҳазор сомонӣ баробар шуда буд. Дар назар дошта шудааст, ки солҳои минбаъда қарзҳои имтиёзнок барои гирифтани таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ низ амалӣ карда мешаванд.

Сохтмону азнавсозии муассисаҳои таълимӣ дар даврони Истиқлол яке аз проблемаҳои асосӣ ба шумор меравад, ки пайваста зери назорати Ҳукумати мамлакат ва Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пажуҳиш нишон дод, ки мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 №680 ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмон ва идомаи иншоотҳои соҳаи маориф дар соли 2011 ба миқдори умумии 20,0 млн. сомонӣ маблағ пешбинӣ карда шуда буд, ки аз ин пардохти корҳои сохтмонӣ 17 млн. 589 ҳазору 709 сомонӣ, пардохти корҳои лоиҳакашӣ 565 ҳазор сомонӣ, пардохти қарзҳои кредиторӣ 426 ҳазору 698 сомонӣ, пардохти харидории таҷҳизотҳои муассисавӣ 619 ҳазору 831 сомонӣ, пардохти ташхис 22 ҳазору 264 сомонӣ, пардохти назорати техникӣ 415 хазор сомонӣ, пардохти корҳои кофтуковию

лоиҳакашӣ аз ҳисоби иншоотҳо 305 ҳазору 435 сомонӣ, пардохти назорати муаллифӣ 50 ҳазору 100 сомонӣ ва дигар хароҷотҳо 5 ҳазору 963 сомониро дарбар мегирифт.

Азхудкунии маблағҳо нисбат ба нақшаи соли 2010 100 фоизро ташкил медиҳад. Бо истифода аз маблағҳои ҷудогардидаи Вазорати маориф 15 муассиса барои 2752 ҷойи нишаст таъмин гардид [96, с.5].

Соли 2011 аз ҳисоби лоиҳаҳо 29 иншооти соҳаи маориф ба маблағи 9,5 млн. доллари ШМА иборат аз 262 синфхона барои 6,5 ҳазор ҷойи нишаст сохта ва таъмир карда шуд, ки ин нишондод дастоварди назаррас мебошад.

Таҳқиқ нишон дод, ки таи солҳои 2010-2017 сохтмони биноҳои муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби фонди захиравии давлат ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ босуръат идома ёфт. Масалан, агар дар соли 2011 барои сохтмони иншоотҳои муассисавӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба миқдори умумии 20,0 млн. сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда бошад, пас дар соли 2017 дар соҳаи номбурда 325 млну 204 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин муҳиммияти ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир таъкид шудааст. Ба ғайр аз ин, дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қайд гардидааст, ки кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил карданро надоранд, муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд, ё онҳо бо ризоияти падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд» [100, с.32].

Шумораи хонандагони дар мактаб-интернатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2019 чунинанд:

Ҷадвали № 11

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо |
|---|---|

| | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди хонандагон дар мактаб-интернатҳо, аз ҷумла | 12118 | 14103 | 12340 | 11738 | 8275 |
| - барои кӯдакони ятим | 5422 | 6068 | 5802 | 4728 | 4752 |
| - барои кӯдакони дорои норасоиҳои шунавоӣ, биноӣ ва нутқ | 243 | 383 | 353 | 382 | 1214 |
| - барои кӯдакони дорои норасоии рушди ақлонӣ | 172 | 205 | 214 | 586 | 614 |
| -мактаб-интернатҳои намуди санитарӣ | 760 | 955 | 261 | 237 | 227 |
| -барои кӯдакони гирифтори полиомиелит | 285 | 313 | 366 | 375 | 312 |
| -барои кӯдакони душвортарбия | 37 | 180 | 153 | 34 | 38 |

Агар соли таҳсили 2010 шумораи хонандагони мактаб интернатҳо 12118 нафар, аз ҷумла кӯдакони ятим 5422 нафар, кӯдакони дорои норасоиҳои шунавоӣ, биноӣ ва нутқ 243 нафарро, кӯдакони дорои норасоии рушди ақлонӣ 172 нафарро, мактаб-интернатҳои намуди санитарӣ 760-нафар, кӯдакони гирифтори полиомиелит 285 нафарро, кӯдакони душвортарбия 37 нафарро ташкил диҳад, пас дар соли 2019 шумораи хонандагони мактаб интернатҳо 8275 нафарро ташкил медод, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2010 3843 нафар кам гардидааст.

Зимни таҳияи лоиҳаи Консепсияи арзёбии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоишҳои вазири маориф ва илм гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуд, ки аз тарафи ин гурӯҳҳо санадҳои мазкур таҳия ва ҷиҳати мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шуд.

Бо ҳадафи инкишофи тафаккури техникӣ, сайқал додани мафкураи илмӣ, комёб гардидан ба техникаву технология, пайвастани илм бо истеҳсолот, бедор намудани таваҷҷуҳи тамоми қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносию риёзӣ, ҳамчунин дарёфти истеъдодҳои нав дар ин

самтҳо байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзгорон ва дигар қишрҳои ҷомеа озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат», ки низомномаи он бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №АП-44 тасдиқ шудааст, баргузор гашт, ва ин анъана давом дорад.

Дар даврони Истиқлол зина ба зина рушд ёфтани муасссаҳои таҳсилоти умумӣ ба назар мерасанд. Аз ҳамин нуқтаи назар баррасӣ намудани паҳлуҳои ноаёни он  ба ин масъала равшанӣ хоҳад андохт.

Маълумот оид ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, теъдоди хонандагон ва духтарон тибқи зинаи таҳсилот дар солҳои 1991-2021, дар ҷадвали зерин оварда мешавад :

Ҷадвали № 12

| Сол | Ибтидоӣ | Асосӣ | Миёнаи умумӣ | Ҳамагӣ | Теъдоди хонандагон (ҳазор нафар) | Аз ҷумла духтарон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1991-1992 | 614 | 634 | 1931 | 3179 | 1325,4 | 971,7 |
| 1992-1993 | 623 | 690 | 1957 | 3270 | 1272,7 | 628,1 |
| 1993-1994 | 625 | 707 | 2002 | 3334 | 1240,4 | 608,1 |
| 1994-1995 | 644 | 739 | 2017 | 3400 | 1288,1 | 627,2 |
| 1995-1996 | 654 | 737 | 2025 | 3416 | 1322,8 | 633,3 |
| 1996-1997 | 663 | 800 | 1969 | 3432 | 1340,9 | 647 |
| 1997-1998 | 664 | 812 | 2008 | 3484 | 1388,8 | 674,5 |
| 1998-1999 | 663 | 834 | 2025 | 3522 | 1451,2 | 683,9 |
| 1999-2000 | 675 | 829 | 2047 | 3511 | 1479,3 | 641,8 |
| 2000-2001 | 663 | 834 | 2060 | 3557 | 1521,8 | 693,7 |
| 2001-2002 | 660 | 839 | 2150 | 3649 | 1579,5 | 722,6 |
| 2002-2003 | 662 | 848 | 2174 | 3684 | 1636,7 | 751,7 |
| 2003-2004 | 667 | 842 | 2192 | 3701 | 1660 | 763,5 |
| 2004-2005 | 671 | 834 | 2226 | 3731 | 1673,8 | 769,2 |
| 2005-2006 | 671 | 833 | 2257 | 3761 | 1682 | 770,1 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2006-2007 | 652 | 822 | 2315 | 3789 | 1672,7 | 777,9 |
| 2007-2008 | 662 | 790 | 2349 | 3801 | 1692,1 | 794,4 |
| 2008-2009 | 658 | 773 | 2379 | 3810 | 1690,5 | 797,5 |
| 2009-2010 | 580 | 752 | 2441 | 3773 | 1695,5 | 796,9 |
| 2010-2011 | 548 | 719 | 2473 | 3740 | 1694,7 | 796,1 |
| 2011-2012 | 547 | 706 | 2532 | 3785 | 1703,1 | 802,0 |
| 2012-2013 | 542 | 674 | 2589 | 3805 | 1712,8 | 810,5 |
| 2013-2014 | 510 | 632 | 2684 | 3826 | 1717,0 | 816,1 |
| 2014-2015 | 462 | 593 | 2781 | 3836 | 1742,8 | 830,5 |
| 2015-2016 | 404 | 559 | 2883 | 3846 | 1785,7 | 851,2 |
| 2016-2017 | 364 | 522 | 2979 | 3865 | 1838,8 | 877,9 |
| 2017-2018 | 352 | 489 | 3029 | 3870 | 1907,7 | 914,5 |
| 2018-2019 | 332 | 467 | 3070 | 3869 | 1970,9 | 948,9 |
| 2019-2020 | 315 | 442 | 3127 | 3914 | 2035,1 | 981,3 |
| 2020-2021 | 312 | 430 | 3169 | 3911 | 2 195,619 | 1 059,743 |

Тибқи ҷадвал маълум мегардад, ки агар соли хониши 1991-1992 дар ҷумҳурӣ 3179 муассисаи таълими, аз ҷумла, ибтидоӣ 614, асосӣ 634 ва миёна 1931 адад фаъолият дошта бошанд, пас дар соли хониши 2020-2021 шумораи муассисаҳо ба 3911, аз ҷумла ибтидоӣ 312, асосӣ 430, миёнаи умумӣ 3169 ададро ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса нисбати соли таҳсили 1991-1992 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ 312, асосӣ 204 адад кам ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 1238 адад зиёд гардидаанд.

Тақсимоти хонандагон вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ чунин аст: «Ҳамагӣ 2 195 619 нафар (1 059 743 духтар) хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудааст, ки он дар ВМКБ 39 490 нафар (19248 духтар), вилояти Хатлон 817 027 нафар (393 935 духтар), вилояти Суғд 579 504 нафар (283 544 духтар), шаҳри Душанбе 267 979 нафар (126 777 духтар) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 491619 нафар (236 236 духтар)-ро ташкил медиҳад» [91, с.12].

Дар баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон омӯзгорон, бахусус маълумотнокии онҳо нақши аввалиндараҷаро мебозанд. Раванди маълумотнокии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо ҳисоби ҳазор нафар дар шароити ислоҳоти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ дар ҷадвали зерин нишон медиҳем:

Ҷадвали № 13

| Сол | Теъдоди омӯзгорон | Маълумоти олӣ | Олии пурра | Миёнаи касбӣ | Миёнаи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1991-1992 | 95 | 76,6 | 14,1 | 5 | - |
| 1992-1993 | 97,4 | 76,6 | 15,1 | 4,8 | - |
| 1993-1994 | 97 | 74,7 | 17,6 | 4,8 | - |
| 19941995 | 92,9 | 72,2 | 17 | 4,3 | - |
| 1995-1996 | 92,8 | 68,8 | 14,1 | 4,6 | - |
| 1996-1997 | 92,6 | 67,1 | 15,2 | 5,7 | - |
| 1997-1998 | 91,3 | 63,9 | 17,3 | 4,7 | - |
| 1998-1999 | 94,9 | 64,5 | 16,9 | 4,8 | - |
| 1999-2000 | 96,8 | 63,8 | 16,3 | 4,7 | - |
| 2000-2001 | 98,5 | 63,4 | 19,2 | 4,5 | - |
| 2001-2002 | 100,2 | 62,4 | 22,1 | 5 | - |
| 2002-2003 | 101 | 63,1 | 23,2 | 4,5 | - |
| 2003-2004 | 101,5 | 64 | 22,9 | 4,8 | - |
| 2004-2005 | 99,1 | 61,9 | 23,3 | 4,8 | - |
| 2005-2006 | 98,9 | 62,3 | 23,6 | 4,7 | - |
| 2006-2007 | 99,4 | 61,6 | 25,7 | 5 | - |
| 2007-2008 | 96,1 | 58,8 | 25,4 | 5,8 | - |
| 2008-2009 | 94,9 | 52,5 | 23,9 | 6,7 | - |
| 2009-2010 | 94,2 | 59,5 | 24 | 6,1 | - |
| 2010-2011 | 94,6 | 61,0 | 5,3 | 23,8 | 4,4 |
| 2011-2012 | 94,2 | 59,5 | 6,2 | 24,0 | 4,5 |
| 2012-2013 | 97,9 | 64,8 | 4,6 | 24,1 | 4,5 |
| 2013-2014 | 100,9 | 67,7 | 4,4 | 24,1 | 4,7 |
| 2014-2015 | 104,0 | 70,6 | 4,7 | 24,3 | 4,4 |
| 2015-2016 | 110,3 | 75,8 | 5,9 | 24,9 | 3,7 |
| 2016-2017 | 117,0 | 81,4 | 6,9 | 25,5 | 3,0 |
| 2017-2018 | 120,6 | 85,6 | 7,4 | 25,2 | 2,4 |
| 2018-2019 | 123,3 | 89,1 | 7,4 | 24,5 | 2,2 |
| 2019-2020 | 124,5 | 92,2 | 7,4 | 23,2 | 1,8 |
| 2020-2021 | 130,5 | 98,4 | 6,9 | 23,4 | 1,7 |

Агар соли хониши 1991-1992 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 95 ҳазор омӯзгорон, аз ҷумла, бо маълумоти олӣ 76,6 ҳазор нафар ба маълумоти олии нопурра 14,1 ҳазор, бо миёнаи касбӣ 5 ҳазор фаъолияти педагогӣ дошта бошанд, пас дар соли 2020-2021 ҳамагӣ 130,5 ҳазор нафар, аз ҷумла, бо маълумоти олӣ 98,4 ҳазор, олии нопурра, 6,9 ҳазор миёнаи касбӣ

23,4 ҳазор ва миёнаи умумӣ 1,7 ҳазор омӯзгорон кор ва фаъолият менамуданд. Агар дар муқоиса ба соли таҳсили 1991-1992 гирем, омӯзгорони дорои маълумоти олӣ 21,8 ҳазор нафар, олии нопурра 7,2 ҳазор нафар, миёнаи касбӣ 18,4 ҳазор нафар ва миёнаи умумӣ 1,7 ҳазор нафар зиёд гардидаанд [91, с.246].

Дар соли 2021 бештар аз 7400 нафар омӯзгорон ба омӯзишҳо аз руйи барномаи «Омӯзиши омехта» фаро гирифта шуданд. Санҷиши ниҳоии иштирокчиёни омӯзиш аз тарафи гурӯҳи кории Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои минтақавии он доир карда шуда, ба онҳо шаҳодатнома дода шуд.

Дар маҷмуъ, аз соли 2018 то моҳи апрели соли 2021 зиёда аз 27 500 нафар омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, 2590 директори муассисаи таълимӣ ва зиёда аз 3000 китобдори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо мақсади тақвияти малакаҳои хониш, банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои беруназдарсӣ оид ба бедор намудани шавқи хондан ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушд додани иқтисодиёти кишвар ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардонидани фаъолияти инфрасохтори ҳамаи бахшҳои иҷтимоӣ, дар навбати аввал соҳаи илму маориф пайваста диққати махсус зоҳир намуда, то имрӯз дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда истодааст [122, с.32].

Дар ин замина, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2020, №689 «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази асосӣ ба Вазорати маориф ва илм ҷиҳати сохтмони иншооти соҳаи маориф ба андозаи 28 млн. сомонӣ маблағ пешбинӣ гардид [107, с.158].

Бо ҳадафи баланд бардоштани савияи дониш ва завқи китобхонӣ тамоми қишри ҷомеа дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 11.02.2021, №АП-43 тасдиқ шудааст, ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба сардорони сарраёсат, раёсатҳо ва мудирони шуъбаҳои маорифи ҷумҳурӣ мактуби дастурӣ аз 24.02.2021, №06/1-187 ва нусхаи Низомномаи озмун ирсол карда шуд. Даври якум ва дуюми озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуданд.

Хулоса. Маориф ҳамчун соҳаи муҳим ва афзалиятноки сиёсати давлат дар ташаккули инсон, рушди ҷаҳонбинии фардиву иҷтимоии шахсият ва тарбияи ӯ дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои милливу умумибашарӣ нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин хотир, падару модарон ва омӯзгорон бояд фарзандону шогирдони худ ва умуман, насли имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар ҳамин руҳия тарбия намоянд.

Агар соли таҳсили 2010 шумораи хонандагони мактаб-интернатҳо 12118 нафарро ташкил диҳад, алалхусус, кӯдакони бепарастор 5400 нафар, кӯдакони бо мушкилоти шунавоӣ, камбизоати биноӣ ва камшунидани нутқ 245- нафар, кӯдакони камақл 168 нафар, дар мактаб-интернатҳои шаклашон санитарӣ 750 нафар, кӯдакони гирифтори полиомиелит 280 нафар, кӯдакони душвортарбия 40 нафарро, ки дар маҷмӯъ 6883 нафарро ташкил диҳад, пас дар соли 2019 шумораи хонандагони мактаб-интернатҳо 8275 нафарро ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2010 1392 нафар зиёд гардидаанд.

Солҳои соҳибистиқлолӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марҳила ба марҳила рушд ёфтанд. Агар дар соли хониши 1991-1992 дар ҷумҳурӣ 3179 муассиса, аз чумла ибтидоӣ 614, асосӣ 634 ва миёна 1931 адад буд, пас дар соли хониши 2020-2021 шумораи муассисаҳо ба 3911, аз ҷумла ибтидоӣ 312, асосӣ 430, миёнаи умумӣ 3169 ададро ташкил дод.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ сохтмони биноҳои муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби фонди захиравии давлат ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ босуръат идома ёфтааст.

Дар ин замина, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2020, №689 Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази асосӣ ба Вазорати маориф ва илм ҷиҳати сохтмони иншооти соҳаи маориф ба андозаи 28 млн. сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида буд.

Дар доираи маблағи мазкур номгӯи иншооти сохташавандаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд. Дар номгӯи мазкур сохтмони 38 иншооти соҳаи маориф, аз ҷумла ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2008, №436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015», ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд, сохтмони 2 иншооти соҳаи маориф ба маблағи 1 млн. 200 ҳазор сомонӣ, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №504 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2017-2021» сохтмони 11 иншооти соҳаи маориф ба маблағи 10 млн. 800 ҳазор сомонӣ, барои иҷрои Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, сохтмони 5 иншооти соҳаи маориф ба маблағи 2 млн. 300 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар асоси наша-чорабиниҳои ҷашнии 30-солагии Истиқлолияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 7 иншооти соҳаи маориф ба маблағи 5 млн. 400 ҳазор сомонӣ, барои иҷрои қарору фармоиш ва Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идомаи сохтмони иншооти азнавсозии 13 иншоот ба маблағи 7 млн. 900 ҳазор сомонӣ ва барои корҳои лоиҳакашии 17 иншоот ба маблағи 400 ҳазор сомонӣ ворид карда шуд.

### 3.2. Таъсис ва фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳу сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, типи нав, ибтидоию миёна ва олии касбӣ ва ҳамзамон, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ба талаботи замона ҷавобгӯ, аҳаммияти махсус медиҳад. Ин бесабаб нест, зеро рушду тараққиёт ва пешрафти иқтисодию иҷтимоии мамлакат вобаста аз наслҳои созандаву эҷодкор вобастагии қавӣ дорад. Чунки агар мо чун, ворисони бомаърифату донишманд, ватандӯсту меҳнатқарин бо масъулияти баланд ба ҳалли ин масъалаҳо машғул нашавем, ба пешравии иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию техникӣ мушараф шуда наметавонем [255, с.173].

Вобаста ба чунин вазифаҳо соли 2007 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои марбутаи он бо мақсади амалӣ намудани барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва грантҳо (лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф), қарорҳои мушовараи Вазорати маориф, низомномаҳо дастуруламал ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа ба роҳ монда, дар асоси нақшаҳои кории Ҳукумат ва Вазорати маориф масъалаҳои муҳимтарини соҳаи маорифро баррасӣ намуда, мавриди иҷро қарор дод.

Кормандони соҳаи Вазорати маориф барои иҷрои супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар машварати ҷумҳуриявии кормандони соҳаи маориф соли 2005 ҷиҳати татбиқ намудани нақшаи миллии фаъолият «Дар бораи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои 2004-2009» ва вазифаҳое, ки аз суханрониҳои Сарвари давлат дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба натиҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 ва вазифаҳои он дар соли 2007», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2006, №136 «Дар бораи компютерикунонии муассисаҳои таълимӣ барои солҳои 2007-2010», аз 01.08.2006, №362 «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология дар солҳои 2007-2015», Барномаҳои ҳукуматӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои қабулгардидаи соҳа, баланд бардоштани сифати таҳсилот,

сатҳу сифати дониши хонандагону донишҷӯён, назорати доимии раванди таҳсилот дар ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ меистоданд [152, в.191].

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Барномаи давлатии такмили забонҳои англисӣ ва русӣ, аввали моҳи ноябри соли 2007 таҳти унвони «Омӯзиши забони англисӣ ва нақши он дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа», конференсияи ҷумҳуриявии муаллимони забони англисӣ, ҳамчунин, дар таърихи 26-27 ноябр Конференсияи байналмилалии омӯзгорони забони русӣ таҳти унвони «Аҳаммияти омӯзиши забони русӣ ва мақоми он дар ҷомеаи мутамаддин» баргузор гардида, ки дар рафти рафти кори онҳо зиёда 320 нафар иштирок намуданд, ки бештари онҳоро омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ ташкил медоданд.

Барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ва ҳавасмандгардонии онҳо дар шароити ислоҳоти маориф, махсусан муассисаҳои типи нав ташкил ва гузаронидани олимпиадаҳо аҳаммияти махсус доранд.

Дар олимпиадаи соли таҳсили 2006-2007 баргузоргардида ҳамагӣ 195040 нафар хонандагон иштирок карда, ба даври дуюм 61735, ба даври сеюм 2816 ва ба даври чоруми ҷумҳуриявӣ аз 38 шаҳру ноҳия 298 нафар хонандагон роҳхат гирифтанд, ки аз ин 132 нафарашонро духтарон ташкил медоданд.

Дар олимпиада ҷойҳои аввалро бештар хонандагони муассисаҳои типи нав ишғол карданд. Дар ҷамъбасти олимпиада 25 нафар бо медали тилло, 40 нафар бо медали нуқра ва 43 нафар бо медали биринҷӣ сарфароз гардиданд.

Чун солҳои гузашта хонандагони тоҷик дар Олимпиадаи байналмилалӣ иштирок намуданд, ки нисбати солҳои пеш теъдоди онҳо хеле зиёд буд. Хонандаи муассисаи байналмилалии шаҳри Душанбе Оятуллоҳи Ҷӯрабек дар олимпиадаи байналмиллалии экология дар Туркия сазовори медали тилло ва Шоҳҷоизаи олимпиада гардид.

Ҷамъбасти олимпиада нишон дод, ки сатҳи дониши як қисми иштирокчиёни олимпиада аз фанҳои физика, математика, технологияи информатсионӣ, кимиё, забон ва адабиёти тоҷик, забони давлатӣ ниҳоят паст

аст. Барои ба низом даровардани кори олимпиада Вазорати маориф Низомномаи нави «Олимпиадаи мактаббачагон»-ро тасдиқ намуд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки омода намудани кадрҳои баландихтисоси дараҷаи донишашон ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа ҷавобгӯ натанҳо вазифаи муассиса балки оила ва аҳли ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон ба дастгирии моддию маънавии аҳли ҷомеа сахт муҳтоҷ аст. Агар муассиса омӯзгор илова ба маблағгузории давлат аз тарафи ҷомеа ҳам ҷонибдорӣ ёбад, онҳо вазифаҳояшонро беҳтару хубтар анҷом дода метавонанд.

Бо назардошти ин, Сарвари давлат дар машварати умумиҷумҳуриявии кормандони соҳаи маориф 22 декабри соли 2005 изҳор доштанд, ки «ба муассиса ҷалб намудани таваҷҷуҳи падару модарон вазъи таълиму тарбияро беҳтар менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро лозим аст, ки ба масъалаи ҳамкории ҷомеа бо муассиса, ҳуқуқу вазифаҳои волидон ва ассосиатсияи падару модарон эътибори махсус зоҳир намоянд» [53].

Таҳқиқот нишон дод, ки шумораи муассисаҳо дар ин давра зиёд гардида, муассисаҳои типи нав сохта ба истифода дода мешуданд. Чунин намуди муассисаҳо дар ҷумҳурӣ ба 157 адад расонида шуд, ки аксарияти онҳоро гимназия, литсей ва муассисаҳои хусусӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар ин давра сохта ба истифода додани гимназия ва литсейҳои хусусӣ низ зиёд гардид. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар муассисаҳо барои рушди гимназия ва литсейҳои хусусӣ шароит муҳайё менамуд. Дар ин асос, Ҳукумати мамлакат барои беҳтар азхуд намудани истифодаи технологияи муосир «Барномаи компютерикунонии муассисаҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007» [75]-ро тасдиқ намуд, ки ҳадафи асосии он таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ, миёна ва типи нав бо компютерҳо буд. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани барномаи мазкур саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аввалиндараҷа буд. Татбиқи ин барнома бевосита зери назорати муҳтарам Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон

буда, ҳамасола аз Фонди захиравии худ барои муассисаҳои таълимии кишвар компютер ва принтерҳоро тақдим менамояд, ки ин амали ниҳоят ватандӯстона ва инсондӯстона ба шумор меравад.

Дар асоси ин барнома дар 1823 муассисаи таълимӣ синфҳои компютерӣ ташкил ёфта, онҳо бо 11516 адад компютер муҷаҳҳаз гардиданд. Технологияҳои омӯзишро ҳамчун банақшагирии ташкили муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ки аз самтҳои нави муносибатҳо даромад ба даст меоварад, муайян намудааст [270, с.121].

Мутахассиси соҳа Шоев Н., чунин қайд менамояд, ки: «Ворид шудани технологияи нав, бахусус компютерикунонии муассисаҳои таълимӣ имкон дод, ки сатҳу сифати таълим беҳтар гашта, усулҳои муосири донишандӯзӣ ҷорӣ шаванд.»

Бо ба инобат гирифтани вазъияти таъминкунии муасисаҳо бо компютерҳо Ҳукумати кишвар солҳои 2008-2010 - ро марҳилаи дуюми «Барномаи компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [153, в.178] - ҷонибдорӣ намуд, ки ба муассисаҳои таълимии мамлакат ба миқдори 30090 адад компютер ва 4396 адад принтер ворид намуд. Зарурати ин масъаларо Ҳукумати мамлакат мавриди баррсаӣ ва омӯзиш қарор дода, марҳилаи сеюми «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» -ро тасдиқ намуд» [153, в.178].

Иҷрои ин барнома барои кишвари мо нишондоди хело хуб аст ва он сатҳи маорифро боз ҳам баланд бардошт. Дар доираи ин барнома таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо технологияи компютерӣ ба нақша гирифта шуда, давра ба давра ҳал мегардад. Барои амалӣ гардидани он Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ соли 2011 нақши бузург мебозад. Дар асоси ин паёми Сарвари давлат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шуда буд, ки иҷрои Барномаро дар кишвар таъмин намояд. Ин супориши Сарвари давлат ба рушди таҳсилот ва ворид шудани технологияи нав дар низоми маорифи кишвар нақши босазое гузошт.

Пайвастшавии муассисаҳои таҳсилоти кишвар, аз ҷумла муассисаҳо таълимии типи нав ба шабакаи байналмилалии Интернет низ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ба ҳисоб мерафт. Дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Соли 2011 854 муассисаи таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба ин шабака пайваст буда, дар назар дошта шуда буд.

Дар баробари ин, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққати махсус медиҳад. Дар ин ҷода «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» [95] омода ва тасдиқ карда шуд, ки минбаъд барои рушди забони русӣ заминаи асосиро гузошт.

«Барои дар амал татбиқ намудани барномаи зикргардида Вазорати маориф чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда, миқдори омӯзиши соатҳои забони русиро дар нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва типи нав дар як ҳафта аз 22 ба 25 соат расонид. Дар давраи таҳқиқшаванда муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз синфи 2 то 11 барои омӯзиши фанни забони русӣ ва аз синфи 3 то синфи 11 барои омӯзиши фанни забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ таълим дода мешуданд» [156, в.151].

Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромаду суханрониҳояшон иброз доштаанд, ки «дар баррассӣ ва таҳқиқи саҳифаҳои арзишманди таърихи аҷдоди номдорамон имрӯз диққат додан ба омилҳое, ки онҳоро ба пирӯзию сарбаландӣ расонидаанд, амри зарурӣ мебошад. Зеро маҳз таҳкими оила, таълиму тарбияи наслҳои солиму соҳибмаърифат яке аз воситаҳои рушди ҷомеа, мустаҳкамии қудрати давлат ва побарҷоии тамаддунҳо ба шумор меравад. Ин кори муҳим ва тақдирсоз вазифаи ҷонии на фақат падару модарон ва мураббиёну омӯзгорон, балки тамоми ҷомеа аст» [45, с.180].

Тибқи нақшаи кории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи аввали соли 2010 ва амри вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.02.2010, № 49 оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 02.12.2004, №508 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014» сатҳи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд баррасии омӯзиши сифат ва самаранокии онҳо дар шаҳрҳои Қайроққум (Гулистон), Истаравшан ва ноҳияҳои Ҷ.Расулов, Спитамен мавриди санҷиш қарор гирифтааст.

Пажӯҳиш нишон дод, ки фаъолияти шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои миёнаи ноҳияҳои дар боло номбаршуда оид ба масъалагузорӣ намудани ҳолати таълими фанҳои забони русӣ ва англисӣ, кори кабинетҳои методӣ дар масъалаи баррасӣ ва таъмини нақшаву барномаҳо ва дастурамалҳои таълимӣ, вазъи таъмини таълимгоҳҳо бо китобҳои дарсӣ, маводи аёнӣ, дар амал ҷорӣ намудани фармоиш ва дастурҳои сохторҳои болоии маориф, саҳми директорони муассисаҳо ва муовинони онҳо оид ба таълиму тарбия бобати беҳдошти тадриси фанҳои забони русӣ ва англисӣ ва иштироки онҳо ба дарсҳо, омодагии омӯзгорон ба дарс, таъминоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ махсусан муассисаҳои типи нав бо мутахассисони ихтисосманд, вазъи ҷиҳозонидани кабинетҳои фаннӣ ва иштироки мактаббачагон дар озмунҳо ва олимпиадаҳои фаннӣ, ҳолати ҳуҷҷатнигорӣ дар муассисаҳои таълимӣ, сатҳ ва сифати дониши хонандагон аз ин фанҳо диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Дар шуъбаҳои маорифи шаҳрҳои Истаравшан, Қайроққум ноҳияҳои Ҷ.Расулов ва Спитамен бо кумаку дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимиятҳои давлатӣ баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои амалӣ намудани Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ чораҳои зарурӣ андешида, корҳои зиёдеро ба сомон расонидаанд.

«Дар шаҳри Истаравшан 73 муассиса бо фарогирии 49403 нафар, дар шаҳри Қайроққум 16 муассиса бо фарогирии 7470 нафар хонанда, дар ноҳияи Ҷ.Расулов 41 муассиса бо фарогирии 23035 нафар хонанда ва дар ноҳияи Спитамен 32 муассиса бо фарогирии 23767 нафар хонанда фаъолият менамуданд» [316, с.28].

Дар шуъбаи маорифи шаҳри Истаравшан тибқи фармоиши мудири шуъба нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати амалӣ намудани рушди такмили омӯзиши забонҳои русиву англисӣ тасдиқ шудааст, ки рафти иҷрои он ва вазъи таълими дарси забони русӣ ва забони англисӣ ҳамасола дар Шуроҳои муассисаҳои ноҳия мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

«Шумораи умумии омӯзгорони фанни забони русӣ дар шаҳр 144 нафар ва омӯзгорони фанни забони англисӣ 128 нафарро ташкил медиҳанд, ки қазияи ба омӯзгорони ин фанҳо таъмин намудани муассисаҳои шаҳр ҳалли худро ёфтааст. Мувофиқи ҷадвали тасдиқнамудаи шуъбаи маориф ҳамаи мутахассисони фанҳои мазкур давра ба давра аз курсҳои бозомӯзӣ гузаштаанд» [151, в.137].

Дар нақшаи кори солонаи шуъбаи маорифи шаҳри Қайроққум (Гулистон) рафти иҷрои барномаи мазкур масъалагузорӣ карда шуда, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои кабинети методӣ тарҳрезӣ шуда ва ба директорони муассисаҳо пешниҳод шудааст. Нақшаи таҳиянамуда баро гузаронидани семинарҳои доимомалкунанда ва баланд бардоштани сифати фанҳои забони русӣ ва англисӣ натиҷаҳои дилхоҳ медоданд. Шумораи умумии омӯзгорони фанни забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Қайроққум  39 нафар ва омӯзгорони фанни забони англисӣ  37 нафарро ташкил медод.

Ҳуҷҷатгузории шуъбаи маорифи ноҳияи Спитамен оид ба масъалаи мазкур дуруст ба роҳ монда шуда, дар асоси нақшаи чорабиниҳои дурнамо оид ба амалӣ гардидани барномаи номбурда нақшаи чорабиниҳои солонаи кабинети методӣ тартиб дода шуда, дастраси муассисаҳои ноҳия гардидааст. Масъалаи мазкур дар Шурои шуъба ҳамасола муҳокима шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст. «Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 114 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ ва 97 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ кору фаъолият доранд ва масъалаи бо мутахассисони ин фанҳо таъмин намудани муассисаҳои ноҳия дар соли хониши ҷори ҳалли худро ёфтааст» [151, в.141].

Дар асоси нақшаи кори солонаи шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷ.Расулов дар кабинети методии шуъба оид ба рафти иҷрои барномаи мазкур нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуда, вазъи таълими фанҳои номбурда дар Шурои шуъба мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Ба омӯзиши фанни забони русӣ 107 нафар омӯзгор ва ба омӯзиши фанни забони англисӣ 82 нафар омӯзгорон дар муассисаҳои ноҳия сафарбар шуданд.

Ҳангоми санҷиш ба рафти иҷрои нақшаю барномаҳои кори омӯзгорон, ба корҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ оид ба фанҳои зикрёфта ҳолати кабинетҳои забони русӣ ва англисӣ, фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ ва иштироки омӯзгорон ба онҳо, ҳолати дафтардорӣ, дафтарҳои синфӣ, нутқи шифоҳӣ ва хатти хонандагон аз ин фанҳо, омӯзиши таҷрибаи омӯзгорони эҷодкор эътибори ҷиддӣ дода шудааст.

Дар ҳамаи муассисаҳои ноҳияҳои таҳқиқшаванда рафти иҷрои «Барномаи такмили забонҳои русӣ ва англисӣ» дар ҷаласаҳои назди директор ё худ дар шуроҳои педагогӣ дида мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Шуро ва иттиҳодияҳои методӣ барои самаранок пеш бурдани кор дар муассиса нақши асосиро мебозанд, вале на дар ҳамаи муассисаҳо ба он аҳаммият додаанд. Таҳқиқ нишон дод, ки ҳолати ҳуҷҷатгузорӣ дар ҳамаи муассисаҳо дар сатҳи зарурӣ қарор дошта бошад ҳам, ҷамъбасти фаъолияти шуро ва иттиҳодияҳои методӣ дар солҳои сипаригардида аз камбудӣ орӣ нестанд. Дар баъзе иттиҳодияҳои методии муассисаҳо натиҷаи олимпиадаҳои муассисавӣ, ҳисоботи шунавандагони курсҳои такмили ихтисос, омӯзиши таҷрибаи пешқадам ба нақша гирифта нашудааст. Махсусан, фаъолияти иттиҳодияҳои методии фанни забони англисӣ дар дараҷаи паст қарор доштанд.

Дар муассисаҳо мувофиқи нақшаи таълимӣ дарс ба роҳ монда шуда бошад ҳам, самаранокии он чандон назаррас нест, зеро корҳои эҷодии омӯзгорон кам дида мешаванд.

Гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ имконият дод, ки фанни забони русӣ ба рӯзи шанбе ва забони англисӣ ба рӯзи чоршанбе иваз гардад. «Маврид ба зикр аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати муайян

намудани рӯзи забони русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, ҳолатҳое вуҷуд доштанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6, 9, 10, 27 ва 35 шаҳри Истаравшан, №2, 6, 9, 10 ва 14- и шаҳри Қайроққум, №6, 14, 18, 22 ва 30- и ноҳияи Спитамен ва № 10, 26, 31-и ноҳияи Ҷ. Расулов чорабиниҳо ё худ гуфтугузорҳо бо ин забонҳо миёни хонандагону омӯзгорон хело кам баргузор гардидаанд» [95, с.162-163].

Дар муассисаи №1-и русии шаҳри Қайроққум (Гулистон) дар синфи 11 аз фанни забони анлисӣ омӯзгор Холботирова Г. дарс гузаштааст, ҳангоми равиши дарс барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон кам аҳаммиятӣ зоҳир намудааст. Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ, ки мавзуи дарс феъли замони гузашта будааст, хонандагон ба дарс тайёр набуданд ва ба истиснои як ё ду нафар, чизе ҷавоб дода натавонистанд ва дар дарс фаъол набуданд.

«Дар синфи 7 "В"-и муассисаи таълимии №9-и шаҳри Истаравшан худи омӯзгор Файзуллоева М. ҳангоми суханронӣ бо ин забон ба иштибоҳ роҳ дода, хонандагон ба саволҳои одӣ ҷавоб дода натавонистанд. Ҳангоми пурсиши нақшаи яксоатаи дарсӣ, омӯзгор аз нишон додани он худдорӣ намудааст» [151, в.137].

Пажуҳиш собит намуд, ки барои баҳо додан ба дониши шифоҳии хонандагон дар доираи мавзуъҳои гузашта аз фанни забони англисӣ саволҳо, аз қабили: «Алфавити забони англисиро аз ёд гӯед? Ашёҳои дар синф бударо номбар карда, аз онҳо ҷумла созед?, Тарҷумаи ҳоли худро нақл кунед?» дода шудаанд. Ба истиснои як ё ду нафар дигар касе ба саволҳо ҷавоби аниқ гардонида натавонистааст. Ҳамчунин, ба саволҳои одитарини ҳамарӯза; «Номи шумо чист?», « Ту дар кадом ноҳия истиқомат дорӣ», «Дар синфи чандум мехонӣ?» ҷавоб дода натавонистанд. Дониши шифоҳии хонандагон аз ин фан суст буда, ба истиснои як ё ду нафар, ягон нафар озод ва мустақилона бо ин забон сухан гуфта натавонистааст.

«Директор ва ҷонишинони директорони муассисаҳои зикргардида ба таълими фанҳои мазкур беаҳаммиятӣ зоҳир намуда, ба дарсҳои омӯзгорони

ин фанҳо кам иштирок кардаанд. Масалан, директори муассисаи таҳсилоти умумии № 6-и ноҳияи Спитамен Абдуваҳҳобова О. ба 8 соати дарси забони англисӣ ва ба 2 соати дарси забони русӣ дар давоми соли хониши 2013-2014 даромадааст. Директори муассисаи №11-и ноҳияи Ҷ.Расулов Солиев Т. аз аввали соли хониши 2013-2014 то ин дам дар се дарси забони русӣ ва 5 дарси забони англисӣ иштирок кардааст. Директори муассисаи №4-и шаҳри Истаравшан Ғафуров А. аз нишон додани дафтари иштирок ба дарсҳои омӯзгорон худдорӣ намудааст» [79, с.75].

Ҳолати иҷрои барномаи мазкур ва вазъи таълими фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар Шуроҳои педагогии ин муассисаҳо масъалагузорӣ шуда бошанд ҳам, таҳлили аниқ надоранд. Сифати дарси омӯзгор, дараҷаи азхудкунии хонандагон аз ин фанҳо таҳлили худро наёфтааст. Қарорҳои баровардашуда сатҳӣ буда, ҳолати иҷрои он дар назорат гирифта нашудаанд. Корҳои беруназсинфию беруназмуассисавӣ оид ба ин фанҳо хело ҳам кам гузаронида шудаанд.

«Соли таҳсили 2004-2005 санҷиши корҳои хаттии хонандагон аз фанни забони англисӣ дар зергурӯҳи синфи 9 «А»-и муассисаи №1, шаҳри Қайроққум ҳангоми гирифтани диктанти санҷишӣ 12 нафар иштирок доштанд ва натиҷааш чунин аст: баҳои «5» - нест, баҳои «4» - 4 нафар – 33,5 %, баҳои «3»- 3 нафар- 25 %, баҳои «2» - 5 нафар – 41,5 %-ро ташкил дода бошад, пас дар соли хониши 2013-2014 санҷиши корҳои хаттии хонандагон аз фанни номбурда дар зергурӯҳи синфи 9 «А»-и муассисаи №1 шаҳри Қайроққум ҳангоми гирифтани диктанти санҷишӣ 12 нафар иштирок доштанд ва натиҷааш чунин аст: баҳои «5» - 2 нафар – 16,6%, баҳои «4» - 4 нафар – 33,5 %, баҳои «3» - 3 нафар – 24,8%, баҳои «2» - 3 нафар – 24,8 %» [163, в.164].

Агар дар муқоиса нисбат ба соли хониши 2004-2005 гирем, баҳои «5» 16,6% зиёд, баҳои «4» баробар буда, баҳои «3» 0,2% кам гардидааст, баҳои «2» 16,6% коҳиш ёфтааст.

Таҳия ва тасдиқи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи Шурои ҷамъиятии муассисаҳои таҳсилоти умумии Чумҳурии Тоҷикистон барои рушду нумуи муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ нақши муҳим бозиданд.

Ҳукумати кишвар ба рушду нумуи гимназия ва литсейҳо диққати махсус дода, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуд, ки бо мақсади дуруст ба роҳ мондани низоми таҳсил дар ин муассисаҳо ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия намояд. Вазорат дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дигар дар ин давра «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.09, №427), (мактабҳо, гимназияҳо)-и Президентӣ барои хонандагони болаёқат» (қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.09.2010, №14/4)-ро таҳия ва қабул намуд, ки ҳар кадоми он барои пешрафти ин зинаи таҳсилот ва муассисаҳои типи нав ёрии амалӣ расониданд.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониши талабагон соли 2010 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015» [74] таҳия ва тасдиқ гардид.

Бо ҷалби фаъолонаи аҳли ҷомеа тадбирҳои азнавсозии шакл ва мазмуни таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоию миёнаи касбӣ давра ба давра тарҳрезӣ карда мешуданд. Раванди гузариш дар асоси ба эътибор гирифтани хусусиятҳои хоси минтақаҳои мамлакат эҳдо гардида, суръати баланд бардоштани сифати таълим, васеъ гардонидани доираи ҷаҳонбинии хонандагонро дар бар мегирифт.

Барои дастгирӣ намудани хонандагони болаёқат Ҳукумати мамлакат Маркази ҷумҳуриявии кор бо мактаббачагонро дар назди Вазорати маориф таъсис дод. Баъдтар таъсиси чунин марказ шароит фароҳам овард, ки дар озмунҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ва хориҷи кишвар хонандагони болаёқат истеъдодҳои худро муаррифӣ гардонанд. «Дар натиҷа 71 хонандагони болаёқат дар олимпиада ва мусобиқаҳои байналхалқӣ, дар давоми солҳои

2007-2008 дар мамлакатҳои Америка, Қазоқистон, Озарбойҷон, Руминия, Венгрия, Узбекистон, Ветнам, Туркия, Москва, Гурҷистон, Арманистон фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойи 42 кунанд» [147, в.42].

Таҳқиқ нишон дод, ки солҳои минбаъда хонадагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар дониши худро сайқал дода, дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ сазовори ҷойҳои намоён гарданд. Масалан: танҳо дар соли 2014 дар даври нахустини олимпиадаи байналхалқӣ, ки ба таври фосилавӣ баргузор гардид, зиёда аз 6000 нафар хонандагони синфҳои аз 5 то 9 ширкат варзиданд, ки аз шумораи умумии онҳо 1454 нафар ба даври ниҳои роҳ ёфтанд. Хонандагони кишвар соли 2009 дар озмунҳои доиргардида, иштирок намуда, сазовори 44 медал, соли 2011 бошад, соҳиби 60 медал ва ҳамчунин соли 2013 сазовори 40 ҷойи якум, дуввум ва сеюм гардиданд, ки бо медалҳои биринҷиву нукра ва тилло сарфароз гардонида шуданд [80, с.45].

Дар соли 2015 дар олимпиадаҳои фаннӣ 841 нафар хонанда ширкат варзида, аз миқдори умумии онҳо 220 нафарашон соҳиби ҷойҳои ифтихори аз ҷумла 59 нафар соҳиби ҷойи аввал, 65 нафар соҳиби ҷойи дуюм ва 96 нафар соҳиби ҷойи сеюм гардиданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки пайваста хонандагони болаёқати мо дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, ки дар давлатҳои Ветнам, Кореяи Ҷанубӣ, Индонезия, Тайланд, Ҳиндустон, Дания, Русия, Қазоқистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Африкои Ҷанубӣ, ШМА, Туркия, Руминия, Булғория бо дастовардҳои илмии худ ба Тоҷикистони азизамон баргаштанд. «То охири соли 2014 хонандагони тоҷик аз олимпиадаҳои байналмилалй сазовори 148 медал - 29 медали тилло, 37 медали нуқра ва 82 медали биринҷӣ гардиданд» [121, в.64].

Барои дарёфт ва рушди истеъдодҳои хонандагони болаёқат, таҳким намудани ҳаракати олимпӣ таъсиси муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо» заминаи асосӣ гузошт. Бо

густариши ҳаракати олимпӣ дар кишвар шумораи олимпиадаҳо ва иштироки хонандагон рушд намуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон илова ба таҳсилоти асосӣ таҳсилоти иловагӣ низ амал мекунад, ки барои баланд бардоштани сифати таълим ва рушд додани қобилияти зеҳнии хонандагон мавқеи аввалиндараҷа дорад. Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин омадааст: «Шумораи кӯдакон дар мактабҳои иловагии мусиқӣ ва варзишӣ соли 2018 1387 нафарро ташкил дод. Шумораи умумии маҳфилҳо аз рӯйи самтҳои гуногун дар соли таҳсили 2018-2019 6562 ададро ташкил додааст (аз ҷумла, маҳфилҳои эҷодиёти техникӣ, табиатшиноси ҷавон, кишваршиносӣ ва сайёҳӣ, эҷодиёти бадеӣ ва ғайра), ки аз онҳо 253 маҳфил пулакӣ мебошад. Дар маҳфилҳо 119736 нафар хонанда, аз ҷумла 54791 нафар духтар таълим мегирифтанд» [100, в.35].

«Давраи пажуҳиш сатҳи миллии норасоии захираҳои нави босифат, аз ҷумла барномаҳои алтернативӣ, дастуру китобҳои фаннӣ ва мутобиқ шудан ба зинаҳои таҳсилро дар бар мегирифт. Фарқият дар сатҳи донишандӯзии хонандагон ба назар мерасид, яъне натиҷаи дониш дар тафаккури хонандагон яксон набуда вобаста ба сатҳи донишазхудкунии онҳо рушд меёфт. Дар сатҳи зарурӣ озмоишгоҳ ва кабинетҳои фанҳои математика, химия, физика, мусиқӣ, таълими меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ дар сатҳи зарурӣ таҷҳизонида нашуда буданд» [303, с.22-24].

Давраи таҳқиқшаванда дар ҷумҳурӣ теъдоди муассисаҳои типи нав 156 адад буда, аз ҷумла 75 гимназия ва 81 литсей ба қайд гирифта шудааст. Дар робита ба ин, моҳи феврали соли 2021 аз тарафи гурӯҳи кории Вазорати илм ва маориф фаъолияти муассисаҳои таълимии хусусӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд, ки масъалаҳои таъминот бо кадрҳои педагогӣ ва китобҳои дарсӣ, татбиқи нақшаи таълим, пояи моддию техникӣ (мавҷудияти кабинет ва лабораторияҳои муҷаҳҳаз, компютер, тахтаи электронӣ ва истифодаи он), дастрасӣ ба интернет, азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва сифати таҳсилот, иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявиро дарбар гирифт.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки бархе аз муассисаҳои таҳсилоти умумии хусусӣ худро комилан мустақил шуморида, ҳамкориро бо раёсату шуъбаҳои маориф ба роҳ намемонданд, ки ин боиси дар вақташ иҷро нагардидани амру супориш ва қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Агарчи масъалаи таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ ҳалли худро ёфта бошад ҳам, аммо дараҷаи таҳсилот ва тахассуси омӯзгорон то ҳанӯз дар чанде аз муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо ба талабот ҷавобгӯ нест. Масалан, аз 1010 нафар омӯзгор 897 нафар дорои таҳсилоти олӣ, 36 нафар дорои таҳсилоти олии нопурра, 67 нафар дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 10 нафар дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Илова бар ин, дар ин муассисаҳо 31 нафар омӯзгор ғайри ихтисоси омӯзгорӣ ва 78 нафар ғайри ихтисоси фаннӣ ба хонандагон дарс мегузаранд. Ин боис мешавад, ки азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва сифати таълим паст бошад.

Гурӯҳи корӣ дар 17 муассисаи таълимии хусусӣ кори тестӣ гузаронид, ки аз «шумораи умумии 2938 хонандаи иштирокнамуда, 416 нафар (14,1%) баҳои 5, 563 нафар (19,1%) баҳои 4, 769 нафар (26,1%) баҳои 3 ва 1189 нафар (40,4%) баҳои 2 гирифта, азхудкунии барномаҳои таълимӣ 59,5% ва сифати таълим 33,3%-ро ташкил дод, ки ин дар муқоиса ба муассисаҳои таҳсилоти умумии давлатӣ 38,7% ва 6,3% паст мебошад» [107, с.26].

Барои кӯмак ба омӯзгорону хонандагон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар амал татбиқ намудани муносибатҳои босалоҳият дар таълим давоми солҳои 2016-2020 ба хонандагон 11 номгӯй замимаҳо ба китобҳои дарсӣ бо теъдоди 1 млн. 500 нусха (соли таҳсили 2016-2017), 68 номгӯй дастурҳои раҳнамои омӯзгор (тариқи ройгон) бо теъдоди умумии 466 800 нусха барои синфҳои 1-11 (солҳои таҳсили 2016-2017, 2019-2020) ва 53 номгӯй раҳнамои омӯзгор (пулакӣ 68 (2) сомонӣ) бо теъдоди

умумии 332400 нусха солҳои 2018-2021 ба табъ расидааст, ки дар ҷадвали зерин оварда мешавад.

Ҷадвали № 14

| т/р | Соли нашр | Номгӯи маводи таълимӣ | Теъдоди чоп | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| Замимаҳо ба китоби дарсӣ | | | | |
| 1 | 2016 | 8 | 1050000 | 5234100,00 |
| 2 | 2017 | 3 | 450000 | 2559000,00 |
| | Ҳамагӣ: | 11 | 1500000 | 7793100,00 |
| Раҳнамои омӯзгор аз рӯи фанҳои таълимӣ барои синфҳои 1-11 (ройгон) | | | | |
| 1 | 2016 | 30 | 290000 | 2248000,00 |
| 2 | 2017 | 32 | 134500 | 1192460,00 |
| 3 | 2018 | 0 | 0 | 0,00 |
| 4 | 2019 | 3 | 25800 | 486244,00 |
| 5 | 2020 | 3 | 16500 | 132000,00 |
| | Ҳамагӣ: | 68 | 466800 | 4058704,00 |
| Раҳнамои омӯзгор аз рӯи фанҳои таълимӣ барои синфҳои 1-11 (пулакӣ) | | | | |
| 1 | 2018 | 30 | 208000 | 3416554,00 |
| 2 | 2019 | 11 | 68800 | 1657758,00 |
| 3 | 2020 | 9 | 46600 | 668161,00 |
| 4 | 2021 | 3 | 9000 | 133500,00 |
| | Ҳамагӣ: | 53 | 332400 | 5875973,00 |

Ба тадбирҳои амалишуда нигоҳ накарда, санҷиш нишон дод, ки имрӯз маводи таълимии фиристодашуда дар шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ нигоҳ дошта нашуда, дар ихтиёри омӯзгорон қарор дорад. Вобаста ба он ки ҳаракати омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ, бо сабаби набудани шароит дар синфхонаҳои таълимӣ аз дастурҳои мазкур хеле кам истифода мебаранд ва ин албатта, ба сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

«Пажуҳиш нишон дод, ки дар 14 ноҳия аз 33 муассисаи таълимӣ дар 390 синф кори тестӣ гузаронида, шуд ки дар онҳо шумораи умумии 7714 хонанда иштирок намуда, баҳои «5» 454 нафар (5,8%), «4» 1668 нафар (21,6%), «3» 3217 нафар (41,7%) ва «2» 2375 нафар (30,8%) гирифта, сифатнокӣ 27,5% ва азхудкунии барномаи таълимӣ 89,2% -ро ташкил дод» [130, в.180].

Рушди литсей ва гимназияҳоро дар шароити ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2021 дар ҷадвали зер пешниҳод менамоем.

Ҷадвали № 15

| Сол | Гимназия | Литсей | Сол | Гимназия | Литсей |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1991-1992 | 1 | 0 | 2006-2007 | 84 | 50 |
| 1992-1993 | 5 | 4 | 2007-2008 | 87 | 43 |
| 1993-1994 | 15 | 8 | 2008-2009 | 84 | 51 |
| 1994-1995 | 11 | 18 | 2009-2010 | 61 | 49 |
| 1995-1996 | 12 | 18 | 2010-2011 | 61 | 53 |
| 1996-1997 | 12 | 32 | 2011-2012 | 92 | 62 |
| 1997-1998 | 18 | 25 | 2012-2013 | 87 | 59 |
| 1998-1999 | 24 | 37 | 2013-2014 | 85 | 65 |
| 1999-2000 | 24 | 29 | 2014-2015 | 85 | 65 |
| 2000-2001 | 32 | 51 | 2015-2016 | 83 | 68 |
| 2001-2002 | 51 | 66 | 2016-2017 | 79 | 69 |
| 2002-2003 | 59 | 60 | 2017-2018 | 79 | 70 |
| 2003-2004 | 64 | 56 | 2018-2019 | 77 | 70 |
| 2004-2005 | 67 | 50 | 2019-2020 | 75 | 71 |
| 2005-2006 | 77 | 57 | 2020-2021 | 75 | 81 |

Агар дар солҳои таҳсили 1991-1992 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ як гимназия фаъолият дошта бошад, пас дар солҳои хониши 2020-2021 дар ҷумҳурӣ 75 гимназия ва 81 литсей фаъолият менамуданд, ки дар муқоиса ба 30 соли пеш 74 гимназия ва 84 литсей зиёд аст ва дар ин самт пешравиҳо зиёданд.

Лозим ба ёдоварист, ки вобаста ба таҳия ва қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, аз ҷумла қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113 «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025», инчунин низомномаҳои олимпиадаҳои даставии хонандагони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат аз фанҳои табиӣ-риёзӣ ва ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, ки бо қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2021, №7/48-49 тасдиқ гардидаанд, корбарӣ, чораҷӯӣ ва саҳмгузорӣ намуданд.

Дар ин раванд, баҳри таҳкимбахшии корҳо дар самти иҷрои босифат ва самарабахши қарор ва Барномаи мазкур Марказ ба унвонии раисони шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (бо имзои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) мактуб ирсол намуд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди амалигардонии Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 шумораи марказҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ дар ҷумҳурӣ ба 72 адад расид, ки Марказ ба фаъолияти самарабахши ин марказҳоро назорат ва ҳамоҳанг месозад.

Бинобар ин, соли 2021 тибқи нақшаҳои корӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва иҷрои самарабахши фаъолияти оинномавии Марказ 6 ҷаласаи Шуро ва 4 ҷаласаи Шурои методӣ бо баррасии зиёда 50 масъалаи мубрами рӯз ва ҷорӣ баргузор намуда, барои дар сатҳи зарурӣ баргузор гардидани 3 ҷаласаи нақшавӣ ва 1 ҷаласаи сайёри Шурои директорони мактабҳои Президентӣ, гимназияи ҷумҳуриявӣ ва литсейҳо барои хонандагони боистеъдод ҳамкорӣ ва мусоидат намуд, ки барои таҳкимбахшӣ ва пешрафти корҳо натиҷаҳои дилхоҳ доданд.

Ба тасвиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», қабул гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113 «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025», қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2021, №7/48 Дар бораи «Низомномаи Олимпиадаи даставии хонандагони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ», №7/49 Дар бораи «Низомномаи Олимпиадаи даставии хонандагони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат аз фанҳои табиӣ-риёзӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва соҳа масъулияти роҳбарият ва омӯзгорони муассисаҳои давлатии таълимии мактабҳои Президентӣ ҷиҳати арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, баҳри расидан ба ин ҳадафҳои неку наҷибона даҳчанд менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар мамлакат то соли 2010 танҳо як намуди гузаронидани олимпиадаи фаннӣ барои талабагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои синфҳои 11 вуҷуд дошт, аммо дар соли 2021 шумораи онҳо 24 ададро ташкил медоданд.

«Соли 2021 дастовардҳои назарраси хонандагони боистеъдоди муассисаҳои типи нави мамлакат бо соҳиб гардидани 1005 ҷой ноил гардиаанд, ки 54,5 фоиз ва мактабҳои Президентӣ, гимназияи ҷумҳуриявӣ ва

литсейҳо барои хонандагони болаёқат бо дарёфти 376 ҷойи ифтихорӣ 20 фоизро ташкил медиҳад» [107, с.41].

**Натиҷаи** иштироки хонандагони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннии соли 2021 дар ҷадвали зерин инъикос гардидааст.

Ҷадвали № 16

| № т/р | Номи муассиса | Шаҳр/ Ноҳия | Минтақа | Шумораи медалҳо | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | I | I | III | |
| 1 | Мактаби Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар ноҳияи Данғара | Данғара | Хатлон | 114 | 118 | 331 | 63 |
| 2 | Литсей-интернати Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар шаҳри Душанбе | Сино | Душанбе | 111 | 222 | 330 | 63 |
| 3 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» | Сино | Душанбе | 99 | 88 | 330 | 47 |
| 4 | Мактаби Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд | Кӯлоб | Хатлон | 11 | 112 | 228 | 41 |
| 5 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» | Сино | Душанбе | 22 | 111 | 226 | 39 |
| 6 | Мактаби Президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд | Ҳисор | ШНТҶ | 88 | 111 | 113 | 32 |
| 7 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ» | Фирдавсӣ | Душанбе | 33 | 66 | 113 | 22 |
| 8 | Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат | Бӯстон | Суғд | 11 | 33 | 112 | 15 |
| 9 | Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат | Хоруғ | ВМКБ | 11 | 11 | 112 | 14 |
| 10 | Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи ҷумҳуриявӣ” | Данғара | Хатлон | -- | 33 | 111 | 14 |
| 11 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи Президентии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои хонандагони лаёқатманди шаҳри | Турсун-зода | ШНТҶ | 11 | 22 | 77 | 10 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Турсунзода» | | | | | | |
| 12 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд | Хуҷанд | Суғд | 22 | 11 | 55 | 8 |
| 13 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» | Турсун-зода | ШНТҶ | -- | 11 | 22 | 3 |
| 14 | Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат | Кӯшо-ниён | Хатлон | -- | -- | 33 | 3 |
| 15 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» | Бохтар | Хатлон | -- | -- | 22 | 2 |
| 16 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» | Кӯлоб | Хатлон | -- | -- | - | - |
| Дар умум | | | | 53 | 99 | 225 | 376 |

Дар соли хониши 2020-2021 натиҷаи ҷамъбасти даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ нишон дод, ки хонандагони мактабҳои Президентӣ ва литсейҳои ҷумҳурӣ сазовори 376 ҷойи ифтихорӣ гаштанд.

Натиҷаи 10 муассисаи таълимии фаъоли кишвар дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннии соли 2021 чунин аст.

Ҷадвали № 17

| т/р | Номи муассиса | Шаҳр/ ноҳия | Минтақа | Шумораи медалҳо | | | Дар умум |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | I | II | III | |
| **1** | Мактаби Президентӣ | Данғара | Хатлон | 14 | 18 | 31 | 63 |
| **2** | Литсей -интернати Президентӣ | Сино | Душанбе | 11 | 22 | 30 | 63 |
| **3** | Литсей барои хонандагони болаёқат | Сино | Душанбе | 9 | 8 | 30 | 47 |
| **4** | Литсей- интернати «Ҳотам ва ПВ» | Ҳисор | ШНТҶ | 14 | 14 | 14 | 42 |
| **5** | Мактаби Президентӣ | Кӯлоб | Хатлон | 1 | 12 | 28 | 41 |
| **6** | Мактаби байналмилалии Президентӣ | Сино | Душанбе | 2 | 11 | 26 | 39 |
| **7** | Гимназияи №1 | Сино | Душанбе | 6 | 14 | 13 | 33 |
| **8** | Мактаби Президентӣ | Ҳисор | ШНТҶ | 8 | 11 | 13 | 32 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **9** | Литсейи №1 | Бохтар | Хатлон | 1 | 7 | 20 | 28 |
| **10** | Литсейи №2 | Сино | Душанбе | 7 | 6 | 13 | 26 |
| **11** | Литсейи физикӣ–математикии №1 | Хуҷанд | Суғд | 3 | 5 | 18 | 26 |
| **12** | Литсейи №3 | И.Сомонӣ | Душанбе | 10 | 4 | 11 | 25 |
| Дар умум | | | | 886 | 132 | 247 | 465 |

Дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ (синфҳои 5-11) дар соли 2021, хонандагони 10 муассисаи таълимӣ сазовори 465 ҷойи ифтихорӣ (86 тилло, 132 нукра ва 247 биринҷӣ) гашта, мақоми даҳгонаи аввалро ишғол намуданд.

Натиҷаи иштироки хонандагони 17 муассисаи таҳсилоти умумии типи нав дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннии соли 2021 (бе мактабҳои Президентӣ ва литсей барои хонандагони болаёқати сатҳи ҷумҳуриявӣ), дар ҷадвали зерин инъикос карда мешавад.

Ҷадвали № 18

| РР/т | Номи муассиса | Шаҳр/ноҳия | Минтақа | Шумораимедалҳо | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | II | III | III | |
| 1. | Литсей-интернати тоҷикӣ-русии «Ҳотам ва ПВ» | Ҳисор | НТҶ | 114 | 114 | 14 | 42 |
| 2. | Гимназияи № 1 | Сино | Душанбе | 66 | 14 | 13 | 33 |
| 3. | Литсейи №1 | Бохтар | Хатлон | 11 | 47 | 20 | 28 |
| 4. | Литсейи №2 | Сино | Душанбе | 77 | 66 | 13 | 26 |
| 5. | Литсейи физикӣ–математикии №1 | Хуҷанд | Суғд | 33 | 55 | 18 | 26 |
| 6. | Литсейи №3 | И. Сомонӣ | Душанбе | 110 | 44 | 11 | 25 |
| 7. | Литсейи №5 | Исфара | Суғд | 22 | 88 | 15 | 25 |
| 8. | Гимназияи №74 | Фирдавсӣ | Душанбе | 33 | 110 | 11 | 24 |
| 9. | Гимназияи № 2 | Шоҳмансур | Душанбе | 33 | 66 | 13 | 22 |
| 10. | Литсейи «Оғохон» | Хоруғ | ВМКБ | 11 | 88 | 10 | 19 |
| 11. | Литсейи №1 | Спитамен | Суғд | 66 | 44 | 7 | 17 |
| 12. | Литсей-интернати тоҷикӣ-русии «Ҳотам ва ПВ» | Сино | Душанбе | 44 | 88 | 4 | 16 |
| 13. | Литсейи №1 | И. Сомонӣ | Душанбе | 88 | 66 | 2 | 16 |
| 14. | Литсейи тамоюли техникии ба номи «Афлотун» | Данғара | Хатлон | 33 | 22 | 10 | 15 |
| 15. | Литсейи №1 | Исфара | Суғд | 11 | 44 | 8 | 13 |
| 16. | Муассисаи таълимии ғайридавлатии | Конибодом | Суғд | -- | 66 | 7 | 13 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | «О. Ҷӯраев» | | | | | | |
| 17. | Литсейи давлатии «Ориёно» | Бохтар | Хатлон | -1 | 22 | 10 | 13 |
| | | Дар умум | | 773 | 1114 | 186 | 373 |

Натиҷаи ҷамъбасти даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ дар соли хониши 2020-2021 нишон дод, ки хонандагони 17 муассисаҳои таҳсилоти умумии типи нав сазовори 373 ҷойи ифтихорӣ (73 тилло, 114 нукра ва 186 биринҷӣ ) гаштанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли таҳсили 2019-2020 беҳтар аст.

Натиҷаи иштироки хонандагони кишварро дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ таи 10 соли охир дар диаграммаи зерин нишон медиҳем.

Диаграммаи №5




Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки натиҷаи фаъолияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар маҷмуъ, 14361 нафарро ташкил медиҳанд, дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори 4873 ҷойи ифтихорӣ (903 ҷойи якум, 1450 ҷойи дуюм, 2520 ҷойи сеюм) гардиданд, ки дастовардҳои соли 2021 нисбат ба соли 2019 - 1188 медал (аз ҷумла 161 медали тилло, 329 медали нукра, 698 медали биринҷӣ) зиёд мебошад.

Ҳамзамон, мавриди қайд аст, ки аз аввали соли 2021 1053 нафар хонандагони боистеъдоди муассисаҳои таълимии кишвар, аз ҷумла мактабҳои Президентӣ, гимназияи ҷумҳуриявӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат дар 36 олимпиадаи фаннии сатҳи умумиҷаҳонӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори 652 ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

Натиҷаи ҷамъбасти иштироки хонандагони мамлакат дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, ки дар соли 2021 иштирок доштанд, дар диаграммаи 6 нишон дода мешавад.

Диаграммаи № 6




| | Сатҳи олии умуми-ҷаҳонии олимпиада | Байналмилалии фаннии сатҳи баланд | Байналмилалии фаннии сатҳи миёна | Байналмилалии лоиҳавӣ | Байналмилмилалии фаннии фосилавӣ (online) | Дар умум |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди олимпиада | 6 | 13 | 1 | 2 | 14 | 36 |
| Шумораи иштирокчиён | 27 | 132 | 93 | 3 | 798 | 1053 |
| Ҷойҳои аввал | 0 | 6 | 20 | 0 | 53 | 79 |
| Ҷойҳои дуюм | 3 | 11 | 22 | 5 | 149 | 190 |
| Ҷойҳои сеюм | 4 | 23 | 26 | 3 | 321 | 377 |
| Ҷамъ | 7 | 40 | 68 | 8 | 523 | 646 |

Тибқи ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 чунин омадааст: «Соли 2021 хонандагони кишвар дар 35 олимпиадаи байналмилалӣ, ки дар давлатҳои гуногун-Озарбойҷон, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Кореяи Ҷанубӣ баргузор гардиданд, фаъолона иштирок намуда, сазовори 79 медали тилло, 187 медали нуқра ва 374 медали биринҷӣ гардиданд» [107, с.62].

Соли таҳсили 2020-2021 дар кишвар 84 муассисаи таҳилоти иловагӣ фаъолият мекард, ки онҳо фарогири 56582 нафар хонандагон гардида буданд, ки шумораи омӯзгорони ин муассисаҳо қариб ба 2000 нафарро расида буд. «Фаъолияти маҳфилҳо, дар ин марказҳо аз рӯи равияҳо ба роҳ монда шудааст. То соли 2021 шумораи маҳфилҳои равияи техникӣ 184 адад, варзиши 126 адад, сайёҳӣ-кишваршиносӣ 95 адад, экологӣ 109 адад, бадеӣ 301 адад, ҳунарҳои мардумӣ 533 адад ва маҳфилҳои фаннӣ 366 ададро ташкил медиҳанд, ки дар умум 1719 маҳфил кору фаъолият дорад. Қобили қайд аст, ки аз нисф зиёди аъзои маҳфилҳо, яъне 34391 нафарро духтарон ташкил медиҳанд» [91, с.28].

Дар доираи амалӣ намудани тартиби ба навор гирифтани дарсҳои видеоӣ, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2020, №16/33 тасдиқ шудааст, то давраи таҳқиқшаванда зиёда аз 350 сенария барои тақриз ба муқарризон пешниҳод гардида, зиёда аз 50 дарси видеоӣ аз 14 фанни таълимӣ омода карда шудаанд.

Бахшида ба 28-умин солгарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 23 феврали соли 2021 дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ озмуну дарсҳои кушод ва соатҳои тарбиявӣ дар мавзуи «Сарбозон сипари боэътимоди Ватан», «Мо ҳомиёни Ватанем», «Саҳми Президенти Тоҷикистон дар таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», расм, иншо, саҳначаи беҳтарин ва мусобиқаи ҳарбӣ-варзишии «Ватанпарвар» ташкил ва гузаронида шуданд.

Ибтидои асри XX1 як марҳилаи гузариш ба ҷомеаи иттилоотии рақамӣ мебошад, ки дар он таълим на танҳо бояд ба пуррагии маълумоти пешниҳодшаванда, балки бештар ба қобилияти дарёфтану таҳлили додаҳову иттилоот ва аз онҳо гирифтани донишҳои зарурӣ равона гардад. Бо ин мақсад, рӯзи 25 ноябри соли 2021 дар Марказ ҳайати гурӯҳи корӣ ҷиҳати татбиқи барномаи «Саводнокии рақамӣ», ки дар он намояндагон аз Хазинаи кӯдакон СММ иштирок доштанд, фаъолият намуд.

Соли 2021 дар сохтори Вазорати маориф ва илм шуъбаи сифати таҳсилот таъсис ёфт. Ҳамзамон, «Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи шуъба ва Дастурамалҳои мансабии кормандони шуъба таҳия ва тибқи муқаррарот тасдиқ шуд.

«Пажуҳиш нишон дод, ки дар синфҳои 2-11 дар ҷумҳурӣ аз 1907932 нафар хонанда баҳои 5 (211487 нафар) 11 %, баҳои 4 (690459 нафар) 36,1 %, баҳои 3 (985562) нафар 51,6 % ва баҳои 2 (20424 нафар) 1 % гирифтанд. Сифати таҳсилот 47,2 % ва азхудкунӣ 98,9 % -ро ташкил дод» [91, с.248].

Хулоса имрӯз ҳар як хонандаро зарур аст, ки бо шукргузорӣ аз истиқлолияти кишвар, алалхусус сулҳу суботи комил, соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ, ягонагии миллӣ пайваста барои азхудкунии илму дониш ва касбҳои муосир камари ҳиммат баста, барои ояндаи кишвар саҳми арзандаи худро гузорад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми аз ҷумла типи нав инкишоф ёфтанд. Соли хониши 2020-2021 дар мамлакат 76 гимназия ва 81 литсей фаъолият доштанд, ки дар муқоиса нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 75 гимназия зиёд мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, алалхусус муассисаҳои типи нав дар олимпиадаҳо рушд кард. Махсусан, иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва типи нав дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ назаррас буданд. Агар дар соли хониши 2013-2014 ҳамагӣ 3400 нафар хонандагон ба олимпиадаҳо ҷалб гардида бошанд, пас, дар соли хониши 2020-2021 дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ 4243 нафар хонандагони лаёқатманди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ иштирок намуданд, ки дар муқоиса аз соли 2014 843 нафар хонанда зиёд буд. Аз шумораи умумии иштирокчиёни даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ дар соли 2021 1842 нафар хонанда сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

## 3.3. Арзёбии хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми сохторҳои худ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таъкиду нишондодҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба роҳбарӣ гирифта, мекӯшанд, ки фаъолияти аҳли маорифу аҳли мактаб ба нафъи таълиму тарбияи талабагону омӯзгорон, донишҷӯёну устодон анҷомад ва ба низоми маориф халале ворид нашавад.

Дар замони Шуравӣ методологияи марксистӣ – ленинӣ пояҳои илмии системаи маорифи моро ташкил медод, ки мақсадаш коркарди назарияи омода намудани насли наврас ба сохти ҷамъияти нав, одамони ҳаматарафа инкишофёфта буд. Ин идеология баробари пош хӯрдани давлати абарқудрати Шуравӣ аз байн рафт.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ давлати соҳибихтиёр ва мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи вуҷуд кард бо тамоми рукнҳои миллию давлатдории худ. 18 апрели соли 1998 Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар анҷумани IV ҲХДТ таъкид карда буданд: «Барои миллати тоҷик, ки борҳо бар асари ихтилофоти гуногун пароканда шуда, давлатдории хешро аз даст дода буд, идеологияи ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ идеологияи аз ҳама асосӣ мебошад». Тақозо ва дархости замонро бингаред, ки баъди 18 сол, 3 феврали соли 2016 Президенти кишвари Россия В. Путин дар як вохӯриаш бо аҳли зиё мегӯяд: «Ягон хел идеология накобед, фикр ҳам накунед, идеологияи мо «патриотизм», яъне ватандӯстӣ мебошад» [211, с.70].

Дар шароити муосир оид ба муносибати босалоҳият ба омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад, зеро дар асри XXI кашфу ихтироот маҳз дар ҳамин самтҳо сурат мегиранд.

Аз ин рӯ, ташаккули босалоҳиятии хонандагон ба саволе, ки кадом натиҷаи таълим имрӯз ба онҳо лозим аст ва талаботи ҷаҳони муосирро қонеъ мекунад, ҷавоб дода метавонад. Татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим шароит фароҳам меоварад, ки масъалаи дар сатҳи зарурӣ омода намудани

дараҷаи донишазхудкунии таълимгирандагон сарбори̅ кам карда шавад [209, с.50].

Ҳукумати кишвар дар амали̅ намудани соҳаи сиёсати маорифи кишвар пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, то сатҳу сифати таълимро рушд дода, дар ин замина тадбирҳои зарури̅ биандешад. Маҳз чунин масъала буд, ки соли 2012 Ҳукумати кишвар «Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020»-ро қабул намуд. Барои дар амал татбиқ намудани стартегияи зикршуда, нақшаву барномаҳо, бархе аз дастуру китобҳои дарси̅ мувофиқи таълими салоҳиятноки̅ таҳия ва чоп гардиданд.

Нигоҳе ба таърихи муносибати салоҳиятноки̅ дар таълим. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои асоси̅ оид ба таърихи пайдоиши таълими босалоҳият, он нахустин бор дар Англия пайдо шуда, дар истеҳсолот татбиқ гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин низом на дар дохили низоми маориф, балки ҳамчун посух ба фармоиши мушаххаси соҳаи касби̅ ба миён омада буд.

Дар солҳои 70-уми асри XX дар ШМА мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятҳои асоси̅» дар соҳаи тиҷорат барои муайян намудани сифати корманди муваффақ истифода мешуд. Ҳамин тариқ, салоҳиятҳо як ҷузъи фаъолияти касбии босалоҳият дониста мешуданд. Аз ин ҷо саволе ба миён меомад, ки оё салоҳиятҳоро мавриди омӯзиш қарор додан мумкин аст ё на? Дар ҳамин замина, мафҳуми «салоҳият» вориди соҳаи маориф шуд, ки баъдан мавқеи калидиро аз худ намуд.

«Соҳаи маориф асосан, бо дониш, малака ва маҳорат сару кор дошт. Соҳаи касби̅ бошад, бо ченакҳои дигар, яъне салоҳиятҳоро дар бар мегирифт. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки касбият бо салоҳият робитаи зич дорад, аммо таълим бошад, бо дониш, малака ва маҳорат» [342].

Раванди Болония айни замон 48 кишварро муттаҳид мекунад: Австрия, Озарбойҷон, Албания, Андорра, Арманистон, Белгия, Булғористон, Босния ва Ҳерсеговина, Ватикан, Британияи Кабир, Маҷористон, Олмон, Юнон,

Гурҷистон, Дания, Ирландия, Исландия, Испания, Италия, Қазоқистон, Кипр, Латвия, Лихтенштейн, Литва ва ғайраҳо.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ҳамчун яке аз ҳуҷҷатҳо муҳимми дар амал татбиққунандаи соҳаи маорифи кишвар ба ҳисоб меравад. Мувофиқи «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд» [101, с.28].

Бо назардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, зарурати ислоҳоти соҳа аз омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот вобастагӣ дорад. Яке аз заминаи асосии рушд ва инкишофи нутқи кӯдак дар синни хурди мактабӣ пайдо мешавад ва ин раванд дар давраҳои минбаъда такомул меёбад. Аз ин нуқтаи назар, зарур аст, ки дар синфҳои ибитидоӣ бояд малакаи мустақилона ба даст овардани донишро барои хонандагон замина гузошт. Таҳлилҳо собит сохтаанд, ки талаба беш аз 80-85%-и донишҳои азхуднамудаашро дар марҳилаи синфҳои ибтидоӣ гирифта, минбаъд инкишоф медиҳад.

Бинобар ин мафҳуми тарбия асосан ба маънои «салоҳиятнокӣ» падидор шуда, қобилияти ирсол намудани дониш, маҳорат ва малакаро дар ҳама гуна вазъият дар худ таҷассум менамояд. Навоварӣ малакаҳои ба дараҷаи олӣ инкишофёфтаи ҳалли масъалаҳоро тақозо менамояд. «Барои ин, бо дигарон кор карда тавонистан, қувваҳои одамони мухталифро муттаҳид, намудан мақсади корро равшан сохтан, таҳлили афкор намудан ва нақшаи кориро дида баромадан лозим аст» [226, с.72].

Қабл аз таҳлили низоми таълими босалоҳият зарур аст, ки нахуст ба моҳияти мафҳуми «салоҳият» ва «босалоҳият» таваҷҷуҳ намоем. Тибқи

донишҳои филологӣ ду нуктаи назари бо якдигар муқобилро муқоиса намудан мумкин аст.

Барои ҳаматарафа баррассӣ наудани мазмун ва моҳияти муносибат ба таълими босалоҳиятӣ чӣ буданӣ мафҳуми салоҳият ва босалоҳиятиро ба риштаи таҳлил мекашем. «Нисбати масъалаи матраҳшаванда ақидаҳо мухталиф буда, ҷавоби ягона вуҷуд надорад, шарҳи ягонае ҳам дар баррасии салоҳиятҳо нест, ки мавриди қабули ҳамагон бошад» [232, с.65].

Аз ҳамин нуқтаи назар, ба шарҳи луғатҳои тафсирӣ, соҳавӣ, истилоҳот рӯ оварда, гуфтаҳои мутахассисонро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Нигаред ба ҷадвали зерини шарҳи истилоҳи мафҳумҳои салоҳият ва босалоҳиятӣ.

Ҷадвали № 19

Шарҳи луғавии мафҳумҳои «салоҳият» ва «босалоҳиятӣ»

| Салоҳият | Босалоҳиятӣ |
|---|---|
| Луғати тафсирии Ожегов: «Доираи масъалаҳое, ки бо онҳо касе хуб ошност, доираи вазифаҳо, хуқуқҳо» [345] | «Қобилиятҳои шахс барои иҷрои фаъолиятҳо дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ ва дониш, малака ва маҳорати соҳибшуда» [343]. |
| Салоҳият (аз калимаи лотинии competere - мутобиқат кардан, муносиб будан) — маҷмуи мураттаби дониш, малака, маҳорат ва қобилиятҳо, ки барои ҳалли масъалаҳои муайяни фаъолият равона шудаанд, мебошад [344]. | «Босалоҳиятӣ — сифати шахс, ки дар ягон соҳа дорои донишҳои ҳамаҷониба буда, нуқтаи назараш дар ин маврид эътибор дорад» [344]. |
| «Салоҳият — маҷмуи дониш, малака ва маҳорате, ки дар ҷараёни омӯзиши ин ё он фан ташаккул меёбад, инчунин қобилияти иҷрои ягон амал дар асоси дониш, малака ва маҳорати бадастомада» [343]. | «Босалоҳиятӣ — доштани салоҳиятҳои муайян, яъне дониш ва таҷриба дар фаъолияти шахсӣ, ки барои мулоҳизаи воқеъбинона кардан ва қабули қарорҳои дуруст мусоидат менамоянд» [344]. |

Ҳамин тавр, салоҳият маҷмуи ҳамгироии дониш, малака ва маҳоратро дарбар мегирад, ки дар натиҷаи таҷрибаи амалӣ ва фаъолият бо истифодаи ин донишҳо ба даст омадааст.

Худи фаъолият бо шавқу завқ сахт алоқаманд буда, барои шахс муҳим аст. Босалоҳиятӣ – доштани салоҳият дар ягон соҳаи фаннӣ ё тахассусӣ мебошад. Шарҳи истилоҳӣ то як андоза ба анҷом расид, қадами навбатии мо аз шарҳи мафҳумҳои салоҳият ва босалоҳиятӣ дар соҳаи маориф аз ҷониби

баъзе муҳаққиқону олимон иборат аст, ки дар ҷадвали зерин инъикос карда мешавад.

Ҷадвали № 20

Мафҳумҳои «салоҳият» ва «босалоҳиятӣ» дар соҳаи маориф

| № | Муаллиф | Шарҳ |
|---|---|---|
| | С. Велде | Салоҳиятҳо - талаботи нисбатан бегона ва барои оянда пешбинишуда ба омодасозии таълимии хатмкунанда аст, ки дар заминаи барномаи таълимӣ гузошта мешавад ва ҷавҳари босалоҳиятиро ташкил медиҳад. |
| | | Босалоҳиятӣ хислати шахсӣ, маҷмуи донишҳо, малака ва маҳоратҳои гуногунҷабҳа ва фикррониии тағйирпазир аст. |
| | Э.Ф. Зеер | Дар баробари дониш, малака ва маҳорат, ба сохтори салоҳият таҷриба, яъне ҳамгиройии яклухтгардидаи амалҳо, усулҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо дохил мешаванд. |
| | Т. Е. Исаева | Махсусияти салоҳият дар қобилияти шахс ҳангоми истифодаи донишҳои андӯхта, малака ва маҳорати бадастомада, бунёди мазмунҳои нав, иттилои нав, объектҳои воқеият дар ҷараёни худтакмилдиҳии муттасил зоҳир мешавад. |
| | Ҷ. Равен | Босалоҳиятӣ: қобилияти шахс дар иҷрои самарабахши амалҳо дар соҳаи фаннӣ (ихтисос), аз ҷумла, донишҳо дар риштаҳои маҳдуди тахассусӣ, малакаҳои фаннии навъи махсус, усулҳои фикррони, дарки масъулият барои рафтори худ аст. |
| | Г.К. Селевко | Салоҳият – омодагии субъект барои истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва берунии худ ҳангоми гузоштани мақсад ва расидан ба мақсад аст. Ба захираҳои дохилӣ дониш, малака ва маҳорат, малакаҳои фарофаннӣ, босалоҳиятӣ (усулҳои фаъолият), махсусиятҳои психологӣ, арзишҳо ва монанди инҳо дохил мешаванд. |
| | Ю. Г. Татур | Босалоҳиятӣ сифати интегралии шахс аст, ки кӯшиш ва омодагии ӯро ҳангоми татбиқи неруи худ (дониш, малака, таҷриба, сифатҳои шахсӣ ва ғ.) барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи муайян нишон медиҳад. |
| | А.В.Хуторской | Босалоҳиятӣ – тавсифи маърифатӣ ва ҳамгиройии сифати омодасозии хонанда аст, ки бо қобилияти ба таври маҷмӯӣ қабул кардани дониш, малака ва усулҳои фаъолият аз ҷониби ӯ дар доираи масъалаҳои байнифаннӣ алоқаманд аст. |

Дар заминаи мулоҳизаҳои дар боло овардашуда муаллифон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

- таҳқиқ собит сохт, ки фаҳмиши дурусти «салоҳият» ва «босалоҳиятӣ»-ро муҳаққиқон гуногун арзёбӣ намудаанд;

- дониш ҳамчун заминаи аввал буда, дар натиҷаи такомулот ба маҳорат ва баъд ба малака табдил мегардад;

- асосан ақидаҳо унсурҳо, маъмулан маҷмуи арзишҳо ва муносибатҳоро дар худ таҷассум мекунанд.

Ҳамин тариқ, «салоҳият» ва «босалоҳиятӣ» мафҳумҳои гуногунҷанба мебошанд, мисолҳои дар боло овардаи мо, бешубҳа, дар ин самт гувоҳӣ медиҳанд.

Бинобар ин, бо мақсади мушаххас намудани андешаҳои асосӣ чанд хулосаи муҳимро қайд менамоем:

- салоҳият аз ҷониби шахс дар фаъолияте, ки барои ӯ арзиш дорад, зоҳир мешавад ва ташаккул меёбад;

- салоҳият аз маҷмуи мураккаби амалҳое иборат аст, ки ҳамгиройиро талаб мекунад, на маҷмуи одии дониш ва малакаҳои қаблан бадастовардаро;

- талабот барои хондан, аз худ кардани малакаҳои нав, дар заминаи манфиатҳо ё кӯшишҳо барои ягон мақсад (ваҷҳиёти дохилӣ) ба вуҷуд омада метавонад;

- салоҳиятҳо дар алоҳидагӣ ташаккул намеёбанд. Дар ҳаёти воқеӣ маҳорати эҷодкорӣ, малакаи омӯзиш, тафаккури интиқодӣ, салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ва ғайра ба ҳамдигар омехта шуда, ҳамдигарро тақвият мебахшанд.

Нақши омӯзгор дар таълими муносибати босалоҳият мавқеи хосса дорад. Касби пуршарафи омӯзгорӣ аз қадимулайём бо эҳтиёҷоти зарурии ҷомеа арзи вуҷуд дорад, зеро он дар пешрафти ҷомеа нақши бузург мебозад.

«Мукаммалияти қобилияти омӯзгорӣ дар пояи сидқан фаъолият кардани шахси майлдошта вобаста ба салоҳияти ӯ сурат мегирад. Қобилияти омӯзгорӣ дар раванди таълими салоҳиятнокӣ фаъолияти якҷоя амалкунӣ бо атфол, дӯст доштани кӯдакон, эҳтироми шахсияти онҳо сарчашма мегирад» [187, с.56].

Пешвои миллат омӯзгорро ҳамчун меъмори маърифат ва тарбиятгари миллат мешиносанд. Ҳар сол дар кишвар Рӯзи омӯзгор бошукӯҳ таҷлил мегардад ва ба устодони варзида унвонҳои давлатӣ, ҷоизаҳо ва ифтихорномаҳо супорида мешаванд. Маҳз чунин бovарӣ ва дастгириҳои Пешвои миллат мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳу сифати зиндагии омӯзгорон рӯз то рӯз беҳтар мегардад.

Ҳамчунин, аз соли 2019 Барномаи давлатии дастгирии омӯзгорон амалӣ шуда, маоши кормандони соҳаи маориф мунтазам боло бурда мешавад. Ба таъбири Пешвои миллат: «Маърифати инсон аз мактаб сар мешавад ва мактаб аст, ки миллатро ба сӯйи фардои равшан роҳнамоӣ мекунад». Ҳамин тариқ, комёбиҳои соҳаи маориф дар замони Истиқлол натиҷаи сиёсати оқилона, бунёдкорона ва оянданигари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд» [44]. Бо шарофати ин сиёсати хирадмандона ва дурбинона, имрӯз Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлати дунявӣ ва маорифпарвар устуворона қадам мегузорад [45, с.125].

Маҳз чунин боварӣ ва дастгириҳои Пешвои миллат буд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул гардид (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2025, № 424).

Салоҳиятнокии омӯзгор, пеш аз ҳама, ба маҳорати ӯ вобастагагӣ дорад. Дар ташаккул додани маърифати хонандагон, қабл аз ҳама, дар раванди машғулиятҳо омӯзгорро зарур аст маводи таълимиро бо онҳо баробар тақсим намояд.

«Салоҳиятҳои омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳамроҳ бо хислатҳои хоси ҳамидаи омӯзгорӣ, аз ҷумла: инсонгароӣ, олиҳимматӣ, бошарафӣ, меҳрубонӣ, поквиҷдонӣ, масъулият, ҳалолкорӣ, пешбинӣ, роҳнамоии ҳаёти талабагон, хайрхоҳ будан, танқидгари худ, хештаншинос, доштани ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ ва мушфиқӣ арзёбӣ мегардад» [229, с.8].

Аслан, дар адабиёти педагогию психологӣ омӯзгори босалоҳиятро ҳамчун шахсияти дорои малакаи баланди корӣ арзёбӣ менамоянд. Танҳо ва

танҳо омӯзгор метавонад, ки шогирдони худро мисли оташ обутоб дода, онҳоро бо методҳои ҳавасмандкунӣ руҳбаланд намуда, дар зеҳни онҳо ангезишро нисбати ин ё он фаъолият рушд диҳад [205, с.5].

Маҳорати омӯзгорӣ. Дар таълими салоҳиятнокӣ асосан 2 намуди муайянкунии муносибат ба дониш, маҳорат ва малакаи омӯзгор вуҷуд дорад:

- Нахуст, бо намуд ва усулҳои истифоданамудаи омӯзгор дар раванди таълим муайян карда мешаванд;
- Сониян, аз мавқеи шахсияти омӯзгор сурат гирифта, ки мехоҳад ба муваффаққиятҳои зиёде ноил шавад.

Бо сабаби оне, ки ин усул бо шахсияти омӯзгор яксонанд, дар ин ҷо мухолифат дида намешавад [193, с.45]. Профессор Ю. П. Азаров оид масъалаи мазкур чунин қайд менамояд: «Дар салоҳияти омӯзгории мо ҳамаашро маҳорат ҳал мекунад. Аммо роҳи маҳорат одатан, барои омӯзгорон бо душворӣ ва дуру дароз муяссар мегардад» [170, с.164].

Чунин нуктаи назар ба вуҷуд меояд, ки асоси салоҳиятнокии омӯзгор танҳо дар истеъдоди ирсиятдоштааш муайян карда мешавад. Вазифа бояд маҳорати омӯзгориро омӯзад. «Оё мо метавонем ба тақсимоти истеъдоди тасодуфӣ гузарем? Дар мо чӣ қадар ин хел тарбиятгарони боистеъдод ҳаст?, – пурсида буд А. С. Макаренко – ва барои чӣ кӯдак дар дасти омӯзгори беистеъдод азоб кашад? Ва оё мо метавонем тарбияро аз ҳисоби истеъдод созем? Не. Факат дар бораи маҳорат, яъне дар бораи дониши ҳақиқии раванди тарбия, дар хусуси тавонистани тарбия бояд гап зад. Ман дар таҷриба ба боварие омадам, ки масъалаи маҳоратро, тавоноӣ, бо ихтисоси асосёфта ҳал мекунад» [213, с.236].

Н.В. Самоукина маҷмуи гуногунии психологияи меҳнати омӯзгорро таҳқиқ намуда, чунин менависад: «Омӯзгорони боистеъдоди ҳозира на зиёда аз 12% оммаи асосӣ – ин устодони моҳир, ки тавонманди хуб, донандаи усулҳои омӯзиш ва тарбия мебошанд ва бо шарофати ин таъсирбахшии кор муваффақ мегарданд» [245, с.12].

Маҳорати омӯзгорӣ – маҷмуи хусусияти фардӣ мебошад, маҳорати худинкишофдиҳии касбиро дар сатҳи воло таъмин менамояд. Қисматҳои таркибии маҳорати омӯзгориро М.В. Короткова ба чунин навъҳо ҷудо менамояд: «самти инсонпарварӣ, дониши касбӣ, кобилияти омӯзгорӣ, техникаи омӯзгорӣ» [196, с.67]. Дар навбати худ, ҳар кадоми ин навъҳо шохаҳои алоҳидаи худро доранд, ки дар ҷадвали зерин инъикос карда мешаванд.

Ҷадвали № 21




Хусусиятҳои муҳимми касбии омӯзгор дар шакли таълими босалоҳият аз чунин хислатҳо, аз қабили муносибати некхоҳона, инсонгароӣ қобилияти ташкилотчигӣ, этикаи педагогӣ, одоби муошırати педагогӣ иборат аст.

Серҳаракатӣ қобилияти фардии шахс буда, барои инкишофи маҷмуи хислатҳои шахсият, аз ҷумлаи таъсиррасонӣ ва эҳсоси амиқ, ҷиддан боварикунонӣ, худдорӣ ва таҳамул карда тавонистан, бидуни густохӣ

пешбинии некхоҳона намудан мебошад. Мутафаккири бузурги форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ чунин гуфтааст:

Чунки бо кӯдак сару корат фитод,

Ҳам забони кӯдакон бояд кушод [346].

Нутқи омӯзгор мувофиқи хусусиятҳои педагогӣ таъсирнок, бурро ва боварибахш бошад, то тавонад танҳо бо маҳорати суханвариаш диққати аҳли синфро ба худ ҷалб намояд. Суханронии омӯзгор бояд образнок ва ҳаяҷоновар бошад то тавонад хонандаро ба ҳамон ворид намояд. Масалан омӯзгор метавонад аз асари устод Садрддин Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» барои баланд бардоштани тарбияи ватандӯстӣ чунин мисраъҳоро қироат намояд:

Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,

Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок…

Таъсири нутқи омӯзгор метавонад ҳамчун оҳанрабо диққати хонандагонро ба сӯи худ ҷалб намояд.

Асосан маҳорати омӯзгорро бо санъати навозандагӣ баробар кардан мукин аст. Бубинед, агар мутриб то асбоби мусиқиро дуруст ҷӯр карда натавонад оҳангаш гӯшхарош мебарояд. Маҳз маҳорати омӯзгор айнан ба мисли чунин мисоли зикршуда мебошад. Яъне, омӯзгоре, ки дониш, маҳорат ва малакаи хуби муоширати касбӣ надорад, ҳеҷ гоҳ омӯзгори асил шуда наметавонад [102, с.4]. Чунин гуфтаҳоро андешаи зерини Б.П. Есипов хуб тақвият медиҳад: «Қисматҳои маҳорати омӯзгорӣ ва методу усулҳои марбути фаъолияти омӯзгорӣ ба сони пардаҳои асбоби мусиқӣ дуруст интихоб карда нашаванд, кори ӯ барор намегирад, таъсири муфид намебахшад, чуноне ки мегӯянд «Ҷони нодон дар азоб». Омӯзгор ҳамеша як нақшро мебозад ва ба тарбиягирандагон бояд таъсири мусбат расонад» [185, с.130].

Омӯзгорро зарур аст, ки алоқаро бо волидайн ва аҳли ҷомеа дуруст ба роҳ монад, зеро дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо насли наврас ва ҷавонон ба воситаи барномаҳои зиёди телевизионӣ ва интернетӣ ки шабонарӯзӣ амал мекунад, метавонанд фарҳанги бегонаро қабул намоянд.

Доир ба масъалаи мазкур метавонем ба андешаҳои академик Маҳмадулло Лутфуллоев таваҷҷуҳ намоем: «Мутаассифона, иддае аз духтарону занон ҳатто кӯдакон ба бегонагон тақлид карда, либоси сиёҳ мепӯшанд, сару рӯй мепечонанд, мардони дигаре арақчин ба сар дар кӯчаҳо мегарданд. Ҳол он ки арақчин каллапӯшест, ки шаб дар хоб ё онро аз таги телпак мепӯшанд. Либоси сиёҳ ва рӯсарӣ умуман хоси мардуми мо нест» [302, с.2].

Аслан, одоби муоширати омӯзгорӣ, ин бо риояи меъёри қоидаҳои муносибат оиди хонандагон ва волидайни онҳо ҷиҳати роҳи дурусти ба муомилот бо онон дар ҳама гуна маврид ба ҳисоб меравад, ки он ба принсипҳои ахлоқи умумиинсонӣ бунёд ёфтааст. «Омӯзгор вуҷуди ботинии хонандагонро дарк карда, ҳамзамон хислатҳои хусуматомезро аз байн бурда, дар замири онҳо хислатҳои инсонгароӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ғайраро бедор месозад» [238, с.12].

Фарҳанги омӯзгору омӯзгорӣ, муҳимтар аз ҳама дар нутқ, яъне забон зоҳир мегардад, ки манфиату зарари онро алоҳида таъкид менамоем. Ба он ки муассисаи таълимӣ бояд фикр кардан, андеша карданро таълим диҳад, касе шубҳа надорад. Воқеан, зери мафҳуми «андешидан» чиро мефаҳмем ва «тафаккур» чӣ маънӣ дорад? Дар бисёр маврид мо ду маънии гуногунро аз ҳам фарқ карда наметавонем: инкишофи қобилиятҳои фикр кардан ва раванди расмии азхудкунии донишҳое, ки барномаҳои таълимӣ пешбинӣ кардаанд, ду ҷараёне, ки ҳеҷ вақт як хел фаҳмида намешаванд, айни замон яке бе дигаре буда наметавонад. Ҳақ ба ҷониби омӯзгори барҷаста В.А.Сухомлинский аст, ки мегӯяд: «Тарбияи фикр ва донишандӯзиро набояд як чиз донист, агарчи он бе маълумот вуҷуд дошта наметавонад, чунон ки бе шуои офтоб вуҷуд доштани барги сабз амри муҳол аст, бо ин ҳама, тарбияи фикрӣ ва маълумотдиҳиро низ айнан як чиз шумурдан хатост...Ин вобастагии басо нозук ва ба душворӣ пайбурдашавандаест» [249, с.96].

Муассисаи таълимии муосир бояд ба макони муқаддас, тарбияи насли наврас ва аз ҳама муҳиммаш, ба манбаи инкишофу тараққиёт табдил гардад. Ҳар усуле, ки омӯзгор дар дарс истифода мебарад, танҳо дар сурати майли

бачаҳоро ба фаҳмидан, ҷустуҷӯ ва таҳқиқ бедор кардан, дар сурати фаъолияти эҷодкорона фикр кардан ва мустақилиятро эҳсос намуда, муносибати бачаҳоро нисбат ба ҳаёти воқеӣ руҳбаланд намудан, арзишманд мегардад. Маҳз ба ҳамин хотир, инкишофи фикр аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаву омӯзгор ба шумор меравад» [170, с.164].

Таҳқиқотҳои дар охири асри XX гузаронидаи олимон, омӯзгорон ва психологҳои машҳури рус Л.А. Аристонова, Ю.К Бабанкий, Л.В.Занков, И.Я Ленгер, М.И. Махмутов ва Н. А. Половникова тасдиқ намуданд, ки дар байни омилҳои ба раванди таҳсилот фаъол таъсиркунанда, тафаккури хонанда, ки тавассути фаъолияти ақлӣ ҳосил шудааст, мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Бузургтарин бахти инсон дар соҳиби забониу соҳибдавлат будан, хештаншиносиву ифтихор доштан аз миллати хеш мебошад. Мо бояд дар дарсҳои таърих ҳувияти миллии хонандаро бедор намоем. Муносибати босалоҳият дар таълим падидаи нав набуда, онро мардуми тоҷик ҳазорсолаҳо инҷониб истифода мебурданд. Оид ба ин масъала В.В. Авдеев чунин гуфтааст: «Чӣ тавре ки таърих гувоҳ аст, шахсони соҳибкасб таҷрибаи худро ба насли наврас ва аз як насл ба насли дигар интиқол медоданд» [169, с.15].

Хулоса, хонанда бояд эҷодкор бошад, ҳодисаҳои таърихиро дарк карда тавонад. Аз сарчашмҳаои таърихӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ истифода карда, ба фаъолияти ҳамсабақонаш баҳогузорӣ карда тавонад. Мафҳумҳои мураккабро аз сода фарқ кунад, ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳо дода тавонад ва дар асоси ҳодисаҳои таърихӣ вобаста ба замона мавзуъҳоро азхуд намояд.

Салоҳиятнокӣ маҷмуи қобилияти инсонро оид ба мустақилона истифода кардани унсурҳои мухталифи дониш малакаю маҳорат ва усули фаъолият дар вазъияти муайян нишон медиҳад (вазъияти таълимӣ, инфиродӣ касбӣ). Салоҳият вобаста ба муҳиммият ба чор навъ ҷудо мешавад: салоҳияти асосӣ, салоҳияти умумитаҳсилотӣ, салоҳияти умумифаннӣ, салоҳияти фаннӣ.

Салоҳияти асосӣ амалиёт, ҳаракат, муаммоҳо (проблемаҳо) (иҷтимоӣ–фарҳангӣ, коммуникативӣ) мебошад. Салоҳияти умумитаҳсилотӣ унсури маҷмуи тамоми салоҳиятнокӣ буда, он аз стандарти таҳсилот бармеояд.

Таҳсилот аз ду қисми ҷудонашаванда таълим ва тарбия иборат аст. Тамоми шогирдоне, ки ба таълим ва тарбияи шахс вобаста ҳастанд, ба салоҳияти умумитаҳсилоти мансубанд. Дар салоҳияти умумифаннӣ бошад, фаъолияти хонанда мансуб аст. Муқоисаи назарияҳои таърихӣ, арзёбӣ нисбати ҳодисаҳои таърихӣ, таҳлилу таҷрид намудани фикри дигарон аст, дохил мегардад. Бояд тазаккур дод, ки салоҳияти фаннӣ хаёлоти рангоранги омӯзгор, малака ва маҳорати омӯзгориро талаб мекунад.

«Малакаи касбии омӯзгор ташаккули малака ва маҳорати хонандаро раҳнамоӣ карда метавонад. Омӯзгор барои омӯзиши мавзуъ мақсад, мундариҷаи таълим, тарзи фаъолияти шогирдон, робитаи мутақобиларо ба нақша гирифта, дар ҷараёни дарс ва анҷоми он арзёбӣ мекунад. Дар муносибати бо салоҳият мақсадгузориҳои омӯзгор дар асоси муаммогузори оғоз мегардад ва дарсро дар ташаккули салоҳиятҳо ба нақша мегирад. Ба нақшагирӣ аз рӯи марҳалаҳои ташаккули салоҳият ба роҳ монда мешавад» [307, с.55-63].

Мундариҷаи таълим бошад, бо мақсади ташаккули салоҳиятҳо аз сарчашмаҳои гуногун интихоб мегардад. Омӯзгор тавассути масъул гардонидани хонанда ба таълим, раванди таълимро ба роҳ мемонад. Робитаи мутақобила хусусияти созандагӣ дорад. Омӯзгор ғалату нофаҳмиҳоро муайян намуда, оид ба ислоҳу ғалатҳо супоришҳо медиҳад. Дар ҷараёни таълим аввал хонандаро ба раванди арзёбӣ ҷалб карда, роҳу воситаҳои ба худ баҳо доданро меомӯзонад. Омӯзгор бештар ба ҷиҳати арзёбии ташаккулдиҳанда диққат медиҳад. Аслан, арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълим, ки аз ҷониби омӯзгору хонанда ба вуқуъ мепайвандад, раванди таълимро таҳлил намуда, ки дар натиҷа хулосаҳои ниҳоӣ мебароранд. Дар ҳамин ҷо қайд кардан зарур аст, ки яке аз қонуниятҳои методҳои фаъоли таълим ин муоширати хуб ва ҳамкорӣ байни шогирду омӯзгор аст. Дар ин маврид, методисти муосир М.В. Студеникин қайд намудааст, ки «Омилҳои ташаккул ёфтани ангезиши зеҳни хонанда дар натиҷаи ҳамкорӣ байни шогирду

муаллим дар омӯзиши воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ инкишоф меёбад» [248, с.97].

Муносибати салоҳиятро дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар омӯзиши мавзуи «Эҳё ва инкишофи робитаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо тоҷикони бурунмарзӣ» дида мебароем.

Муайян карда мешавад, ки муносибати босалоҳият аз муносибати классикӣ ба таълим чӣ бартарӣ дорад. Бо ҳамин роҳ метавонем дар мавзуи интихобшуда раванди муносибати босалоҳиятро муайян созем.

Ҷадвали № 22

| Хонанда чиро медонад? | Хонанда чиро иҷро карда метавонад? |
|---|---|
| Оиди ба саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини сулҳ дар ҷаҳон тасаввурот пайдо карда тавонад. | Ҳашт раванди музокироти давраи сулҳи тоҷиконро бо санаҳои таърихияш муайян намояд. |
| Ба мақсади сиёсати берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфаҳм рафта тавонад. | Музокирот дар сатҳи баланд дар кадом солҳо ба амал омадааст, муайян намояд. |
| Ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар мустаҳкам кардани сулҳ дар ҷаҳон дарк намуда, вохӯриҳо, гуфтушунидҳо ва суханрониҳоро оиди мустаҳкам намудани сулҳ дар хотир нигоҳ дошта тавонад. | Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун узви Созмони Милали Муттаҳид бахри пойдории сулҳ дар тамоми ҷаҳон чанд маротиба дар ЮНЕСКО баромад кардааст, муайян карда тавонад. |
| Бо мафҳумҳои « сиёсати дарҳои кушод, инвеститсия, ҳамгироӣ шинос шуда ин мафҳумро шарҳ дода тавонад | Бо созмонҳою ҷамъиятҳои тоҷикону форсизабони давлатҳои хориҷӣ шиносоӣ пайдо карда, ба фаъолияташ баҳо дода тавонад. |
| Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷаро таҳлил намуда, ба содироту водироти мол ба давлатҳои хориҷӣ баҳо дода тавонад. | Раванди ҷаҳонишавӣ, худшиносӣ, пайгирии миллатҳо, халқҳо, фарҳангҳо, тамаддунҳоро таҳлил карда тавонад. |

Муайян карда мешавад, ки муносибати босалоҳият аз муносибати классикӣ ба таълим чӣ бартарӣ дорад. Бо ҳамин роҳ метавонем дар мавзуи интихобшуда раванди муносибати босалоҳиятро муайян созем.

Мавзуи «Эҳё ва инкишофи робитаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо тоҷикони бурунмарзӣ».

Ҷадвали №23

| Хонанда чиро медонад? | Хонанда чиро иҷро карда метавонад? |
|---|---|

| | |
|---|---|
| Соли 2004 шаҳри Душанбе бо қарори ЮНЕСКО ба ҷоизаи шаҳри Сулҳ мукофотонида шуд. | Кадом моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сиёати берунӣ бахшида шудааст. Мақсади сиёсати берунаи Тоҷикистон дар чист? Тафаккури нави сиёсӣ ва саҳми Тоҷикистон дар ҳалли муносибатҳои байналхалқӣ кадомҳоянд, муайян карда тавонад. |
| Соли 2003 эълон гардидани сиёсати дарҳои кушод дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. | Саҳми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар барқарор намудани робитаҳо бо тоҷикони бурунмарзӣ ва форсизабонро муайян карда тавонад. |
| 26.12.1991 Созмони ғайридавлатии «Пайванд»<br>24.05.1994.Ҷамъияти туркманҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>9.11.1991.Ҷамъияти русҳои Тоҷикистон | Мақоми ҷамъиятии дӯстии Тоҷикистон дар инкишофи робитаҳои фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ |
| 8.09.2002.Дар шаҳри Душанбе симпозиуми байналхалқии «Саҳми тоҷикон дар тамаддуни ҷаҳонӣ» баргузор гардид. | Фаъолияти ҷамъияти фарҳангии тоҷикон бо форсизабонони ҷаҳон |

Хонанда бояд сарчашма ва маводи иловагие, ки дар китоби дарсӣ пешниҳод шудааст, арзёбӣ намуда, фикрҳои худро оид ба ин сарчашмаи пешниҳодшуда, равшан созад.

Таърихи амалӣ гаштани хусусиятҳои хоси таълими салоҳиятнокӣ дар даврони Истиқлол. Дар амалӣ гаштани таълими салоҳиятнокӣ ҳадаф, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар раванди таълим мавқеи ҳалкунанда доранд. Олимон дар ин бора тавсияҳои мушаххас ва самараноки зиёд доранд, ки чанде аз онҳоро дар матраҳ намудани мавзуъ истифода намудем. Бидуни ба ҳисоб гирифтани онҳо дар кори фаъолгардонии шогирдон дар омӯзиш ба муваффақият ноил шудан ғайриимкон аст.

Агар ба арзёбии дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ назар афканем, метавон ба андешаи Г.И. Щукина таваҷҷуҳ намуд, чунки ӯ қайд менамояд, ки «Хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба сатҳи баланди рушд ноил намегарданд, аммо дар муносибати шахсии назаррас ба фаъолият метавонанд шакли ибтидоии зуҳуроти субективӣ ҳисобида шаванд, зеро он табиати интихобии фаъолият, ашё ва зуҳуроти воқеияти атрофро ифода мекунад» [271, с.19].

Арзёбии ташаккулдиҳанда усули баҳодиҳиест, ки тавассути он омӯзгору хонанда раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. «Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро мушоҳида карда, бо маслиҳату машварат фаъолиятро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созад. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофашонро муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигар шароит фароҳам оранд» [300, с.19].

М. Лутфуллозода менависад: «Таъсири фаъолияти таълимӣ ба ҷараёни рушди кӯдак новобаста аз мазмуни фаннии он вуҷуд дорад». Ин таъсир дар чӣ ифода меёбад, мо намедонем. Ҳамзамон, дар ин таъсир, эҳтимол, ҳалли тамоми масоили таълим ва рушд мавҷуд аст» [206, с.134]. Ҷараёни беохири робитаи мутақобила ин арзёбии ташаккулдиҳанда мебошад, ки дар навбати аввал барои таълимгирандагон гирифтани иттилоот мебошад. Ҷиҳати фаҳмидани муваффақиятҳо ва камбудиҳои хеш дар раванди таълим ёрии амалӣ мерасонад.

Барои баррасӣ намудани арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди дарс тибқи низоми салоҳиятнокӣ усул ва машқҳоро барои азхудкунии мавод шарҳ медиҳем. Мисол: фан методикаи таълими таърих.

Мавзуъ: Истифодаи ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар дарси таърих.

Ҳуҷҷатҳои характери барномавӣ – сиёсӣ доштаро муайян созед?

Ҷадвали № 24

| | | |
|---|---|---|
| Олоти меҳнат, сулҳ, ваҳдат, иқтисодиёт, сиёсат; | дуруст | Нодуруст |
| Характери нақлӣ дошта, сиёсӣ дошта, иҷтимоӣ дошта; | дуруст | Нодуруст |
| Қонунҳо, санадҳо, шартномаҳо, адабиёти илмӣ, мақола; | дуруст | Нодуруст |
| Қарорҳо, барномаҳои давлатӣ, ҳуҷҷатҳои характери ҳуқуқӣ дошта; | дуруст | Нодуруст |
| Мафҳумҳои иқтисодӣ, қонун ва қарорҳои характери иқтисодӣ дошта; | дуруст | Нодуруст |

Чунин методро ҳамчун як навъи мубоҳиса дар амал татбиқ намудан айни муддаост. «Ибтидо омӯзгор ба хонандагон чунин муроҷиат менамояд: ки ба

саволи якум ҷавоби «дуруст» дорад, дасташро боло намояд» [247, с.169]. Баъдан хоҳиш менамояд, ки: кӣ ҷавоби «нодуруст» дорад, даст боло намояд. Ба ҷавоби дилхоҳ саволи зерин пешниҳод карда мешавад: барои чӣ? Ҳар як ҷавоб бояд асоснок карда шавад.

Муваффақият. Диққати аксарияти хонандагон ҳангоми проблемагузорӣ ҷалб карда шавад ва ин усул шароит фароҳам меоварад, ки камбудиҳо дар дарс ошкор шуда, бартараф гарданд. «Барои мустаҳкам кардани ҳофизаи дониши хонандагон пеш аз омӯзиши мавзуи нав ва барои ҷамъбасткунӣ дар охири дарс масъалагузорӣ ёрии амалӣ мерасонад» [307, с.55-63].

Муамморо муайян соз. Хонанда вобаста ба дараҷаи фаҳмиши худ муаммоҳои ҳудуди масъалаҳои ҳалталабро муайян сохта, савол медиҳад.

Раванди кор дар дарс: Пас аз баён намудани маводи нав аз ҷониби муаллим, ҳар як хонанда мавзуи китоби дарсиро омӯхта, барои иҷрои супоришҳо ва ё ҳалли масъалаҳо муаммоҳои худро тайёр менамояд.

- Муамморо чӣ гуна пешниҳод менамояд?

- Кадом муаммо, қоида ва ё қонун шарҳи иловагиро талаб мекунад?

Нофаҳмиҳо- масъалаҳои ҳалталаб дар гурӯҳҳои чор нафарӣ ва ё шаш нафарӣ муҳокима карда мешаванд ва дар ҳолати ба онҳо пайдо нашудани ҷавоб, савол дар назди тамоми аҳли синф гузошта мешавад. Ҳар як хонанда, гурӯҳи чор нафарӣ шаш нафарӣ, посух дода метавонад. Дар ҳолати матраҳ нагардидани паҳлуҳои асосии мавзуъ, омӯзгор метавонад ҷавоби мушаххасро ба гуруҳҳо ва аҳли синф пешниҳод намояд.

Комёбӣ. Қайд кардан бамаврид аст, ки ба хонандагон аз нигоҳи психологӣ нисбат ба омӯзгор дида, аз ҳаммаслаконаш кумак пурсидан авлотар аст. Алалхусус, ба кӯдакони дорои характери флегматик, яъне шармгину беҷуръат дахл дорад.

Саволҳо ба омӯзгор. Дар раванди мутолиаи китоб хонанда ба мафҳумҳои мураккаб рӯ ба рӯ шуда, барои матраҳ намудани онҳо дар дафтар мафҳумҳоро, аз қабили калимаҳо, ибораҳо, ифодаҳои нофаҳмо, истилоҳот ва ғайраҳоро ба қайд мегирад.

Истифода дар дарс: Омӯзишу хониши зербоби мавзуи нав пайдарпай, саҳифа ба саҳифа меравад. Масалан, супориш чунин пешниҳод карда мешавад: саҳифаи якумро хонда, ба зери мафҳумҳои нофаҳмояш хат кашед.

Барои он ки системаи ангезиши хонанда барои шарҳдиҳӣ бедор карда шавад, омӯзгор метавонад дар тахтаи синф чунин саволҳоро нависад:

- муаллифи китоби дарсӣ дар матни матраҳшаванда дар бораи чӣ сухан мегӯяд?

- оё дар байни шумо нафаре пайдо мешавад, ки масъаларо возеҳтар баён намояд?

- сабаби асосии маълумот додани муаллиф дар чӣ арзёбӣ мегардад?

- пешакӣ чиро азхуд намоем, то он маводи хондаамонро дуруст фаҳмем?

- оё ягон нафар вобаста ба мавзуъ мисол оварда метавонад, ки ин ба дигарон фаҳмотар бошад?

Фаъолияти рӯбарӯ ё дунафарӣ: талаба калима, ибора ё ҷумлаеро мутолиа менамояд, ки боиси мушкилӣ дар фаҳмиш гардидааст ва саволи худро медиҳад. Ҳар хонанда метавонад шарҳи худро пешниҳод кунад. Дигарон метавонанд ҷавобро пурра кунанд ё варианти худро пешниҳод намоянд.

Имконият дорад, ки ба ҳайси вазифаи хонагӣ чунин супориш диҳад: тартиб додани «Саволҳо ба муаллиф», то ки дарси оянда аз масъалаи ҷолиб – муҳокимаи саволҳо ва ҷустуҷӯйи ҷавобҳо оғоз карда шавад.

Имконият: Ҳамон вақт хонандагон дар фаҳмиши моҳияти матн ба мушкилӣ рӯбарӯ мешаванд, ки онҳо бо сабаби камфаъолиятӣ мавзуъро ба таври мукаммал дарк карда карда наметавонанд. Дар чунин вазъият истифода аз методи мазкур роҳи ҳалли ин масъала мебошад.

Муҳокима дар дарс, ки аксарияти талабагонро ба азхудкунии мавзуъ ҷалб менамояд, имконият медиҳад, ки ҷабҳаҳои мураккабу мухталифи мавзуъро азхуд намоянд.

Пурсиши ташаккулдиҳанда. Ин як навъи санҷише мебошад, ки бевосита, пас аз муаррифии ягон маълумот, ё пас аз ягон фаъолияти дарси амалӣ мегардад:

Ҷадвали № 25

| № | Пурсиши ташаккулдиҳанда |
|---|---|
| 1 | Бо кадом сифатҳо монанданд _______ва ё фарқ мекунанд________? |
| 2 | –Кадом хислатҳо (ҷузъиёт) _________________________________? |
| 3 | – Чӣ тавр бо _______________________ мувофиқат мекунад_____? |
| 4 | – Оид ба ____________________________ мисолҳо оред.__________ ? |
| 5 | –Шумо ба чӣ хулоса омадед __________________________________ ? |
| 6 | –Мо кадом муамморо ҳал карда истодаем_____________________ ? |
| 7 | –Чӣ рух медод, агар _________________________________________ ? |
| 8 | –Барои баҳодиҳӣ аз кадом меъёрҳо истифода мебурдед__________ ? |
| 9 | – Чӣ тавр тасдиқ ва ё рад карда мешавад _______________________ ? |
| 10 | – Инро аз нуктаи назари __________чӣ тавр баррасӣ метавон кард? |
| 11 | – Кадом муносибат ва ё усулҳоро дар_____метавон истифода кард? |

Мавқеъ ва мушкилкушоии омӯзгор дар раванди дарс: Омӯзгорро зарур аст, ки пеш аз ҳама, барои муайян кардани дараҷаи фаҳмиши хонандагон аз маводи дарсӣ ҷанбаҳои асосии онро гурӯҳбандӣ намояд ва дар ин замина метавонад, мавзуъро ба 8 қисм ҷудо намояд. Барои ҷавоб ба саволҳо хонандагон ба гуруҳи дунафара тақсим карда мешаванд.

Омӯзгор бо тавсияи ибтидоӣ рӯйхати саволҳоро ба хонандагон пешниҳод карда, ба онҳо супориш медиҳад, ки се саволро интихоб намоянд ва аз рӯйи маводи омӯхташуда дар гурӯҳҳои дунафарӣ ва чорнафарӣ саволҳо тартиб диҳанд. Сипас, гурӯҳҳо байни ҳамдигар пурсиш мегузаронанд

Дастовард: имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии маводи омӯхташуда зуд муайян карда шавад, малакаи тартибдиҳии саволҳои амиқро ташаккул медиҳад ва аксарияти хонандагонро ба муҳокима ҷалб менамояд.

Рӯзномаи дубахша. Қисмати рости рӯзнома дар оғози дарс дубахша пур карда мешавад. Дар раванди машғулият талабагон иттилооти навро дар тарафи чапи рӯзнома дарҷ менамоянд.

Ҷадвали № 26

| Ман қаблан бар чунин андеша будам | Зимни омӯзиш дарк кардам, ки |
|---|---|

| | |
|---|---|
| … | … |
| … | … |
| ... | … |

Истифода дар дарс: Ибтидои машғулият омӯзгор ба талабагон супориш медиҳад, ки аз тарфаи чапи ҷадвал пур намоянд ва фаҳмиши худ нисбат ба дар истилоҳҳо пешниҳод намоянд.

Намунаҳои дигари рӯзномаро низ ташкил кардан мумкин аст, ки саволҳо, супоришҳои дигаргуна дошта бошанд. Масалан: истилоҳҳои асосӣ то омӯзиш – пас аз омӯзиш; мушоҳида намо – тасвир намо, шарҳ деҳ; донистам – истифода кардам; шубҳа дорам – сарфаҳм рафтам; чӣ гуна буд (хатоҳои ман) – чӣ гуна бояд бошад (ислоҳ кардам).

Харитаи баромад. Дар поёни дарс хонанда варианти пешниҳодшудаи харитаи баромадро пур мекунад. Намунаҳои харитаи баромад гуногун буда метавонанд.

Мисол:

Ҷадвали № 27

| Дар дарс чӣ шавқовар буд:<br>-намуди фаъолият<br>-савол, вазифа | Дар дарс чӣ душвор буд:<br>-намуди фаъолият<br>-савол, вазифа | |
|---|---|---|
| Кадом навигариҳоро ман фаҳмидам? | Дар рафти дарс чӣ ба ман маъқул шуд? | Як савол |
| | | |

| Фикри асосии дарс | Қисмати муҳимми дарс | Муносибат ба дарс |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Истифода дар дарс. Харитаи баромад дар ними дафтар ё чоряки он пур карда мешавад. Шарт нест, ки хонандагон ному насабашонро нависанд.

Варианти 1. Омӯзгор харитаҳои пуркардашударо ҷамъ мекунад. Маводи фаровон барои таҳлил, аз ҷумла, барои худбаҳодиҳӣ ба дарси гузашта. Оғози дарси оянда – тавзеҳи мухтасари ҷавобҳои асосӣ.

Варианти 2. Омӯзгор аз як ва ё ду нафар хонанда харитаҳои баромадро ҷамъ мекунад.

Супориш: Барои дарси оянда бояд дар ҳудуди 3-6 дақиқа оид ба ҷавобҳо ва шарҳи онҳо баромад омода намоед.

Ҳамаи шаклҳо ва усулҳои пурсиши шифоҳиро аз нигоҳи муносибати босалоҳият бо чунин тарз ҷамъбаст кардан мумкин аст:

1. Яке аз хусусиятҳои хоси пурсиши шифоҳӣ дар он зоҳир мешавад, ки он бевосита, тамоми ҷанбаҳои фаъолияти омӯзгорро дар бар гирифта, танҳо барои арзёбӣ намудани сатҳи донишҳо истифода намегардад, балки фаъолияти дуҷонибаи омӯзгор ва хонандаро дар раванди таълим дар бар мегирад:

2. Таҳқиқ собит сохт, ки бе тағйир додани шаклу усулҳои пурсиш самаранокии таълим коста гардида, шавқу рағбати хонандаро коҳиш медиҳад. Якрангӣ самаранокии таълимро паст карда, завқи хонандагонро паст мекунад

3. Аввал ду-се намуди пурсишро интихоб карда, дар алоқамандӣ истифода баред ва чун натиҷа дод, ба намудҳои дигар гузаред.

4. Барои омӯзгор пурсиш як усули робитаи мутақобил низ буда метавонад, зеро тавассути пурсиш муайян мекунад, ки хонандагон аз меҳнати ӯ чӣ манфиат бардоштаанд.

5. Гузоштани саволҳои оқилона ва кунҷковона ҳунар аст.

Дар раванди таълими салоҳиятнокӣ салоҳият ва фаъолиятнокии хонандагон мавқеи асосиро дарбар мегирад. Ҳамин нуқтаи назар ба риштаи таҳлил кашидани масъалаи мазкур аҳаммияти аввалиндараҷа дорад

Ҷадвали № 28

| | |
|---|---|
| Тазаккур: барои бахотиргирӣ ва таҷдидкунӣ<br><br>Пӯшида: як ҷавоби дуруст пешниҳод карда | Саволҳои кушода ба ... равона шудаанд:<br>пешниҳоди фарзия<br>пешгӯйикунандагӣ<br>барқарор кардани пайдарпайии дуруст<br>ёфтани иштибоҳоти мантиқӣ, маълумоти ғалат<br>андозакунӣ ва муқоисакунии ҳодисаҳо, равандҳо, далелҳо |

| | |
|---|---|
| мешавад<br><br>Ба кори инфиродӣ нигаронидашуда<br><br>Ба ҳаёт ё ҳалли проблема алоқаманд | саволҳои рефлексивӣ ба ... равона карда шудаанд:<br>дарк кардани таҷриба ва дониши андӯхташуда<br>баён кардани баҳои шахсӣ: муносибат ба донишҳои андӯхташуда, аҳаммиятнокии ин ё он навъи фаъолият<br>баҳодиҳӣ ба дастовардҳои худ<br>худтаҳлилкунӣ: дарк кардани худ ва эҳсосоти худ, ки дар тӯли фаъолият пайдо шудаанд. |

Дар ташаккул ва таъмини салоҳиятҳои талабаҳо ҳанӯз мушкилиҳо вуҷуд доранд. Қисме аз ин мушкилиҳо марбут ба сермаъноии вожаи «компетентност» -и лотинист, ки ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Дар баъзе маврид ба маънои «ҳуқуқ» меояд. Муайян намудани ҳуқуқҳои конститутсионии хонандагон мувофиқи моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: «Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррар намудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад» [54, с.21]. Ин ҳуқуқ ё салоҳиятест, ки талаба на дар арсаи машқу тамрин ба даст овардааст, балки давлат ба ӯ додааст. Дар ин маврид, калимаи «ҳуқуқ» бо «салоҳият» ҳаммаъност.

Моҳҳои апрел – майи соли 2017 як гурӯҳ ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафар намуда, масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро мушоҳида карданд. Дар ҷамъбаст ду хулоса бештар садо дод: «1. Аксарияти омӯзгорон, ки дар ҷараёни дарс аз муносибати босалоҳият кор мегиранд, розиянд. 2. Баъзеҳо китф дарҳам мекашанд ва ҳанӯз чизе гуфта наметавонанд. Ҳамин «баъзеҳо» барои он хомӯшанд, ки худ ба мазмуну моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим сарфаҳм нарафтаанд ва аз ин хотир, истифода низ намебаранд, ки ин вақту замон талаб мекунад. Онҳо, ки розианд, худ фаҳмидаанд ва моҳирона истифода мебаранд ва аз он хурсанданд, ки талабаҳо хеле фаъол шудаанд. Омӯзгори муассисаи рақами 46 (ноҳияи Варзоб) М. Саидова мегӯяд: Пештар

бачаҳое, ки намедонистанду намефаҳмиданд, кӯшиш мекарданд, ки дар дарс ба чашми омӯзгор натобанд. Худро паси дигаре пинҳон мекарданд. Сарҳо хам, табъашон хира менамуд. Имрӯз дар муносибати босалоҳият ба таълим ҳама сарбаланд, даст мебардоранд. Садои «Омӯзгор, омӯзгор, ман гӯям, ман ҷавоб диҳам» қариб аз ҳар курсӣ баланд мешавад» [211, с.45].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хусисиятҳои хоси муносибатҳои босалоҳияти таълимро ба инобат гирифта, давоми солҳои 2016-2020 барои кумак ба омӯзгорону хонандагон 11 номгӯй замимаҳо ба китобҳои дарсӣ, бо теъдоди 1 млн. 500 нусха (соли таҳсили 2016-2017), 68 номгӯй дастурҳои раҳнамои омӯзгор бо теъдоди умумии 466 800 нусха барои синфҳои 1-11 (соли таҳсили 2016-2017, 2019-2020) ва 53 номгӯй раҳнамои омӯзгор (пулакӣ 68 (2) сомонӣ) бо теъдоди умумии 332400 нусха дар солҳои 2018-2021 ба табъ расид, ки он дар ҷадвали зерин оварда мешавад.

Ҷадвали № 29

| т/р | Соли нашр | Номгӯйи маводи таълимӣ | Теъдоди чоп | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| Замимаҳо ба китоби дарсӣ | | | | |
| 1 | 2016 | 8 | 1050000 | 5234100,00 |
| 2 | 2017 | 3 | 450000 | 2559000,00 |
| | Ҳамагӣ: | 11 | 1500000 | 7793100,00 |
| Раҳнамои омӯзгор аз рӯи фанҳои таълимӣ барои синфҳои 1-11 (ройгон) | | | | |
| 1 | 2016 | 30 | 290000 | 2248000,00 |
| 2 | 2017 | 32 | 134500 | 1192460,00 |
| 3 | 2018 | 0 | 0 | 0,00 |
| 4 | 2019 | 3 | 25800 | 486244,00 |
| 5 | 2020 | 3 | 16500 | 132000,00 |
| | Ҳамагӣ: | 68 | 466800 | 4058704,00 |
| Раҳнамои омӯзгор аз рӯи фанҳои таълимӣ барои синфҳои 1-11 (пулакӣ) | | | | |
| 1 | 2018 | 30 | 208000 | 3416554,00 |
| 2 | 2019 | 11 | 68800 | 1657758,00 |
| 3 | 2020 | 9 | 46600 | 668161,00 |
| 4 | 2021 | 3 | 9000 | 133500,00 |
| | Ҳамагӣ: | 53 | 332400 | 5875973,00 |

Таҳқиқ нишон дод, ки тадбирҳои амалишуда, маводи таълимии фиристодашуда дар шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ нигоҳ дошта нашуда, дар ихтиёри омӯзгорон қарор дорад.

Солҳои охир донишу маҳорати шогирдони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва типи нав бо садҳо ҷоизаву мукофотҳои байналмилалӣ қадр

карда мешаванд, ки ин боиси ифтихори на танҳо устодону омӯзгорон, балки тамоми сокинони Тоҷикистон аст.

Бо соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳияи китобҳои дарсӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз тарафи олимони педагоги тоҷик ба миён омад. Тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ имконият намедод, ки китобҳои дарсӣ дар сатҳи зарурӣ таҳия гарданд. Асоси таҳияи китобҳои дарсиро тарҷумаи китобҳои дар замони Шуравӣ мавҷудбуда ташкил менамуд, ки забони тарҷума хеле мураккаб буд ва барои омӯзгору хонандагон мушкилиҳои зиёде эҷод менамуд. Дар қатори муаллифони китобҳои дарсӣ омӯзгорони варзидаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дида намешуданд.

Ба ҳамин васила, китоби дарсӣ ҳамчун воситаи мустақилона барои омӯзиши хонандагон мавқеи худро заиф карда, ба маводи кории омӯзгор бештар мубаддал гашт. Саволу супоришҳои китобҳои мавҷуда бештар хусусияти репродуктивӣ доштанд. Дар баробари ин норасоиҳо, теъдоди зиёди зиёиён ва омӯзгорон касби худро тарк намуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади аз байн бурдани чунин вазъият аз оғози солҳои 2000-ум маблағгузориро ба соҳаи маориф бештар намуда ва соҳаи маорифро дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» соҳаи афзалиятноки сиёсати давлат эълон намуд ва ғамхориро ба ин соҳа бештар сохт.

Дар ин асос, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони биноҳои мактабҳо ва таъмиру тармими онҳоро ба нақша гирифта, якчанд қарорҳои дахлдор барои таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои педагогӣ ба тасвиб расонид ва барои чопи китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ маблағгузориро зиёд намуд.

Мақсади асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд гардонидани мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ инъикоси дастовардҳои илми муосир, арзишҳои миллӣ ва арзишҳои эътирофгардидаи умумибашарӣ, рамзу оинҳои давлатдории миллӣ, қадр намудани истиқлолияти давлатӣ ва

дигар паҳлуҳои муҳимми таълиму тарбия нигаронида шудааст, ки дар баъзе китобҳои дарсӣ ин масъалаҳо кам ба эътибор гирифта мешуданд. Талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» низ дар бисёр китобҳои дарсӣ ба эътибор гирифта нашудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи маориф таҳти ҳидоятҳои Сарвари давлат аҳаммияти хосса медиҳад. Дар ин замина, масъалаи сатҳу сифати китобҳои дарсӣ ва мунтазам бознигарӣ намудани мазмуну мундариҷаи онҳо борҳо аз ҷониби Пешвои муаззами миллат таъкид гардидааст. Аз ҷумла, Пешвои миллат зимни суханрониашон дар Рӯзи дониш, 17 августи соли 2020 таъкид доштанд, ки «Сатҳу сифати дониши хонандагон, пеш аз ҳама, аз мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ вобаста аст. Аммо аз таҳлилҳо бармеояд, ки аксари китобҳои дарсӣ хусусияти маълумотӣ доранд ва барои бедор намудани фикрронии мустақилонаи хонандагону наврасон маводи нокифоя пешниҳод мекунанд. Вобаста ба ҳалли ин масъала, мо қаблан ба масъулони соҳа супоришҳои зарурӣ дода, назорати онро ба Дастгоҳи иҷроияи Президент вогузор карда будем. Бовар дорам, ки олимону омӯзгорони соҳибтаҷрибаи мо ин мушкилотро дар муҳлатҳои наздик бартараф намуда, сатҳу сифат ва мазмуну муҳтавои китобҳои дарсиро ба талаботи замон мутобиқ мегардонанд».

«Дар доираи амалисозии «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030», барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва дастуру супоришҳои бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба такмили сифати таҳсилот кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон давра ба давра дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ масъалаҳои марбут ба вазъи таъминоту сифати маводи таълим, ҳамзамон зарурияти таҳияи китобҳои дарсии насли навро мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳанд» [174, с.13-21].

«Таҳқиқ нишон дод, ки дар баробари дигаргун шудани талабот нисбат ба адабиёти таълимӣ солҳои охир барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар

назди олимон, мутахассисони соҳа роҳҳои ҳалли чунин масъалаҳои ҳалталаби рӯз мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

•таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи азхудкунии барномаҳои таълим, сифати таҳсилот дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва муайян намудани мушкилот, идоракунии раванди таҳсилот ва методикаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ;

•омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогию психологӣ ва таҷдиди назар кардани стандартҳои давлатӣ дар зинаи таълими ибтидоӣ вобаста ба талаботи таҳсилоти фарогир ва имкони амалӣ гардонидани он дар шароити кишвари мо;

•гузариш ба низоми арзёбии меъёрӣ ва низоми баҳогузории бисёрхола (10-хола) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар;

•гузариш ба таҳсилоти 12-сола ва ба роҳ мондани таълим аз рӯйи равияҳо ва ғайраҳо» [171, с.71-72].

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи таҳияи китобҳои дарсӣ нишон медиҳад, ки дар бисёр кишварҳо ба сифати китобҳои дарсӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф, муайян намудани меъёрҳои арзёбии сифати китобҳои дарсии насли нав аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Чунин меъёрҳо бояд мутобиқати китобҳоро ба талаботи стандартҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ, инчунин ба талаботи педагогӣ, психологӣ ва методологии таълим муайян намоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳо бояд имконияти истифодаи самараноки китобҳоро дар раванди таълим баҳогузорӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, сифати таҳия ва имкониятҳои истифодаи самараноки китобҳои дарсии насли нави зинаи таҳсилоти умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф ба фаъолияти муҳаққиқон, шахсони масъули соҳа алоқаманд аст.

Дар иртибот ба масъалаи баррасишаванда аз ҷониби муҳаққиқони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (соли 2021) таҳқиқот гузаронида шуд ва муайян шуд, ки муҳимтарин омилҳои таъсиррасон ба сифати таҳсилот чунин буда метавонанд:

• сатҳи омодагӣ ва касбияти омӯзгорон;

• сифати китобҳои дарсӣ ва таъминоти омӯзгорону хонандагон бо онҳо;

• адабиёти иловагии таълим, аз ҷумла дастурҳои методӣ, маводи аудиоӣ ва видеоӣ, захираҳои иттилоотии интернетӣ, дастурҳои усулҳои таълими фанҳои таълимӣ.

Мавриди зикр аст, ки соҳаи маориф мисли занҷирест, ки аз ҳалқаҳои гуногуни ба ҳам пайваст иборат аст. Зимни тағйир додани як ҳалқа бояд ба назар гирифт, ки ҳалқаҳои дигар чӣ хел ба он мутобиқ шаванд.

Таълифи китобҳои дарсии насли нав ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудаанд.

«Ҳангоми таҳияи модели китоби дарсии мактабӣ бояд принсипҳои асосии маводи аёнӣ, шакл, мазмун, вазифаҳо ва дигар унсурҳои китобро ҳамчун низом ба тарзи меъёрӣ ба танзим медарорад, ба инобат гирифта шаванд. Дар интихоби мундариҷа ва тарҳрезии сохтори фанни таълимӣ принсипҳое, ки тавсифоти илмӣ, дастрасӣ ва иҷрошаванда, бошуурона ва фаъол, робитаи назария бо амалия, пайдарпайӣ, пайгирона ва муттасилӣ, возеҳият (аёнӣ) ва ғ. доранд, ба асос гирифта шаванд» [201, с.7].

Ҷиҳати асосӣ ва муҳимми китоби дарсӣ - низоми муттасили донишандӯзӣ, принсипи асосӣ – «хонанда бояд донад», вазифаи асосӣ – ба бачагон фикр карданро ёд додан, дарк намудани қонуну қонуниятҳо, робитаи ашёву ҳодисот, эҳсоси масъулият, меҳнатдӯстӣ, меҳанпарварӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, хоксорӣ, эҳтирому арҷ ба Ватан, ба забони модарӣ ва амсоли он мебошад.

Ниҳоят, китоби дарсӣ тамоили арзишмандӣ дар самти амалӣ гардидани донишҳои назариявии ҳосилшуда бояд бошад. Он ба маҷмуи талабот дар бобати мувофиқати комил доштан ба стандарти нави давлатии таҳсилот арзёбӣ шуда, хонандагонро ба маҳорату малакаҳои одитарини муқоиса, таҳлил, ҷамъбаст (синтез), пешгӯӣ раҳнамун созад. Шиори асосии китоби

дарсӣ бояд чунин бошад: «Илмат ба амал чу ёр гардад, Қадри ту яке ҳазор гардад»!

Аз нигоҳи мо, таҳияи китоби дарсии муосир бояд аз се марҳила иборат бошад:

1. Марҳилаи тарҳрезӣ – шакли анъанавӣ дар робита бо модел ва тарҳи нави китоби дарсӣ. Дар қисматҳои китоби дарсӣ назарияи илмӣ ҳамзамон дар мутобиқат бо бахшҳо ва блокҳои таълимӣ бояд сурат ёбад.

2. Давраи таҳияи тарҳи китоб – тайёр намудани матни китоби таълимӣ, интихоби параграфҳо ва технологияҳои истифодаи аёният вобаста ба самти ҷобаҷо намудани қисматҳои раванди таҳсил.

3. Марҳилаҳои технологию расонидани ёрии методии компютерӣ тибқи истифодаи методҳои фаъоли таҳсил.

Консепсияи таҳияи китобҳои дарсӣ ногузири ба назари эътибор гирифтани чанд паҳлуи муҳимми китоби дарсиро ба миён мегузорад. Аз ҷумла:

1. Китоби дарсӣ набояд бо ҳимояи манфиатҳои хонандаи «миёна ва ё сустхон» маҳдуд гардад. Ин чунин маъно дорад, ки моҳият, мазмун ва мундариҷаи китоби дарсӣ бояд аз нуқтаи назари илмӣ мусаллаҳ бошад.

2. Интихоб ва ҷобаҷогузории маводи таълим дар китоби дарсӣ тасаввуроти илми муосир ва фанни омӯзиширо инъикос намуда, тавассути роҳу усули фаҳмо ва дастрас пешниҳод гардад.

3. Китоби дарсӣ қудрати таъмин карда тавонистани сатҳи амиқ ва дахлдори омӯзиши маводи фанниро бояд ба зимма гирад.

4. Китоби дарсӣ бо барномаи таълимӣ робитаи зич ва ногусаста дошта, қисматҳои гуногуни барномаро пурра ва фаҳмову хоно бояд ба иҷро расонад.

5. Тарзи баён, шарҳ ва нақли муҳтавои маводи таълим дар китоби дарсӣ, ташкил ва интихоби матнҳо, коркарди маҷмуи машқҳову супоришҳо вазифаи аз ҳама асосӣ – расидан ба ҳадафҳои тадрис ва омӯзишро бояд таъмин намояд.

Бо мақсади аз рӯйи тартиби муайян ҷойгир намудани маводи таълимӣ дар китобҳои дарсӣ бояд як қатор принсипҳои муҳимми дидактикӣ ба инобат гирифта шавад. Дар таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ аз тамоми фанҳои таълимӣ бояд принсипҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

1. Раванди таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии насли нав аз тамоми фанҳои таълимӣ бояд дар заминаи талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад.

2. Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав, аз тамоми фанҳо бояд дар асоси дастовардҳои навтарини педагогика, методика, илму технологияи муосири ватанию хориҷӣ, худшиносии миллӣ таълиф ва таҳия карда шаванд.

3. Маводи китоби дарсӣ бояд ба ташаккули маҳорату малакаҳои амалии хонандагон мусоидат намояд. Ҳамаи маводи таълимӣ дар асоси гузариши пурра ба муносибати босалоҳият ба таълим омода карда шаванд. Ин принсипро ба таври мухтасар чунин ифода намудан мумкин аст: «донистан барои тавонистан».

4. Дар зинаи таҳсилоти умумӣ бояд таълими ҳамаи фанҳо барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги техникӣ, иқтисодӣ, экологӣ, демографӣ ва иттилоотии хонандагон нигаронида шаванд.

5. Маводи таълимӣ аз фанҳои омӯхташаванда бояд ба тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандории хонандагон, ташаккули шахсияти онҳо, рушди зеҳнии кӯдакону наврасон бо назардошти равандҳои чаҳонишавӣ нигаронида шавад.

6. Маводи китоби дарсӣ бояд ба фаъол гардонидани тафаккури хонандагон мусоидат намояд. Тавассути гузоштани саволу ҳалли масъалаҳои ғайричашмдошт бедор намудани ҳиссиёти маърифатии хонандагон. Мавриди таҳияи маводи китоби дарсӣ бояд аз ҳодисаҳои воқеии табиат, ки дар гирду атрофи хонандагон рӯй медиҳанд, ба таври фаровон истифода карда шавад.

7. Принсипи муттасилии китобҳои дарсӣ. Ин хусусияти системанок ва мунтазам доштани раванди омӯзонидан ва азхудкунии мундариҷаи таълимро

инъикос мекунад. Муттасилии шаклҳои омӯзонидани мундариҷаи таълим ва механизми амалисозии онҳоро ифода мекунад. Мантиқан пай дар пай баён ёфтани маводи китоби дарсӣ шарти асосӣ ва зарурии фаҳмою дастрас будани он аст. Сохтори ҳар як фасли китобҳои дарсӣ ва ё ҳар як боб бояд чунон мураттаб шавад, ки мантиқ риоя гардад.

8. Маҷмуи донишҳое, ки дар маводи китоби дарсӣ пешниҳод мегарданд, бояд асоси озмоишӣ дошта бошанд. Ҳар як ҷузъи дониши дар маводи китоби дарсӣ баёнёфта бояд дар асоси озмоиши воқеӣ ва ё хаёлӣ бо дарназардошти техника ва технологияи муосир асоснок карда шуда бошад. Бинобар ин, дар маводи китоби дарсӣ ҷой додани расми асбобу дастгоҳи озмоишӣ ба мақсад мувофиқ аст.

9. Дар маводи китоби дарсӣ бояд таърифи қонуну мафҳумҳои фанҳои ҳамҷавор аниқу фаҳмо ва якхела баён ёфта бошанд. Зарурати принсипи мазкур дар он аст, ки донистани асосҳои илмҳои ҳамҷавор ин донистани мазмуну мундариҷаи маҷмуи мафҳумҳои ин илмҳо мебошад.

10. Принсипи мустаҳкамкунӣ (устуворгардонӣ)-и ахборот. Ба ҳар як порчаи ахборот (маводи шиносоӣ бошад ҳам), интихоб намудани машқ, масъала, намоиш, озмоиш, кори лабораторӣ ва ғ. зарур аст. Ҳар як боб бояд бо хулосаҳо ба итмом расад. Дар маводи китоби дарсӣ ҳамаи шаклҳои корҳои мустаҳкамкунии назариявию озмоишӣ бояд зина ба зина оварда шаванд. Дар ин ҷо низ принсипи «аз сода ба мураккаб» бояд риоя гардад. Мавриди таҳияи маводи китоби дарсӣ робитаи дохилифаннӣ ва байнифаннӣ бояд ба эътибор гирифта шавад.

11. Принсипи омӯзиши ҷузъҳои ҳатмӣ, интихобӣ ва факултативии мундариҷаи таълим дар китоби дарсӣ. Татбиқи таълими инфиродӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ тафриқаи мундариҷаи фанҳои таълимиро ба ҷузъҳои асосӣ, интихобӣ ва факултативӣ (иловагӣ) дар бар мегирад. Чунин дифференсатсия имконияти тарҳрезӣ ва татбиқи таълими тафриқавиро фароҳам меорад.

12. Принсипи омӯзиши методҳои индуктивӣ ва дедуктивии ҷойгиркунии мундариҷаи таълим. Усули индуктивӣ роҳи аз ҷузъ ба кулл, дедуктивӣ, баръакс, роҳи аз кулл ба ҷузъ мебошад. Ҳангоми таҳияи китоби дарсии насли нав набояд фаромӯш кард, ки универсалӣ шудани методҳои индуктивӣ ё дедуктивӣ хатарнок мебошад.

13. Принсипи таърихнигорию таърихшиносӣ. Ин принсип дар муассисаи таълимӣ омӯзиши иттилоотро оид ба таърихи рушди илмҳои мухталиф дар назар дошта, инчунин маълумотро оид ба зиндагинома ва фаъолияти касбии олимони варзидаи соҳаҳои гуногун дар назар дорад. Истифодаи ин принсип ба татбиқи як қатор вазифаҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

14. Принсипи робитаи омӯзиш бо ҳаёт. Ин принсип нақши амалии донишҳои илмиро дар ҳаёти инсон нишон медиҳад. Тавассути татбиқи ин принсип хонандагон арзиш ва фоиданокии таълими фанро дарк мекунанд.

«Асолати китоби дарсии муосир азбар кардани дониш (ёд додани хондан ва омӯхтан), ташаккули маҳорат ва малакаи истифодаи дониши ҳосилшуда дар амалияи фаъол, расидан ба ҳадди комили тавоноӣ ва салоҳиятмандӣ аст» [230, с.86].

Мушкилоти таҳияи китобҳои дарсии босифати насли нави зинҳои таҳсилоти умумӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи самаранокии онҳо. Мусаллам аст, ки бо дигаргун шудани мазмун ва муҳтавои китоби дарсӣ методикаи таълими он низ тағйир меёбад. Акнун тасаввур кунед, ки мо омӯзгорони ҷавонро тибқи методикаи таълими китобҳои кӯҳна омода мекунем, аммо вақте ки онҳо ба муассисаҳои таълимӣ ба кор мераванд, бояд бо китобҳои нав дар асоси методикаи нави таълим кор кунанд, ки аслан шинос нестанд! Пас, зарур аст, ки дар баробари дигаргун сохтани мундариҷаи китобҳои дарсӣ бояд методикаи таълими онҳо низ аз нав таҳия шуда, дар МТОК-и самти омӯзгорӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Мушкилоти дигари таҳияи китобҳои дарсӣ дар зинаи таҳсилоти умумӣ, ин интихоби дурусти мундариҷаи таълимӣ мебошад, ки бояд ба синну сол, сатҳи рушди маърифатии хонандагон ва талаботи стандарти давлатии

таҳсилот мувофиқ бошад. «Мувофиқи таҳқиқоти олимони соҳаи педагогика, аз ҷумла Л.С. Виготский, мундариҷаи таълимӣ бояд дар «минтақаи рушди наздиктарин»-и хонанда қарор дошта, барои ӯ ҳам дастрас ва ҳам шавқовар бошад (Выготский, Л.С. «Тафаккур ва нутқ»). Инчунин, мундариҷаи китобҳои дарсӣ бояд ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ асос ёфта, дар тарбияи насли наврас саҳмгузор бошад» [182, с.160].

Ғайр аз ин, яке аз мушкилоти ҷиддӣ-ин таъмини китобҳои дарсӣ бо маводи иловагӣ, аз қабили дастурҳои методӣ барои муаллимон, китобҳои корӣ барои хонандагон ва маводи электронӣ мебошад. Чунин мавод имкон медиҳанд, ки раванди таълим самараноктар гардад ва ба муаллимон дар татбиқи методикаи нави таълим ёрӣ расонанд. Инчунин, бояд ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим диққати ҷиддӣ дода шавад, то китобҳои дарсӣ ҷолибтар ва муосиртар гарданд.

Хулоса. Дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф муносибати босалоҳият дар таълим мавқеи калидӣ дорад. Дар ин шакли таълим таваҷҷуҳ ба рушди шахс ҳамин аст, ки синф ва ҷараёни дарсро фаъолиятнокӣ фаро мегирад, ҳама фаъол мешаванд. Барои чӣ? Барои он ки саволу супоришҳо якхела набуда, мувофиқи савияи дониш ва қобилияти талабаҳо пешниҳод мегарданд.

«Бо ҳамаи муваффақиятҳои ба даст овардашуда нигоҳ накарда ҳанӯз дар системаи ислоҳоти маориф махсусан дар шакли таълимӣ муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва типи нав камбудиҳо зиёданд,ки асосиашон инҳоняд:

1) Таҳияи маводи таълим, аз ҷумла китобҳои насли нав;

2) Татбиқи маблағгузории сарикасӣ аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ;

3) Омода намудани кадрҳои баландихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [176, с.14];

# БОБИ IV. ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ

## 4.1 Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар замони Истиқлол

Дар ибтидои замони Истиқлол назорати муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро Кумитаи кор бо тарбияи кадрҳои коргарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дошт.

Шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро 77 муассисаи рӯзона, 4 муассисаи шабона, ки аз рӯйи 158 ихтисоси коргарӣ фаъолият мекарданд, ташкил медод.

Дар ҳамин давра, бо назардошти тасдиқи муносибатҳои бозори меҳнат корҳои азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолона ба роҳ монда шуд. Бинобар сабаби аз байн рафтани зарурат ба омӯзиши касб аз рӯйи

ихтисосҳои тракторист-мошинист ва ронанда барҳам дода шуданд, ба ҷои онҳо ихтисосҳои ба талаботи замон зарур бударо ҷорӣ намуданд. 17 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ тайёр намудани кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳои соҳаҳои хоҷагии халқ ба роҳ монда шуда, дар раванди таълими ин муассисаҳо барнома ва нақшаҳои нави таълимӣ ворид гардида, курсҳои омӯзиши касбҳои коргарии менеҷер ба роҳ монда шуд.

Соли 1991 дар 51 омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ҷумҳурӣ тайёрии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда шуда буд ва таълим асосан, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ сурат мегирифт. Дар ин давра «омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ дорои 1343 кабинетҳои таълимӣ, 812 кабинети таҳсилоти касбӣ, 250 лаборатория, 280 устохонаҳои таълимӣ буда, зиёда аз 100 кабинет, лаборатория ва устохонаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ бо маводи таълимии техникию методӣ таъмин карда шуданд» [126, в.14]. Бо вуҷуди ин, дар самти таҳсилоти ибтидоии касбӣ норасоӣ ва камбудиҳои зиёде ба назар мерасид, ки барои рушди ин зинаи таҳсилот монеа ба вуҷуд меовард. Яке аз чунин норасоиҳо ҳанӯз ҳам таҳия нашудани Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ ва қонун дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба шумор мерафт ва таъсиси шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз қабили коллеҷ ва литсей, омӯзиши кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳои душвори сохтмонӣ, тиҷоратӣ ҳамчун ихтисосҳои талаботи бозори меҳнат дар канор монда буд.

Назорат аз болои таҳияи барномаҳои нави таълимӣ, таҳлили амиқи роҳу усулҳои корҳои тарбиявӣ дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ низ суст гардида, алоқа бо хизматрасониҳои иҷтимоӣ коста шуда буд. Ба хотири ислоҳи ин кабудиҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазоратҳои дахлдори худро вазифадор намуд, ки оид ба бартараф кардани ин норасоиҳо тадбирҳо андешанд.

«Таҳлилҳо собит месозад, ки дар соли 1990-1991 аз шумораи умумии 24534 нафар хатмкунанда 20147 нафар дараҷаи тахассусӣ гирифта, 1221 нафар бе дараҷаи тахассусӣ ва 346 нафар бошад, бо маълумотномаи духтур омӯзишгоҳҳои тиббиро бо баҳои хубу аъло ҷамъбаст карданд» [239, с.102].

Таҳқиқ нишон дод, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар баъзе аз омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ вобаста ба талаботи замони муосир ихтисосҳои нав, аз ҷумлаи кафшергари газию барқӣ, сохтмончӣ, ронандагӣ ва занбӯри асалпарварӣ ба роҳ монда шуданд. Бо ҳадафи боз ҳам баланд бардоштани обрӯ ва эътибори муассисаҳои таҳсилоти ибтидои касби проблемаи ташкил намудани муассисаҳои нави ба талаботи замон ҷавобгӯ вуҷуд омаданд,.ки баъдтар бо номҳои литсей ва коллеҷ фаъолияти худро ба роҳ монданд. . Диққати асосӣ ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо равона гардид.

«Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳам дар зери назорати ҳамешагии Вазорати маориф ва илм қарор дорад. Пажуҳиши фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нишон дод, ки, дар омӯзишгоҳҳои кабию техникии № 3, 28, 52, 66 ва Литсейи касбии алоқа давомот аз 50 то 75%-ро ташкил медод. Пас аз гузаронидани чорабиниҳои зиёд, ба монанди суҳбатҳо бо хонандагон ва ба роҳ мондани маҷлисҳои волидайн, воҳӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, давомоти талабагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ соли 2005 ба 70- 90 % баробар гардид» [131, в.135].

Хобгоҳҳои хонандагон таъмирталаб буда, дар қисми зиёди ҳуҷраҳои онҳо одамони бегона истиқомат мекарданд. Аз моҳи май то сентябри соли 2005 тавассути мақомоти ҳуқуқ ва бо имкониятҳои худи роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии шаҳри Душанбе зиёда аз 70%-и оилаҳои бегона аз хобгоҳҳо бароварда шуда, бинои хобгоҳҳо ба пуррагӣ таъмир карда шуданд.

Дар ҳар як муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии шаҳри Душанбе компютерҳои замонавӣ (аз 3 то 25 адад) мавҷуданд. Лекин мутаносибии шумораи компютерҳо ба теъдоди хонандагони аз рӯйи ихтисоси компютерӣ таҳсилкунанда мувофиқ нест.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон, махсусан Омӯзишгоҳи касбию техникии №13-ноҳияи Ховалинг, Омӯзишгоҳи касбию техникии №48-ноҳияи Ёвон

хонандагон бе ҷузвдон ва маводи хониш ва бе тайёрӣ ба дарс иштирок доштанд.

Тибқи ҷадвали тасдиқшудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 17-23-уми августи соли 2006 аттестатсияи директорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Дар он аз 68 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон директорони 61 муассисаи таълимӣ иштирок намуданд.

«Аз 61 нафар директорони муассисаҳои таълими ибтидоии касбӣ 7 нафарашон аз аттестатсия нагузашта ҳисобида шуда, 11 нафарашон дар давоми кор ротатсия карда шуда, 9 нафарашон аз аттестатсия шартан гузашта ҳисобида шуда, фаъолияти онҳо дар муддати 3 моҳ аз нав мавриди омӯзиш қарор гирифтааст» [113, в.175].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар давраи таҳқиқшаванда омодагии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ба соли нави таҳсил қисман ҷавобгу буда, дар Литсейи касбии кишоварзии шаҳри Конибодом, Литсейи касбии политехникии шаҳри Хуҷанд, Омӯзишгоҳи касбию техникии №31-и шаҳри Хуҷанд, Омӯзишгоҳи касбию техникии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Омӯзишгоҳи педагогии ноҳияи Мастчоҳ, Коллеҷи технологии шаҳри Исфара, Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Конибодом омодагӣ ба соли нави хониш ба талабот ҷавобгӯ набуд. Ҷадвалҳои дарсӣ пурра омода карда нашуда, бахшида ба соли нави хониш ва ҷашни Истикдолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон шиору плакатҳо овезон карда нашуда буданд.

Омодагии Омӯзишгоҳи касбию техникии №6-и шаҳраки Шуроби шаҳри Исфара, Литсейи касбии саноати дӯзандагии №50-и шаҳри Конибодом, Омӯзишгоҳи касбию техникии №26-и ноҳияи Ашт, Омӯзишгоҳи касбию техникии №65-и ноҳияи Ҷаббор Расулов, ба соли нави хониш дар сатҳи паст қарор дошт. Махсусан, вазъият дар омӯзишгоҳҳои касбию техникии №№6,

26, 65-и шаҳри Исфара, ноҳияҳои Ашт ва Ҷаббор Расулов ташвишовар буданд.

Яке аз проблемаҳои асосии муассисаҳои таълимӣ ин ҳамкорӣ бо корфармоён мебошад. Талабот барои тайёр кардани кадрҳои тайёр мутобиқ ба бозори меҳнат дар сатҳи паст қарор дошт. Ҳамзамон, аз ҷониби корфармоён, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида ба муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёр намудани кадрҳои коргарӣ дархост пешниҳод карда намешуд. Аз ин рӯ, хатмкунандагони таълимгоҳҳо барои дарёфти ҷои кор ба душвориҳо дучор мегардиданд.

Тибқи нақшаи аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, дар соли хониши 2007-2008 ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ қабули 14360 нафар пешбинӣ шуда буд. «Натиҷаи ҷамъбасти ҳисоботи муассисаҳои таълимӣ собит намуд, ки дар соли таҳсили ҷорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 13465 нафар хонандагон қабул карда шудаанд, 12495 нафари кабулшудагон аз ҳисоби буҷаи давлатӣ мебошанд, ки 87 %-и нақшаро ташкил медиҳад ва 970 нафар хонандагон ба тариқи шартномавӣ қабул гардиданд, ки ин ба 25,1%-и нақшаи пешбинигардида баробар аст. Аз 12495 нафар хонандагони гурӯҳҳои буҷавӣ 5153 нафар (41,2%) дар заминаи синфи 9 ва 7342 (58,8%) нафар дар заминаи синфи 11 қабул карда шудаанд» [114, в.192].

Соли 2007 барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ 7824 ҷой ҷудо карда шудааст, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ нақшаи қабулро риоя накарда, аз нақша зиёд қабул кардани довталабон ба гурӯҳҳои буҷавӣ мушоҳида мешавад. Дар маҷмуъ, 200 нафар ба шуъбаи рӯзона, 38 нафар ба шуъбаи ғоибона аз ҳисоби буҷаи давлатӣ довталабон зиёд қабул карда шудааст.

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон замимаи иҷозатномаҳо, базаи моддию техникии муассисаҳои таълимиро ба инобат нагирифта, ба як қатор муассисаҳо аз меъёр зиёд ба таври иловагӣ ҷой ҷудо намудааст, ки ин боиси мушкилии раванди таҳсил мегардад.

Ба ихтисосҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамагӣ ба гурӯҳи буҷавӣ, 3038 нафар ба гурӯҳи шартномавӣ, 340 нафар ҳуҷҷат супорида, 2551 нафар ба гурӯҳи буҷавӣ ва 571 нафар ба гурӯҳҳои шартномавӣ дохил шуданд.

Дар маҷмуъ, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳам ба гурӯҳҳои шартномавӣ ва ҳам ба гурӯҳҳои буҷавӣ 10343 нафар қабул карда шудаанд. Инчунин, барои ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ намудани тайёркунии кадрҳои коргарӣ ва ба омӯзиши касб ҷалб намудани ҷавонписарону духтарон дар назди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ курсҳои кӯтоҳмуддати 3-моҳа ва 6-моҳа ташкил карда шуд.

Соли 2006 даромади умумии муассисаҳои таълимии соҳа аз рӯйи ҳамаи намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасониҳо 1625328,61 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 5821,61 сомонӣ зиёд буда, баробари 100,4%-и нақша мебошад.

Таъмини нақшаҳои муқарраргардида дар муассисаҳои таълимии соҳа дар шаҳри Душанбе 112,4%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 105,1%, вилояти Хатлон 102, вилояти Суғд 91,3%, %-ро дар бар мегирифт.

Барои дар сатҳи лозима ба талабот мувофиқ кунонидани самаранокии таълим садоратҳои муассисаҳо мувоззаф гардиданд, ки дар давоми ҳар семоҳа мониторинги сифати донишро аз рӯи фанҳои тадрисшаванда ба роҳ монда, аз натиҷааш ба Вазорати маориф маълумотномаи саҳеҳ ирсол намоянд.

Кайд кардан бомаврид аст, ки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар раванди омӯзиши касбу ҳунарҳои соҳаи хизматрасонӣ ҷавонон дар рӯҳияи мехнатдӯстию коромӯзӣ дар дохили кишвар тарбия меёбанд.

Оид ба хонандагони ятиму бепарастор дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ чораҳо андешида шуда, хӯроки бепули севақта ҷорӣ шуда, бо хобгоҳ ва сару либос низ таъмин гардидаанд.

«Дар Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон нақшаи дурнамо оид ба қабули донишҷӯён вобаста ба ихтисосҳои варзишӣ барои солҳои 2008-2009 аз 27. 02. 2008 таҳия карда шуда буд, ки он 8 намуди варзишро фаро мегирифт. Дар байни 67 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тавассути Ҷамъияти ихтиёрии тарбияи ҷисмонии «Захираҳои меҳнатӣ» мусобиқаҳои варзишӣ дар омӯзишгоҳҳои ҷумҳурӣ баргузор карда шуд, ки баҳри дурнамои варзиш дар муассисаҳои таълимӣ равона гардидааст» [115, в.109].

Дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Шуроҳои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ вобаста ба ислоҳоти соҳа баргузор гардидааст.

Пажуҳиш собит намуд, ҳанӯз ҳам хонандагоне буданд, ки китобро хонда наметавонистанд. Аксарияти онҳо Суруди миллиро аз бар накарда, оид ба Парчам ва Нишони давлатӣ маълумоти саҳеҳ надоштанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии №№ 52, 63 ва Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе, №31-и ш. Хуҷанд, 9-и ш. Қӯрғонтеппа ва дигар таълимгоҳҳо барои беҳтарин корҳои дипломӣ мукофоти маъмурияти муассисаи таълимӣ муқаррар шуда буд.

Нақшаи чорабиниҳо, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Точикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ (аз 25.04.2008) бармеоянд, омӯзиши Паёми Президенти кишвар дар байни омӯзгорон, донишҷӯён, хонандагон ба роҳ монда шуда буд.

Нақшаи қабули хонандагону донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои соли таҳсили 2008-09 тасдиқ гардида буд. Ба нақшаҳо ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Ҳамчунин, ба нақшаҳои Коллеҷи санъат, Коллеҷи кӯҳӣ тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд.

Ба Нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар шакли нав барои баррасӣ ворид шуда буд. Ҳуҷҷати мазкур омода гардида, пас аз мувофиқа бо вазоратҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои баррасӣ супорида шуд, ки дар натиҷа тасдиқ гардид.

Бахри иҷрои банди Протоколи №1с/13-13 оид ба сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Файзобод ва шаҳри Роғун лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъсиси Коллеҷи муҳандисӣ-техникӣ дар шаҳри Роғун дар заминаи воҳидҳои корӣ ва маблағҳои барои нигоҳдошти он дар соли 2009 пешбинишудаи Коллеҷи савдои шаҳри Душанбе таҳия карда шуда, барои мувофиқа ба вазоратҳои дахлдор пешниҳод гардид.

Дар мушоварaҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои «Вазъи таълими забонҳои русӣ ва хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон», «Вазъи таҷрибаомӯзии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Шаҳринав, Рӯдакӣ, Файзобод», «Дар бораи ба таълим фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълимии калонсолон аз 29.09.2008, № 2313», «Ҷамъбасти накшаҳои қабули довталабони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои соли 2009-2010» баррасӣ гардиданд.

«Дар маҷлиси назоратии назди вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои «Натиҷаи санҷиши рафти иҷрои фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.06.2009, №821 «Дар бораи таҳти назорат гирифтани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз тарафи раёсатҳои маорифи вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Хатлон, Суғд ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо» дар раёсати маорифи вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор, Рӯдакӣ», «Вазъи таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии шаҳри Душанбе», «Ҳисоботи директорони Коллеҷи санъати шаҳри Хуҷанд ба номи С. Ҳофиз, Омӯзишгоҳи

тиббии шаҳри Хоруғ, Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Истаравшан» баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст» [79, с.87].

Китоби «Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ» қисми 1 бо теъдоди 1000 нусха аз нашр бароварда шуд. «Оинномаҳои муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла омӯзишгоҳҳои омӯзгории ноҳияи Зафаробод, Омӯзишгоҳи касбию техникии № 9 ш. Қӯрғонтеппа, Омӯзишгоҳи касбию техникии №3 ш. Душанбе, Омӯзишгоҳи касбию техникии №1 шаҳри Душанбе, Омӯзишгоҳи касбию техникии №39-и ноҳияи Тоҷикобод, Литсейи технологии ш. Душанбе, пас аз таҳлил бо фармони вазири маориф тасдиқ карда шуданд» [116, в.83].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду нумуи зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аҳаммият дода, корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Натиҷаи ҳамин буд, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷаи таҳсилот тағйир ёфтанд. Барои ба стандарти байналмилалӣ мутобиқ намудани мазмуни таҳсилоти касби коллеҷҳо таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, бо мақсади таъмини мутахассисони соҳаи энергетика дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Коллеҷи энергетикӣ (соли 2007) таъсис дода шуд. Дар ноҳияи Рӯдакӣ бошад, Коллеҷи техникию муҳандисӣ таъсис ёфт. Илова бар ин, бо пешниҳоди вазорат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун бо кадрҳои коргарӣ ва муҳандисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шаҳри Роғун Коллеҷи муҳандисӣ-техникӣ таъсис дода шуд.

Ба таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо техникаву технологияи муосир аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад. Вобаста ба ин, аз ҳисоби маблағҳои дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо компютерҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Танҳо дар соли таҳсили 2007-2008 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо 670 адад компютер таъмин гардиданд. Дар 70 синфхонаи компютерӣ 670 адад компютер мавриди истифода қарор гирифт. Компютерҳои боқимонда бошад, дар кабинетҳои фаннӣ ва кафедраҳо гузошта шудааст. Аз шумораи умумӣ 90 адад компютер ба шабакаи интернет васл гардидааст.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ озмунҳои фаннӣ, махсусан сатҳи ҷумҳурияви то солҳои хониши 2006 - 2007 гузаронида намешуданд. «Танҳо дар хониши 2007- 2008 нахустин бор дар таърихи муассисаҳои миёнаи касбӣ озмуни ҷумҳуриявӣ дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҷлил карда шуд. Соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ давра ба давра ба муваффақияти зиёд ноил мегардид. Аз ҷумла, бо ҳадафи иҷрои талаботи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» соли таҳсили 2009-2010 дар яке аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ гузаштан ба низоми кредитии таҳсилот шуруъ гардид» [79, с.306].

«Бори аввал дар таърихи маорифи кишвари соҳибистиқлол дар асоси тафоҳумномаҳои дуҷониба барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Россия соли 2009 59 ҷой ва соли 2010 47 ҷой барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ин кишвар ҷудо гардид, ки баъди озмун донишҷӯён барои таҳсил фиристода шуданд» [116, в.67].

Соли 2010 дар ҷумҳурӣ 49 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 68 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият менамуд. Нақшаҳои таълимии такягоҳии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар асоси талаботи имрӯзаи тайёр кардани кадрҳои коргарӣ аз нав таҳия ва тасдиқ шуда, дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуданд.

Бо мақсади ба таълим фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.10.2007, № 1905 курсҳои кӯтоҳмуддати 3-моҳа, 6-моҳа ва фармони якҷояи вазоратҳои маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2007, №2313 курсҳои кӯтоҳмуддати 1-2-моҳа таъсис дода шуданд. «Танҳо дар давоми соли 2011 зиёда аз 6,5 ҳазор нафар шаҳрвандон дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти

ибтидоии касбии ҷумҳурӣ курсҳои кӯтоҳмуддатро хатм намуда, соҳиби касб гардиданд» [117, в.254].

Дар баробари ин, дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ проблемаҳои ҳалталаб бисёранд. Аз ҷумла, нарасидани китобҳои дарсӣ аз фанҳои тахассусӣ ва нарасидани омӯзгорону устоҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ, кухнаю фарсуда гардидани техникаҳои таълимӣ, дастгоҳҳо ба сифати тайёр кардани кадрҳои коргарӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Тибқи фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон №669 аз 13.04.2008 даври ҷамъбастии олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи 7 фанни таълими умумӣ гузаронида шуд.

Як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Сертификат барои хатмкардагони курсҳои кӯтоҳмуддати 1-моҳа ва 2-моҳа, нақшаҳои таълимии такягоҳии курсҳои кӯтоҳмуддати 1-моҳа ва 2-моҳа, шиносномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар таҳрири нав тайёр карда, аз тарафи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуд.

Мувофиқи фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1619 аз 26.09.2008 «Оид ба амалӣ гардонидани банди 6-и қарори мушовараи ғайринавбатии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2007, 314/1 «Оид ба фаъолияти муассисаҳои таълими ғоибонаи калонсолон ва наврасон дар ҷумҳурӣ» ва фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.09.2008, №1807 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2008 № 1619» 50 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии чумҳурӣ ҳуқуқи таъсис додани шуъбаи ғоибонаи калонсолон ва наврасонро соҳиб шуданд.

Нақша ва барномаи таълимӣ оид ба тайёр намудани техник барои барӯйхат гирандагони баҳисобгирии фонди манзил дар системаи хоҷагии манзилию коммуналии пешниҳоднамудаи Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Тавассути Лоиҳаи «Дастгирии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Тоҷикистон-даври 2» аз рӯи 54 номгӯи ихтисосҳо дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат бештар аз 1100 нафар соҳиби шаҳодатномаи тахассусӣ гардиданд. Дар вилояти Суғд ин гуна курсҳоро 652 нафар хатм карданд.

Лоиҳаи мазкур барои рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар сохаи туризм, хизматрасонӣ ва агросаноатӣ равона карда шудааст. Тибқи фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.02.2008, № 147 «Дар бораи таъсиси Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳа» гурӯҳҳои корӣ оид ба муайян намудани сиёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ тартибдодашуда ба талаботи нав мувофиқ кунонида шуданд.

«Соли 2011 аз 30 муассисаи таълимие, ки мавриди ташхиси аттестатсионӣ қарор дода шуда буд, 27-тои он (90%) аз аттестасия гузашта ҳисобида, 1 (3,3%) муассиса (Омӯзишгоҳи касбӣ- техникии №32 шаҳри Кӯлоб) аз аттестатсия шартан ва ба 2 (6,7%) муассисаи дигар (Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Қубодиён ва Маркази ҷумҳуриявии корҳои тарбиявию беруназмактабӣ) барои ислоҳи камбудиҳо муҳлат дода шуд, ки онҳо низ пас аз бартараф кардани камбудиҳои нишондода шуда аз аттестатсияи давлати гузаштанд» [118, с.32].

Камбудиҳо дар фаъолияти Литсейи ҳарбии ба номи генерал-майор М.Д. Тошмуҳаммадови Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гимназияи тамоили иқтисодидоштаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон низ буданд.

Дар Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №37-и ноҳияи А.Ҷомӣ сатҳи дониши хонандагон аз фанҳои умуми таълимӣ 27,5% ва аз фанҳои тахассусӣ 33,9%-ро ташкил медод. Масъалаҳои ба китобхонӣ ҷалб намудани хонандагон, назорати дохилитаълимгоҳӣ дар сатҳи паст қарор дошт. Бо сабаби мустаҳкам набудани заминаи моддию техникӣ фаъолияти ихтисоси «Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ» ин омӯзишгоҳ аз аттестатсия нагузашта ҳисобида шуд.

Дар фаъолияти Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №31 шаҳри Хуҷанд чунин камбудиҳо мавҷуд буданд: дараҷаи донишандӯзии хонандагон мунтазам мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор дода нашуда, дар таълимгоҳ омӯзгорони тахассусӣ намерасиданд.

Бинобар сабаби мувофиқат накардани заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ ва кадрӣ ихтисосҳои 3-91.01.51.02 «Қаннод» ва 3-40.02.52.01 «Оператори компютер» аз аттестатсия нагузашта ҳисобида шуданд ва фаъолияти ихтисоси 3-25.01.52.01 «Ҳисобчӣ» дар заминаи таҳсилоти асосӣ аз соли таҳсили 2009-2010 қатъ гардонида шуда, хонандагони ин ихтисос ба таълими сесола фаро гирифта шуданд.

Дар Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №32-и шаҳри Кӯлоб пояи ҳуқуқию меъёрии таълимгоҳ, фаъолияти Шурои муҳандисию омӯзгорӣ, заминаи моддию техникӣ, таълимию лабораторӣ, шароити манзилию маишии хонандагон, кадрҳои омӯзгорӣ ва ёрирасон, банақшагирии ҷараёни таълим ва ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба талабот пурра ҷавобгӯ набуд.

Аттестатсияи Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №30-и шаҳри Душабе нишон дод, ки нақшаҳои таълимӣ ба талаботи банди 3-и Стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳури Тоҷикистон мувофиқат намекунанд. Дафтари тақсимоти дипломҳо тибқи талабот омода карда нашудааст. Натиҷаи аттестатсияи ОКТ №52-и шаҳри Душанбе нишон дод, ки сатҳи донишандӯзии хонандагон аз фанҳои умумитаълимӣ 37,3%, аз фанҳои тахассусӣ 62,5%-ро ташкил медиҳад, ки ба талабот начандон мувофиқ аст. Лаборатория ва устохонаҳои таълимӣ ба пуррагӣ омода карда нашудаанд. Ҳолати санитарӣ ва оташнишонӣ дар хобгоҳ ва ҳам дар бинои таълимӣ ҷавобгӯи талаботи меъёрҳои санитарию гигиенӣ набуд.

Дар Литсейи касбии металлургии Турсунзода сатҳи дониши хонандагон аз фанҳои умумитаълимӣ хело паст буда, азхудкунӣ дар умум 40.8% ва аз фанҳои тахассусӣ 44,9%-ро ташкил медиҳад. Махсусан, дараҷаи донишандӯзии хонандагон аз фанҳои асосҳои барномасозӣ, нақшакашӣ, мошинҳои борбардор дар сатҳи паст қарор дошт. Бинобар сабаби ба талабот

мувофиқат накардани заминаҳои моддию техникӣ, таълимию лабораторӣ ва кадрӣ, иштироки хонандагон ба дарсҳо ихтисосҳои 3-74065101 «Тракторчӣ - мошинисти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ», 3-36015402 «Харрот», 3-37.01.52.01 «Ронандаи автомобил» ва 2.4.2 «Кафшергари барқӣ ва газӣ» аз аттестатсия нагузашта ҳисобида шуданд ва то ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдошта кабул ба ин ихтисосҳо манъ карда шуд.

Оинномаи Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Қубодиён аз қайди давлатӣ гузаронида нашудааст, нақшаву барномаҳои таълимӣ таҳия ва тасдиқ нагардидаанд, дар таълимгоҳ китобхона ва қироатхона мавҷуд нест. Сифати таълим ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён аз фанҳои забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва риёзӣ хеле паст буданд.

«Дар омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ нисбат ба аттестатсияе, ки қаблан соли 2004 гузаронида шудааст, дар таълимгоҳ як қатор пешравиҳо дар ҳайати кадрӣ ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ дида мешавад, вале дар баробари муваффақиятҳо як қатор камбудиҳо мавҷуданд. Масалан, дар таълимгоҳ то ҳол Шурои методӣ ташкил карда нашуда, тайи се соли охир рафти иҷрои қарорҳои Шурои омӯзгорӣ зери назорату баррасӣ қарор дода нашудааст ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён 48%-ро ташкил медод» [119, в.115].

Бинобар сабаби тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия нагардидани нақшаи таълимӣ, мустаҳкам набудани заминаи моддӣ-техникӣ аз оғози соли нави таҳсил қабули донишҷӯён ба гурӯҳҳои «Таҳсилоти ибтидоӣ бо иловаи забони русӣ» қатъ карда шуд.

Аттестатсияи Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Истаравшан нишон дод, ки сатҳи дониши донишҷӯён аз фанҳои умумитаълимӣ 43% ва аз фанҳои тахассусӣ 57%-ро ташкил менамояд. Дар кори ҳуҷҷатгузорӣ ва сикли фанҳо камбудиҳо ба назар расид.

Дар Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рашт теъдоди умумии донишҷӯён дар соли таҳсили 2010- 2011 282 нафарро ташкил менамуд, ки аз миқдори умумии онҳо шумораи духтарон 48 нафарро ташкил медод.

«Дар муассисаи мазкур донишҷӯён аз ноҳияи Рашт-224 нафар, Тавилдара- 26 нафар, Тоҷикобод-8 нафар, Нуробод- 12 нафар ва Ҷиргатол-12 нафар таҳсил менамоянд. Дар Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рашт масъалаи сифати таълим дар сатҳи паст қарор дошта, 54,4%-ро ташкил медод» [79, с.144].

Дар соли 2011 25 муассисаи таълимӣ аз ташхиси аккредитатсионӣ гузаронида шуданд, 16-тои он соҳиби шаҳодатномаи аккредитатсионӣ гардиданд, 3 муассисаи таълимӣ ба сабаби талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мувофиқ набудан аз аккредитатсия нагузашта ҳисобида шуданд (литсейи назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Гимназияи хусусии «Тоҷикистон», муассиса-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси ноҳияи Ҳисор) ва ҳуҷҷатҳои 6 муассисаи таълимии дигар ба комиссияи аккредитасионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд [134, в.168].

«Дар давоми сол иҷозатномадиҳии ихтисосҳои нав ва курсҳои кӯтоҳмуддат дар 104 муассисаи таълимӣ гузаронида шуда, ба 95 (91,3%) он барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома дода шуд (дар аксари онҳо баъзе ихтисос ва касбҳо манъ карда шуд) ва ба 9 (8,7%) муассисаи таълимӣ бинобар сабаби мувофиқат накардани заминаи моддию техникиашон иҷозатнома дода нашуд: аз ҷумла, ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №49-и ноҳияи Рӯдакӣ, ҶДММ-и «Бизнес Партнёр», Ширкати «Озода», ҶДММ «Золотой цветок», ҶДММ «Идеал», ба курси кӯтоҳмуддати омӯзиши ронандагии дараҷаи «В»-и филиали Кумитаи шаҳрии ТҶММ-и шаҳри Чкаловск, ҶДММ-и «Муҳаммадшоҳ» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Аторун»» [85, с.220].

Ғайр аз ин фаъолияти ихтисос ва касбҳо низ боздошта шуданд. Алалхусус, ба Литсейи касбии кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ, «Ҳисобдор» ва «Корманди меҳмонхона»-и Литсейи касбии хизмати шаҳри Хуҷанд, курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касби «Ронандаи автомобил» (аз рӯи дараҷаи С)-и Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №54-и ноҳияи Нуробод, «Ронандаи автомобил»

(аз рӯи дараҷаи «ВС») ва «Ҳисобчӣ»-и Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №4-и ноҳияи Тавилдара, «Ҳисобчӣ», «Тракторчӣ» ва барномаҳои «Тарҳрезии манбаи маълумотҳо» ва «Мутахассиси бехатарии технологияи иттилоотӣ»-и ҶДММ-и Маркази илмӣ-истеҳсолии «Кибернетика».

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳол баъзе роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бе омодагирӣ ва доштани заминаҳои моддию техникӣ, кадрӣ ва таълимӣ ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани иҷозатнома барои ихтисосҳои нав пешниҳод менамоянд.

Тибқи маълумот теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сол то сол кам шуда бошад ҳам, қабули довталабон сол аз сол рушд намудааст Масалан: «Агар қабули довталабон дар соли 2000 9100 нафарро ташкил диҳад ва соли 2005 11500 нафарро ташкил дода бошад , баъдан соли 2010 ин нишон дод 12500 нафарро дар бар мегирифт» [124, с.56].

Қайд кардан бамаврид аст, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пайваста китобҳои дарсӣ, маводи таълимию методӣ ва модулҳои таълимӣ аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ таҳия намуда, ба онҳо дастрас мегардонад. Масалан, дар соли таҳсили 2011-2012 ва нимсолаи аввали соли 2013 дар асоси накша ва барномаҳои таълимии зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ 52 модули таълимӣ омода намуд, ки барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касби бо маводи аввалиндариҷа мусоидат хоҳад кард.

Бо саъю талошҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафи ба низом даровардани ин соҳа солҳои охир таҳия ва таҷдиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пурзӯр гардид.

Дар ҷумҳурӣ соли 2015 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, аз ҷумла, 55 литсейи касбии техникӣ ва 7 литсейи касбии саноати кишоварзӣ фаъолият доштанд.

Бо мақсади таъмин намудани бозори меҳнати дохилии кишвар бо кадрҳои коргарӣ ва ҷалби бештари хонандагон ба таҳсилоти касбӣ, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии

касбӣ ба таҳсилоти дусола (бо гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ) гузаштанд.

Нахуст дар кишвар дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» омода ва 8 августи соли 2015, бо №1225 қабул шуд. Қонуни мазкур барои таҳияи дигар хуҷҷатҳои меъёрии соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ замина фароҳам оварда, дар пайдо шудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ саҳми бузург гузошт.

«Бори аввал қабули довталабон дар соли таҳсили 2015-2016 дар 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, шароити мусоид барои довталабон фароҳам оварда шуд. Дар соли таҳсили 2015-2016 ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар маҷмуъ, 24996 нафар донишҷӯ қабул гардид» [120, с.221].

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки соли хониши 2015-2016 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар маҷмӯъ, 11784 нафар, аз ҷумла 9308 нафар дар шуъбаи рузона ва 2476 нафар дар шуъбаи ғоибона бомувафаққият хатм намудаанд. Аз миқдори умумии онҳо 419 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 63 нафар дар шуъбаи ғоибона имтиҳонҳои хатмро бо баҳои аъло супориданд.

Бо мақсади дарёфти истеъдодҳо ва муайян намудани сатҳи дониш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 15-16 майи соли 2015 озмуни ҷумҳуриявӣ гузаронида шуд. Аз 60 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ 54 муассиса дар олимпиада иштирок намуд. Ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми Озмуни ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз фанҳои таълимӣ бо дипломҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шудаанд. Барои иштироки фаъол 18 нафар донишҷӯ бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илм қадрдонӣ карда шуданд.

Барои таҳқиқи вазъи омузишгоҳҳо дар соли таҳсили 2013-2014 омӯзишгоҳи омузгории шаҳри Турсунзода ва Ҳисорро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. «Дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Турсунзода 410 нафар

донишҷӯён, аз ҷумла 158 нафар дар шъбаи рӯзона (118 нафар буҷавӣ, 40 нафар шартномави) ва 252 нафар дар шуъбаи ғоибона (181 нафар буҷавӣ, 71 нафар шартномавӣ) таҳсил менамуданд, ки 10 нафарашон писарон буданд. Аз 410 нафар донишҷӯ 16 нафарашон ятимону бепарасторонанд, ки 4 нафарашон пурра ятими кул буданд» [83, с.143].

Бояд гуфт, ки донишҷӯён дар корҳои ҷамъиятии омӯзишгоҳ фаъолияти хуб нишон дода, аксарият бо баҳои хубу аъло таҳсил менамуданд. Нисбати донишҷӯёни ятиму бепарастор аз ҷониби масъулини омӯзишгоҳ ҷузъдони махсус ташкил карда шудааст, ки дар он «Нақшаи чорабиниҳо оид ба ятимон ва бепарасторони Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Турсунзода дар соли хониши 2014-2015» (7 сентябри соли 2014 тасдиқ шудааст), протоколҳои вохӯриҳои гузаронидашуда бо донишҷӯён ва парасторони онҳо (№1 аз 12.10.2014; №2 аз 24.04.2010), рӯйхати ятимону бепарасторон бо нишондоди маълумот дар бораи онҳо ва рӯйхати гирандагони идрорпулӣ (ҳамаи 16 нафар) нигоҳдорӣ мешавад.

Таҳқиқ нишон дод, ки таи се соли охир омӯзишгоҳро 547 нафар донишҷӯён хатм намудаанд, ки аз ин шумора 5 нафарашон ятиму бепарастор (ё модар надоранд, ё падар) буда, айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Турсунзода кору фаъолият менамоянд.

Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ҳисор. «Дар Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ҳисор 306 нафар донишҷӯён (158 нафар рӯзона - 12 гурӯҳ ва 148 нафар ғоибона - 5 гурӯҳ) таҳсил менамоянд, ки 286 нафарро духтарон ва 20 нафарро писарон ташкил медиҳанд» [99, с.4].

Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки дар омӯзишгоҳи мазкур ятимони кулл таҳсил намекунанд, вале 23 нафар донишҷӯёне таҳсил доранд, ки ё падар, ё модар надоранд ва ё ин ки аз оилаҳои камбизоатанд. Аз 23 нафар донишҷӯёни зикршуда 15 нафар аз 25 сомонӣ то 35 сомонӣ идрорпулӣ мегирифтанд. Ногуфта намонад, ки дар курси якум ду нафар хатмкунандагони муассиса-интернати бачагони нобино ва босираашон сусти ноҳияи Ҳисор таҳсил менамуданд, ки падару модар доранд ва бо баҳои хуб

таҳсил менамуданд. Ҳарду аз ноҳияи Шаҳринав буда, иҷоранишин буданд ва аз ҷониби омӯзишгоҳ ба маблағи 25 сомонӣ идрорпулӣ мегиранд ва 21 нафари дигар дар хонаҳои падару модарашон истиқомат карда, хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёна мебошанд. Камбудии асосӣ дар омӯзишгоҳ норасоии китобҳои дарсӣ ва надоштани ошхона ва толори варзишӣ буд.

Бояд қайд намуд, ки дар омӯзишгоҳ аз ҷониби масъулин ҷузвдони махсус ташкил гардидааст, ки дар он рӯйхати бепарасторон ва маъюбону ноболиғон, қарорҳои комиссия оид ба гирифтани идрорпулӣ ва фармонҳои директор дар бораи идроргирандагон нигоҳ дошта шудааст.

«Таҳлилҳо нишон доданд, ки солҳои 2017-2021 омӯзишгоҳи дар боло зикргардидаро ҳамагӣ 237 нафар донишҷӯён хатм намудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо 22 нафарашон бепадар ё бемодар, танҳо як нафар - Бобоева Зӯҳро Камоловна ятими кулл буданд, ки омӯзишгоҳро соли 2008 бо дипломи аъло хатм кардаанд» [157, в.18].

Хулоса, дар давраи таҳсил (давраи хонандагӣ ва донишҷӯӣ) ятимон пайваста дар зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ қарор доранд ва ҳамагон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои онҳо тамоми шароитҳо фароҳам оварда шавад.

Бо назардошти талаботи ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани мақоми муассисаҳои таълимӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2.11.2012 номи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии ҷумҳурӣ ба литсейҳои касбии техникӣ, техникум ва омӯзишгоҳҳо ба коллеҷҳо иваз карда шуданд.

«Соли таҳсили 2018-2019 дар 61 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ шогирдону наврасон аз рӯи 106 ихтисос касбомӯзӣ намуда, 2205 нафар омӯзгор ва 721 нафар устои таълимии истеҳсолӣ ба онҳо дарс медиҳанд» [97, с.4].

Бо назардошти рушду нумуи корхонаҳои саноат дар кишвар, кушодани муассисаҳо ва ташкилотҳои гуногуни техникӣ, талабот дар бозори ҷаҳонии меҳнат ва омилҳои дигари такондиҳанда, талабот ба касбу ихтисосҳои соҳаи таҳсилоти ибтидоии техникии касбӣ рӯз то рӯз афзоиш ёфта, теъдоди хоҳишмандоне, ки тавассути ин зина гирифтани ин ё он касбу ихтисосро хоҳиш доранд, сол то сол зиёд мегардад, ки онро аз диаграммаи зерин дидан мумкин аст;

Диаграммаи № 7



| | 2013-2014 | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди устоҳои таълими истеҳсолӣ | 784 | 738 | 725 | 810 | 721 |
| Теъдоди омӯзгорон | 22 | 2272 | 1991 | 1834 | 2285 |
| Шумораи хонандагон (ҳазор нафар) | 23,1 | 21,8 | 21,7 | 22,7 | 23,2 |
| Теъдоди муассисаҳо | 63 | 63 | 62 | 61 | 61 |

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати касбии омӯзгорони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ чораҳои зарурӣ андешида мешуданд, ки яке аз онҳо лоиҳаи «Кумаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» буд, ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешуд ва дар самти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёна як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, аз ҷониби Лоиҳаи мазкур литсейҳои касбии техникии шаҳри Левакант, саноати кишоварзии шаҳри Конибодом, техникӣ-сохтмонии шаҳри Хуҷанд, саноати кишоварзии шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе кӯмаки техникию методӣ расонида шуданд.

«Соли таҳсили 2018-19 дар ҷумҳурӣ 66 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият менамуд, ки аз ин теъдод 12 адади он муассисаи ғайридавлатӣ буда, дар тайёр кардани кадрҳои коргарии соҳа саҳми худро гузошта истодаанд» [93, с.7]. Дар баробари таъсис додани муассисаҳои нави

таълими аз ҷумлаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ ихтисосҳои ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ кушода шуданд, ки донишҷӯёнро бештар ҷалб менамуданд.

Соли 2017 мувофиқи банди 9 № 34 аз 23.01 қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва тасдиқ гардид, ки афзалият ва самтҳои асосии дастгирӣ ва рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи маориф муайян намуд [158, в.4].

Дар масъалаи ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ва грантҳо барои таҳкими пояи моддию техникии муассисаи таълимӣ кори хуби коллеҷҳои муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе ва Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявиро қайд намудан лозим аст. Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе бо Ҷамъияти Олмонӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (С12), Лоиҳаи «Дастгирии ислоҳоти системаи маълумоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиши (МКТО)», Барномаи «Омӯзиши касбӣ дар Осиёи Марказӣ-1», Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) ва дигар барномаҳо ҳамкорӣ менамояд. Роҳбарияти коллеҷи мазкур дар ҳамкорӣ бо барномаҳои номбурда як озмоишгоҳи дуредгарӣ ва 1 сехи дӯзандагӣ сохта, бо тамоми таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳаз намудаанд. Инчунин, аз тарафи лоиҳаҳои барномаҳои мазкур ба омӯзгорони коллеҷ семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шудааст [120, в.222].

Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ бошад, бо ташкилоти байналмилалии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо дар назди Вазорати меҳнат ва муҳоҷирони шуғли аҳолии ҶТ, як катор академияҳо, донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои хориҷи кишвар, аз ҷумла, Донишгоҳи тиббии шаҳри Гродноиı Ҷумҳурии Белоруссия, Академияи тиббии баъдидипломии Ҷумҳурии Белоруссия ва ғайра барои мустаҳкам намудани пояи моддӣ- техникӣ, табодули таҷриба, истифодабарии усулҳои муосир ва байналмилалии фаъоли таълим ва омодасозии мутахассисони ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ, ҳамкориҳои илмӣ-

тадқиқотӣ, амалӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандон ҳамкории самаранок дорад.

Мутобиқи замимаи иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2018 34436 ҷой муайян шудааст. Натиҷаи кабули донишҷӯён тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи чунин мебошад.

Дар раванди бақайдгирии довталабон ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, рафти интихоби муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби довталабон 1260 нафар довталабон дар интихоби якум муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ки 53,6 % нақшаи қабулро ташкил медиҳад, интихоб намуданд.

Аз ин теъдод ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 11034 нафар қабул гардиданд, ки 52,5%-и нақшаи қабули донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Бо назардошти иҷро нашудани нақшаи қабул дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зарурияти тақсимоти дуюм ба амал омад. Аз теъдоди умумии давраи якум ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давраи дуюм 2411 нафар қабул гардиданд, ки 21%-и нақшаи донишҷӯёнро тариқи Маркази мазкур ташкил дод. Баъд аз тақсимоти дуюм ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар умум 13226 нафар, аз ҷумла, дар шуъбаи рӯзона 11481 нафар (6178 нафар буҷавӣ, 5303 нафар шартномавӣ) ва дар шуъбаи ғоибона 1845 нафар (932 нафар буҷавӣ қабул гардидаанд [94, с.1].

Қабули довталабон дар солҳои 2015-2018 ба муассисахои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ба роҳ монда шуда буд, ки дар диаграммаи зерин нишон дода мешавад.

Диаграммаи № 8




Аз диаграмма чунин бармеояд, агар соли таҳсили 2015-2016 нақшаи қабули довталабон 76,2 %-ро ташкил карда бошад, пас дар соли таҳсили 2018-2019 62%-ро ташкил намудааст, ки дар муқоиса нисбат ба соли таҳсили 2015-2016 14,2 % кам мебошад.

Қабули донишҷӯён тариқи Маркази миллии тестӣ дар соҳаи тиббӣ 90%, соҳаи омӯзгорӣ 57,3%, соҳаи кишоварзӣ 33,3% ва соҳаи техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ 27,5%-ро ташкил медиҳад.

«Соли таҳсили 2018-2019 ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бидуни Маркази тестӣ, дар маҷмуъ 11615 нафар (95,3%) донишҷӯ қабул гардидааст. Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷаи давлат 2587 нафар (рӯзона 2531 ва 56 нафар ғоибона) гурӯҳҳои шартномавӣ 9028 нафар (8232 нафар рӯзона ва 796 нафар ғоибона) донишҷӯён дохил шуданд» [84, с.125].

Қабули донишҷӯён тариқи анъанавӣ дар соли таҳсили 2018-2019 вобаста ба соҳа дар диаграммаи зерин чунин аст.

Диаграммаи № 9




Аз диаграмма бармеояд, ки соли 2018 нақшаи қабули муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки довталабонро берун аз Маркази тестӣ (соҳаи техникӣ, омӯзгорӣ ва кишоварзӣ) қабул намуданд тақрибан иҷро гардидааст.

Натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2018-2019 тавассути Маркази миллии тестӣ ва анъанавиро дар умум, дар ҷадвали зерин пешниҳод менамоем:

Ҷадвали № 29

| Қабул ба МТМК | Ба гурӯҳҳои буҷавӣ | | Ба гурӯҳҳои шартномавӣ | | | Ҳамагӣ | | Умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | рӯзона | ғоибона | рӯзона | ғоибона | шабона | буҷавӣ | шарт-вӣ | |
| Тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ | 6078 | 932 | 5303 | 913 | - | 7010 | 6216 | 13226 |
| Тариқи анъанавӣ | 2531 | 56 | 8232 | 796 | - | 2587 | 9028 | 11615 |
| Ҳамагӣ | 8609 | 988 | 13535 | 1709 | - | 9597 | 15244 | 24841 |

Соли 2018 ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамагӣ 24841 нафар донишҷӯён қабул карда шудаанд.

Қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муқоиса бо солҳои 2014-2018 дар диаграммаи зерин оварда мешавад.

Диаграммаи № 10




| | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ба шуъбаи рӯзона | 9706 | 9366 | 8242 | 8089 | 8609 |
| Ба шуъбаи ғоибона | 1505 | 1371 | 1454 | 883 | 988 |
| Ба гурӯҳҳои рӯзона | 7857 | 10149 | 11456 | 13122 | 13535 |
| Ба гурӯҳҳои ғоибона | 3587 | 4003 | 3322 | 3077 | 1709 |
| Ба гурӯҳҳои шабона | 545 | 123 | 570 | 652 | 0 |
| Ҳамагӣ буҷавӣ | 11211 | 10737 | 9696 | 8972 | 9597 |
| Ҳамагӣ шартномавӣ | 0 | 14275 | 15348 | 16761 | 15244 |

Пажуҳиш нишон дод, ки дар ду соли охир афзудани теъдоди муассисаҳои таҳсилои миёнаи касбӣ, сол аз сол зиёд шудани аҳолии Тоҷикистон, таваҷҷуҳ барои гирифтани маълумоти касбӣ инчунин, ҷалби донишҷӯён аз хориҷи кишвар заминаҳои зарурии зиёд шудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ба миён овардааст.

Дар ҷашни 30- юмин солгарди Истиқлолияти давлатии, баргузории ҷаласаҳои муҳимми сиёсӣ дар кишвар, барпо намудани чорабиниҳои гигиению санитарии зиддивирусӣ дар ҷумҳурӣ буд, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ чун дигар зинаҳои соҳаи маориф саҳми назарраси худро дар ин ҷода гузоштанд.

Аз ин теъдод, дар 9 муассисаи таълимӣ (Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе, Коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар, Коллеҷи хусусии агросаноатӣ ва ҳунарҳои мардумии шаҳри Кӯлоб

(ғайридавлатӣ), Коллеҷи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ, Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд (ғайридавлатӣ), Коллеҷи муҳандисии техникии ноҳияи Нуробод, Коллеҷи техникӣ-омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ ва Коллеҷи сайёҳӣ ва хидмати шаҳри Ваҳдат (ғайридавлатӣ)) аз рӯйи ихтисосҳои таъмини истифодабарии техникаи кишоварзӣ, агрономӣ, агрономия, тухмикорӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгард ва иншооти нақлиётӣ, меъморӣ, банақшагирии биноҳо ва иншоотҳо, геодезия дар сохтмон, истифодабарии техникӣ ва таъмири обтаъминкунӣ ва обпарто, сохтмон, нигоҳубин ва таъмири роҳҳои автомобилгард ва иншооти сохтмонӣ, сохтмони нигоҳдорӣ ва таъмири кӯпрукҳо ва нақбҳои нақлиётӣ ва таълими касбӣ (сохтмон) мутахассисонро вобаста ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар омода менамоянд.

Тазаккур бояд дод, ки дар муассисаҳои таълимии зикршуда қабули донишҷӯён тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, иҷрои нақшаи қабул дар онҳо аз 5 то 85,7 %-ро ташкил медиҳад. «Аз ҷумла, қабул дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ-47,2%, Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе, Коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар-72,2 %, Коллеҷи хусусии агросаноатии шаҳри Кӯлоб (ғайридавлатӣ)-0,1 %, Коллеҷи кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ-20,3 %, Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд (ғайридавлатӣ)-10,4 %, Коллеҷи муҳандисии техникии ноҳияи Нуробод-6,9 %-ро ташкил медиҳад» [108, с.120].

Бо назардошти нигоҳ доштани заминаи моддию техникӣ, неруи кадрӣ ва ғанӣ гардонидани суратҳисоби муассисаи таълимӣ бо мактубҳои Вазорати маориф ва илм ҷиҳати берун аз Маркази миллии тестӣ қабул намудани довталабон иҷозат дода шуда бошад ҳам, дар аксари муассисаҳои таълимии зикршуда аз рӯйи ихтисосҳои соҳаи сохтмон, хизмати меҳмондорӣ ва хизматрасонии маишӣ нақшаи қабул иҷро нагардида, сол аз сол довталабон ба ин ихтисосҳо кам ҷалб мегарданд. Чунончи, дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2019 аз

рӯйи се ихтисос (истифодабарии техникӣ ва таъмири обтаъминкунӣ ва обпарто, сохтмон, нигоҳубин ва таъмири роҳҳои автомобилгард ва иншооти сохтмонӣ, сохтмони нигоҳдорӣ ва таъмири кӯпрукҳо ва нақбҳои нақлиётӣ) ва соли 2020 боз як ихтисоси дигар (сохтмон ва истифодабарии биноҳо ва иншоотҳо) донишҷӯ қабул нагардида, дар Коллеҷи хусусии агросаноатӣ ва ҳунарҳои мардумии шаҳри Кӯлоб дар ихтисосҳои агрохимия, тухмипарварӣ ва ҳифзи растанӣ, ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), таъмини истифодабарии техникаи кишоварзӣ ва агрономӣ то 47,0 % нақшаи қабул иҷро гардидааст. «Дар Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории шаҳри Душанбе, ки аз рӯйи ихтисоси таълими касбӣ (сохтмон) мутахассис омода менамояд, агар дар соли 2020 иҷрои нақшаи қабул аз рӯйи ин ихтисос 62,5%-ро ташкил диҳад, соли 2021 иҷрои нақшаи қабул ба 52,1% расидааст. Дар Коллеҷи муҳандисӣ техникии ноҳияи Нуробод ва Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд (ғайридавлатӣ) иҷрои нақшаи қабул то 10,4%-ро ташкил медиҳад» [108].

Нишондод оид ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидои касбӣ

Ҷадвали № 30

| Сол | Шумораи муассиса | Теъдоди хонанда |
|---|---|---|
| 1991 | 43 | 16000 |
| 1997 | 72 | 26000 |
| 2000 | 72 | 24400 |
| 2005 | 71 | 25000 |
| 2010 | 66 | 22000 |
| 2015 | 62 | 26900 |
| 2021 | 63 | 23000 |

Эзоҳ; агар соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 43 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ бо теъдоди 16000 хонанда мавҷуд бошад, пас дар соли 2021 миқдори муассисаҳо 63 адад ва шумораи хонандагон 23000 нафарро ташкил медод. Агар дар муқоиса нисбат ба соли 1991 гирем, миқдори муассисаҳо 20 адад ва шумораи хонандагон 7000 нафар зиёд гардидааст.

Нишондод оид ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

Ҷадвали № 31

| Сол | Шумораи муассиса | Теъдоди хонанда |
|---|---|---|
| 1990 | 43 | 40700 |
| 1995 | 44 | 26800 |
| 2000 | 53 | 25300 |
| 2005 | 54 | 31800 |
| 2010 | 54 | 37500 |
| 2015 | 65 | 68300 |
| 2021 | 78 | 93500 |

Соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 43 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо шумораи 40700 нафар фаъолият дошта бошанд, пас, дар соли 1991 миқдори муассисаҳо 70 ададро ташкил дода дар онҳо 93500 нафар донишҷӯён таҳсил менамуданд.

Бори аввал дар таърихи маорифи кишвар дар асоси созишномаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия барои идомаи таҳсили шаҳрвандони мамлакат дар муассисаи таҳсилоти касбӣ дар Россия 59 ҷой ва соли 2009 59 ҷой ва соли 2010 47 ҷой дода шуд [91, с.8].

Барои ҳамаҷониба баррасӣ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар замони Истиқлол раванди инкишофи онро тайи солҳои 2004-2021 тибқи ҷадвали зерин пешниҳод менамоем.

Ҷадвали № 32

| Номгӯ | Воҳиди ченак | 2004-2005 | 2005-2006 | 2006-2007 | 2007-2008 | 2008-2009 | 2010-2011 | 2011-2012 | 2012-2013 | 2013-2014 | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Шумора | 72 | 71 | 72 | 67 | 68 | 66 | 66 | 67 | 67 | 63 | 62 | 62 | 62 | 61 | 63 | 63 |
| Шумораи хонандагон | Ҳазор нафар | 4,2 | 25 | 23,5 | 20,9 | 21,2 | 22 | 22,6 | 23,9 | 23,2 | 21,8 | 21,7 | 26,9 | 22,7 | 24,1 | 21,9 | 23 |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қабули хонандагон | | 15 | 15 | 16 | 14 | 12 | 15 | 14 | 14 | 12 | 13 | 14 | 17 | 15 | 15 | 13 | 15 |
| Хатми хонандагон | | 15,6 | 13,7 | 14,1 | 13,7 | 10,8 | 10,5 | 10,3 | 10,6 | 10,6 | 11,6 | 8,9 | 8,85 | 14,4 | 12,9 | 12 | 12,0 |

Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро дар соли 2021 дар ҷадвали зерин дида мебароем:

Ҷадвали № 33

| Номгӯй | Миқдори муассисаҳо | Теъдоди хонандагон | | дар шуъбаҳои | | Дар гурӯҳҳои: | | Ятими кулл бепарастор |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Духтарон | Рӯзона | Ғоибона | Буҷавӣ | Шартнома | |
| ВМКБ | 1 | 372 | 94 | 372 | 0 | 322 | 50 | 1 |
| Суғд | 22 | 7913 | 2011 | 7913 | 0 | 7402 | 511 | 37 |
| Хатлон | 18 | 5875 | 1337 | 5875 | 0 | 163 | 712 | 31 |
| Ш.Душанбе | 11 | 5345 | 888 | 5345 | 0 | 3763 | 1582 | 30 |
| НТҶ | 11 | 3461 | 595 | 3461 | 0 | 3239 | 222 | 17 |
| Ҳамагӣ | 63 | 22966 | 4925 | 22966 | 0 | 19889 | 3077 | 116 |

Раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф сурат гирифта, шароити мусоиди таълиму тарбия дар онҳо фароҳам оварда шудааст.

Аксарияти биноҳои таълимӣ ва синфхонаю кабинетҳо, инчунин, бо компютер ва дигар воситаҳои нави техникӣ, лаборатория ва кабинетҳои фаннӣ ба таври зарурӣ таъмин будани ин муассисаҳои таълимӣ мушкилоти ба таҳсил фаро гирифтани хоҳишмандонро ҳаллу фасл менамояд.

Зиёдшавии миқдори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва теъдоди донишҷӯёнро дар солҳои 2012-2021 дар ҷадвали зерин пешниҳод менамоем.

Ҷадвали № 34

| | 2012/2013 | 2013/2014 | 2014/2015 | 2015/2016 | 2016/2017 | 2017/2018 | 2018/2019 | 2019/2020 | 2020/2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 49 | 53 | 60 | 65 | 66 | 66 | 72 | 75 | 78 |
| Аз ҷумла | | | | | | | | | |
| Омӯзишгоҳ | 19 | 12 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Коллеҷ | 27 | 41 | 60 | 65 | 66 | 66 | 72 | 75 | 78 |
| Теъдоди донишҷӯён | 42277 | 43777 | 59356 | 68325 | 73333 | 80432 | 85579 | 87696 | 93531 |
| Аз ҷумла духтар | 25693 | 26266 | 35129 | 40361 | 43372 | 49696 | 54621 | 58204 | 61904 |
| Аз синфи 11 | 35692 | 33358 | 47492 | 55592 | 58726 | 62103 | 67766 | 69426 | 68072 |
| Буҷавӣ | 26072 | 27142 | 32354 | 34393 | 32946 | 31194 | 30501 | 28606 | 26550 |
| Шартномавӣ | 16205 | 16635 | 27002 | 33932 | 40387 | 49238 | 55078 | 59090 | 66981 |
| Аз шумораи умумии донишҷӯён дар шуъбаҳои зерин таҳсил карданд: | | | | | | | | | |
| Рӯзона | 32098 | 33813 | 44521 | 52817 | 56937 | 61048 | 67695 | 70836 | 76401 |
| Буҷавӣ | 22278 | 21748 | 26852 | 28590 | 28180 | 25870 | 25644 | 24007 | 22535 |
| Шартнома-вӣ | 9820 | 12065 | 17669 | 24227 | 28757 | 35178 | 42051 | 46829 | 53866 |
| Ғоибона | 7997 | 8464 | 13100 | 13971 | 14768 | 17591 | 15195 | 14796 | 13510 |
| Буҷавӣ | 4203 | 4324 | 5072 | 5803 | 4708 | 5074 | 4458 | 4531 | 3917 |
| Шартнома-вӣ | 3794 | 4140 | 8028 | 8168 | 10060 | 12517 | 10737 | 10265 | 9593 |
| Фосилавӣ | | | | | | | | | 155 |
| Буҷавӣ | | | | | | | | | 83 |
| Шартномавӣ | | | | | | | | | 72 |
| Шабона | 0 | 0 | 735 | 1537 | 1628 | 1793 | 2689 | 2064 | 3465 |
| Буҷавӣ | 0 | 0 | 430 | 0 | 58 | 250 | 399 | 68 | 15 |
| Шартномавӣ | 0 | 0 | 1305 | 1537 | 1570 | 1543 | 2290 | 1996 | 3450 |

Дар соли таҳсили 2020-2021 дар 78 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар маҷмӯъ, 93531 нафар донишҷӯ аз ҷумла духтарон 61904 ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд

Дар даврони Истиқлол садоратҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар якҷоягӣ бо раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат ва дар асоси пешниҳоду хулосаҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқиро барои танзими низоми ин зинаи таҳсилот таҳия ва бо қарорҳои мушоварaи Вазорати маориф ва илм тасдиқ намуд. Аз ҷумла:

- Дастур оид ба таҳияи нақша ва барномаҳои таълимии касбӣ барои курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ аз рӯи касбҳои коргарӣ ва нақшаи таълимии намунавии курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ аз рӯи касбҳои коргарӣ (қарори мушовари Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2016, №23/3);

- Қарори мушовари Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №11/38 аз 28.07.2017 дар бораи «Низомномаи гузаронидан, барқарор ва хориҷ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- Қарори мушовари Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №3/74) аз 25.02.2020 дар бораи «Дастурамали намунавии нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар бойгонии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Хулоса соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар тамоми ҷаҳон яке аз зинаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба шумор меравад, ки Роҳбари давлатамон Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ вазифаҳои мушаххас гузоштааст. Бо ин мақсад барои рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат тайёр намудани 100000 нафар соҳибкасбонро дар даврони соҳибистиқлолӣ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба роҳ мондаанд.

Ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ ва литсейҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатномаи ҳамаи касбҳои наве, ки ба талаботн замон мувофиқ асту ба бозори меҳнат ҷавобгӯ буд барои таълимиашон иҷозат дода шуд.

Агар соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 43 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо теъдоди 16000 хонанда мавҷуд бошад, пас дар соли 2021 миқдори муассисаҳо 63 адад ва шумораи хонандагон 23000 нафарро ташкил медод. Агар дар муқоиса нисбат ба соли 1991 гирем, миқдори муассисаҳо 20

адад ва шумораи хонандагон 7000 нафар зиёд гардидааст. Дар баробари муваффақиятҳо дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ давраи таҳқиқшаванда камбудиҳо низ вуҷуд доштанд:

- литсейҳои касбӣ-техникии ноҳияи Қубодиён, ноҳияи Панҷ, ноҳияи Фархор, ноҳияи Ховалинг, ноҳияи Ашт, ноҳияи Зафаробод, ноҳияи Деваштич, ноҳияи Лахш, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва саноати кӯҳии шаҳри Исфара заминаи моддӣ-техникӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набуданд.

- теъдоди компютер ва дигар воситаҳои нави техникӣ ва технологияи навин дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ниҳоят кам буда, техникаҳои таълимӣ дар ҳолати корношоям қарор доштанд;

- қариб тамоми хобгоҳҳои муассисаҳои таълими ин зинаи таҳсилот таъмирталаб буда, шароити зисти хонандагон ба талаботи замони муосир мутобиқ кунонида нашудааст. Инчунин, Литсейи касбии техникии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе, Литсейи касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе ва Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе, Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор, ноҳияи Қубодиён ва ноҳияи Лахш хобгоҳ надоранд;

- аз барномаи компютерикунонӣ дар канор мондани бархе аз муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- ба таври кофӣ маблағгузорӣ нашудани таъмири биноҳо, хобгоҳҳо;- роҳҳои пешгирӣ намудан аз ба иҷора дода шудани техникаҳои таълимӣ дар аксарияти муассисаҳо;

- дуруст истифода бурда нашудани замин, техника, устохонаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

## 4.2. Сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф

Соҳаи маориф ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги умумибашарӣ, соҳаи муҳимми фаъолияти маънавии инсон буда, ба инсон ғизои маънавӣ ва тавоноӣ мебахшад ва ба ин васила, барои рушди ҷомеа замина ба вуҷуд меорад.

Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои замони муосир, истифодашавии технологияҳои навтарин дар идоракунии давлатӣ тақозо дорад, ки низоми таълиму тарбия ва усули тайёр намудани мутахассисони ташаббускору донишманд ба дастовардҳои ҷаҳони муосир дар ин самт мувофиқ гардонда шавад.

Вобаста ба талаботи замони муосир Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони соҳаи маориф пайваста дастуру супоришҳои оқилона медиҳанд, ки ин аз таваҷҷуҳи хосса ва ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат нисбати таълимдиҳандагону тарбиятгарони насли наврас шаҳодат медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи таҳқиқшаванда дар мамлакат муассисаҳои нави таълимӣ, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо таъсис ёфта, рушд намудаанд. Ҳамагӣ дар даҳсолаи охир садҳо муассисаҳои таҳсилоти умумии замонавӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавриди истифода қарор гирифтанд.

Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд, ки таҳсил бояд бо илму маърифат ва тарбия ҳамқадам бошад, зеро бе маърифат давлат поянда намемонад. Дар ҳамин замина, Сарвари давлат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, илми муосир ва тарбияи ватандӯстии насли ҷавон аҳаммияти вижа медиҳанд.

Тавре муҳтарам Пешвои миллат иброз доштаанд: «Мо бояд ҷавонони худро бо илму дониш, фарҳанги миллӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ тарбия намоем, зеро онҳоояндаи давлату миллатанд» [24, с.14-15].

Баробари демократикунонии ҳамаи соҳаҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф низ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Бинобар ин, ҷустуҷӯ намудан ва дар амал татбиқкунии роҳу воситаҳои нави методҳои асосии таълим барои фаъолияти омӯзгории донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олӣ аҳаммияти хосса дорад.

Ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ аз омӯзгорон талаб менамояд, ки таълими фанҳои тадрисшавандаро баландмазмун ва дастрас ташкил намуда, ба шогирдон дар шароити дигаргунсозии олам, бартарии таърихро бо мисолҳои возеҳу равшан фаҳмонанд. Ба масъалаҳое, ки ҷавонон мароқ зоҳир менамоянд, ҷавобҳои саҳеҳ диҳанд.

Дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 43 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият менамуд, ки аз ин 9-тоаш омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ буда, дар онҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тайёр карда мешуд. Дар ин солҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 40,7 ҳазор донишҷӯён таҳсил менамуданд, ки дар фаъолияти онҳо баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ мушкилоти зиёд ба вуқуъ омаданд.

Аз сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ садҳо омӯзгорону кормандони ин муассисаҳои таълимӣ ҷумҳуриро тарк намуданд. Маоши омӯзгорони ин муассисаҳо нисбат ба дигар муассисаҳои таълимӣ паст буда, 76 сомониро ташкил медод. Проблемаи асосӣ нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии тамоми кишвар ба назар мерасид. Хеле кам маблағгузорӣ намудани соҳа ба он оварда расонид, ки заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ куҳнаю фарсуда гарданд. Ҳукумати мамлакат доир ба рушди нумуи муассисаҳои соҳаи омӯзгорӣ, махсусан омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ аҳаммияти ҷиддӣ дод. Барои таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ (1991), Мастчоҳ (1991), Ҷиргатол (1995), шаҳри Роғун (1995) ва ғайра омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ таъсис дода шуд. Дар натиҷа шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ ба 16 адад расид.

Барои бо сатҳи байналмилалӣ мутобиқ кунонидани таҳсилот аксарияти омӯзишгоҳҳо ба коллеҷҳои мустақил табдил дода шуда, ба сохтори муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил кунонида шуданд. Алалхусус соли 1999 омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Бохтар ва Хуҷанд ба

сохтори муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил кунонида шуданд. Дар ҳамин замина нақшаву барномаҳои таълимии онҳо иваз гардид ва ба курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувофиқ гардонида шуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки коллеҷҳои навтаъсис барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос аз рӯи фанҳои математика-информатика забони тоҷики, забони русӣ, таърих ва саҳми арзанда гузоштанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароит ва тақозои замон дар муассисаҳои соҳаи тиб низ тағйироти куллӣ ба амал овард.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 1999 омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар, Хуҷанд ва шаҳри Душанбе ба коллеҷҳои тиббӣ табдил дода шуданд. Ҳамзамон, бинобар сабаби суст будани заминаҳои моддию техникӣ, таълимию кадрӣ ва набудани талабот як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барҳам дода шуданд.

«Соли хониши 2007-2008 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 96 ихтисос 13790 нафар довталабон ҳуҷҷат супориданд. (11553 нафар ба шуъбаи рӯзона ва 2237 нафар ба шуъбаи ғоибона)» [239, с.102].

Таълими фанҳои тадрисшаванда ба донишҷӯён асосан барои омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва ҷамъиятию гуманитарӣ, инкишофи қобилияти даркунӣ, роҳҳои ташаккулёбии донишҳои навин, инкишофи тафаккури шогирдон ва нутқи омӯзгор мавқеи асосӣ доранд.

Таълими фанҳои табиию риёзӣ ва ҷамъиятию гуманитарӣ дар ниҳоди донишҷӯён маҳорату малакаҳое, ки барои фаъолияти амалии омӯзгори оянда муҳимманд, аз он ҷумла, салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии онҳоро ҳосил намуда, ташаккул медиҳанд.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки маҳсули кори омӯзгор бо донишҷӯ асосан додани донишҳои навин ва арзёбӣ намудани сатҳи дониши онҳо мебошад. Бинобар ин, ба риштаи таҳлил кашидани сатҳи дониши донишҷӯён, ки асосан тибқи сессияҳои имтиҳонҳо муайян карда мешаванд, аҳаммияти зарурӣ доранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, сатҳи дониши донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳуриро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Рафти санҷишу имтиҳонҳоро дар коллеҷҳои техникӣ, политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.01 то 20.01.2012 дида мебароем.

«Пажуҳиш нишон дод, ки рафти имтиҳоноти сессияи зимистона дар Коллеҷи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида амалӣ гардида, зимни имитиҳонсупорӣ 251 нафар (22%) донишҷӯён ба имтиҳонҳои такрорӣ мононда шудаанд, ки аз сатҳи пасти дониши онҳо дарак медиҳад» [128, в.172].

«Рафти санҷиши имтиҳоноти зимистона дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз фанни математика нишон дод, ки аз 50 то 71 % -и донишҷӯёни гурӯҳҳои 2-2909, 2-2905, 2-2903 баҳои «2» гирифтанд. Аз фанни химияи ғайриорганикӣ бошад, 34%, аз фанни масолеҳшиносӣ 24%-и донишҷӯён баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд» [130, в.141].

Дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, рафти имтиҳонҳо дуруст ба роҳ монда шуда, ҷадвали имтиҳонҳо ва рӯзҳои машваратҳо дар ҷойҳои намоён овезон буданд, вале сатҳи дониши донишҷӯён дар ин таълимгоҳ низ аз фанҳои фармакология, анатомия, кимиёи таҳлилӣ, забон ва адабиёти тоҷик нисбатан суст буд.

Пажуҳиш нишон дод, ки шиносномаи омӯзишгоҳ ҳарчанд мавҷуд бошад ҳам, вале он то соли 2006 пур карда шудааст. Дар таълимгоҳ ҷонишини директор оид ба таълиму тарбия, методист, гурӯҳи назорати сифати таълим фаъолият намекарданд.

Фаъолияти иттиҳодияҳои методии фанҳои тахассусӣ ва фанҳои умумитаълимӣ дар таълимгоҳ суст ба роҳ монда шудааст. Барномаҳои таълимӣ низ дар таълимгоҳ аз рӯи фанҳои таълимӣ вуҷуд доранд, лекин

баъзеи онҳо куҳна ё аз солҳои гузашта буданд. Тазаккур бояд дод, ки дар омӯзишгоҳи номбурда устодони соҳибкасб оид ба ихтисосҳои «Момодоя», «дандонпизишк» «кардиолог» кор ва фаъолият менамуданд, аммо онҳо ҳануз ҳам кам буданд.

Боиси сарфарозист, ки Шурои марказӣ методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани кумаки методӣ ва омӯзиши нақшаю барномаҳои таълимӣ, корҳои методӣ, вазъи фаъолияти таълиму тарбия, гузаронидани имтиҳонҳои гузариш ва хатми Литсейи касбии алоқа, №24-и деҳаи Дубедаи ноҳияи Файзобод, №78-и ноҳияи Ҷиргатол (Лахш), № 45-и шаҳри Вахдат, № 49-и ноҳияи Рӯдакӣ, №11-и ноҳияи Шаҳринав, №1-и деҳаи Дурбати ноҳияи Ҳисор, Литсейи касбии металлургии шаҳри Турсунзодаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ба қадри имкон ёрии амалии худро расонидаанд.

Муассисаҳои таълимии таҳлилшуда ба дастурҳои методии раҳнамо, китобҳои дарсии фанҳои умумӣ, китобҳои тахассусӣ ниёзманд мебошанд. Нарасидани кадрҳои таҷрибанок ва муаллимони соҳибкасб ба тайёр кардани кадрҳои коргарӣ ва пешбурди раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ гузоштааст.

Кормандони Шурои марказӣ-методии Вазорати маориф ва илм бо мақсади расонидани кумаки методӣ ва пешбурди раванди кори таълиму тарбия, корҳои методӣ, омӯзиши нақшаю барномаҳои таълимӣ, гузаронидани имтиҳонҳои аз курс бакурсгузаронӣ ва хатми омӯзишгоҳҳои «омӯзгорӣ»-и ноҳияҳои Ҳисор, Рудакӣ, Ҷиргатол (Лахш)-и ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Коллеҷҳои рассомӣ, тиббӣ, «Молиявию иктисодӣ»-и шаҳри Душанбе ва омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, сафар намуда маслиҳатҳои методӣ барои баланд бардоштани малакаи омӯзгорон ва савияи дониши донишҷӯён, аз ҷумла мавқеи китобхона ва нақши он дар ташаккули маънавии донишҷӯён, кори иттиҳодияҳои методӣ ва маҳфилҳои фаннӣ, иҷрои барномаҳои фаннӣ, тарҷума ва нашри китобҳои тахассусӣ, таҳияи дастурҳои методӣ, тарзи нигориши нақшаи кории моҳона ва яксоатаи дарсӣ, ёрӣ ба омӯзгорони ҷавон,

ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои хатму гузариш, кори таълиму тарбия дар хобгоҳи донишҷӯён ва ғайраҳо кумаки амалӣ ва ёрии методӣ расонидаанд [128, в.172].

Дар асоси нақшаи таълимии омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ барномаҳои фаннии «Таърихи халқи тоҷик», «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Анатомия, физиология ва гигиенаи мактабӣ», «Асосҳои табиатшиносӣ ва методикаи таълими он», «Равоншиносӣ», «Педагогика ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ», «Ҳуруфоти арабӣ ва методикаи таълими он», «Таълими меҳнат ва методикаи таълими он» таҳия гардида, дастраси кормандони муассисаҳо таълимӣ гардонида шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш, сифат ва самаранокии фаъолияти кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии чумҳурӣ ҳамасола охири моҳи август бахшҳои методӣ - таълимӣ ташкил карда мешаванд.

«Машварати бахшҳои таълимию методиии кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар Литсейи металлургии шаҳри Турсунзода рӯзи 26.08.2008, вилояти Хатлон-дар Литсейи касбии кимиёвии шаҳри Сарбанд (Левакант) рӯзи 27.08.2008, вилояти Суғд дар Литсейи касбии дӯзандагии шаҳри Конибодом рӯзи 28.08.2008, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар Литсейи касбии шаҳри Хоруғ рӯзи 29.08.2008 ва шаҳри Душанбе дар Литсейи касбии информатика ва техникаи компютерӣ рӯзи 29.08.2008 гузаронида шуд» [120, в.230].

Кабинетҳои методӣ дорои нақшаҳои мукаммали корӣ набуда, захираҳои иттилооти педагогӣ, дарёфту омӯзиш, тарғибу ташвиқ ва ҷамъбасту баррасии таҷрибаи пешқадами педагогӣ, мураттабу нашри адабиёти методӣ, банақшагирии дурнамо, ташкили хазинаи таҷрибаи пешқадам, дастгирии фаъолияти инноватсионии кормандони педагогӣ, гузаронидани машваратҳо ва машғулиятҳо, муассисаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ, озмунҳои маҳорати касбӣ, ташкилу созмондиҳии шабакаи хизматрасонии иттилоотӣ-

коммуникатсионии муассисаҳои таълимӣ, омӯзиши технологияи педагогӣ ва технологияи иттилоотӣ, ҷараёни инноватсионии соҳа, ташкилу гузаронидани семинарҳои амалӣ ва проблемавӣ, конфренсияҳои илмӣ - методӣ, хонишҳои педагогӣ, озмунҳои касбӣ ва ғайраҳо гузаронида нашуда, рушди дурнамои мониторинги муассисаҳои таълимӣ, ташкили маркетингӣ талаботи иттилоотии кормандони педагогӣ ва умуман, инфрасохтори соҳаи маорифро пурра дар бар намегирифтанд.

«Ба ақидаи Б.К. Кадиров, имкони истифодаи эҷодии инноватсияҳоро дар таҷрибаи оммавӣ метавон ҳамчун маҳаки баҳодиҳии инноватсияҳои педагогӣ баррасӣ карда шавад» [297, с.41-47].

Аз тарафи кормандони Хадамот курсҳои гузаронидаи такмили ихтисоси «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар мамлакат мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷиш нишон дод, ки дар донишкада ва ноҳияҳо (курсҳои сайёр) дар моҳи октябр мебоист 22 курс ташкил карда гузаронида мешуд, вале 19 курс доир намуда, дар онҳо ба ҷойи 475 нафар шунаванда, 362 нафар иштирок намуд ва 3 курси дигар бо сабабҳои гуногун ташкил карда нашудаанд.

Дар донишкада ба ғайр аз синфхонаи компютерӣ дигар кабинетҳои таълимӣ бо таҷҳизотҳои лозимӣ таъмин набуданд. Чунин ҳолат дар ноҳияҳое, ки курсҳои сайёр ташкил карда шуда буданд (Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода ва ғайра), ба назар мерасид. Ҳамзамон, ҳангоми ташкил ва гузаронидани курсҳо дараҷаи тахассусӣ ва таҳсилоти базавии шунавандагон ба назар гирифта нашуда буд.

Дар Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Коллеҷи санъати шаҳри Кӯлоб, Омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Данғара корҳои хаттии довталабон нишон дод, ки ба дониши баъзеи онҳо омӯзгорон аз меъёр баланд баҳогузорӣ намудаанд.

Нақшаҳои таълимии Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои ихтисосҳои «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи барқ», «Хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобил», «Стансияҳои барқӣ»,

«Ҳаракаткунандаҳои баркӣ ва автоматикаи таҷҳизоти технологӣ» ва Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова «Геология ва инкишофи кони канданиҳои фоиданок (шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона)», «Истихроҷи конҳои маъдан ва ғайримаъдании канданиҳои фоиданок (шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона)», «Топография (шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона)» ва «Экологияи истеҳсолот ва оқилона истифода бурдани боигарии табиат (шуъбаи рӯзона)» барои шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона пешниҳод гашта, омӯхта ва аз ташхис гузаронида шудаанд. Муҳлати умумии таҳсил барои тайёр намудани ихтисосҳои номбаршуда мувофиқ буда, тибқи талабот мураттаб гардида буданд. Дар нақшаҳои таълимӣ ҷамъи соатҳои таълимӣ ва корҳои мустақилона дуруст муайян карда шудааст ва ин нақшаҳои таълимиро баъди муҳокима Идораи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати маориф тасдиқ гардиданд.

Дар самти тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ шакли нави фаъолияти иҷтимоӣ- мадании хонандагон, аз қабили маҳфилҳои фаннӣ, толорҳои варзишӣ, осохонаҳои мардумшиносӣ, китобхонаҳо, дастаи ҳаваскорон, нақши созанда доштаанд. Чорабиниҳо дар боло зикргардида барои тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва хештаншиносии ҷавонону наврасон мусоидат менамоянд.

Илова ба ин, бо мақсади мустаҳкам намудани ҳамкориҳо бо ташкилоту муассисаҳо ва ҳамзамон, такмили ихтисос дар заминаи 182 устохона ва майдонҳои таълимӣ, 30 хоҷагии таълимӣ, инчунин бевосита дар корхона ва ташкилотҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои фермерӣ таълим ва таҷрибаомӯзии истеҳсолии хонандагон ба роҳ монда шудааст. Дар ин раванд, мутахассисони оянда дастгоҳҳои оҳанбурӣ, асбобҳои челонгарӣ-монтажӣ, таҷҳизоти технологӣ, маводи столярӣ, мебел, асбоб барои ороишгарон, маводи варзишӣ, сарулибос барои ҷавонон, таҷҳизоти сантехникӣ ва дигар ашёи мавриди истифодаи мардумро истеҳсол мекунанд.

Тасдиқ гардидани «Консепсияи давлатииислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ» дар мамлакат қадами нав дар самти таҳсилоти

ибтидоии касбӣ буда, имкон фароҳам овард, ки ислоҳот дар ин зинаи таҳсилот тибқи талаботи замон амалӣ гардад. Инчунин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2006 «Дар бораи Нақшаи миллии фаъолият оид ба ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» барои боз ҳам пурзӯр шудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Бо назардошти тағйир ёфтани талабот ба касбу ихтисосҳои соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси донандаи технологияи замонавӣ, механизмҳои бозор ва принсипҳои ҳифзи иҷтимоӣ, дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва литсейҳои касбӣ истифодаи барномаҳои таълимию таҷрибавӣ, метод ва усулҳои муосир ба роҳ монда шуд. Қариб 60% омӯзишгоҳҳои касбӣ- техникӣ, литсей ва техникумҳо бо техникаи компютерӣ таъмин гардиданд.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайвата барои инкишофи маорифи кишвар чораандешӣ менамуд. Бо назардошти ин, тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2006, №9 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2006, №594 «Дар бораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва литсейҳои касбӣ) аз сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Акнун дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи масъулиятноки ба низом даровардани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва барқарор намудани мақому манзалати онҳо меистод. Дар муддати начандон тулонӣ ҷиҳати татбиқи тарзи модулии таҳсилот, беҳтар намудани заминаҳои моддию техникӣ ва таълимию методӣ, баланд бардоштани иқтидори ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд.

Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мутобиқ ба стандарти байналмилалӣ таҳия ва омода карда шуданд. Аз ҷумла Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.08.2010, №388), Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи раҳнамои касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.10.2010, №499) омилҳои аввалиндараҷаи ба низом даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимии мазкур гардиданд [119, в.122].

Вазорати маориф бо мақсади ба танзим даровардани муассисаҳои ин зинаи таҳсилот пайваста фаъолияти онҳоро мавриди санҷиш қарор дода, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳо меандешад. Дар заминаи чунин санҷишҳо бо назардошти нокифоя будани заминаҳои моддию техникӣ ва неруи кадрӣ фаъолияти Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №49 ноҳияи Рӯдакӣ, Литсейи касбии саноати хӯроквории шаҳри Душанбе, Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №8 шаҳри Конибодом ва Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №72 ноҳияи Шаҳритус қатъ гардонида шуданд.

Соли 2010 9140 нафар шунаванда ин курсҳоро хатм намуда, дорои шаҳодатнома ва сертификати тахассусӣ гардиданд. Самти ҳамкории байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ таи солҳои 2007-2011 ташаккул ёфта, дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Хусусан, ҳамкориҳои ин зинаи таҳсилот бо ташкилотҳои байналхалқӣ назаррас мебошад.

Дар асоси созишномаҳои дуҷониба бо барномаҳои «Дастгирии таҳсилоти касбӣ, компоненти Таҳсилоти ибтидоии касбӣ», лоиҳаи dvv-ibternational! PATENT «Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба воситаи омӯзиш ва таҳсилоти касбӣ», Ташкилоти хайриявии ҷамъиятии байналмилалии «Ҷовид», барномаи Лоиҳаи GTZ GOPA «Дастгирии ҷараёни ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон-компоненти таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Агентии федералии Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ)

оид ба ҳамкориҳои байналхалқии гуманитарӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба комёбиҳои арзанда сазовор гардиданд [105, с.12].

Тайёр кардани кадрҳои болаёқати соҳаи омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби рӯз буда, дар ҳамаи давру замон ниёз ба он хеле зиёд буд, махсусан, дар замони Истиқлол боз ҳам мавқеи заруриро ба худ гирифт.

Барои дар оянда омода сохтани кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯ саҳми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ хеле назаррас аст. Дар амал татбиқ намудани масъалаи мазкур аз сатҳу сифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти номбурда алоқамандии зич дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар, ба риштаи таҳлил кашидани он аҳаммияти муҳим дорад.

Дараҷаи сатҳи дониши донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгориро соли хониши 2013-2014 дар ҷадвали зер нишон медиҳем:

Ҷадвали № 35

| № | Номи муассисаи таълимӣ | Иштироки хонандагон | Баҳо | | | | | | %-и азхудкунии нав |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 | 0 | |
| 1 | Коллеҷи омӯзгори Д,Д,Х Хуҷанд ба номи. Б.Ғафуров | 95 | 21 | 64 | 122 | 188 | - | - | 52,4 % |
| 2 | Омӯзишгоҳи омӯзгории н. Зафаробод | 208 | 3 | 28 | 50 | 127 | - | - | 38,9% |
| 3 | Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Конибодом | 313 | 12 | 44 | 100 | 157 | - | - | 49,8% |
| 4 | Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳ. Мастчоҳ | 169 | - | 24 | 45 | 100 | - | - | 40,8% |
| 5 | Коллеҷи омӯзгории Д,Д,Қ ба номи Носири Хисрав | 02 | 1 | 16 | 62 | 123 | - | - | 39,1% |
| 6 | Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳ. Қубодиён | 70 | - | 9 | 18 | 43 | - | - | 38,6% |
| 7 | Коллеҷи омӯзгории Д,Д,О,Т ба номи Садриддин Айнӣ | 302 | 12 | 81 | 93 | 92 | 22 | - | 61,6% |
| 8 | Коллеҷи муҳ-сӣ | 226 | 1 | 45 | 70 | 76 | 29 | 4 | 51,3% |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | омӯ-рии ш.Душанбе | | | | | | | | |
| 9 | Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Турсунзода | 241 | 5 | 22 | 69 | 83 | 45 | 19 | 39,8% |
| 10 | Омӯзишгоҳи омӯзгории н. Ҳисор | 203 | 3 | 20 | 44 | 65 | 35 | 36 | 33,0% |
| | Ҷамъ | 2329 | 58 | 353 | 673 | 1054 | 131 | 59 | 46, % |

Чӣ тавре ки аз натиҷаи ҷадвал бармеояд, рафти тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ дар ҳамон вақт талаботи рӯзафзуни ҷомеаро қонеъ гардонида наметавонист.

Барои дар сатҳи баланд омода намудани кадрҳои соҳаҳои мухталиф, алалхусус, соҳаи омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат давра ба давра чораҳо андешида шуда сол аз сол сатҳи омода намудани кадрҳоро барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ беҳтар мегардонад.

Дар солҳои 2014-2019 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 67 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ фаъолият доштанд. Дар ин муассисаҳо шароитҳои зарурии таълимию тарбиявӣ фароҳам оварда шуда, барои таҳсили бомароми донишҷӯён дар доираи талаботи рӯз таълим ба роҳ монда шуда буд. Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва касбиро аз курсҳои такмили ихтисоси омӯзиши компютер, тахтаҳои электронӣ ва дигар воситаҳои нави техникӣ ва курсҳои фанҳои алоҳида гузаронида, шароити мусоиди истифодаи воситаҳои нави техникиро дар дарс ва дар вақти супоридани имтиҳону санҷишҳо фароҳам оварданд.

Барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани аттестатсияи хатми хатмкунандагон ва бо назардошти гузариши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми кредитии таҳсил «Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни таҳсилоти миёнаи касбӣ» соли 2017 дар таҳрири нав таҳия қабул гардид. Барои ба таври пурра гузаштан ба низоми кредитии таҳсилот дастур дода шуд, ки кулли муассисаҳое, ки таълимашон бо тариқи анъанавӣ

гузаронида шуда истодааст, дар муҳлатҳои кутоҳтарин ба низоми нави таълим гузаранд.

Дар асоси талаботи Низомномаи мазкур солҳои сипаригардида роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аттестатсияи хатмро барои хатмкунандагон ташкил намуда, бо дарназардошти ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф ҷиҳати дуруст ҷараён гирифтани аттестатсияи хатм чораҳои зарурӣ андешиданд.

Тибқи талаботи банди 6-и Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд саволҳои имтиҳонҳои давлатӣ дар асоси барномаи таълимӣ, аз тарафи омӯзгорони кафедра тартиб дода шуда, дар Шурои олимони факултет баррасӣ ва муҳокима гардида, 1 моҳ пеш аз баргузории аттестатсияи хатм аз тарафи директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тасдиқ карда шаванд.

Таҳқиқ дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи муассисаҳои таълимӣ нишон дод, ки дар баъзе аз муассисаҳо билетҳои имтиҳонӣ номукаммал буда, ба талабот ҷавобгӯ намебошанд ва аз билети имтиҳони ҷорӣ тафовут надоранд.

Ҷиддияти масъалаи мазкур, ки дар ҷаҳонбинии донишҷӯён, омодагӣ гирифтани онҳо ба имтиҳони хатм, масъулиятшиносии омӯзгору донишҷӯро давра ба давра, баланд мегардонад, дар бештари муассисаҳо ба таври зарурӣ эҳсос намегардид. Ин аст, ки тайёрии ҳаматарафа аз ҷониби хатмкунандагон эҳсос нагардида, ҷамъбасти аттестатсияи хатм ҳам натиҷаҳои дилхоҳро ба бор намеорад. Ба хотири хуб нишон додани имтиҳони хатм ба хатмкунандагон гузашт намуда, баҳои баланд гузошта мешуданд, ки дар раванди сифати таҳсилот бетаъсир намемонад. «Чунончи, бештари баҳоҳои аъло ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи тиббӣ, коллеҷҳои санъати шаҳри Хуҷанд ба номи С. Ҳофиз, омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ, политехникии ноҳияи Зафаробод, технологии инноватсионии шаҳри Панҷакент, омӯзгории шаҳри Турсунзода, омӯзгории ноҳияи Лахш рост меомад» [105, с.12].

Соли хониши 2017-2018 дар муассисаҳои миёнаи касбӣ аз рӯйи 166 ихтисос (шуъбаи рӯзона 15789 нафар, шуъбаи ғоибона 4570 нафар) ва дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ки коллеҷҳоро аз рӯйи 12 ихтисос (873 нафар) хатм намуданд, ки ин нишондод, нисбати соли гузашта 4700 нафар (12,8%) зиёд аст. «Ҳамзамон, қайд менамоем, ки бо назардошти рӯз аз рӯз беҳтару хубтар шудани вазъи моддию техникӣ, таъмини муассисаҳо бо мутахассисони дараҷаи унвони илмӣ дошта ва дигар шароитҳои мусоиди таълимӣ сатҳи омода намудани мутахассисон дар ин зинаи таҳсилот хубтар гардида, 2126 нафар донишҷӯён имтиҳони хатмро бо баҳои аъло ҷамъбаст намуданд, ки аз инҳо 740 нафарашон соҳиби дипломи аъло гардиданд» [155, в.18].

Соли таҳсили 2017-2018 ба аттестатсияи хатм баъди пурра аз бар намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ аз 21440 нафар ҳатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шуъбаи рӯзона ва ғоибона ба аттестатсияи хатм 21373 нафар (99,6 %) роҳ дода шуданд.

Дар шуъбаи рӯзона ва ғоибона аз 21373 нафари ба аттестатсияи хатм роҳ додашуда 20359 нафар (95,2%) имтиҳонҳои давлатиро бо муваффақият ҷамъбаст нимуданд, ки нисбат ба соли таҳсили 2016-2017 3823 нафар зиёд аст.

Аз ҷумла, бо баҳои «аъло» 2126 нафар (10,4 %), дар муқоиса бо соли таҳсили 2016-17 (соли гузашта 1551 нафар) 575 нафар зиёд аст;

Бо баҳои «хубу аъло» 8652 нафар (42,5%), нисбат ба соли таҳсили 2016-17 ( соли гузашта 4458 нафар) 4194 нафар зиёд аст;

Бо баҳои омехта 4901 нафар (24,0 %), дар муқоиса бо соли таҳсили 2016-17 ( соли гузашта 4757 нафар) 144 нафар зиёд аст;

Бо баҳои қаноатбахш 4824 нафар (23,7 %), ки нисбат ба соли таҳсили 2016 2017 (соли гузашта 3069 нафар ) 1755 нафар зиёд мебошад.

Инчунин, аз теъдоди умумии хатмкунандагони шуъбаи рӯзона ва ғоибона дар аттестатсияи хатм 36 нафар (соли таҳсили гузашта 13 нафар)

баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтанд, ки нисбат ба соли таҳсили 2016-2017 23 нафар зиёд мебошад.

Таносуби бештар ба баҳои «ғайриқаноатбахш» ба коллеҷҳои технологии шаҳри Душанбе 12 нафар, муҳандисию техникии шаҳри Роғун 12 нафар, омӯзгории шаҳри Конибодом 4 нафар ва омӯзгории ДДБ ба номи Н.Хусрав 3 нафар ба назар мерасад.

Аз натиҷаи имтиҳонҳои хатм маълум гардид, ки теъдоди хатмкунандагон нисбати соли таҳсили гузашта зиёд буда, сатҳи донишазхудкунии хатмкунандагон ба 1,4 % поён рафтааст. Агар соли таҳсили 2015-2016 азхудкунии хатмкунандагон 96,6 % мерасад.

Қайд менамоем, ки дар назди 7 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мутахассисонро дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ низ омода менамоянд.

Соли 2017 коллеҷҳои мамлакатро зиёда 873 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ хатм карданд, ки натиҷааш чунин аст:

- баҳои «аъло» 102 нафар (11,5%);
- баҳои «хуб» 339 нафар (38,3%);
- баҳои «қаноатбахш» 325 нафар (36,7%);

Баҳои ғайриқаноатбахш 102 нафар (1,75%).

Агарчи синфхонаҳо бо гӯшаҳои аттестатсияи хатм, аксу лавҳаҳо, нақшаву диаграммаҳо, ҷадвалҳо, харитаҳо ва дигар маводи ёрирасони таълимӣ-методӣ муҷаҳҳаз гардонида шаванд ҳам, вале дар рафти гузаронидани имтиҳонҳо дар баъзе аз муассисаҳои таълимӣ норасоӣ ва мушкилот дар ороишу таҷҳизонидани синфхонаю утоқҳои имтиҳонӣ ба чашм мерасад.

Дар соли 2018 дар 560 муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳамагӣ 36442 нафар (11534 зан) касбҳои коргарӣ омода карда шудааст [97, с.4].

Илова бар ин, дар шаҳри Ҳисор се омӯзишгоҳ мавҷуд аст, ки мутахассисонро барои муассисаҳои томактабӣ, нигаҳдории тандурустии аҳолӣ ва касбҳои техникӣ тайёр мекунанд. Маълум мегардад, ки омӯзишгоҳи

омӯзгории Ҳисор яке аз куҳнатарин муассисаҳои таълимии водии Ҳисор аст, ки бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ 23 июни соли 1964 таъсис ёфтааст.

Тибқи нақшаҳои таълимии амалкунанда, барои солҳои 2014-2018 дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади ҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои илмӣ дар аттестатсияи хатми имтиҳони давлатӣ ва иҷрои ҳатмии кории (рисолаи) хатм (ба истиснои соҳаи тиб) ба нақша гирифта шуда буд.

«Соли 2021 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ба сифати мутаххасис 3561 нафар хатм намуданд, ки аз ин теъдод 1605 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 1957 нафар дар шуъбаи ғоибона мебошад. Аз теъдоди умумии хатмкунандагон 2321 нафар (65,2 %) (1013 нафар шуъбаи рӯзона ва 1263 нафар шуъбаи ғоибона) диссертатсияи хатм омода намудаанд. Яъне, 34,8 %-и хамткунандагон кори дипломиро иҷро накардаанд. Онҳо ба ҷойи рисолаи хатм имтиҳони давлатиро аз фанни тахассусӣ супоридаанд» [108, с.123].

Мавзуъҳои лоиҳаҳои корҳои дипломиро кафедраҳои дахлдор мураттаб сохта, дар ҷаласаҳои худ тасдиқ намудаанд. Номгӯи мавзуъҳои корҳо (лоиҳаҳо)-и дипломӣ то саршавии соли таҳсил дар кафедра баррасӣ карда шуда, ба донишҷӯён пешниҳод карда шудааст. Мавзуъҳои лоиҳаҳои дипломии хатмкунандагон бо роҳбарии омӯзгорон аз ҷониби мудири кафедра ё ҷонишини директор оид ба таълим тасдиқ карда шудаанд.

Ҳамзамон, дастуру тавсияҳои методӣ, аз ҷониби кормандони Маркази ҷумҳуриявӣ аз ҷумлаи «Талаботи педагогӣ ба таҳлили дарс», «Коркарди меъёри намунавии баҳодиҳӣ ба дониш ва малакаи хонандагон», таълимӣ «Оид ба омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ» таҳия ва дастраси муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ гардонида шудаанд.

Мавриди қайд аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 94 номгӯи модулҳои таълимӣ ва 12 номгӯи адабиёти дарсӣ бо забони тоҷикӣ истифода мешавад.

Дар шаҳри Душанбе 11 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият менамуданд, ки хонандагонро дар риштаҳои гуногун аз вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба таҳсил фаро гирифтаанд.

Дар муассисаҳои таълимии мазкур аз рӯйи зиёда аз 60 ихтисос, аз ҷумла: «Ошпаз-қаннод», «Фурӯшандаи маводи хӯрокворӣ», «Туроператор-турагент», «Кафшергари барқӣ», «Бофандаи матоъҳои пахтагин, канабӣ, пашмин ва абрешимӣ», «Назоратчии сифат», «Дӯзанда», «Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ», «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология», «Монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ», «Кафшергари газӣ», «Гулдӯз», «Дӯзандаи либосҳои миллӣ», «Кандакорӣ дар ҷӯб ва пӯсти ҷӯб», «Ҳисобдор» ва ғайра кадрҳо тайёр карда мешуданд.

Таъминоти кадрӣ. Дар соли таҳсили 2020-2021 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии таҳқиқшавандаи шаҳри Душанбе 394 нафар омӯзгор ва 150 нафар устоҳои таълими истеҳсолӣ машғули кор буданд, ки аз ин шумора 183 нафарро занҳо ташкил медод, ки дар ҷадвали зерин инъикос карда мешавад.

Ҷадвали № 36

| № р/т | Номи муассисаи таълимӣ | Теъдоди омӯзгорон | | | | | | | | | Теъдоди омӯзгороне, ки аз курси такмили ихтисос гузаштанд | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Зан | Устои таълими истеҳсолӣ | аз рӯйи дараҷа | | | аз рӯйи маълумот | | | аз рӯйи ихтисос | аз рӯйи методикаи таълим | Аз рӯйи маҳорат |
| | | | | | олӣ | якум | дуюм | Олӣ | Миёнаи касбӣ | ибтидоии касбӣ | | | |
| 1 | ЛКТ саноати нассоҷии шаҳри Душанбе | 40 | 19 | 18 | - | 7 | 6 | 8 | 2 | - | 8 | - | - |
| 2 | ЛКТ сохтмони шаҳри Душанбе | 46 | 14 | 19 | 6 | 6 | 6 | 4 | 12 | - | 6 | - | - |
| 3 | ЛКТ нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе | 4 | 1 | 7 | 2 | 0 | 2 | 1 | 3 | - | 5 | 7 | - |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | ЛКТ нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе | 4 | 4 | 2 | 0 | 8 | 8 | 0 | 4 | - | 4 | 8 | - |
| 5 | Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе | 54 | 13 | 24 | 4 | 6 | 9 | 3 | 7 | - | - | - | - |
| 6 | ЛКТ махсуси шаҳри Душанбе | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 7 | ЛКТ шабонаи шаҳри Душанбе | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 8 | Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе | 42 | 18 | 20 | 6 | 8 | 7 | 4 | 8 | - | 0 | 5 | 4 |
| 9 | ЛКД шаҳри Душанбе | 60 | 42 | 23 | 9 | 6 | 0 | 4 | 5 | 1 | 9 | 1 | - |
| 10 | ЛК хизмат ва туризми шаҳри Душанбе | 40 | 28 | 5 | 4 | 9 | 6 | 0 | - | - | 8 | - | - |
| 111 | ЛК махсуси маъюбон | 34 | 14 | 12 | 0 | 8 | 8 | 0 | 4 | - | 0 | - | - |
| Ҳамагӣ | | 94 | 83 | 50 | 161 | 8 | 82 | 304 | 5 | 1 | 60 | 1 | 4 |

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки аз ҷиҳати маълумотнокӣ 304 нафар дорои маълумоти олӣ, 45 нафар маълумоти миёнаи касбӣ ва 1 нафар бо маълумоти ибтидоии касбӣ кор ва фаъолият намудаанд. Аз шумораи умумии омӯзгорони муассисҳои таълимии мазкур 4 нафарро нафақахӯрон ташкил медоданд.

Муассисаҳои мазкур асосан, бо омӯзгорони фаннию тахассусӣ таъмин буда, мутаассифона, 3 нафар омӯзгорони ғайриихтисос аз фанҳои гуногун кору фаъолият карда истодаанд. Масалан, дар Литсейи касбии махсуси маъюбон бинобар сабаби набудани омӯзгорони ихтисосманд, омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ аз фанни информатика дарс мегузаронидааст.

Яке аз сабабҳои норасоии мутахассисони соҳавӣ, инчунин кам будани хонандагон ва хоҳишмандон барои таҳсил дар аксарияти ин муассисаҳо аз маркази ноҳия дар масофаи дур ҷойгир будани онҳо мебошад.

«Масъалаи дигар ин аст, ки масъулини муассисаҳои таълимии таҳқиқшаванда, ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, аз

такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ва назарияи методикаи таълими омӯзгорони фанҳои умумитаълимӣ кам эътибор медиҳанд. Аз теъдоди умумии 394 нафар омӯзгорон танҳо 85 нафар омӯзгорон бозомӯзӣ намудаанд, ки 21,6%-ро ташкил медиҳад» [92, с.59].

Дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос нагузашта, танҳо бо курсҳои чандсоатаю чандрӯзаи Маркази методӣ ва мониторинги сифати таълими Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ки аз ҷиҳати педагогию психологӣ ба талаботи имрӯза наметавонад ҷавобгӯ бошад, қаноат намуда, бо усулу методҳои нави педагогию психологӣ ва раванди таълим маълумоти зарурӣ нагирифтаанд.

Проблемаи асосии дигари муассисаҳои таълимии мазкур нарасидани китобҳои дарсии фанҳои умумитаълимӣ буда, муассисаҳои таълимии литсейҳои касбии техникии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе, касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе ва касбии техникии махсуси шаҳри Душанбе нисбати гирифтани ин китобҳо ба Вазорати маориф ва илм муроҷиат накарда, китобе ҳам харидорӣ накардаанд. Аз ин ташвишовартар, норасоии китобҳои дарсии тахассусӣ буда, аз омӯзгор то хонанда бо дафтару тахтаи синф қаноат намудаанд.

Таҳқиқ нишон дод, ки норасоии китобҳои дарсӣ ва тахассусӣ яке аз мушкилиҳои асосии муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди он ки тайи якчанд соли охир аксари муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ китобҳои дарсиро барои бахшҳои 1 ва 2 аз шуъбаҳои маориф ва мактабҳои миёнаи ноҳия дастрас кардаанд, аммо теъдоди чунин китобҳо дар литсейҳои касбии техникӣ ниҳоят кам буда, ба шумораи умумии хонандагон кифоя нест.

Дар литсейҳои касбии техникии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе, касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе, касбии техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе, касбии политехникии шаҳри Душанбе, техникии махсуси маъюбон аксарияти адабиёти таълимӣ бо забони русӣ буда, ҳамчунин ба сари ҳар як донишҷӯ 1-2 донагӣ китоб рост меояд.

Литсейи касбӣ-техникии сохтмони шаҳри Душанбе, ки даҳҳо сол боз ба омода намудани кадрҳои коргарӣ машғул аст, барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатномаи АУ № 0002826-ро соли 2019 гирифта, дорои шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ ИА № 0000746 аз 03.06.2020 мебошад.

Омӯзгорони ҷавон ба омӯзгорони таҷрибаи хуби коридошта вобаста карда нашуда, вобаста ба масъалаи мазкур фармоише ҳам пешниҳод нагардид. Дар асоси нақшаи корӣ муовини директор ба дарсҳои 26 нафар омӯзгорон иштирок намуда бошад ҳам, вале таҳлили дарсҳо ва баҳои педагогӣ додан ба дарсҳо ва натиҷагирӣ аз рафти дарс дар онҳо мушоҳида нашудааст.

Дар литсейи мазкур чун дигар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос нагузашта, танҳо бо курсҳои чандсоатаю чандрӯзаи Маркази методии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ки аз ҷиҳати педагогию психологӣ ба талаботи имрӯз наметавонад ҷавобгӯ бошад, қаноат намуда, бо усулу методҳои нави педагогию психологӣ ва раванди таълим маълумоти зарурӣ намегиранд.

Омӯзгорон бо барномаи кории фаннӣ, нақшаи тақвимии мавзуӣ, нақшаи яксоатинаи дарсӣ ва маводи электронию плакатҳо дарсҳои назариявию амалии худро гузаронида, дар дарсҳои алгебра, физика, химия, биология ва география истифодаи васеи тахтаи электронӣ ба роҳ монда шуда буд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам нарасидани маводи таълимӣ бараъло намоён буд.

Китобхонаи литсей дорои қироатхона ва китобхонаи электронӣ мебошад. Дар китобхонаи электронӣ 7 адад компютер мавҷуд мебошад, ки бо шабакаи интернет пайваст карда шудаанд ва зиёда аз 20346 нусха китобҳо ба тариқи электронӣ дар ин китобхона мавҷуд мебошад, ки ҳамарӯза кормандон ва хонандагон аз онҳо истифода мебаранд. Китобҳои дарсӣ дар муассисаи таълимӣ 2500 адад буда, 5244 китоби дарсӣ дар ин муассисаи таълимӣ намерасанд. Аз фанҳои умумитехникӣ ва тахассусӣ: ҳамагӣ - 1047 дона китоб дар китобхона буда, истифодаи бештари онҳо бо назардошти куҳна будан

ғайриимкон мебошад. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 863 адад китоб бо маблағи 12033,00 сомонӣ китоб харидорӣ карда шудааст, ки наметавонад ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ бошад [108, с.127].

Теъдоди адабиёти таълимӣ дар литсейҳои касбии техникии шаҳри Душанбе дар ҷадвали зерин нишон дода шудааст:

Ҷадвали № 37.

| № р/т | Номи муассиса | Теъдоди умумии адабиёт дар китобхона | Теъдоди адабиёти тахассусӣ | Теъдоди адабиёти умумитаълимӣ | Теъдоди адабиёти бадеӣ | Мавчудияти китобхонаи электронӣ | Теъдоди номгӯи адабиёти таълимӣ дар шакли электронӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ЛКТ саноати нассоҷии шаҳри Душанбе | 8583 | 224 | 689 | 67 | 1 | 20 |
| 2 | ЛКТ сохтмони шаҳри Душанбе | 8170 | 1051 | 2107 | 225 | 1 | 2107 |
| 3 | ЛКТ нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе | 14837 | 175 | 1600 | 90 | - | - |
| 4 | ЛКТ нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе | 14104 | 1705 | 2090 | 1753 | - | 300 |
| 5 | Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе | 7300 | 250 | 2000 | 1100 | 1 | 4500 |
| 6 | Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе | 4587 | 853 | 1570 | 2030 | - | - |
| 7 | ЛКД шаҳри Душанбе | 2002 | 439 | 1099 | 464 | 1 | 434 |
| 8 | ЛК хизмат ва туризми шаҳри Душанбе | 23818 | 17236 | 3611 | 2281 | 1 | 357 |
| 9 | ЛК махсуси маъюбон | 6316 | 1477 | 2498 | 1576 | 1 | 70 |

Хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2020-2021 аз рӯйи ихтисосҳои соҳаи сохтмон, истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, хизмати меҳмондорӣ ва хизматрасонии маишӣ дар маҷмуъ 387 нафар мебошад, ки аз ин теъдод 37 нафар аз рӯйи тахассус бо ҷойи кор таъмин шуда, 94 нафар идомаи таҳсил карда, 15 нафар ба муҳоҷират ва 54 нафар ба кор таъмин нашудаанд. Чунончи, соли таҳсили 2020-2021 Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ аз 108 нафаре, ки ихтисосҳои соҳаи сохтмонро хатм

намуданд, 30 нафар идомаи таҳсил намуда, 55 нафар ҳуқуқи озод ба кор таъмин шуданд, 23 нафари дигар ба кор таъмин карда нашудаанд.

Мушкил сари он аст, ки мутахассисоне, ки дар муассисаҳои таълимии мазкур омода карда мешаванд, бе таъмин шудан ба ҷойи кор ва гирифтани роҳхат ба ин ё он муассисаи давлатӣ ё ғайридавлатӣ ба ихтиёри тақдир вогузошта мешаванд.

Боиси сарфарозист, ки дар омода гаштани кадрҳои болаёқат барои соҳаҳои мухталлифи ҳаёти ҷамъиятӣ, қабул ва хатми донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ мавқеи ҳалкунанда доранд. Бинобар ин, қабул ва хатми донишҷӯёни муассисаҳои номбударо дар ҷадвали зерин нишон медиҳем:

Ҷадвали № 38

| Солҳо | Дар ҷумҳурӣ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Ш.Душанбе | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| Қабули донишҷӯён | | | | | |
| 2013-2014 | 5064 | 1085 | 1979 | 947 | 1053 |
| 2014-2015 | 6239 | 1752 | 2082 | 1203 | 1202 |
| 2015-2016 | 8269 | 2079 | 3411 | 1167 | 1612 |
| 2017-2018 | 3784 | 717 | 1104 | 1051 | 472 |
| 2018-2019 | 4627 | 843 | 1411 | 1270 | 1103 |
| 2019-2020 | 5728 | 1529 | 1580 | 1333 | 1286 |
| 2020-2021 | 7006 | 1934 | 1576 | 2009 | 1487 |
| Хатми донишҷӯён | | | | | |
| 2013-2014 | 2791 | 652 | 1320 | 423 | 396 |
| 2014-2015 | 3544 | 1037 | 1316 | 406 | 785 |
| 2015-2016 | 2600 | 703 | 1061 | 395 | 441 |
| 2016-2017 | 1543 | 544 | 190 | 445 | 364 |
| 2017-2018 | 3951 | 989 | 1172 | 916 | 874 |
| 2018-2019 | 5075 | 1854 | 1238 | 855 | 1128 |
| 2019-2020 | 5812 | 1892 | 1473 | 1331 | 1116 |
| 2020-2021 | 5879 | 1709 | 1269 | 1661 | 1240 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал маълум мегардад, қабул ва хатми донишҷуён ҳамасола системанок давра ба давра зиёд гардидааст. Агар соли таҳсили 2013-2014 қабул ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 5064 ва

хатм 2791 нафарро ташкил диҳад, пас соли таҳсили 2020-2021 шумораи онҳо 7006 нафар ва хатм 5879 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2014 шумораи дохилшавандагон 1942 нафар ва хатм 3088 нафар зиёд гардидааст.

Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷадвали зерин оварда мешавад.

Ҷадвали № 39

| Солҳо | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, занон | Аз шумораи умумии омӯзгорони штатӣ | Аз ҷумла, занон |
|---|---|---|---|---|
| 2012-2013 | 4405 | 1843 | 2422 | 973 |
| 2013-2014 | 4525 | 1763 | 21 | 991 |
| 2014-2015 | 4500 | 2019 | 2469 | 1121 |
| 2015-2016 | 5119 | 2289 | 2505 | 1232 |
| 2016-2017 | 5091 | 2153 | 3282 | 1488 |
| 2017-2018 | 5188 | 2182 | 3273 | 1475 |
| 2018-2019 | 5775 | 2494 | 3914 | 1816 |
| 2019-2020 | 6381 | 2817 | 4260 | 2021 |
| 2020-2021 | 6819 | 2910 | 4768 | 2203 |

Тибқи ҷадвал маълум мегрдад, ки раванди омодагии кадрҳо дар муассисҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ сол аз сол рушд намудааст. Масалан, агар дар соли таҳсили 2012-2013 дар муассисаҳои зикр гардида 4405 нафар омӯзгор аз ҷумла 1843 нафар зан фаъолият намоянд, пас дар соли 2020-2021 6819 нафар омӯзгор, аз ҷумла, зан 2910 нафар ба таълиму тарбия машғул буданд. Дар қиёс нисбати соли таҳсили 2012-2013 2414 нафар омӯзгорон, аз ҷумла занон 1077 нафар омӯзгорон, зиёд гардидаанд.

Шумораи миёнаи донишҷуён, ки ба ҳар нафар муаллим рост меояд, дар диаграммаи зерин нишон дода мешавад.

Диаграммаи № 11



| | 2012-2013 | 2013-2014 | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи донишҷӯёне, ки ба ҳар нафар омӯзгор рост меояд | 17 | 20 | 24 | 27,3 | 22,3 | 24,3 | 21,9 | 20,6 | 13,7 |
| Шумораи омӯзгорони асосӣ | 2422 | 2179 | 2469 | 2505 | 3282 | 3273 | 3914 | 4260 | 6819 |
| Шумораи донишҷӯён | 42277 | 43777 | 59356 | 68325 | 73333 | 80432 | 85579 | 87696 | 93531 |

Иштироки донишҷӯёну омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ дар баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон-ватани азизи ман» ва «Илм-фурӯғи маърифат» хеле калон аст.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз 63 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 962 нафар хонанда ва 105 нафар омӯзгор дар даври якуми озмун иштирок намуда, ба даври дуюм 185 нафар хонанда ва 27 нафар омӯзгор роҳхат гирифта буданд.

Дар даври якуми озмун аз 78 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ 3552 нафар донишҷӯ ва 298 нафар омӯзгор иштирок намуданд ва ба даври дуюми озмун 363 нафар донишҷӯ ва 87 нафар омӯзгор роҳхат гирифтанд.

Яке аз проблемаҳои асосии муассисаҳои таълими ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ин ҳамкорӣ бо корфармоён мебошад. Талабот барои кадрҳои тайёри мутобиқ ба бозори меҳнат дар сатҳи паст қарор дошт. Ҳамзамон, аз ҷониби корфармоён, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида ба муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёр намудани кадрҳои коргарӣ дархост пешниҳод карда намешуд.

Қабули довталабон бори аввал соли таҳсили 2015-2016 дар 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Пажуҳиш нишон дод, ки соли хониши 2017-2018 барои ба стандарти ҷаҳонӣ ва бозори меҳнат рақобатпазир будани кадрҳои литсейҳо ва коллеҷҳоро омӯзгорӣ, ки аз рӯйи 166 ихтисос (шуъбаи рӯзона 15789 нафар, шуъбаи ғоибона 4570 нафар) ва дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки коллеҷҳоро аз рӯйи 12 ихтисос (873 нафар) хатм намуданд, беҳтар гардидааст. ки ин нишондод, нисбати соли 2016 4700 нафар (12,8% ) зиёд аст.

Хулоса. Бо назардошти рӯз аз рӯз беҳтар хубтар шудани вазъи моддию техникӣ, таъмини муассисаҳо бо мутахассисони дараҷаи унвони илмидошта ва дигар шароитҳои мусоиди таълимӣ сатҳи омода намудани мутахассисон дар ин зинаи таҳсилот хубтар гардида, 2126 нафар донишҷӯён имтиҳони хатмро бо баҳои аъло ҷамъбаст намуданд, ки аз инҳо 740 нафарашон соҳиби дипломи аъло гардиданд.

Гарчанде дар самти мустаҳкам намудани заминаҳои моддӣ-техникӣ, иқтидори ҳайати омӯзгорону устоҳои таълимии истеҳсолӣ ва роҳбарони соҳа, пояи таълимию методӣ ва баланд бардоштани дониши хонандагон баъзе муваффақиятҳо ба даст оварда шуда бошад ҳам, дар самти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии кишвар мушкилоти зиёди зерин ҷой доштанд:

- нарасидани дастурҳои таълимӣ-методӣ оид ба таълими фанҳо барои омӯзгорон;
- нашр нагардидани китобҳои алтернативӣ аз ҳамаи фанҳои таълимӣ;
- ҷудо нагардидани маблағ барои харидории китобҳои бадеӣ ва ҷиҳозонидани майдончаҳои варзишӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- коллеҷу омӯзишгоҳҳои педагогӣ вобаста ба талаботҳои минтақаҳои гуногуни кишвар мутахассисонро тайёр намоянд ва идораҳои маориф онҳоро мувофиқи ихтисос дар кӯдакистонҳо ба ҳайси мураббӣ, корманди мусиқӣ, таълимгари забонҳои хориҷӣ ва ғайра ба ҷойи корӣ таъмин намоянд;
- риоя накардани хусусияти ҳар як муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вақти қабули довталабон;

# БОБИ V. НИЗОМИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ

## 5.1. Раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин марҳилаи ташаккулёбии истиқлоли миллӣ ба рушди илму маориф ва неруҳои ақлонии аҳли ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳли илму маориф ва қувваҳои солими зеҳниро «хазинаии тиллои миллат» номида, дар ҳама кору пайкор, ҳолатҳои тақдирсози душвор ниятҳои наву таърихӣ ва муҳимтарин масоили ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ ва фикру андеша, хулосаи илмӣ, донишу таҷриба ва таклифу пешниҳодҳои онҳо самаранок истифода менамоянд.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва давраи ҷанги шаҳрвандӣ авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар хеле заиф гардид. «Бидуни душвориҳои солҳои 90-уми қарни гузашта шумораи донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ рушд намуда, аз 13 адади соли 1991 ба 28 адад, дар соли 1999 бошад, шумораи донишҷӯён аз 63, 9 ҳазор нафар ба 79,2 ҳазор нафар расид» [118, в.19]. Бинобар сабаб, мушкилоти соҳаро Ҳукумати мамлакат ба эътибор гирифта, барои рушди соҳа чораҳои саривақтӣ андешид.

Ибтидои даврони Истиқлол барои Тоҷикистон мушкилоти хеле зиёд овард. Махсусан, соҳаи маориф аз нав ташкил гардид ва қадамҳои аввалин дар таъсиси маорифи миллӣ гузошта шуд. Баргардонидани гурезаҳо, омода намудани қонун ва санадҳо дар бораи инкишофи таҳсилоти мамлакат аз ҷумлаи умдатарин вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин кори ниҳоят мушкил ва боифтихор саҳми Сарвари давлат - Эмомалӣ Раҳмон бағоят бузург мебошад. Пешвои миллат новобаста ба мушкилоти солҳои 90-уми асри XX , соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон намуданд ва дар ин самти муҳимми иҷтимоӣ ҳамаи

имкониятҳои кишварро барои татбиқи масъалаҳои соҳаи мазкур роҳандозӣ карданд.

Соли 1991 мо ҳамагӣ 13 мактаби олӣ доштем, ки дар онҳо 63,9 ҳазор донишҷӯён таҳсил мекарданд. Давраи таҳқиқшаванда муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 47 расида, дар онҳо 214 ҳазор донишҷӯён ба омӯзиши илму донишҳои замонавӣ машғул мебошанд. Инчунин, зиёда аз 41 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мо дар беш аз 40 кишвари дунё ба омӯзиши илму дониш машғул ҳастанд. Воқеан, ин далелу рақамҳо гувоҳи онанд, ки дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар замони Истиқлол таҳти роҳбарии Пешвои миллат дигаргуниҳои чашмрас ба амал омаданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ислоҳоти соҳа ва талабот ба мутахассисон соли 1992 дар шаҳри Хоруғ донишгоҳи давлатӣ таъсис дода, дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ихтисосҳои нав ва дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бошад, шуъбаи аспирантура ва ғоибонаро ташкил намуданд. Новобаста аз ин, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ камбудиҳои дигар ҳам мавҷуд буд, ки барои бартараф кардани онҳо зарурати таҳияи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ба миён омад. Ба ин хотир, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии нав оид ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуд. Хусусан, таҳия ва тасдиқи «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [137, в.181], «Тартиби таҳия, тасдиқ ва мавриди истифода қарор додани Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ» роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро водор намуд, ки ҷиҳати ислоҳоти соҳа чораҳои зарурӣ андешанд.

Соли 1999 шароити душвори иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои минтақаи Раштро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе барои дохилшавандагони ин минтақаҳо ҷой (квота) ҷудо карда,

барои қабули онҳо комиссияи сайёр ташкил намуд. Ҷиҳати иҷрои ин супориш намояндагони комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе дар шаҳри Хоруғ ва маркази ноҳияи Рашт шаҳраки Ғарм комиссияи сайёр ташкил карда, довталабонро аз суҳбат гузаронида, ба сафи донишҷӯён қабул намуданд.

Дар давраи таҳқиқшаванда омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои ноил шудан ба унвонҳои профессор ва дотсенти кафедра кам таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Аз ин сабаб, дар давоми солҳои 1991-2002 шумораи ками омӯзгорон ба ин унвонҳо мушарраф гардидаанд. Фаъолияти Шуроҳои илмӣ низ суст шуда, дифои диссертатсияҳои докториву номзадӣ кам ба мушоҳида мерасид. «Бо вуҷуди кӯшишҳои пайваста, дар солҳои аввали Истиқлол хоҳишмандон барои қабул шудан ба аспирантура дар муассисаҳои олии касбӣ кам буданд ва аксарият таҳсилро ба итмом намерасониданд. Масалан, дар соли 1991 аз миқдори умумии 315 аспирант 75 нафар аспирантураро хатм намуда, 41 нафари онҳо аз диссертатсияҳои худ дифоъ кардаанд. Микдори докторантон бошад, ҳамагӣ 2 нафарро ташкил намуда, дар ин сол аз ҳисоби онҳо умуман қабул, хатм ва ҳимоя нашудааст» [117, в.88].

Солҳои минбаъда рушди илм низ роҳи ҳалли худро ёфт. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари пешрафти соҳаи маориф ба инкишофи илм низ таваҷҷуҳ намуда, дар бисёр баромад ва вохӯриҳояшон бо намояндагони илм ва зиёиён ба ин масъала эътибори ҷиддӣ дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷудо намудани маблағ барои рушди илм ва тайёр кардани мутахассисони илмӣ дастурҳои мушаххас доданд. Ин буд, ки муносибат ба илм дар кишвар дар муддати кӯтоҳ тағйир ёфт ва майли ҷавонон боз аз нав ба илм бештар гардид. Дар муддати кӯтоҳ сафи аспирантон 2 маротиба ва докторантон аз 2 нафар ба 44 нафар афзуд. Новобаста аз ин, микдори ҳимоякунандагони диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ ҳоло ҳам дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда буд ва бо ин натиҷа эҳтиёҷоти ҷумҳуриро қонеъ намудан бо олимони соҳибунвон ғайриимкон буд.

Ҳадафи асосии Ҳукумати мамлакат дар ин давра тақвият додани такмили ихтисоси устодону кормандони соҳаи маориф буда, барои дар сатҳи баланд гузаронидани курсҳо шароити кориро ба вуҷуд овард, ки баъдан дар кишвар низоми миллӣ ва ягонаи такмили ихтисос ташаккул дод.

Маврид ба зикр аст, ки масъулияти гузаронидани раванди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба души Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ҳамзамон донишкадаю марказҳои такмили ихтисоси шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб Хорӯғ ва шаҳри Душанбе гузошта шуданд. «Дар донишкадаю марказҳои такмили ихтисосҳои вилоятию шаҳрӣ низ ин гуна курсҳо ташкил гардида, теъдоди муайяни омӯзгорон ба онҳо ҷалб мегардиданд. Дар маҷмуъ, таи ин солҳо (1992-2002) 96558 нафар кормандони соҳаи маориф дар курсҳои такмили ихтисос маҳорати касбии худро рушд дода буданд» [104, в.67].

Дар давраи Истиқлол, бахусус, баъди соли 2005 фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ то андозае ба танзим даромада, дар онҳо пешравиҳо ва муваффақият ба мушоҳида мерасид. Дар ҷумҳурӣ дар ин давра 29 донишгоҳу донишкада фаъолият мекард, ки дар онҳо 77,7 ҳазор нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Таи солҳои 2006-2011 дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тағйироти куллӣ ба миён омад. Маҳз дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ 6 донишкада ва 5 филиал таъсис дода шуданд.

Соли таҳсили 2007-2008 дар ҷумҳурӣ 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо зерсохторҳояшон фаъолият менамуданд. Аз ин микдор 22 муассиса аз буҷаи давлат маблағгузорӣ шуда, 4 муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатии тиҷоратӣ ба тариқи худмаблағгузорӣ фаъолият доштанд. Ҳамон замон танҳо 2 муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ арзи вуҷуд доштанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 150699 нафар донишҷӯён, аз ҷумла 43245 нафар духтарон таҳсил менамуданд. «Ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар маҷмуъ, 8250 нафар омӯзгорон ба тадрис машғул буданд, ки аз ҷумлаи онҳо 408

нафарашон доктори илм, 288 нафарашон профессорони илм, 1834 нафарашонро номзадони илм ва боқимонда, яъне 1035 нафарашонро дотсентон ташкил медиҳанд» [79. в.48].

Соли 2007 ба Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи Маркази миллии тестиро бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод намуданд. Қисми таркибии татбиқи ислоҳоти маориф бо омӯзгорони касбӣ таъмин намудани муассисаҳои дурдасти кӯҳистон аст. Бо мақсади татбиқи ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муайяни қабули духтарон ва писарони лаёқатмандро тибқи квота ба роҳ мондааст. Аммо сифати дониш муҳассилини тибқи квота таҳсилкунанда талаботи Вазорати маорифро қонеъ гардонида наметавонист.

Масъалаи компютерикунонӣ қисми муҳимми татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ба шумор меравад, вале дар ин самт ҳам камбудиҳои зиёд мавҷуданд. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ муассисаҳояшонро бо компютер ё пурра таъмин нанамудаанд ва ё агар то ҳадде таъмин намуда бошанд ҳам, тақсимоти онҳоро дар миёни факултаҳо дуруст ба роҳ намонда буданд.

«Соли 2007 даври ҷумҳуриявии озмуни фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пойтахт доир гардид. Озмун ба ифтихори ҷашни 800-солагии Мавлоно Муҳаммад Ҷалолуддини Балхӣ аз рӯи 18 фанни таълимӣ гузаронида шуд ва дар он аз 26 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 301 нафар донишҷӯён иштирок намуданд, ки дар натиҷа, 55 нафари онҳо ғолибони даври ҷумҳуриявӣ гардиданд. Аз ҷумла, 20 нафари онҳо сазовори ҷойи аввал, 16 нафар ҷойи дуюм ва 19 нафар ҷойи сеюмро гирифта, бо ифтихорномаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофотҳои хотиравӣ мукофотонида шуданд» [116, в.83].

Худи ҳамин сол дар асоси нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30004 ҷой ҷудо карда буд. «Дар гурӯҳҳои рӯзона 22880 нафар ва дар гурӯҳҳои ғоибона 7461 нафар, ҳамагӣ 30341 нафар донишҷӯ қабул шудааст. Аз рӯйи

ихтисосҳои омӯзгорӣ 10680 нафар донишҷӯ, 7586 нафари онҳо дар шуъбаи рӯзона ва 3094 нафари онҳо дар шуъбаи ғоибона қабул карда шудаанд» [77, с.69].

Барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотии фармоишии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 723937 сомонӣ чудо карда шуда буд. Аз ин маблағ 354794 сомонӣ ба Академияи илмҳои педагогӣ, 276446 сомонӣ ба Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогӣ ва 78348 сомонӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чудо гардида буд.

Ин нишонаи ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки маблағгузории илми соҳаи маориф сол то сол афзоиш меёбад. «Агар соли 2001 32 ҳазору 829 сомонӣ ҷудо шуда бошад, ин нишондод дар соли 2006 370 ҳазору 744 сомонӣ ва дар соли 2007 723 ҳазору 937 сомониро ташкил медиҳад» [141, в.172].

Бо мақсади сохтмони филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ дар ноҳияи Рашт дар лоиҳаи буҷети соли 2008 3 млн. сомонӣ, бунёди биноҳои нави таълимӣ ва таъмири хобгоҳҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ 10 млн.сомонӣ ҷудо гардид [142, в.176].

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, №409 минбаъд буҷети соҳаи маориф барои се сол тартиб дода мешавад. Инчунин, аз соли 2008 сар карда, таҳияи буҷети соҳаи маориф пурра аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шуд. Вобаста ба ин вазорат самтҳои афзалиятноки рушди соҳаро муайян мекунад.

Ҳаҷми маблағҳои буҷет барои соҳаи маориф дар соли 2008 ба андозаи 691248 ҳазор сомонӣ муайян карда шуда буд, ки нисбати соли 2006 41 % зиёдтар мебошад. Аз ҷумла, бевосита маблағҳои буҷетӣ 562 млн. сомони (афзоиш 31,2%), маош 308,8 млн.сомон (30,2%), маблағгузорӣ 55,0 млн. сомон (39,9%) [115, в.117].

Зимни мулоқоти вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати ҳамроҳони ӯ бо вазири маориф ва илми Федератсияи Россия дар шаҳри

Москва 04.04.2007 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии умумии русӣ-тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон шартнома ба имзо расонида шуд. Рӯзҳои 4-5 майи ҳамон сол вазири маориф ва илми Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари корӣ ба анҷом расонид. Дар ҷараёни мулоқотҳо аз рӯйи як қатор масъалаҳо мувофиқа ба амал омад.

Дар якҷоягӣ бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Халқии Хитой лоиҳаи Протоколи иловагӣ ба Созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Халқии Хитой аз 1 феврали соли 2002 омода гардид. Санади мазкур дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой 15 январи соли 2007 дар шаҳри Пекин ба имзо расонида шуд. Дар доираи татбиқи ин протокол аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Халқии Хитой барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2007-2008 20 бурсияи таҳсилӣ ҷудо гардид.

Дар ин давра байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои маорифи 17 кишвари хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаҳо ба имзо расонида шуданд.

«Таҳқиқ нишон дод, ки дар давраи аз соли 1994 то соли 2007 расман аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати идомаи таҳсил ба муассисаҳои олии кишварҳои хориҷӣ 1766 нафар донишҷӯён фиристода шуданд. Ҳамон замон тибқи ин бурсияҳои таҳсилӣ 1102 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар муассисаҳои олии 13 давлати хориҷӣ таҳсилро давом дода, хатм намуданд» [138, в.84].

Бо ибтикори Вазорати маориф дар натиҷаи андешидани чораҳои амалӣ бо Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ ва сафоратҳои давлатҳои хориҷӣ муайян намуд, ки дар давоми солҳои 1994-2006 ба 38 давлати хориҷӣ 7921 шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо роҳҳои мухталиф барои таҳсил рафтаанд.

Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 28 декабри соли 2006 дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии филмҳои таълимӣ таъсис дода шудааст, барои бунёди китобхонаи электронӣ зиёда аз 70 номгӯи китобҳои дарсиро тавассути сканер нусхабардорӣ намуда, ба шакли электронӣ даровардааст.

Ба хотири беҳтар намудани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, вазорат санадҳои зиёди меъриёву ҳуқуқиро таҳия карда, китоби «Мактаби олӣ» ва «Таснифгари равияву ихтисосҳо»- ро аз нашр баровард. Доир ба рушди ин зинаи таҳсилот вазорат низомномаҳои бакалавриатура, магистратура, мутахассис, барномаи давлатӣ, консепсияи миллиро бо қарори ҳукумат тасдиқ намуд. Стратегияи инкишофи ин зинаро таҳия карда, консепсияи таъсиси Маркази миллии тестиро омода гардонид.

Масъалаи қабул ба донишгоҳу донишкадаҳо сифатан беҳтар гардид. Бо ҷорӣ намудани иншо масъулияти довталабон ва падару модарон бештар шуд. Дар ин ҷода гарчанде камбудиҳо ҳам ба назар мерасид, вале комёбиҳо бештар буданд ва довталабони босавод зиёдтар қабул гардиданд.

Нақшаи квотаи Президентӣ низ иҷро гардида, доир ба қабули духтарон ва писарон аз деҳаҳои дурдаст ба инобат гирифта шуд ва сари вақт иҷро гардид. «Ҳамин тавр, тибқи квота 529 духтар ва 441 писар, ҷамъ 970 нафар қабул шуд» [139, в.38].

Аз моҳи октябри соли 2007 дар Шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон барномаи нав бо номи «Ислоҳоти маориф» таъсис дода шудааст, ки дар як моҳ ду барнома таҳия мегардид.

Идораи ҳафтаномаи «Омӯзгор» дар давоми соли 2008 фаъолияти худро дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастуру нишондодҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маорифи мамлакат роҳандозӣ намуда, мавзуъ ва мундариҷаи маводи ҳафтанома дар ин сол фарогиртар гашт, ҳайати эҷодии он бештар ба мавзуъҳои муҳимми рӯз таваҷҷуҳ зоҳир намуд, инъикоси раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва мушкилоти вобаста ба он амиқу бавусъаттар гашт,

мақолаҳои танқидӣ ва эътирозномаҳои бунёдӣ дар саҳифаҳои ҳафтанома бештар гардиданд.

Маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» кӯшиш ба харҷ медод, ки доир ба тамоми соҳаҳои кори маориф, сифати таълиму тарбия дар муассисаҳо, вазъияти китобҳои дарсӣ, усули таълими пешқадам мақолаҳо чоп намояд.

Дар чанд мақолаи силсилаи «Набзи маориф» ва «Ҳамовозӣ» аз хусуси раванди ислоҳоти соҳаи маориф, таҷдиди назар дар кори омӯзишу парвариш ва дар руҳияи худшиносии миллӣ ба роҳ мондани таълиму тарбия, саҳмгузорӣ дар ҷашну маъракаҳои ба низоми муайян воридшаванда, ҳамчунин аз падидаҳои номатлуб, масалан, ҳангоми дарс истифода бурдани телефонҳои мобилӣ сухан мерафт.

Соли 2009 фармоиши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқоти ба тавсиб расид,ки 433937 сомонӣ ҷудо карда шуда буд. «Аз ин маблағ 144645 сомонӣ ба Академияи илмҳои педагогӣ, 14465 сомонӣ ба Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогӣ ва 144648 ба муассисаҳои олии кишвар тақсим шуда буд» [114, в.163].

Барои дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06.2007 № 329 «Дар бораи нақшаи тадбирҳои омодагӣ ва баргузории ҷашни 1150-солагии асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ» гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ-2007», ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2007 №478 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Соли забони тоҷикӣ» гузаронидани конференсияи илмии амалии ҷумҳуриявӣ, ки 29 марти соли 2008 дар заминаи Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Забони точикӣ ва нақши он дар рушди илму маориф» гузаронида шуд.

Баъди ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси манфиатҳои миллии худ давра ба давра рушд намуда, дар роҳи сохтани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои устувор гузошт, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи маориф ислоҳотҳои куллӣ ба амал бароварда шуд. Дар натиҷа, ин раванд имкон дод, ки робитаҳои байнидавлатӣ, ҷиҳати фароҳам овардани табодули таҷрибаи омӯзгорону донишҷӯён беҳтар карда шавад.

Муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар фаъолияти худро дар даврони Истиқлол дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати маориф ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ монда, баҳри амалӣ гардидани вазифаҳое, ки аз суханрониҳои Сарвари давлат дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 60-солагии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон оид ба «Натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 ва вазифаҳо дар соли 2008», инчунин сафарҳои кориашон ба манотиқи мухталифи кишвар бармеоянд, корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд.

Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъди, дипломӣ бо мақсади такмили сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи талаботи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва Консепсияи маълумот, Низомномаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассисро таҳия намуда, баъди мувофиқа бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар натиҷа, моҳи декабри соли 2007 тасдиқ гардид.

Дар асоси ин қарор дипломи намунаи давлатии дараҷаи «бакалавр» ба дипломи намунаи давлатии дараҷаи «мутахассис» баробарарзиш дониста шудааст.

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мазкур фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2009 №67 ба тасвиб расид, ки тибқи он ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва мансубияти идоравӣ вазифадор карда шуданд, ки ҷиҳати амалӣ намудани талаботи Низомномаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассис тамоми ихтисосҳои муассисаи таълимиро мутобиқи самт, равия ва тахассус ба бакалавриат, магистратура ва мутахассис ҷудо намуда, дар заминаи онҳо лоиҳаи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои марбута, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва талаботи давлатии мазмуну мундариҷаи ҳадди ақалро таҳия намоянд.

Соли 2008 Низомномаи Шурои кураторони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи Шурои кураторони гурӯҳҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ омода ва пас аз мувофиқа бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки пас аз баррасӣ тасдиқ карда шуд.

Низомномаи таҳсилоти дуюми олии касбӣ, «Дастуруламал оид ба тартиби ҳисоб намудани нархномаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тариқи шартнома, «Қоидаҳои донишҷӯӣ барои муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи «Низоми санҷиши тестии миллӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои олӣ» (Ҷумҳурии Тоҷикистон), «Консепсияи «Низоми санҷишии тести миллӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои» (Ҷумҳурии Тоҷикистон), «Низомномаи Шурои донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», «Низомномаи хадамоти амнияти донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон», «Низомномаи таҳсили ғоибонаи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардиданд.

Нақшаҳои таълимии тамоми ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар гардида, аз сари нав таҳия гардиданд.

Дар давраи пажуҳиши Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, инчунин, дар таҳия намудани як қатор мактубу ҳуҷҷатҳои Дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва сохторҳои тобеи он ширкат варзид. Аз ҷумла, ба шуъбаи таҳлил ва рушди ислоҳоти соҳаи маориф маълумотнома ҷиҳати барномаҳои давлатии амалкунандаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ки аз тарафи Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ таҳия ва тасдиқ гардидааст, ирсол шуд.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003 № 508 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014», қабул гардидааст, дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2004 бо имзои собиқ ректори он Сафиев Ҳ. нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ шудааст. Мутаассифона, дар донишгоҳ ба таъмини ичрои замимаҳои Барнома диққати ҷиддӣ дода нашудааст. Роҳбарияти на ҳамаи факултетҳо аз вуҷуд доштани талабот ба онҳо нисбати тайёр кардани мутахассисони соҳавии донандаи забони англисӣ ва русӣ огоҳанд [113, в.78].

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ низ ҷиҳати иҷрои қарори мазкур мувофиқи талаботи бандҳои Барнома тадбирҳо ба нақша гирифта шудааст. Дар донишгоҳи мазкур ба масъалаи барои омӯзгорону донишҷӯён ва хоҳишмандон ташкил намудани курсҳои азхудкунии забони англисӣ низ диққати зарурӣ дода мешуд.

Дар таърихи 12-16 феврали соли 2008 дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (Бохтар) ба номи Носири Хусрав ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати мамлакат аз 1 ноябри соли 2004, №425 «Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010» мавриди санҷиш қарор гирифт.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон, Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва фармони мазкур дар Шурои олимон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. «Мутобиқи талаботи

муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои кишвар барои фаъолияти омӯзгорӣ аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров 179 нафар донишҷӯёни фаъол, аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 225 нафар донишҷӯёни курсҳои 5-уми раванди омӯзгорӣ, аз Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон 169 нафар донишҷӯ, нафар барои фаъолияти омӯзгорӣ ва аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 570 нафар донишҷӯён барои фаъолияти омӯзгорӣ фиристонида шудааст» [79, с.126].

Таҳқиқот собит сохт, ки деканони муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати ба анҷом расонидани корҳои хеш роҳбарияти муассисаро дар вақти зарурӣ бо ахбор таъмин накардаанд. Ҳангоми ба фаъолияти омӯзгорӣ сафарбар намудани донишҷӯён аз тарафи роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ маҳалли зисти онҳо ба инобат гирифта шудааст. Аммо бояд таъкид намуд, ки дар маҳалли зисти донишҷӯён микдори соатҳо хело кам буда, аксарияти донишҷӯён дар як хафта аз 4 то 12 соат дарс доштанду халос. Ин ба он оварда расонидааст, ки аксарияти рӯзҳо донишҷӯён бекор мондаанд.

Баҳри татбиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор фармонҳои вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд. Аз ҷумла, барои дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007, №650 оиди «Низомномаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассис», фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2008, №67 ба тасвиб расид, ки ҷиҳати амалӣ намудани талаботи низомномаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассис тамоми ихтисосҳои муассисаи таълимиро мутобиқи самт ва равияҳои тахассусу бакалавриат ва магистратура ҷудо намоянд.

Аз соли таҳсили 2008-2009 аксарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи баъзе ихтисосҳо ба таълими кредитӣ шуруъ намуданд. «Роҳбарияти ин муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳое, ки ба таълими кредитӣ гузаштаанд, нақшаҳои таълимиро таҳия намуда, барои тасдиқ пешниҳод карданд» [160, в.110]. Аз ҳамин нуқтаи назар, Стандартҳои

давлатии таҳсилоти олии касбӣ, ки ба талаботи нақшаи таълими, махсусан дар блокҳои якум ва дуюм мувофиқат намекарданд, қабул нагардиданд.

Нақшаҳои таълимии таҳсилоти кредитии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аз муоина гузаронида, барои истифода тавсия карда шуд.

«Мувофиқи накшаи қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон 29962 ҷой муайян карда шуд. Аз ин миқдор барои гурӯҳҳои буҷетӣ бо ҷойҳои иловашуда 11163 ҷой ва барои гурӯҳҳои шартномавӣ 18799 ҷой ҷудо шуда буд. Дар давраи маъракаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ зиёда аз 43 ҳазор ҳуҷҷат ворид шудааст. Тибқи ҳисоботи оморӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 28715 нафар донишҷӯён ба курси аввал дохил шудаанд. Аз 28715 нафар донишҷӯи курси якум ба шуъбаи рӯзона 22619 нафар донишҷӯ, ба шуъбаи ғоибона 5876 нафар донишҷӯ дохил шудааст» [159, в.203].

Таҳқиқ нишон дод, ки соли таҳсили 2011-2012 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ва шуъбаи он дар шаҳри Хуҷанд сифати таълими як қатор фанҳои фаъолияти кафедраҳои таълимгоҳ, аз ҷумла: «Математикаи олӣ (38,9%), умури гумрук (42,8%), батанзимдарории тарифию гумрукӣ (31,3%), ҳуқуқи меҳнатӣ (43,5%), умури бонкӣ (40,7%), ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (39,2%), сиёсатшиносӣ (41,4%), иқтисоди давраи гузариш (43,5%), ҳуқуқи оилавӣ (40,9%), забони русӣ (36,4%), ташкили назорати гумрукӣ (46,6%), фалсафа (42,8%) ва менеҷмент (47,4%) ғайриқаноатбахш ба роҳ монда шудааст» [161, в.77].

Аз рафти аттестатсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маълум гардид, ки дар таълимгоҳ як қатор камбудиҳо мавҷуданд. Раёсати таълимӣ-методӣ ва шуъбаи таълими донишгоҳ кори ҳамдигарро такрор менамоянд. Бар замми

ин, Раёсати таълимӣ-методӣ ҳатто низомномаи худро надорад ва ба таври мушаххас намедонад, ки ба чӣ кор машғул аст.

Дараҷаи сифати таҳсилот аз як қатор фанҳои умумитаълимӣ ва тахассусӣ аз ҳисоби миёнаи дараҷаи азхудкунии донишҷӯёни донишгоҳ хеле паст аст. «Масалан, дараҷаи азхудкунӣ аз фанҳои информатика 33.3%, алгебра ва назарияи ададҳо 41,6%, математикаи олӣ 40,5%, забони русӣ 43,4%, банақшагирии стратегӣ 37,1%, бозори хизматҳои пулакӣ 41.7%, забони адабии ҳозираи рус 41,0%, назарияи банақшагирии индикативӣ 40,0%, педагогика ва психология 38,5%, гидрогеология 31.5%, журналистика 47% ва иқтисоди корхона 47,8% ташкил медиҳад, ки ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ нест» [106, с.24]. Аз ин рӯ, фаъолияти кафедраҳое, ки ба таълими ин фанҳо машғуланд, ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад.

Дар фаъолияти филиали Хуҷандии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ як қатор камбудиҳо ҷой доранд: талаботи Низомнома оид ба тартиби қабул, хориҷ, барқарор, аз курс ба курсгузаронӣ ва интиқоли донишҷӯён ба пуррагӣ риоя карда нашудааст. Комиссия оид ба барқарор ва интиқоли донишҷӯён фаъолият надорад.

«Дараҷаи донишазхудкунии донишҷӯён аз фанҳои информатика (44,5%), асосҳои назариявии технологияи муосир (45,5%), забони русӣ (46,2%), забони тоҷикӣ (46,2%), таърихи халқи тоҷик (47,1%), забони англисӣ (50,0%) ба талабот ҷавобгӯ нест» [139, в.45].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар фаъолияти устодону кормандони Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон чунин норасоиҳо ба назар расиданд:

- нақшаҳои такмили ихтисоси кормандону устодони донишкада ва таъминоти кадрӣ таҳия ва тасдиқ нагардида буд;

- Низомнома оид ба тартиби қабул, хориҷ, барқарор, аз курс бакурс гузаронӣ ва интиқоли донишҷӯён ба талабот пурра ҷавобгу набуда, дар ин самт камбудиҳо мавҷуд буданд;

- азхудкунии дараҷаи фанҳои забони англисӣ (36,3%), технологияи информатсионӣ (41,6%), таърихи халқи тоҷик (47,0%), психологияи умумӣ (46,1%), педагогика (46,1%), фалсафа (47,7%), асосҳои давлат ва ҳуқуқ (46,1%), анатомияи одам (47,6%), беҳдошт (47,8%), инчунин, фанҳои тахассусии камонварӣ (50,0%), асосҳои ҳуқуқи тарбияи ҷисмонӣ (45,4%) ба талабот ҷавобгӯ набуд [135, в.21].

Корҳои методӣ. Бо ҳадафи ба танзими даровардани нақша ва барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳо таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сардорони раёсати таълими донишгоҳҳои олии шаҳри Душанбе ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ машғулиятҳо гузаронида шуданд. Дар машғулиятҳо намунаи умумии нақшаҳои нави таълимӣ оид ба ихтисосҳои ҳамгиро, дараҷаҳои бакалавриат ва магистр мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт. Ҳар ҳафта рӯзи панҷшанбе ҷиҳати таҳияи нақшаҳои таълимӣ дар Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ гурӯҳҳои корӣ фаъолият менамуданд.

Дар ин муддат қолаби нақшаҳои таълимӣ барои ихтисосҳои ҷудогона ва нақшаи таълимии ҳамгирои ихтисосҳои бакалавриатро барои муҳлати чор сол (то 3700 соат) таҳия намуда, онро бо Вазорати маориф мувофиқа намуданд. Қайд кардан зарур аст, ки қолаби пешниҳодшуда барои муддати чор сол муваққатӣ буда, бояд он дар як давраи хеле кӯтоҳ ба тариқи таҷриба татбиқ карда шавад. Зеро мутахассисонро аз рӯи ду ихтисос дар муҳлати чор сол тайёр намудан имконнопазир буда, вақти пешбинишуда барои ду ихтисос басанда набуд. Чунки муҳлати таҳсил барои тахассуси «мутахассис» дар асоси барномаҳои таълимӣ дар шуъбаи рӯзона бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.07, №650 то 5 сол муайян гардидааст.

Меъёри муайянкунандаи нақшаҳои таълимӣ барои дараҷаи магистратура низ омода шуда буд, ки агар ихтисос мувофиқат кунад, аз 1232 -1355 соат, агар ихтисос мувофиқат накунад, аз 1680-1848 соат барои 2 сол мувофиқ меомад.

Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз суханрониашон дар маҷлиси идона бахшида ба 60- солагии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2008 бармеоянд, Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ ба Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон густариши ҳамкориҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои таълимию илмии бонуфузи мамлакатҳои бурунмарзӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони баландихтисос ва рушд додани муносибатҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат бо муассисаҳои таълимию илмии кишварҳои хориҷиро пешниҳод намуд.

Котиботи Созмони исломии маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО) 6-8 октябри соли 2008 дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон ҷаласаи чоруми вазирони таҳсилоти олии кишварҳои аъзои Конфронси исломиро даъват намуд.

Бо мақсади иштирок дар конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти инклюзивӣ: роҳ барои оянда», ки аз 25 то 28 ноябри соли 2008 бо иштироки вазирони маорифи 105 давлати дунё дар шаҳри Женеваи Швейтсария баргузор гардид, корҳои мушаххас анҷом дода шуда, маводи зарурӣ омода карда шуд. Дар кори ин чорабинии байналмилалӣ собиқ вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Раҳмонов иштирок намуд. Дар конференсия масъалаҳои мубрами маориф, хоссатан таҳсилоти инклюзивӣ ва густариши ҳамкориҳо байни кишварҳои хориҷӣ баррасӣ гардид.

Дар ин давра Шартнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои амрикоӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва омӯзиши забонҳо, Тафоҳумнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентӣ оид ба ҳамкории техникӣ ва Рушд (АКТЕД) ба имзо расиданд.

Масъалаи омӯзиши забони русӣ, англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта, дар маркази сиёсати Ҳукумат қарор дошт ва ҳоло низ қарор дорад. Бинобар ин рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри 2003, №508 «Дар бораи Барномаи

давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» -ро дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (Бохтар) ба номи Хусрав ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳо) мавриди пажуҳиш қарор медиҳем.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати кишвар моҳи декабри 2003, оид ба «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳоӣ рӯси ва англисӣ барои солҳои 2004-2014» дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав нақшаи-чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ шуда буданд. Дар нақша-чорабиниҳо масъалаҳои нашри луғатҳо, китобҳои дарсӣ, омода кардани дастурҳои таълимии базавӣ дар доираи васеи аҳолӣ «Забони русӣ барои ҳама», «Забони англисӣ барои ҳама» ва омода сохтани дастурҳои таълимии забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологӣ ҷой дода нашудааст. Аз ин рӯ, раёсати таълимгоҳро зарур буд, ки нақша-чорабиниҳоро таҷдиди назар намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ ва дар нақша-чорабиниҳо ҷой диҳад.

Дар факултети филологияи донишгоҳи мазкур, ки дар он таълими забонҳои русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст, дар асоси нақшаи чорабиниҳои таълимгоҳ ҳар сол нақшаи-чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда буд.

Таҳқиқ нишон дод, ки ҳисоботҳо ба талабот пурра ҷавобгӯ набуданд, чунки дар ҳисоботҳо дар баъзе мавридҳо сол, моҳ пурра нишон дода нашуда, имзои шахсони масъул мавҷуд набуд.

Дар кафедраи курси назариявии забони англисӣ ва курси амалии забони англисии донишгоҳ омӯзгорон дар мавзуъҳои «Назария ва методикаи таълими забонҳои англисӣ» «Назария ва таҳқиқотҳои типологӣ доир ба забонҳои англисӣ-тоҷикӣ» ва дар кафедраи забон ва адабиёти руси ҳамин донишгоҳ дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии забон ва адабиёти рус дар муассисаи ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул буданд.

Таҳқиқ собит сохт, ки дар муассиса ва факултети филология ҷиҳати дар амал табиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри 2003, №508 ва ҳамчунин, барои иҷрои «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014» ва баланд бардоштани сифати таълими фанҳои номбурда, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, гузаронидани маҳфилҳо, конференсияҳо, ташкили мизҳои мудаввар оид ба таълими забонҳои русӣ ва англисӣ саъю кӯшиш намудаанд.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Дар таълимгоҳ баҳри амалӣ гаштани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша-чорабиниҳо таҳия гардида, аз 14 апрели 2004 тасдиқ карда шудааст.

Ҳамзамон, ташхис муайян сохт, таҳияи барномаҳо, китобҳои дарсӣ, омода кардани дастурҳои таълимии базавӣ барои оммаи васеи аҳолӣ «Забони русӣ барои ҳама», «Забони англисӣ барои ҳама», омода сохтани дастурҳои таълимии забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологӣ мавҷуд буданд. Аз ин рӯ, раёсати таълимгоҳро зарур буд, ки нақшаи чорабиниҳоро таҷдиди назар карда, камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намояд.

Дар факултети романӣ-германӣ бошад, чорабиниҳо, аз қабили мизҳои мудаввар таҳти унвони «Тарҷумон ва гуфтугӯи тамаддунҳо» «Омӯзиши забони тоҷикӣ дар машғулиятҳои забони хориҷӣ» баргузор карда шуд, ки дар рафти он садорат ва омӯзгорони донишгоҳ иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар кафедраи филологияи англис корҳои мустақилонаи хаттӣ ва аудиторӣ дар шаклҳои гуногун (хондан, навиштан, гӯш кардан ва нутқи шифоҳӣ) гузаронида мешуд. Таҳқиқ нишон дод, ки дафтарҳои кори мустақилонаи донишҷӯён мавҷуд буд ва онҳо аз адабиёти бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ва адабиёти илмӣ истифода мебурданд.

Дар баробари ин, таҳқиқ нишон дод, ки барномаҳои таълимии омӯзгорон такмил мехоҳад. Дар силлабусҳои гурӯҳҳои кредитӣ, мавзуи супоришҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён ба эҷодкории онҳо, аз ҷумла

навиштани иншо, тартиб додани кроссвордҳо, навиштани тақриз ба намоишҳои театрӣ-фарҳангӣ қайд гардидаанд.

«Дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода солҳои 2004-2011 423 нафар муаллимони фанни забони русӣ омода намуданд, ки аз шумораи умумии онҳо 136 нафарро ба муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе ва 287 нафарро ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои фаъолияти омӯзгорӣ сафарбар намуданд» [82, с.31].

Фаъолияти кории факултети романӣ-германиро дар давраҳои солҳои 2004-2011 мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Дар давраи таҳқиқшаванда, факултетро зиёда аз 564 нафар донишҷӯён бо ихтисоси забони англисӣ дар равияи омӯзгорӣ, 336 нафар бо ихтисоси забони англисӣ, бо равияи тарҷумонӣ 228 нафар хатм накардаанд. Дар давоми солҳои 2004-2011 аз шумораи умумии хатмкардагон бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълими шаҳри Душанбе 132 нафар ё (39,3%) ва дар муассисахои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 204 нафар (ё 60,7%) кору фаъолият менамуданд. Давраи пажуҳишӣ факултети зикргардидаро 32 нафар донишҷӯён бо ихтисоси тарҷумонӣ хатм намуданд. Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони забонҳои русӣ ва англисӣ муҷаҳҳазонидани синфхона бо технологияи замонавӣ дар факултет мавҷуд набуд.

«Барои тайёр намудани мутахассисони касбии ихтисоси забонҳои русӣ ва англисӣ синфхонаи лингофонӣ бо технологияи замонавии таҷҳизонидашуда лозим буд, аммо дар таълимгоҳ синфхонахои лингофонӣ вуҷуд надоштанд» [139, в.116].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои 2005-2011 барои мустаҳкам гардонидани пояҳои моддию техникӣ, таъмиру тармими биноҳо ва хобгоҳҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода, як қатор корҳоро ба анҷом расонид. Мавриди ба истифода додани биноҳои нави таълимӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (ДАТ), Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров (ДДХ), хобгоҳ барои беш аз

1000 нафар донишҷӯёни ДМТ, инчунин сохтану ба истифода додан ва таъмири хобгоҳҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, гувоҳи мустаҳкам намудани пояи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Рушду нумуи илм, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлол оғоз ёфта буд, дар ин давра боз ҳам беҳтар гардид. Омода ва таҳия намудани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои пешрафти ислоҳоти соҳаи маориф, пеш аз ҳама, «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ ба кормандони муассисаҳои илмӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» барои пешрафти соҳа замина гузошт.

Ҳукумати кишвар ба маблағгузории корҳои илмию тадқиқотии фармоишӣ дар ин солҳо бештар аҳаммият дод. «Масалан, соли 2010 барои дар амал татбиқ намудани мавзуъҳои фармоишӣ 1611203 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Таи солҳои 2001-2010 сафи аспирантон аз 603 нафар ба 1030 нафар расид ва докторантон аз 10 нафар ба 29 нафар афзуд, миқдори ҳимоякунандагони диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ низ то андозае зиёд гардид. Миқдори Шуроҳои дифои диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ низ дар ин давра афзун гардид» [123, в.187]. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва илмии тобеи вазорат агар соли 2001 19 Шурои диссертатсионӣ фаъолият менамуда бошад, соли 2010 ин адад ба 30-то расид (12 докторӣ ва 18 номзадӣ), ки нисбат ба соли 1991 (2) 28-то ё 63% зиёд аст. «Дифои диссертатсияҳо аз рӯи 46 ихтисос, аз ҷумла, дар соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯйи 25 ихтисос, дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ аз рӯйи 21 ихтисос гузаронида мешавад. Сафи унвондорон дар соли таҳсили 2010-2011 нисбат ба соли 1991-1992 (номзади илм аз 1835 ба 2073 нафар расид, 88 %) (доктори илм аз 226 ба 493 нафар расид, 46 %) зиёд гардид» [239, с.116].

Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ» барои солҳои 2005-2010 ҷиҳати

мустаҳакам намудани базаи моддӣ-техникӣ, инчунин дастгирӣ ва аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд намудани устодон шароити мусоид фароҳам овард.

Инчунин, ҷиҳати ҳавасманд намудан ва баланд бардоштани руҳияи омӯзгорону кормандони соҳаи маориф «Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2006, №1698) таъсис дода шудааст, ки дар 2 сол як маротиба ин ҷоиза бо маблағи 2000 доллари ШМА ба 5 нафар омӯзгор дода мешавад.

Омӯзгорони собиқадор ва хизматнишондода барои муваффақиятҳо, таъмиру тармими муассисаҳои таълимӣ ва дастгирии омӯзгорону муассисаҳо бо «Раҳматнома», «Ифтихорнома», нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва «Аълочии ифтихории маорифи Тоҷикистон» сарфароз гардонида мешаванд.

Дар соли таҳсили 2004 4141 нафар, соли 2005 3442 нафар, соли 2006 3906 нафар, соли 2007 4174 нафар, соли 2008 4705 нафар, соли 2009 4211 нафар ва соли 2010 4255 нафар, дар маҷмуъ 28836 ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба кор фиристода шуданд. Аз ин миқдор соли 2004 1650 нафар, соли 2005 1676, соли 2005 1393 нафар, соли 2007 2442 нафар, соли 2008 1547 нафар, соли 2009 282 нафар ва соли 2010 910 нафар, дар маҷмуъ 9900 нафар ба ҷои кор ҳозир нашуданд [136, в.15]. Вазорати маориф ба рушди такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода, нақшаву барномаҳои таълимиро аз сари нав таҷдиди назар намуд ва ба талаботи замон ва шароити давр мутобиқ гардонид.

Таҳқиқ нишон дод, ки такмили ихтисоси омӯзгорон ва таҷрибаивазкунии донишҷӯён дар даҳ соли охир рушд кардаст. Масалан, солҳои 2001 - 2009 139531 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз курси такмили ихтисос гузаштанд, ки дар маҷмуъ 85% -ро ташкил медод.

Натиҷаи санҷишу имтиҳонҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ давраи сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2014-2015 нишон дод, ки дар сессия аз 103059 нафар донишҷӯ 100985 нафар ё (97,9%)-и донишҷӯ ба сессия роҳ дода шуд, ки нисбат ба соли гузашта -0,9% паст аст (дар сессияи

зимистонаи соли таҳсили 2013-2014 аз 79869 нафар донишҷӯён 78965 нафар ё (98,8%)-и донишҷӯён ба сессия роҳ дода шуда буд). «Аз ин микдор 98008 нафар донишҷӯ ҳамаи имтиҳонҳоро бомуваффақият ҷамъбаст намуданд (соли гузашта ин нишондиҳанда ба 74523 нафар донишҷӯён баробар буд). 2074 нафар донишҷӯён ба сессия роҳ дода нашуданд, ки дар муқоиса бо соли гузашта ин теъдод зиёд шудааст (соли гузашта 974 нафар донишҷӯён ба сессия роҳ дода нашуда буданд). Ҳамзамон, 2977 нафар ё 2,9%-и донишҷӯён ба имтиҳонҳо ҳозир нашуданд, ки дар соли гузашта ин теъдод ба 521 нафар ё 0,6%-и донишҷӯ баробар буд» [81, с.167].

Дар соли 2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №428 «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд. «Ҳамзамон, барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ лоиҳаҳои «Қоидаҳои қабул ба зинаи магистратура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи аттестатсияи хатм», «Низомнома оид ба ташкили ҷараёни таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома оид ба Маркази таҳсилоти фосилавӣ», «Дар бораи ҷалб намудани омӯзгорони муассиса-интернатҳо барои гирифтани таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва додани имтиёз ба онҳо» дар мушовараҳои вазорат муҳокима ва тасдиқ карда шуданд» [162, в.80].

Дар соли 2015 дар маҷмуъ, иҷрои 6 барнома ва стратегияи давлатӣ ба анҷом расид. Бояд таъкид дошт, ки дар байни онҳо иҷрои «Барномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2009-2015 яке аз вазифаҳои муҳим буд. Дар ҳамин замина, тайи солҳои таҳқиқшаванда барои баланд бардоштани сатҳу сифати кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ пайваста чораандешӣ менамуданд. «Масалан, соли 1991 ҳамагӣ дар кишвар 1835 нафар номзадҳои илм ва 226 нафар докторони илм фаъолият дошта

бошанд, пас шумораи онҳо соли 2020-2021 мутаносибан ба 2594 ва 549 нафар расидааст, ки мутаносибан нисбати номзадҳои илм 30 фоиз ва дар нисбати доктoрони илм қариб ду маротиба зиёд аст» [123, в.19].

Дар доираи Созишномаи ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соли 2016 Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон 697 бурсияи таҳсилӣ ҷудо намуд. «Аз ин шумора, 368 бурсия дар зинаи бакалавр, 120 магистр, 153 мутахассис, 26 аспирант, 6 ординатура, 12 коромӯз ва 1 нафар дар зинаи таҳсилоти иловагӣ пешниҳод гардиданд, ки барои ҷалби довталабон аз минтақаҳои дурдаст қабули ҳуҷҷатҳо дар марказҳои вилоятҳо ташкил карда шуд, ки дар натиҷа дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 250 нафар, вилояти Суғд 543 нафар, шаҳри Душанбе 800 нафар, вилояти Хатлон 545 нафар, дар маҷмуъ, 2128 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷат супориданд» [78, с.144].

Дар маҷмуъ, дар соли 2016 4712 нафар довталаб-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тахсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии хориҷи кишвар роҳхат гирифтанд. Таҳсил, будубош, шароити зисту зиндагии донишҷӯён, магистрантон, аспирантон ва докторантони тоҷик доимо дар зери назорати кормандони раёсати муносибатҳои байналмилалӣ қарор дошт.

Доир ба афзоиши шумораи донишҷӯён дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои давраи то соли 2030 чунин омадааст: «Агар афзоиши шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо суръати афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса кунем, маълум мегардад, ки дар давраи мавриди назар шумораи донишҷӯён ба ҳар як 10000 нафар аҳолӣ аз 124 нафар дар солҳои 1991-1992 то 232 нафар дар солҳои 2018-2019 афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, аз лаҳзаи ба Истиқлол соҳиб шудани кишвар шумораи донишҷӯён ба ҳар як 10000 нафар аҳолӣ 1,87 маротиба афзудааст. Гурӯҳбандии минтақавӣ нишон медиҳад, ки 57,8% донишҷӯёни ҶТ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе, 19,6% – дар вилояти Суғд, 17,9% – дар вилояти Хатлон, 2,2% – дар

ВМКБ ва 1,6% дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд» [100, с.69].

Маълумот оид ба шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва теъдоди донишҷӯён дар солҳои 1991-2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷадвали № 40

| Сол | Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Филиал ва комплекс | Теъдоди донишҷӯён (ҳазор нафар) | Духтарон (ҳазор нафар) |
|---|---|---|---|---|
| 1991-1992 | 13 | | 69,3 | 23,3 |
| 1992-1993 | 18 | | 70,6 | 21,9 |
| 1993-1994 | 21 | | 69 | 19,3 |
| 1994-1995 | 22 | | 73,3 | 20,2 |
| 1995-1996 | 24 | | 74 | 19,9 |
| 1996-1997 | 25 | | 76 | 19,6 |
| 1997-1998 | 24 | | 76,7 | 20 |
| 1998-1999 | 24 | 1 | 75,5 | 19,1 |
| 1999-2000 | 28 | 1 | 79,2 | 19,9 |
| 2000-2001 | 29 | 1 | 77,7 | 18,4 |
| 2001-2002 | 30 | 1 | 84,3 | 20,5 |
| 2002-2003 | 30 | 3 | 96,6 | 24 |
| 2003-2004 | 30 | 5 | 107,6 | 26,7 |
| 2004-2005 | 29 | 6 | 118,4 | 30,6 |
| 2005-2006 | 29 | 7 | 132,4 | 35,4 |
| 2006-2007 | 28 | 8 | 146,2 | 40,1 |
| 2007-2008 | 28 | 7 | 154,3 | 43,5 |
| 2008-2009 | 28 | 8 | 156,2 | 46,8 |
| 2009-2010 | 29 | 7 | 157,8 | 46 |
| 2010-2011 | 30 | 4 | 154,8 | 43,7 |
| 2011-2012 | 35 | 5 | 151,2 | 43,1 |
| 2012-2013 | 36 | 7 | 151,0 | 42,0 |
| 2013-2014 | 38 | 5 | 157,8 | 43,0 |
| 2014-2015 | 38 | 5 | 167,7 | 53,2 |
| 2015-2016 | 38 | 4 | 178,1 | 58,9 |
| 2016-2017 | 39 | 4 | 189,7 | 65,5 |
| 2017-2018 | 39 | 4 | 191,5 | 67,8 |
| 2018-2019 | 40 | 4 | 206,3 | 73,9 |
| 2019-2020 | 40 | 4 | 227,0 | 83,6 |
| 2020-2021 | 41 | 4 | 244,6 | 85,5 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар соли таҳсили 1991-1992 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 13 адад муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, пас дар соли таҳсили 2020-2021 миқдори онҳо 41 ададро ташкил медиҳанд, ки аз ҷумлаи онҳо 4 ададашон филиалҳо мебошанд. Илова бар ин бояд қайд намуд, ки агар дар соли таҳсили 1991-1992 теъдоди донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ

69300 нафар аз ҷумла духтарон 23300 нафарро ташкил диҳанд, пас, дар соли таҳсили 2020-2021 теъдоди онҳо ба 244600 нафар аз ҷумла занон 85500 нафарро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба нисбати соли 1991-1992 159100 нафар аз ҷумла, духтарон 62200 нафар зиёдтар ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 бо мақсади амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» гурӯҳи корӣ дар бораи дар таҳрири нав таҳия намудани Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Аз ҷониби гурӯҳи корӣ лоиҳаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати баррасӣ ва пешниҳоди хулоса ирсол карда шуд ва қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фикру андешаҳои худро ба вазорат манзур намуданд.

Масъалаи сифати таълим ва беҳтар намудани сатҳи омодакунии мутахассисон дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта, нишондиҳандаи асосии он натиҷаи сессияи санҷишию имтиҳонии донишҷӯён мебошад. «Тибқи ҳисоботи пешниҳоднамудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сессияи зимистонаи соли таҳсили 2020-2021 аз теъдоди умумии 154927 нафар донишҷӯ 152924 нафар (98,7%) донишҷӯ ба сессия роҳ ёфт. Ҳамзамон, 2003 нафар донишҷӯён бо сабабҳои гуногун ба сессия роҳ наёфтанд. Аз ин миқдор 150609 нафар (97,2%) донишҷӯ ҳамаи имтиҳонҳоро бомуваффақият ҷамъбаст намуд» [108, с.149].

Соли 2021 олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Дониш талабу бузургӣ омӯз...» бахшида ба ҷашни 30 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Тартиби баргузории олимпиадаи донишҷӯён аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ миёни донишҷӯёне, ки рӯйхати онҳо аз ҷониби

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод гардидаанд, дар шаҳри Хуҷанд гузаронида шуд.

Дар олимпиадаи соли 2021 378 нафар донишҷӯ аз 36 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар савияи дониш, малака ва маҳорати худро аз 14 фанни таълимӣ санҷида, рақобати солим намуданд. Аз натиҷаи нишондоди дастовардҳои донишҷӯён дар олимпиада бармеояд, ки аз 36 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 27 нафар донишҷуёни муассисаи таълимӣ ҷойҳои ифтихориро соҳиб шуданд.

Олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи 14 фанни таълимӣ гузаронида шуд, ки соҳибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм бо дипломҳои дараҷаи якум, дуюм, сеюм ва туҳфаи хотиравӣ аз китобҳои тозанашри Вазорати маориф ва илм «Ахтарони адаб», ҷилдҳои 33, 34, 35 ва «Сердце Азии» сарфароз гардонида шуданд.

Ҳисоботи аттестатсияи хатми имтиҳони давлатӣ соли таҳсили 2020-2021 нишон дод, ки аз шумораи хатмкунандагони ба аттестатсияи хатм роҳёфта 226 нафар аз аттестатсия нагузаштанд. Аз 50732 нафари аз аттестатсияи хатм гузашта, 344 нафар 0,67 % аттестатсияи хатмро бо баҳои аъло ҷамъбаст намуданд (334 нафар дар шуъбаи рӯзона, 10 нафар дар шуъбаи ғоибона, фосилавӣ). Аз ин шумора 58 нафар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо дипломи «Аъло» хатм намуданд.

Дар соли таҳсили 2021-2022 1280 нақшаи қабули духтарон ва писарон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои духтарон 658 ҷой ва барои писарон 622 ҷой ҷудо гардид. «Аз 1280 нафар ҷойи тибқи нақшаи қабул чудогардида 1264 нафар (99%) довталаб аз даври ҷумҳуриявии озмун гузашта, соҳиби квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муасссисаҳои мамлакат шуданд» [108, с.164].

Дар соли таҳсили 2021-2022 нақша ва иҷрои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диаграммаи зер чунин оварда шудааст:

Диаграммаи № 12

Соли таҳсили 2021-2022



| | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Вилояти МКБ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Иҷро | 297 | 533 | 284 | 150 | 1264 |
| Ҳамагӣ | 303 | 539 | 288 | 150 | 1280 |
| Писар | 148 | 263 | 139 | 72 | 622 |
| Духтар | 155 | 276 | 149 | 78 | 658 |

Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки қабули донишҷуён тибқи квотаи Президентӣ 16 нафар кам аст, ки омили асосии он бемории ковид-19 маҳсуб меёбад.

Дар ин давра ҷиҳати иҷрои банди 42-и нақшаи чорабиниҳои мазкур бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 25 феврали соли 2021, №127 андозаи стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин, магистрант, аспирант ва докторантҳо аз 1 сентябри соли 2021 ба андозаи 30 фоиз зиёд карда шуд [108, с.183].

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз 24.02.2021, №01/1-124 ба сардорони сарраёсат, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ирсол гардида, дар сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳо ҷойгир карда шуд. Мутобиқи низомномаи мазкур чор даври озмун дар сатҳи баланди ташкилӣ доир гардида, ғолибони он бо диплом ва маблағ қадрдонӣ карда шуданд.

Тибқи Низомнома даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» моҳи апрели соли 2021 бо иштироки 305 495 аз

намояндагони касбу кори гуногун ва ташкилоту муассисаҳои таълимӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот баргузор шуд.

Даври дуюми он моҳи июл дар маркази мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо бо иштироки 23 045 нафар, аз ҷумла 418 нафар намояндагони касбу кори гуногун, 1580 нафар омӯзгор, 108 нафар мураббӣ, 20 006 нафар хонанда, 890 нафар донишҷӯ, 27 нафар магистр ва 16 нафар доктор аз рӯйи ихтисос (PhD) доир гардид.

Нимаи дуюми моҳи октябр дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе даври сеюми озмун багузор шуд, ки дар он 29 81 нафар, аз ҷумла 249 нафар намояндагони касбу кори гуногун, 358 нафар омӯзгор, 18 нафар мураббӣ, 2105 нафар хонанда, 234 нафар донишҷӯ, 8 нафар магистр ва 9 нафар доктор аз рӯйи ихтисос (PhD) иштирок намуданд.

Даври чоруми озмуни ҷумҳуриявӣ бо иштироки 510 нафар ғолибони даври сеюм, ки аз ин теъдод 217 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 107 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, 10 нафар аспиранту докторантон ва 111 нафар омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, 65 нафар дар номинатсияи эҷоди назму наср иштирок намуданд. Даври чоруми озмун рӯзҳои 2-14 декабри соли 2021 дар муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки бо пешниҳоди ҳайати ҳакамон 77 нафар ғолиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм дониста шуда, бо ҷоиза ва дипломи ғолиби озмун сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин, дар соли 2021 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №АП-44 оид ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» ба тасвиб расид. Тибқи талаботи иҷрои банди мазкур ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Илм-фурӯғи маърифат» баргузор карда мешавад.

Тибқи талаботи Низомнома, даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» моҳи майи соли 2021 дар муассисаҳои таълимӣ ва

ташкилоту муассисаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо иштироки 15 8902 нафар, даври дуюми он моҳи май дар маркази мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо бо иштироки 20532 нафар ва даври даври сеюми озмун бо иштироки 96 нафар доир гардид.

Даври чоруми озмун рӯзҳои 17 - 20-уми ноябри соли 2021 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии Вазорати маориф ва илм баргузор гардид, ки бо пешниҳоди ҳайати ҳакамон 75 нафар ғолиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм дониста шуда, бо ҷоиза ва диплом сарфароз гардонида шуданд. Ҳамзамон, 21 нафар иштирокчиёнии фаъоли озмун бо тухфаҳои молиявӣ қадрдонӣ карда шуданд [108, с.188].

Масъалаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, алоқаи илм ва истеҳсолот ҳамеша зери таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Хотирнишон бояд кард, ки то охири соли 2021, дар ҷумҳурӣ 4421 нафар унвондорон фаъолият менамоянд, ки аз ҷумлаи онҳо 839 нафарро докторони илм ва 3582 нафарро номзадони илм ташкил медиҳанд.

Аз ин шумора дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишвар 4312 нафар соҳиби унвони илмӣ буда (аз ин миқдор 1211 нафар зан), аз онҳо 824 нафар доктори илм (аз ин миқдор 122 нафар зан) ва 3488 нафар номзади илм (аз ин миқдор 1089 нафар зан) фаъолият доранд. Шумораи умумии омӯзгорон ва кормандони унвони илмӣ дошта соли 2021 дар диаграммаи зерин нишон дода мешавад.

Диаграммаи № 13



| | Вазоратҳо | Кумитаҳо | МТОК ва илмии ҷумҳуриявӣ | Ҷамъ | Фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| Аз ҷумла зан3 | 11 | 8 | 1089 | 1108 | 31 |
| Номзади илм | 66 | 28 | 3488 | 3582 | |
| Аз ҷумла зан2 | 0 | 0 | 122 | 122 | 14,5 |
| Доктори илм | 10 | 5 | 824 | 839 | |
| Аз ҷумла зан | 11 | 36 | 1211 | 1258 | 28,5 |
| Шумораи умумии унвондорон | 76 | 33 | 4312 | 4421 | |

Соли 2021 дар ҷумҳурӣ 54 Шурои диссертатсионӣ амал мекард, ки дар шуроҳои диссертатсионии мазкур то давраи таҳқиқшаванда 1082 нафар диссертатсияҳои илмии худро дифоъ намуда, аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд. Аз ҷумла, дар самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ ҳамагӣ 245 нафар, ки аз ин шумора 218 диссертатсияи номзадӣ, 21 диссертатсияи докторӣ ва 6 диссертатсияи доктори фалсафа, аз рӯйи ихтисос (PhD), дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ҳамагӣ 657 нафар, ки аз шумора 575 диссертатсияи номзадӣ, 51 диссертатсияи докторӣ ва 31 диссертатсияи доктори фалсафа, аз рӯйи ихтисос (PhD) ва дар самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ ҳамагӣ 180 нафар ҳимоя кардааст, ки аз ин шумора 157 диссертатсияи номзадӣ, 18 диссертатсияи докторӣ ва 5 диссертатсияи доктори фалсафа, аз рӯйи ихтисос (PhD мебошанд. Маълумоти оморӣ вобаста ба ҳимояи диссертатсияҳо дар ҷадвали зерин оварда мешавад.

Ҷадвали № 41

| Маълумоти оморӣ<br>вобаста ба ҳимояи диссертатсияҳо дар Шуроҳои КОА<br>назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо то ба ҳолати 1.12.2021 | |
|---|---|
| | Шуъбаҳои аттестатсионӣ |

| Самтҳо | Дар комиссия | | | | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | | | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | | | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Диссертатсияи ҳимояшуда | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | 1082 | 42 | 90 | 950 | 245 | 6 | 21 | 218 | 657 | 31 | 51 | 575 | 180 | 5 | 18 | 157 |
| Рад карда шуд | 165 | 6 | 7 | 152 | 19 | 1 | 1 | 17 | 119 | 4 | 6 | 109 | 27 | 1 | 0 | 26 |
| Дар баррасӣ | 251 | 29 | 15 | 207 | 56 | 8 | 3 | 45 | 176 | 21 | 11 | 144 | 19 | 0 | 1 | 18 |
| Ворид шуд | 1502 | 77 | 112 | 1313 | 320 | 15 | 25 | 280 | 952 | 56 | 68 | 828 | 230 | 6 | 19 | 205 |

Маълумот доир ба ҳимояи диссертатсияҳои илмӣ дар Шуроҳои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо то ба ҳолати 1.12.2021

Ҷадвали 42.

| Самтҳо | Ҳамагӣ | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ |
|---|---|---|---|---|
| Дархост ворид шуд | 1502 | 230 | 320 | 952 |
| Сазовор дониста шуд, ҳамагӣ аз ҷумла: | 1082 | 180 | 245 | 657 |
| Докторон | 90 | 18 | 21 | 51 |
| Номзадҳо | 950 | 157 | 218 | 575 |
| доктор (PhD) | 42 | 5 | 6 | 31 |
| аз ҷумла:<br>аз муассисаҳои илмӣ | 280 | 35 | 99 | 146 |
| аз муассисаҳои таълимӣ | 802 | 145 | 146 | 511 |
| аз унвонҷӯёни сазоворшуда: | | | | |
| Хориҷиён | 24 | 7 | 2 | 15 |
| Мансабдорон | 30 | 1 | 3 | 26 |
| Занҳо | 288 | 55 | 31 | 202 |
| Мардҳо | 794 | 125 | 214 | 455 |
| Занҳои то 35-сола | 135 | 33 | 24 | 78 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| аз 35-сола боло | 153 | 22 | 7 | 124 |

Дар давраи пажуҳишӣ, дар ҷумҳурӣ 19 шуроҳои дессертатсионӣ, ки дар назди Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба қайд гирифта шудааст, фаъолият менамуданд. Аз ҷумла, 1 шуро оид ба илмҳои физика ва математика, 3 шуро оид ба илмҳои тиббӣ, 1 шуро дар соҳаи илмҳои кишоварзӣ, 3 шуро дар самти илмҳои филологӣ, 2 шуро дар риштаи илмҳои таърих, 3 шуро дар самти илмҳои педагогӣ, 2 шуро дар риштаи илмҳои фалсафа, 1 шуро дар самти илмҳои сиёсӣ, 2 шуро дар самти илмҳои иқтисодӣ ва 1 шуро дар самти илмҳои ҷуғрофӣ мебошад.

Дар шуроҳои мазкур 97 нафар, аз ҷумла, 11 нафар диссертатсияи докторӣ ва 86 нафар диссертатсияи номзадӣ ҳимоя кардаанд.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат пайваста ба рушд ва инкишофи маориф ҳамчун соҳаи калидии кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, маблағгузории ин соҳа сол аз сол афзоиш дода мешавад. Соли 2021 барои соҳаи маориф 5 миллиарду 597 миллиону 100 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда буд, ки нисбат ба соли 2020- 11,8% зиёд мебошад.

Маблағгузории соҳаи маориф дар соли 2022 низ афзоиш дода шудааст. Аз ҷумла, дар Буҷети давлатии соли 2022 ба соҳаи маориф 6 млрд. 304 млн. 25 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки ин нисбат ба соли 2021 – 706 млн. 925 ҳазор сомонӣ ё ин ки 11,3 фоиз афзоиш ёфта, 18,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ ва 6 фоизи Маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Маблағгузории соҳаи маориф дар солҳои 2021-2022 дар диаграммаи зерин инъикос карда мешавад:

Диаграммаи № 14




Дар соли 2021 аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ накшаҳои таълимӣ аз рӯи 983 ихтисоси зинаи таҳсилоти бакалавриат, 30 ихтисоси магистратура ва 24 ихтисоси доктори фалсафа (PhD), дар маҷмуъ аз рӯи 1037 ихтисос (бо такроршавӣ) барои ташхис ба Марказ пешниҳод гардид, ки нисбати соли гузашта (231) 750 накшаи таълимӣ зиёд мебошад.

Ҳамзамон, аз рӯи 117 номгӯй барномаҳои таълимии ординатура, интернатура, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ ва аз рӯи 41 ихтисос накшаву барномаҳои таҳсилотӣ дар доираи лоиҳаи грантии «Рушди таҳсилоти олии касбӣ» аз ташхис гузаронида шуд [108, с.207].

Инчунин, ба ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 124 адабиёти таълимӣ барои баррасӣ пешниҳод шуд. Аз ҷумла, 12 дастури методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 17 китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 88 китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ пешниҳод гардида, аз ин миқдор 3 адабиёти таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба нашр тавсия нашуданд.

Дар ҷадвали зерин коркарди дастхати барномаи таълим, китоби дарсӣ ва дигар маводи таълимии давоми соли 2021 воридшуда нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 нишон дода шудааст

Ҷадвали № 43

| № | Корҳои анҷомдодашуда | | Соли 2020 | Соли 2021 | Фарқ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Кам | Зиёд |
| 1 | Дастхати барномаи таълим, китоби дарсӣ ва дигар маводи таълимии воридшуда | Барои муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ | 197 | 52 | 147 | - |
| 2 | | Барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | 95 | 80 | 15 | - |
| 3 | Ҳамагӣ: Дастхати барномаи таълим, китоби дарсӣ ва дигар маводи таълимии воридшуда | | 292 | 132 | 160 | - |
| 4 | Дастхатҳои ба мутахассисони соҳаҳои марбута барои тақриз ва арзёбии касбӣ ирсолшуда | | 308 | 215 | 93 | - |
| 5 | Пешниҳоди дастхатҳо ба ҷаласаҳои Шурои миллии таҳсилот баъд аз ташхиси касбӣ | | 216 | 189 | 27 | - |
| 6 | Пешниҳоди дастхатҳо ба ҷаласаҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 179 | 124 | 55 | - |
| Ҳамагӣ: | | | 697 | 528 | 169 | - |

Диаграммаи № 15




Аз анбори Вазорати маориф ва илми кишвар соли 2021 зиёда аз 37 номгӯйи китоби дарсӣ ба миқдори 2 млн.889 ҳазору 320 нусха ба маблағи 43 млн. 288 ҳазору 382 сомонӣ, 11 номгӯй маводи таълим (барномаи таълим, роҳнамои омӯзгор, журнали синф ва ғ.) ба миқдори 121 ҳазор нусха ба

маблағи 2 млн 691 ҳазору 590 сомонӣ ворид шудааст. Дар ин давра, ҳамзамон 1 номгӯйи барномаи таълим барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба миқдори 200 нусха ба маблағи 1 ҳазору 296 сомонӣ, 1 номгӯй китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба миқдори 2000 нусха ба маблағи 35 ҳазор сомонӣ ва 9 номгӯйи адабиёти ройгон ба миқдори 15 ҳазору 700 нусха ворид шудааст. Дар маҷмуъ, давоми соли 2021 3 млн. 28 ҳазору 220 нусха адабиёти гуногуни таълимиву бадеӣ нашр ва ба анбори китобҳои дарсӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 105 ҳазору 730 нусха кам аст.

Ҳамаи адабиёти таълимии воридшуда нархгузорӣ (калкулятсия) шуда, таъминоти он ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тибқи эҳтиёҷот ба роҳ монда шудааст.

Дар даврони Истиқлол бахусус, ибтидои солҳои хониши 1999-2000 вобаста ба гузаронидани ислоҳот дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, аз ҷумла, соҳаи маориф сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мазмунан дигаргун гашт. Як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ вобаста ба талаботи низоми нав қабул гардиданд, асосиашон оинномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, стандартҳои давлатии таҳсилот ба ҳисоб меравaнд. Барои мутобиқ намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ ба стандарти байналмилалӣ ба нақшаҳои таълимии равия ва ихтисосҳо дар муассисаҳои олии мамлакат як зумра фанҳои нави таълимӣ, аз ҷумла, асосҳои компютерӣ, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, асосҳои иқтисоди бозоргонӣ, оиладорӣ ва экология дохил кунонида шуданд.

Ҳамин тариқ солҳои 2005-2011 баробари ислоҳоти соҳаи маориф дар фаъолияти кории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тағйиротҳои назаррас ба вуқуъ омаданд. Маҳз дар ҳамин давраи таҳқиқшаванда, дар мамлакат 7 донишкада ва 4 филиал (таъсис дода шуданд. Ҳукумати мамлакат бо ҳадафи пурраи таъмини ҷумҳурӣ бо кадрҳои соҳаи омӯзгорӣ, энергетикӣ, иқтисодӣ кӯҳӣ-металлургӣ донишкадаҳо ва филиалҳои зеринро, аз ҷумла, Филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳоло бо номи С. Айнӣ) дар ноҳияи Рашт (аз 01.11.2006, №501), Филиали Донишгоҳи

аграрии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон (аз 03.05.2006, №212), Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (аз 03.05.2006, №211), Филиали Донишкадаи энергетикии Москва (Донишгоҳи техникӣ) дар шаҳри Душанбе бофармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Хулоса. Рушду нумуи илм, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлол оғоз ёфта буд, дар ин давра боз ҳам беҳтар гардид. Сафи шуроҳои дифои диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ низ дар ин давра афзун гардид. Дар муассисаҳои зертобеи макотиби олии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон агар соли 2001 19 шурои диссертатсионӣ фаъолият менамуда бошад, соли 2010 ин адад ба 30-то расид (12 докторӣ ва 18 номзадӣ), ки нисбат ба соли 1991 (2) 28-то ё 63% зиёд аст. Дифои диссертатсияҳо аз рӯи 46 ихтисос, аз ҷумла, дар соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯйи 25 ихтисос, дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ аз рӯйи 21 ихтисос гузаронида мешуд. Сафи унвондорон дар соли таҳсили 2010-2011 нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 афзуда номзади илм аз 1835 ба 2073 нафар расид, (88 %), доктори илм аз 226 ба 493 нафар расид, (46 %) зиёд гардид.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бо душвориҳои зиёди сиёсиву иҷтимоӣ рӯбарӯ гардида, дар аксарияти онҳо машғулиятҳои дарсӣ қатъ гардиданд. Баробари ба эътидол омадани вазъияти кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият менамуданд, ки дар онҳо бештар аз 69300 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Шумораи омӯзгорони муассисаҳо бошад, дар маҷмуъ 5400 нафарро дар бар мегирифт. Баъди беҳтар гардидани вазъи сиёсии кишвар низоми маориф рӯ ба беҳбудӣ овард. Дар ин замина, шумораи умумии донишҷӯён баъди солҳои 2000-ум бомаром рушд кард. Агар дар соли 1991 ҳамагӣ дар кишвар 13 муассисаҳои олӣ бо ҷалби 69300 нафар донишҷӯ ва 5400 нафар омӯзгорон фаъолият дошта бошанд, пас ин теъдод дар соли хониши 2018-2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 адад, аз ҷумла 4 муассисаи олии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 17 донишгоҳ, 14 донишкада,

1 консерватория ва 4 филиал фаъолият менамуданд, ки дар маҷмуъ, ба ин муассисаҳо 209800 нафар донишҷӯ ҷалб гардида, 9061 нафар ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул буданд.

Аз 69300 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки соли хониши 1991-1992 таҳсил менамуданд, 23300 нафари онро духтарон ташкил медоданд. Дар соли хониши 2020-2021 бошад, шумораи онҳо ба 244600 нафар аз ҷумла занон 85500 нафарро ташкил медоданд. Дар муқоиса нисбат ба соли 1991-1992 159100 нафар аз ҷумла, духтарон 62200 нафар зиёдтар ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Соли хониши 2020-2021 аз 50958 нафар донишҷӯёни донишгоҳҳои олии кишвар танҳо 50732 нафар аз аттестатсияи хатм гузаштанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии қудратии мамлакат бошад, ҳамагӣ 27698 нафар шуъбаи рӯзона ва 23034 нафар шуъбаи ғоибона ва фосилавиро хатм намуданд. Аз шумораи хатмкунандагони ба аттестатсияи хатм роҳ ёфта 226 нафар аз аттестатсия нагузаштанд. «Аз 50732 нафари аз аттестатсияи хатм гузашта, 344 нафар 0,67 % аттестатсияи хатмро бо баҳои аъло ҷамъбаст намуданд (334 нафар дар шуъбаи рӯзона, 10 нафар дар шуъбаи ғоибона, фосилавӣ). Аз ин шумора 58 нафар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо дипломи «Аъло» хатм намуданд» [107, с.223].

Пажуҳиш собит сохт, ки дар Тоҷикистони соҳибихтиёр пайваста маблағгузорӣ дар соҳаи маориф бо ҷалб намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва маблағгузории Ҳукумати мамлакат инкишоф ёфт.

## 5.2. Ташаккул ва рушди низоми кредитии таҳсилот

Бо роҳбарии оқилонаи Пешвои муаззами миллат дар кишвар барномаи ислоҳоти таҳсилоти олӣ роҳандозӣ гардида, низоми кредитӣ ҷорӣ ва сатҳи донишгоҳҳои миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ наздик карда шуд. Хусусан фаъолияти бунёдкоронаю густурдаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Донишгоҳи

техникии Тоҷикистон ба номи академик Осимӣ, ва дигар муассисаҳои олии мамлакат, ки дар сатҳи байналмилалӣ мавқеи устувор касб намудаанд, исботи гуфтаҳои мазкур аст.

Пешвои миллат омӯзгорро ҳамчун меъмори маърифат ва тарбиятгари миллат мешиносанд. Ҳар сол дар кишвар Рӯзи омӯзгор бошукӯҳ таҷлил мегардад ва ба устодони варзида унвонҳои давлатӣ, ҷоизаҳо ва ифтихорномаҳо супорида мешаванд. Маҳз чунин боварӣ ва дастгириҳои Пешвои миллат мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳу сифати зиндагии омӯзгорон рӯз то рӯз беҳтар мегардад.

Дар шароити муосир бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани соҳаи маориф, сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Аз ҷумла, ислоҳоти куллии соҳаи маориф, ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилотро ба стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот ва технологияи кредитии таълим талаб менамояд.

Иқдомҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар самти амалӣ гардидани ҳадафҳои ислоҳоти маорифи кишвар тамоми имкониятҳои заруриро таъмин намояд. “Болония” номе равандест, ки тавассути он кишварҳои Аврупо як минтақаи ягонаи таълимӣ эҷод мекунанд. Раванди Болония соли 1998 аз ҷониби вазирони маорифи Фаронса, Олмон, Италия ва Британияи Кабир оғоз ёфт. Ин ташаббус аз ҷониби 29 кишварҳои дигари Аврупо дастгирӣ гардид [339].

Бояд қайд намуд, ки бори аввал системаи кредитии таҳсилот, ё ба истилоҳи дигар, системаи «соатҳои кредитӣ» дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба вуҷуд омадааст. Соли 1869 президенти Донишгоҳи Ҳарвард, шахсияти маъруфи соҳаи маорифи Амрико Чарлз Элиот мафҳуми «соати кредитӣ» -ро ҷорӣ кард ва дар солҳои 1870-1880 ба низоми таълим ворид карда шуд [341].

Аз тарафи кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, раёсату ҳайати профессорон ва омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳо, аспиранту унвонҷӯён оид ба омӯзиши моҳият, хусусият ва паҳлуҳои гуногуни низоми кредитии таҳсилот дар мисоли таҷрибаи муассисаҳои таълимии мамлакатҳои хориҷи дуру наздик корҳои хеле зиёд ба анҷом расонида шуд ва шуда истодаанд.

Шомил шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Низомнома оид ба ташкили раванди низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ» доир ба татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳия ва тасдиқ шуда, ҷиҳати иҷро ба амалия пешниҳод шуд [132, в.101].

Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал 38 нақшаҳои таълимӣ барои ихтисосҳои омӯзгорӣ таҳия карда шуданд. Ин нақшаҳои таълимӣ барои ҳамаи ихтисосҳои соҳаи омӯзгорӣ ягона буда, минбаъд ҳамаи ихтисосҳои соҳаи омӯзгорӣ онро истифода карда метавонистанд.

Барои дар амал татбиқ намудани низоми кредитии таҳсилот нақшаҳои таълимии донишгоҳҳо, аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҷлили назар карда шуд. Зимни таҳқиқ муайян шуд ,ки фанҳои таълимии «Таърихи халқи тоҷик», «Педагогика», «Психология», «Санъати тасвирӣ» дар асосии стандарти давлатии таҳсилот иҷро нагардидааст. Чунки ҳаҷми сарбории таълими назариявӣ бояд дар нақшаҳои таълимии дараҷаи бакалавриат 123 ҳафта ва дар нақшаҳои таълимии ҳамгиро 125 ҳафтаро дарбар гирифта, корҳои курсӣ бояд аз 4-то кам набошанд. Инчунин, соатҳои аудитории фанҳои «Фалсафа», «Назарияи иқтисодӣ», «Ҳуқуқ», «Педагогика», «Психология» ва ғайра ба меъёрҳо мувофиқат намекарданд, барои ислоҳи хатоиҳои нақшаҳои таълимии пешниҳодшуда, онҳоро ба донишгоҳ баргардонидаанд.

Баъд аз таҳлил ва ташхиси 19 номгӯй нақшаҳои таълимии Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб барои ислоҳи камбудиву норасоиҳо барои такмил баргардонида шуда, пас аз ислоҳ тасдиқ карда шудаанд.

Нақшаҳои таълимии Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ дар асоси фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2006 мураттаб гардида, аз ҷониби вазири маориф тасдиқ гардидаанд. Дар нақшаҳои таълим ҳафтаҳои таълими назариявӣ ба ҷойи 156 ҳафта, 150 ҳафтагӣ омадааст, ки ин аз меъёр 6 ҳафта камтар буд. Дар баробари ин, дар нақшаҳои таълим сессияи имтиҳонотиро аз семестри якум то ҳаштум 4 хафтагӣ нишон додаанд, ки аз меъёр 1 ҳафтагӣ зиёд мебошад.

Дар филиали ДДТТ ба номи М.С. Осимӣ мувофиқи нақшаҳои таълимӣ, барои ҳамаи фанҳо барнома ва нақшаҳои корӣ асосан, бо забони русӣ омода карда шудааст. Нақша ва барномаҳои таълимии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва нақшаҳои кории филиали ДТТ дар шаҳри Хуҷанд хуб таҳия карда шудаанд. Барои ҳар як фан барномаи корӣ (силлабус) омода карда шудааст. Дар барнома адабиёти таълимӣ, номгӯи воситаҳои аёният ва таҷҳизоти ёрирасон (графопроектор, калкулятор, видеопроектор ва ғ.), омили таълимӣ, шакл ва намудҳои назорат, тақсимоти кредитҳо бо соатҳо барои семестр, нақшаи мавзуъҳо барои ҳафтаҳо ва таркиби онҳо ва назорати ниҳоӣ оварда шудаанд.

Сараввал дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, №291 ба технологияи кредитии таҳсил ба сифати таҷрибавӣ ду муассисаи олӣ: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

Дар муддати қариб 18 соли амалӣ гардидани низоми кредитии таҳсил тадриҷан ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ зина ба зина ба низоми мазкур гузашта, мазмун ва мундариҷаи барномаҳои асосии таҳсилот (Стандартҳои давлатии таҳсилот аз рӯи ихтисосҳо) ба талаботи ин низом мувофиқ гардониданд ва ҳамзамон, ин марҳила босуръат идома ёфта истодааст.

Таҳқиқи таҷрибаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии аврупоӣ, қазоқистонӣ ва қирғизистонӣ, ҳамчунин Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва дар амалия (истеҳсолот) санҷидани таҷрибаҳои худ, оид ба такмили нақшаҳои таълим тибқи низоми кредитии таҳсилот ба хулоса омадан мумкин аст, ки раванди таълим дар тамоми макотиби олии касбии мамлакат новобаста аз мавқеашон мувофиқи талабот ва қолаби ягонаи фазои таҳсилот ба роҳ монда шудааст.

«Навсозӣ (инноватсия)-и соҳаи маорифи кишвар бо назардошти тамоюлҳои мусбати рушди он дар ҷаҳон, инчунин ба ҳадафҳои стратегии таълим, ки асосан ба ташаккули инфраструктура ва фароҳам овардани шароит барои мутобиқати бомуваффақияти насли наврас барои тағйири шароитҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст, ба назар гирифта мешаванд» [266, с.158].

Дар низоми кредитии таҳсилот тақсими буҷаи вақт дар нақшаҳои таълимии заминавӣ мавқеи хосса доранд. Мувофиқи Низомномаи шакли кредитии таҳсилот ҳар як соли таҳсил аз ду семестр ё ду давраи академӣ, 4 санҷиши фосилавӣ ва аз як триместр (барои донишҷӯёне, ки имтиҳонотро супорида натавонистаанд) иборат мебошад.

Нақшаи таълимӣ таносуби зарурии давраҳои таълим (сиклҳо) ва ҷузъҳои заминавию (ҳатмӣ) интихобиро аниқ менамояд. Нақшаи таълимӣ таълими пайдарпайи фанҳоро (модулҳоро) вобаста ба муносибати мантиқии байни машғулиятҳо ва корҳои иҷрошаванда дар такя ба номгӯи салоҳиятҳо, пайдарҳамӣ, самтҳо ва муҳлати ташаккули онҳо муқаррар менамояд [236, с.4].

Ҳоло мувофиқи нақшаҳои таълимии заминавӣ санҷишҳои фосилавӣ дар ҳафтаҳои 7-ум ва 14-ум берун аз раванди таълим пешбинӣ шудааст. Аммо аксарияти муассисаҳои олии касбӣ дар ин ҳафтаҳо дарс ташкил намуда, донишҷӯёнро ба таътили тобистона пеш аз муҳлат, то 4 ҳафта иҷозат медиҳанд. Мувофиқи нақшаҳои таълим дар як ҳафтаи санҷишҳои фосилавӣ донишҷӯён фақат барои супоридани 7-10 санҷишу имтиҳон машғул

мешаванду халос. Дар нигоҳи аввал, чунин тартиб хеле хуб менамояд, вале чун амиқтар назар афканем, донишҷӯён дар ҳафтаҳои санҷишҳои фосилавӣ фақат 7-10 соат вақти академиро барои супоридани санҷишҳои фосилавӣ сарф карда, вақти боқимондаро барои иҷрои корҳои шахсии худ истифода мебаранд. Аз ин ҷост, ки санҷиши марҳилавиро дар раванди ҳафтаҳои назарӣ ҷой додан пурра ба мақсад мувофиқ нест.

Раванди таълимро тавре ташкил кардан зарур аст, ки дар раванди таҳсил донишҷӯ тавонад вақти қиммати хешро дуруст истифода барад ва дар ин замина, тавонад мустақилона маводи таълимиро азхуд кунад. Аз ин хотир, агар санҷишҳои марҳилавиро дар ҷараёни таълим ҷой диҳем, он гоҳ дар як соли таҳсил боз 4 ҳафта барои истифодаи вақтҳои захиравӣ пайдо мегардад. Ҳафтаҳои холишударо барои ихтисосҳое, ки дар давоми сол 2-4 ҳафта таҷрибаҳои таълимӣ доранд, истифода бурдан мумкин аст.

Дар корҳои таълимию методӣ масъалаҳои дар мутахассисони оянда ташаккул додани маҳорату малакаҳои иҷро намудани корҳои амалӣ (фаъолона истифода кардан аз технологияи иттилоотӣ), пайваста таъмин намудани назорати сифати маводи таълимию методӣ, вобаста ба дастовардҳои нави илм ва таҷрибаи пешқадам ворид намудани тағйироту иловаҳои нав дар онҳо бояд ба таври васеъ дида баромада шаванд. Ҳалли чунин масъалаҳо боиси такмил додани мазмуни ташкили корҳои таълимӣ, татбиқи усулҳои пешқадам ва истифодабарии воситаҳои техникӣ мебошад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша ва барномаҳои низоми кредитиро, ки аз ҷониби муассисаҳои олии кишвар пешниҳод мегардад, тасдиқ менамояд. Ухдадориҳои аввалини муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз технологияи кредитии таълим дар шакли ташаккули ҳаҷми дониш вобаста ба зинаҳои таҳсилот сурат мегирад.

Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тақозо менамояд, ки нақшаҳои таълимӣ дар шаклҳои зерин таҳия гарданд:

-нақшаи таълимии намунавӣ – аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда мешвад, ки ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯро дар бар мегирад;

-нақшаи таълимии фардӣ – мустақилона аз ҷониби ҳар як донишҷӯ бо машварати мушовири академӣ омода шуда, равиши таҳсилоти ӯро дақиқ мекунад;

-нақшаи таълимии корӣ – бо ба инобат гирифтани нақшаҳои таълимии намунавӣ ва фардӣ омода гардида, ҷиҳати тартиб додани ҷадвали раванди таълим, ҳисоб кардани ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯён оид ба фанҳои таълимгиранда ва сарбории таълимии омӯзгорон истифода мешавад.

Миқдори меҳнатталабии фаъолияти таълимии донишҷӯён ва сарбории таълимии омӯзгорон дар шароити истифодабарӣ аз технологияи кредитии таълим оид ба нақшаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) муайян мегарданд.

-барои барномаи «бакалавриат (мутахассис)» - на камтар аз 24 соати академӣ барои фаъолияти донишҷӯ ва омӯзгор ҷудо карда мешавад, ки аз се ҳисса иборат аст. Ҳиссаи аввал кори мустақилонаи донишҷӯ, ҳиссаи дувум кори мустақилонаи донишҷӯ бо ҳамроҳии роҳбар ва ҳиссаи севум машғулитяи аудиторӣ;

-оид ба барномаи кории «магистратура» - барои барномаи магистрант тибқи нақша 32 соати академӣ ҷудо карда мешавад, ки аз миқдори умумии онҳо 8 соат барои дарсҳои аудиторӣ, 8 соат барои иҷрои корҳои мустақилонаи магистрант бо роҳбарии омӯзгор ва 16 соати боқимонда барои истифодаи корҳои мустақилонаи магистрант ҷудо карда мешавад;

-доир ба иҷрои барномаи «доктор PhD» - на камтар аз 40 соати академӣ ҷудо карда мешавад, ки соатҳои ҷудошуда, асосан 8 соати он барои машғулиятҳои аудиторӣ, 8 соати он барои корҳои мустақилонаи докторант таҳти роҳбарии роҳбари илмӣ ва 24 соати дигар бошад, барои истифодаи корҳои мустақилонаи докторант ҷудо карда мешавад [215, с.10].

Раванди ташкили таълими зинаҳои дар боло зикргардида, дар як соли таҳсил дар заминаи тақвими академӣ, аз ҷониби роҳбари муассиса ва қарори Шурои олимони муассисаи мазкур тасдиқ мегардад.

Тибқи нақшаи низоми кредитии таҳсилот соли таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба давраҳои академӣ (Term), таътил ва таҷрибаомӯзӣ тақсим мегардад. Пас аз азхудкунии нақша ва барномаҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён аз аттестатсияи хатм мегузаранд. Давомнокии раванди таълимӣ дар шакли зикргардида 16 ҳафтаро дар бар гирифта , барои триместр (семестри иловагӣ) то 10 ҳафта ҷудо карда мешавад. Барои қабули имтиҳонҳои шакли таҳсили фосилавӣ 2 рейтинг дар як даври академӣ муайян карда шуда, дар асоси онҳо имтиҳон қабул карда мешавад [98 с.11].

Қабули имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) дар ҳафтаҳои 7 ва 14-уми таълими назариявии давраи академӣ (семестр) ва имтиҳони ҷамъбастӣ дар давраи ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) ба роҳ монда мешаванд.

Формулаи ҳисоби баҳои умумии донишҷӯ оид ба ҳар як фанни таълимӣ:

$$Бу(\%) = \left[\frac{(Иф_1 + Иф_2)}{2}\right] \cdot 0{,}5 + Иҷ \cdot 0{,}5$$

дар ин ҷо:

$Иф_1$- эквиваленти ададии баҳои имтиҳони фосилавии якум;

$Иф_2$- эквиваленти ададии баҳои имтиҳони фосилавии дуюм;

*Иҷ* – эквиваленти ададии баҳои имтиҳони ҷамъбастӣ.

Ифодаи ҳуруфии баҳои имтиҳонӣ ва эквиваленти ададии он аз рӯи холҳои дар асоси вазни қиёсии ҷавобҳои дурусти бадастовардаи донишҷӯ, ки бо фоиз ифода меёбанд, муайян карда мешавад.

Ҷадвали № 44

| Баҳо (ҳуруфӣ) | Ифодаи ададии баҳо | Фоизи ҷавобҳои дуруст % | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | Аъло |

| | | | |
|---|---|---|---|
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | Хуб |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | |

Донишҷӯёне, ки натиҷаи ниҳоии холҳои онҳо аз фанҳои алоҳида ба тафриқаи Fx баробари $45 \le Fx < 50$ -ро соҳиб гаштаанд, имконияти як маротиба бе назардошти пардохти маблағи таҳсили иловагӣ супоридани имтиҳонро доранд [215, с.11].

Холҳо дар имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) аз рӯи натиҷаи шакли назоратии қабул намудани онҳо (кори хаттӣ, контролӣ, супоришҳои тестӣ, пурсиши шифоҳӣ ва ғайра) бо назардошти натиҷаҳои давомот, иҷрои супоришҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ гузошта мешаванд. Холҳо дар имтиҳони ҷамъбастӣ танҳо аз рӯи натиҷаи шакли назоратии қабул намудани он (одатан, супоришҳои тестӣ), ки мазмуну мундариҷаи азхудкунии барномаи таълимии фанро пурра фаро гирифтаанд, гузошта мешаванд. Тестҳои имтиҳони ҷамъбастӣ махфӣ гардонида шуда, ба ҳар донишҷӯ дар рафти қабули имтиҳон (дар шакли варианти алоҳида) пешниҳод карда мешаванд.

Дар раванди низоми кредитии таҳсилот давомнокии триместрҳо дар донишгоҳҳои олии касбии кишвар ба миқдори 6 ҳафта фақат барои як давраи академии даври баҳории соли аввали таҳсил баргузор мегардад, мақсади асосии он қонеъ намудани талаботи донишҷӯён барои гирифтани таълими назариявӣ ва бартараф гардонидани қарзҳои академӣ, аз рӯи нақшаҳои таълимӣ супоридани фарқиятҳо, инчунин аз бар намудани воҳидҳои санҷишӣ

барои фанҳои ҳатмӣ ва ба ҳисоб гирифтани дастовардҳои донишҷӯ дар муассисаи таълимӣ гузаронида мешавад.

Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олӣ метавонад, дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми кишвар таносуби ҳаҷми фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро дар нақшаи таълимӣ аз рӯи самти амалкунанда муайян намояд [215, с.11].

Дар низоми кредитии таҳсилот барои ноил гардидани дараҷаи бакалавр бояд донишҷӯ дар зарфи 4 соли таҳсил 240 кредитро аз худ намояд Дар муддати таҳсил муассисаҳои олии касбӣ метавонанд 16 кредит барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ ҷудо намуда, иҷрои рисолаи хамткунӣ ва аттестатсияи ниҳоии давлатӣ (4 кредит) пешбинишударо ба инобат гиранд.

Дар муҳлати муқарраршуда, барои сарбаландона хатм намудани зинаи таҳсилоти бакалавриат ё мутахассис, дар муҳлати 4-5 сол миқдори кредитҳо мувофиқи нақшаи таълимии фардӣ, ки барои як соли таҳсил таҳия ва омода мегардад, аз рӯи меъёрҳои муайяншудаи низоми кредитӣ набояд аз 60 дар бар гирад. Аз рӯи меъёри низоми зикргардида, донишҷӯ бояд дар ҳар як давраи академикӣ на кам аз 30 кредитро, ки дар он фанҳои ҳатмӣ вуҷуд доранд, пурра аз худ намояд. Меъёри тақсимоти кредитҳо дар ҷадвали 59 оварда мешавад.

Меъёри тақсимоти кредитҳо Ҷадвали № 45

| | | |
|---|---|---|
| Миқдори умумии кредитҳо барои ба анҷом расонидани барномаи зинаи таҳсилоти бакалавриат (ё мутахассис) (муҳлати таҳсил 5 сол) – 300+16 кредит.<br>Аз ҷумла: | | |
| | | |
| Омӯзиши назариявӣ дар 5 сол - 300 кредит ба истиснои дарси варзиш, машғулиятҳои факултативӣ ва тайёрии ҳарбӣ | | Таҷрибаомӯзӣ ва иҷрои кори дипломӣ (бо гузаштан аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ) – 16 кредит, аз ин миқдор: барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ – 12 кредит, иҷрои кори дипломӣ – 4 кредит |

Бо қарори Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сарбории таълимии омӯзгор барои як соли таҳсил дар низоми кредитии таҳсилот бо

ҳаҷми як воҳиди корӣ новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ ба андозаи 34 кредит (544 соат) ба истисnoи сарбории таълимии омӯзгорони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ муқаррар карда мешавад.

Сарбории таълимии омӯзгорони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ дар ҳаҷми як воҳиди корӣ барои як соли таҳсил ба миқдори 51 кредит (816 соат) муқаррар карда мешавад [98, с.13].

Як воҳиди корӣ 34 кредит (544 соат) пурра аз соатҳои фаъол, аз қабили лексия, амалӣ, семинар ва машғулиятҳои таҷрибавӣ, таҷрибаомӯзиҳо, аз қабили таҷрибаи истеҳсолӣ, таълимӣ ва таҷрибаи педагогӣ ва ҳамзамон, хатмкунии бакалавр кор (лоиҳа)-и дипломии мутахассис ва рисолаи илмии магистр иҷрошавандаро низ дар бар мегирад.

Таҳсили зинаи шакли бакалавриат дар ҷадвали зерин инъикос карда мешавад. Меъёри умумии кредитҳо барои зинаи таҳсилоти бакалавриат чунинанд:

Ҷадвали № 46

<table>
<tr><td colspan="5">Миқдори умумии кредитҳо барои анҷом расонидани барномаи зинаи таҳсилоти бакалавриат (мухлати таҳсил 4 сол) – 240+16 кредит; аз ҷумла</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="2">Омӯзиши назариявӣ дар 4-сол 240 кредит ба истисnoи дарси варзиш, мушғулиятҳои факултативӣ ва тайёрии ҳарбӣ</td><td colspan="3">Таҷрибаомӯзӣ ва иҷрои кори хатмкунии бакалавр (бо гузаштан аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ) – 16 кредит, аз ин миқдор: барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ- 12 кредит, иҷрои рисолаи хатмкунӣ – 4 кредит</td></tr>
</table>

Яке аз хусусиятҳои асосии фарққунандаи раванди таълими низоми кредитӣ таҳсилот аз таҳсилоти анъанавӣ аз он иборат аст, ки дар раванди таълими кредитӣ 70% мустақилият ба донишҷӯ дода мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар амалӣ гаштани ин ҳадаф «Нақшаи инфиродии донишҷӯ» мавқеи калидиро дорад, зеро раванди азхудкунии таълим аз он сарчашма мегирад. Бинобар ин, ба риштаи таҳлил кашидани ин масъала ба бартарияти раванди таълими низоми кредитӣ равшанӣ хоҳад андохт.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки фаъолияти худро дар асоси низоми кредитии таҳсилот ба роҳ мондаанд, бояд барои аз ҷониби таълимгирандагон азхуд намудани фанҳои дар нақшаи таълимӣ вобаста ба ҳар як ихтисос дарҷёфта ва соҳиб гардидани онҳо ба дараҷаи академӣ (бакалавр, магистр, доктор аз рӯи ихтисоси PhD) мувофиқи стандартҳои давлатии таҳсилот тамоми имкониятҳоро фароҳам оваранд.

Дар давоми таҳсил барои ҳар як донишҷӯ «варақаи шахсӣ» кушода мешавад, ки дар он тамоми дастовардҳои фаъолияти таълимии донишҷӯ дар давраи таҳсил дарҷ меёбад. Раёсати донишгоҳ уҳдадор аст, ки тамоми довталабон, донишҷӯён ва омӯзгоронро бо қоидаҳои ташкили ҷараёни таълим, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо дар давраи таҳсил шинос намояд. Ин қоидаҳо дар Низомномаи муассисаи олӣ «Оид ба ташкили ҷараёни таълим бо истифодаи низоми кредитии таҳсилот» дарҷ гардидааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар банақшагирии раванди таълим яке аз қисматҳои асосии идоракунӣ ба ҳисоб рафта, аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

1. Аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ихтисосҳои алоҳида нақшаҳои намунавии таълим бо дарназардошти риояи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва тасдиқ карда мешаванд;

2. Тибқи талаботи низоми кредитӣ ҷадвали тақвимӣ сохта мешавад, ки дар он ҳамаи намудҳои чорабиниҳои таълимӣ ва муҳлати иҷроиши онҳо дар давоми соли хониш ҷойгир кунонида мешаванд;

3. Нақшаҳои намунавии таълим каталог (номгӯ)-и фанҳои интихобӣ барои ҳар як ихтисос тартиб дода шуда, дар Шурои илмии муассисаи олии таълимӣ тасдиқ карда мешавад;

4. Ҳар як донишҷӯ бо кумаки эдвайзер ва таҳти назорати офиси бақайдгиранда мувофиқи нақшаи таълимии намунавӣ ва каталоги фанҳои интихобӣ нақшаи таълимии фардии худро тартиб медиҳад. Ин нақша аз

тарафи донишҷӯ, эдвайзер, бақайдгиранда ва декани факултет ба имзо мерасад;

5. Дар асоси нақшаҳои фардии таълими донишҷӯён нақшаи кори таълим тартиб дода шуда, аз тарафи ноиби ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешавад;

6. Мувофиқи нақшаҳои кори таълим оид ба ҳар як ихтисос сарбории таълимии кафедраҳо ба нақша гирифта шуда, ҷадвали мансабии ҳайати омӯзгорону профессорон таҳия ва тасдиқ карда мешавад;

7. Аз ҷониби омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ барномаҳои кории таълим (силлабусҳо) аз ҳамаи фанҳои тадрисшаванда вобаста ба семестрҳо дар асоси нақшаи кории таълими мавҷудбуда тартиб дода шуда, барои баррасӣ ва омӯзиш ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад;

8. Мувофиқи барномаҳои корӣ фанҳои аз тарафи донишҷӯён интихобшуда тақсимоти сарбориҳои таълимии кафедраҳо дар байни устодон амалӣ мегардад;

9. Ҷадвали дарсии умумӣ (бо тақсимот ба гурӯҳҳои академӣ) ва ҷадвалҳои дарсии фардӣ барои ҳар як донишҷӯ тартиб дода шуда, аз тарафи декани факултет тасдиқ карда мешавад, ки мувофиқи онҳо ҷараёни таълим сурат мегирад [225, с.45].

Нақшаҳои намунавии таълим дар низоми кредитии таҳсилот аз 3 силсилаи фанҳо иборатанд:

1. Силсилаи фанҳои умумитаълимӣ (ФУТ);

2. Силсилаи фанҳои умумикасбӣ (ФУК);

3. Силсилаи фанҳои тахассусӣ (ФТ);

Мувофиқи стандарти давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фанҳои таълими тахассусӣ мавҷуданд, ки мувофиқи барномаи таълимӣ омӯзиши онҳо барои донишҷӯён ҳатмист.

Ба қисмати фанҳои интихобӣ фанҳое дохил мешаванд, ки аз тарафи муассисаи олӣ пешниҳоди донишҷӯён мегарданд. Дар нақшаҳои намунавии таълим номгӯи пурраи қисмати фанҳои ҳатмӣ бо нишондоди миқдори

кредитҳои барои омӯзиши ҳар як фан ҷудошуда оварда мешавад. Миқдори кредитҳои барои омӯзиши фанҳои интихобӣ ҷудошударо ҳар як муассисаи олӣ мустақилона муайян мекунад [228, с.48].

Дар шароити низоми кредитии таҳсилот баҳисобгирии меҳнатталабии фаъолияти таълимӣ аз рӯи ҳаҷми маводи таълимии ба донишҷӯён пешниҳод-шуда амалӣ гардида, бо шумораи кредитҳо андоза карда мешавад.

Кредит-воҳиди ба як шакл даровардашудаи андозаи ҳаҷми меҳнатталабии кори донишҷӯ (омӯзгор) мебошад. Дар низоми амрикоии таҳсилот як кредит ба 45 соати академии меҳнатталабии дилхоҳ фан (дар давоми семестр) дар барномаи бакалавриат, 60 соати академӣ дар магистратура ва 75 соати академӣ дар докторантура баробар аст [325]. Ҳиссаи кори мустақилонаи таълимгиранда дар доираи меҳнатталабии овардашуда вобаста ба зинаҳои таҳсилот (бо дарназардошти иҷрои рисолаҳои дипломӣ ва диссертатсия) тағйир ёфта, торафт меафзояд. Масалан, 1 кредит дар бакалавриат ба 1 соати академии дарси аудиторӣ ва 2 соати академии дигар барои кори мустақилонаи таълимгиранда дар як ҳафта дар давоми семестр (15 ҳафта) баробар мебошад [200, с.20]. Бо дарназардошти болоравии сатҳи таҷрибаандӯзии таълимгирандагон дар зинаҳои болоии таҳсилот (магистратура, докторантура) бошад, таносуби соатҳои академӣ барои кори аудиторӣ ва мустақилона тағйир меёбад.

Нақшаи фардии донишҷӯ. Дар низоми кредитии таҳсилот чунин ҳуҷҷатҳо шомил мегарданд: нақшаи таълим, нақшаи кории таълим ва нақшаи фардии донишҷӯ [246, с.35].

Нақшаи таълим аз тарафи мутахассисони раёсат (шуъба, департамент) – и таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо иштироки мутахассисони дигар сохторҳо таҳия гардида, ба Шурои олимон пешниҳод мегардад. Дар Шурои олимон нақшаи таълим мавриди муҳокима қарор гирифта, бо тасдиқи раиси Шурои олимон ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешавад. Нақшаи пешниҳодшударо мутахассисони вазорат омӯхта, баррасӣ намуда, барои тасдиқ ба мушовараи Вазорати маориф ва илм пешниҳод менамоянд.

Нақшаи таълим барои на камтар (минимум) аз чор соли таҳсил омода карда мешавад. Дар низоми кредитии таҳсилот фанҳои таълимӣ ва барои ихтисосҳои ҳамгиро барои панҷ сол дар нақшаҳои таълим ба ду қисмат ҷудо мешавад:

Фанҳои ҳатмӣ

Фанҳои интихобӣ

Миқдори фанҳои интихобӣ дар нақшаи таълим на бояд аз 25% кам бошанд [168, с.167]. Дар ҳамаи сиклҳо (чор сикл) - и нақшаи таълим номгӯи фанҳои ҳатмӣ барои ҳар як семестр бо назардошти кредитҳо сабт мегардад. Фанҳои интихобӣ бошанд, дар нақшаи таълим номнавис намешаванд. Фақат миқдори кредитҳои умумии фанҳои интихобӣ дар ҳар як сикл сабт мегардад. Миқдори кредитҳо дар ҳар як семестр барои ҳар як фан ба адади натуралии ҷуфт (2 кредит, 4 кредит, 6 кредит) баробар мешавад. Фанҳои интихобӣ барои як семестр пешниҳод карда мешавад ва миқдори кредитҳои онҳо ба ду ё чор кредит баробар шуда метавонад. Ҳадди максималии кредитҳои як фан дар як семестр ба шаш кредит баробар буда, он қисме аз фанҳои ҳатмиро фаро мегирд. Як қисми фанҳои ҳатмӣ ба чор кредит баробаранд [198, с.67].

Дар сиклҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ миқдори кредитҳои фанҳои ҳатмӣ метавонад ба 12 кредит (6 кредит + 6 кредит), 14 кредит (4 кредит + 4 кредит + 6 кредит), 16 кредит (4 кредит + 6 кредит + 6 кредит), 18 кредит (6 кредит + 6 кредит + 6 кредит), 20 кредит (4 кредит + 4 кредит + 6 кредит + 6 кредит), 22 кредит (4 кредит + 6 кредит + 6 кредит + 6 кредит) баробар шаванд [256].

Дар асоси нақшаи таълим, нақшаи кории таълим тартиб дода мешавад. Нақшаи кории таълим барои ҳар як соли таҳсил таҳия карда мешавад. Барои таҳияи нақшаи кории таълим чунин амалҳо бояд ба анҷом расад:

1. Пешниҳоди фанҳои интихобӣ (элективӣ) аз ҷониби кафедра;

2.Тасдиқи фанҳои интихобӣ бо қарори Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

3. Гузаронидани муаррифии фанҳои интихобӣ бо пешниҳоди раёсат (шуъба, департамент) - и таълимӣ;

4. Интихоби фанни пешниҳодшуда аз тарафи донишҷӯён;

5. Ба тартиб овардани ҳуҷҷатҳои лозимӣ: шакли 1 ва шакли 2;

6.Ворид кардани фанҳои интихобшуда ба нақшаи кории таълим.

Бо назардошти иҷрои корҳои зикршуда, нақшаи кории таълим таҳия карда шуда, барои муҳокима ба Шурои олимон пешниҳод карда мешавад. Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад, нақшаи кории таълимро танҳо барои як соли хониш таҳия ва тасдиқ намояд. Дар нақшаи кории таълим дар баробари номгӯи фанҳои ҳатмӣ бо назардошти миқдори кредитҳо, инчунин номгӯи фанҳои интихобӣ бо нишон додани миқдори кредитҳо барои ҳар як семестри соли таҳсил сабт мегардад.

Дар таҳияи нақшаи кории таълим фаъолнокии донишҷӯ хеле муҳим аст, чунки ӯ бевосита барои муайян кардани самти фаъолияти таълимии худ дар интихоби фанҳо иштирок мекунад.

Дар асоси нақшаи кории таълим нақшаи фардии донишҷӯ тартиб дода мешавад. Нақшаи инфиродии донишҷӯ – ҳуҷҷатест, ки ҳамасола дар асоси нақшаи таълимӣ барои донишҷӯ, ки тибқи низоми таҳсилоти кредитӣ таҳсил менамояд, тартиб дода мешавад. Дар низоми муқаррарии таҳсилот нақшаи фардии донишҷӯ ҷой надошт.

«Мазмун ва муҳтавои нақшаи инфиродии донишҷӯро миқдори кредитҳо, номгӯи фанҳои омӯзишӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ), соатҳои академӣ ташкил дода, самти мушаххаси азхудкунии донишҷӯро муайян менамояд. Нақшаи фардии донишҷӯ барои ҳар як семестри соли таҳсил таҳия карда мешавад» [200, с.25].

Дар мавриди таҳия намудани нақшаи фардӣ, худи донишҷӯ бевосита фаъолият ва иштирок карда метавонад, ки раванди онро дар ҷадвали зерин дила мебароем:

Ҷадвали № 47

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

НАҚШАИ ТАЪЛИМӢ – ИНФИРОДИИ ДОНИШҶӮ

Ному насаби донишҷӯ: ______________________ ID_______________

_____________________________________________ Гурӯҳ:__________

Курс:_____________

Ному насаби эдвайзер:_____________________________________________

Факултет:__________________________________ ______________________

Шакли таҳсил:

- Рӯзона,
- Ғоибона

Ихтисос:__________________________________________________________

_

| № | Номгӯи фанҳо | Сарбории ҳафтаинаи кредитӣ (СЕМЕСТР) | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | | | | |
| 2. | | | | | | | | | |
| 3. | | | | | | | | | |
| 4. | | | | | | | | | |
| 5. | | | | | | | | | |
| Ҷамъи кредитҳо: | | | | | | | | | |

Имзои донишҷӯ:________________ Имзои эдвайзер______________

Таърихи рӯз: «___» ________ 202__ сол.

Декани факултет:________________________________________________

(ИМЗО)

Имзо ва ному

насаби бақайдгиранда_____________________________________________

(ИМЗО)

Дар шакли 1 рӯйхати фанҳо аз номгӯи фанҳои интихобӣ барои муаррифӣ ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад. Шакли 2 бошад, ҳуҷҷате мебошад, ки баъди гузаронидани муаррифии фанҳои интихобӣ аз миқдори

номгӯи фанҳои пешниҳодшуда донишҷӯ фанҳои барои худ лозимиро интихоб мекунад ва бо имзои худ тасдиқ менамояд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Шакли № 1.

Бақайдгирии фанҳои тадрисшаванда

Семестр: тирамоҳӣ, баҳорӣ, тобистона

Сол: _____________

Ному насаби донишҷӯ: __________________________________ ID ___________________

Гурӯҳ;______

Курс; _______

Ному насаби эдвайзер:________________________________________

Факултет: __________________________________________________________________

Шакли таҳсил:

- Рӯзона,
- Ғоибона

Ҷадвали № 48

Ихтисос:

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |

| № | Номгӯи фанҳо | Коди фан | ID Фан | Миқдори кредитҳо | Ному насаби омӯзгор | Имзои омӯзгор |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| 7 | | | | | | |
| 8 | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | | |

Имзои донишҷӯ:________________________ Имзои эдвайзер_____________

Таърихи рӯз: «_____» _____________ 202__ сол.

Имзо ва ному насаби

бақайдгиранда______________________________________________________________

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Шакли № 2.

Бақайдгирии фанҳо дар ҳолати тағйирот дар давраи муҳлати даҳрӯза

Семестр: тирамоҳӣ, баҳорӣ, тобистона **Сол:**

___________________ Ному насаби донишҷӯ: ______________________________ ID

____________________ ___________________________________________________

Гурӯҳ:_________________

Курс:__________________

Ному насаби

эдвайзер:________________________________________________________

Факултет:

__________________________________________________________________

Шакли таҳсил:

- □ Рӯзона,
- □ Ғоибона

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Ихтисос:

Ҷадвали № 47

Фанҳое, ки донишҷӯ интихоб накард**:**

| № | Номгӯи фанҳо | Коди фан | ID Фан | Миқдори кредитҳо | Ному насаби омӯзгор | Имзои омӯзгор |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | | | | | | |
| Фанҳое, ки донишҷӯ интихоб кард: | | | | | | |
| № | Номгӯи фанҳо | Коди фан | ID Фан | Миқдори кредитҳо | Ному насаби омӯзгор | Имзои омӯзгор |
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | | |

Имзои донишҷӯ:______________________ Имзои эдвайзер____________________

Имзои декани факултет_____________

Таърихи рӯз: «_____» _____________ 202__ сол.

Имзо ва ному насаби бақайдгиранда___________________________________________

Бақайдгирӣ ва интихоби фанҳои таълимӣ

Барои иҷро намудани амали мазкур донишҷӯ бояд дар давоми ҳафта, ки барои шиносоӣ бо касб ва қоидаҳои ташкили раванди таълим ҷудо шудааст, ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ҳозир шуда, аз қайди он гузарад [194, с.304]. Баъд аз он бо маслиҳати эдвайзер фанҳои таълимии ҳатмӣ (мувофиқи нақшаи таълимии тасдиқшуда) ва интихобиро (мувофиқи феҳристи фанҳои интихобӣ) интихоб намуда, нақшаи таълимии фардии худро тартиб дода, бо имзои худ ва эдвайзер ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ месупорад.

Амали бақайдгирии донишҷӯён тавассути шабакаи дохилии компютерӣ ё бевосита дар маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ мувофиқи ҷадвали бақайдгирии ихтисосҳои алоҳида сурат мегирад.

Дар мавриди бақайдгирии фанҳои интихобӣ барои донишҷӯён чунин имтиёзҳо муқаррар карда мешаванд:

- афзалият ба он донишҷӯёне дода мешавад, ки дар навбати аввал (пеш аз дигарон) оид ба интихоби фан ва устод аз қайд гузашта, ба ин фан номнавис шуда бошад;

- пеш аз ҳама, донишҷӯёне, ки сессияи имтиҳонотии гузаштаро бо баҳои аъло (А) ҷамъбаст намудаанд, ҳуқуқи интихоби фан ва устоди муайянро доранд [333, с.34];

- баъди анҷоми муҳлати бақайдгирӣ, имзо намудан ва ба маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ супоридани нақшаҳои фардии таълим аз тарафи деканати факултет, нақшаи кори таълим ва ҷадвали дарсӣ барои як давраи академӣ (семестр) ё соли таҳсили ҷорӣ таҳия шуда, аз ҷониби муовини ректор оид ба таълим тасдиқ мешавад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ҶАВАЛИ ДАРСИИ ИНФИРОДИИ ДОНИШҶӮ

дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2022 – 2023

Ному насаби донишҷӯ :______________________________________

ID__________________________________________________________

Ҷадвали № 49

| Номгӯи рӯзҳо<br>Реҷаи зангҳо<br>↓ | Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 00 – 8 50 | | | | | | |
| 9 00 – 9 50 | | | | | | |
| 10 00 – 10 50 | | | | | | |
| 11 00 – 11 50 | | | | | | |
| 12 05 – 12 55 | | | | | | |
| 13 05 – 13 55 | | | | | | |
| 14 05 – 14 55 | | | | | | |

Имзо ва ному насаби

бақайдгиранда____________________________________________________________

(имзо)

Таърихи рӯз: «_____» _____________ 2023 сол.

Пурра риоя намудани ин гуна тартибот, яъне омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тарафи донишҷӯён ва устодон ҳатмӣ мебошад. Донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар давоми ҳафтаи шиносоӣ бо касб ва интихоби фанҳо, ки аз тарафи донишгоҳ муқаррар карда мешавад, дар нақшаи фардии худ то 10 % тағйироту иловаҳо ворид намояд [261, с.58]. Дар ин бора ӯ бо тарзи хаттӣ ба декани факултет мурочиат менамояд. Баъди ба охир расидани муҳлати муқарраршуда, ворид намудани тағйиру иловаҳо дар нақшаи фардии таълим ва ҷадвали дарсӣ манъ аст.

Дар зери мафҳуми нақшаи фардии таълим маҷмуи фанҳои интихобии таълимӣ (курси махсус, фанҳои интихобӣ) барои азхуд намудани нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар доираи қонуну санадҳои амалкунанда тартиб дода шудааст, фаҳмида мешавад.

Нақшаи фардии таълим, тибқи маслиҳати мушовири академӣ, яъне эдвайзер ба ҳар як донишҷӯ дар асоси нақшаҳои намунавии таълим ва номгӯи фанҳои интихобӣ таҳия шуда, самт ва равияи таҳсилоти ӯро муайян менамояд. Нақшаҳои инфиродии (таълимӣ) донишҷӯ дар дасти худи ӯ, сайти факултет ва офиси бақайдгиранда нигоҳ дошта мешаванд. Нақшаҳои фардии таълим аз тарафи декани факултет тасдиқ карда мешаванд. Нақшаи фардии донишҷӯ асосан самти меҳнатталабии фаъолияти таълимию тарбиявии ӯро дар асоси нақшаи таълимӣ муайян намуда, он ба воситаи соатҳои кредитӣ ифода меёбанд. Миқдори соатҳои кредитӣ дар нақшаи фардии таълим (дар як семестр) набояд аз 40 кредит зиёд бошад.

Хулоса, нақшаи инфиродии омӯзишӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯёне, ки талаботи барномавиро дар муҳлати муайянгардида иҷро намудаанд, номгӯи фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро саривақт барои нимсолаи минбаъда, то оғози таҳсил интихоб намоянд. Дар ин ҳолат, тағйир додани номгӯи фанҳои ҳатмие, ки дар нақшаи таълимӣ пешбинӣ гардидааст, иҷозат дода намешавад. Ҳангоми тартиб додани нақшаи таълимии инфиродӣ, соатҳои фанҳои тахассусӣ ихтисор карда намешаванд.

Раванди амалишавии самтҳои асосии низоми кредитии таҳсилотро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди пажуҳиш қарор медиҳем.

Дар донишгоҳ низоми кредитии таҳсилот дар асоси фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.07.2007, №923 «Дар бораи гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ» тибқи фармони ректори донишгоҳ аз 30.08.2007 , №63ОД бори нахуст аз соли таҳсили 2007-2008 дар курси якуми ихтисоси математика ҷорӣ карда шуд.

«Аз соли 2008-2010 бо қарори Шурои олимони донишгоҳ аз 30.07.2008, №9 боз ҳафт факултети дигар-таърих, педагогика, забони англисӣ, забонҳои романӣ-германӣ, физика, забон ва адабиёти рус, филологияи тоҷик ва шуъбаи иқтисодиёт ва идоракунии маориф, ки аз соли 2009 ҳамчун факултети алоҳида таъсис ёфтааст, ба ин низом гузаштанд» [202, с.4].

Баъд аз ин, раванди таълим тибқи тақвими академӣ, аз рӯйи нақшаҳои таълимии тасдиқшуда таҳия гардида, ба роҳ монда шудааст. Санҷишҳои фосилавӣ дар муҳлатҳои нишондодашудаи тақвими академии мазкур сари-вақт тариқи технологияҳои иттилоотии муосир ҷамъбаст карда мешавад. Тибқи Низомнома оид ба ташкили раванди низоми кредитии таҳсилот донишҷӯён метавонанд, барои бақайдгирӣ ва номнавис намудани фанҳои таълимӣ, аз ҷумлаи фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ омӯзгорони тадрисдиҳандаро вобаста ба фанҳо гурӯҳбандӣ намуда, дар мувофиқа бо факултетҳо ва кафедраҳо дар маркази ба қайдгирӣ сабт намоянд.

Дар соли 2014 барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар раванди таълим ҳангоми гузариш ба низоми кредитии таҳсилот як қатор дастурҳои методӣ омода гардиданд: «Тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи эссе барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ», «Тартиби баргузории санҷишҳои марҳилавӣ тибқи низоми кредитии таҳсилот дар ДДОТ», «Тартиби баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсионӣ) тибқи низоми кредитии таҳсилот дар ДДОТ», «Тавсияҳои методӣ доир ба машғулиятҳои аудиторӣ (лексия, дарс-лексия, машғулияти амалӣ (семинарӣ), кори

лабораторӣ, дарс дар устохонаҳои таълимӣ ва паркҳои техникӣ) дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ», «Дастури методӣ оид ба навъҳои санҷиш ва тарзи гузаронидани онҳо дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ» таҳия ва нашр шуданд.

Дар раванди таълими низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор мавқеи хосса дорад. Дар амалӣ гардонидани корҳои мустақилона донишҷӯ озод буда, барои азхуд намудани роҳҳои мухталифи дониш, тарзи фаъол ва мақсаднок азхуд намудани ташаккул додани маҳорат ва малака бе иштироки фаъоли омӯзгор дар азхуд намудани нақшаи таълимӣ сурат мегирад. Қайд кардан бамаврид аст, ки чораҷӯиҳое, ки барои созмон додан ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти корҳои мустақилонаи донишҷӯро таъмин менамояд, бояд дар асоси талаботи зерин татбиқ карда шаванд. «Дар амалӣ гардонидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ фаъолияти омӯзгор низ мавқеи созанда дорад. Бояд аз рӯи самти фанни таълимӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ пай дар пай аз ҷониби устодони кафедра ва деканони факултетҳо дар шаклҳои гуногуни омӯзиш, аз қабили конспекти сарчашмаҳо, нақша ё лоиҳакашӣ, хониши осори бадеӣ, иҷрои вазифаҳои хонагӣ тарҳрезӣ карда шаванд» [250, с.1].

Корҳои мустақилонаи донишҷӯ мувофиқи талабот бояд дар асоси барномаҳои кории ҳар як фанни тадрисшаванда ба нақшаҳои ихтисосҳо дохил гардида, дар шакли қисмати алоҳида – нишондодҳои методӣ оид ба иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ аз рӯи фанни таълимии мазкур дарҷ гарданд. Дар ин қисмати барномаи таълимии фан бояд мақсад, вазифаҳо ва натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ нишон дода шаванд. Масалан, барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ, ки фанни таълимии иқтисодиёти ҷаҳон ба нақшаҳои таълимии ихтисосҳои дар назди онҳо амалкунанда ворид гаштааст, тавсияҳо доир ба фанни тадрисшаванда дода шудаанд. Дастурҳои методӣ оид ба иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ аз рӯи ин фанни таълимӣ таҳия шудаанд, ҳадафи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯро инкишоф дода, ҳамчун заминаи асосии тақвияти маҳорату малака оид ба муносибати иқтисодию соҳибкориро дар бар

мегирад. Муҳаққиқ У З Зубайдов. доир ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён чунин мегӯяд: «Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён мавқеи махсус дорад, ки мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот барои ихтисосҳои донишгоҳ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳо 50%-и ҳаҷми соатҳои сарбории таълимии барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзона ҷудошударо ташкил медиҳад» [188, с.4].

Татбиқи мақсади муайянкардашуда иҷро намудани чунин вазифаҳоро тақозо мекунад:

- омӯзиши сарчашмаҳои классикии назарияи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналхалқӣ;

- омӯзиши усулҳои муайян намудани самаранокии фаъолияти иқтисодии беруна;

- шиносоӣ бо усулҳои муосири соҳибкорию банақшагирӣ.

Дар низоми кредитии таҳсилот дуруст ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯён мавқеи махсус дорад. Ин масъулият ба дӯши кафедраҳо вогузор карда мешавад. Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯ кафедраро зарур аст, ки чунин вазифаҳоро иҷро намояд:

- самтҳои асосӣ, мазмун, шакл ва усулҳои омода намудани донишҷӯёнро барои иҷро кардани корҳои мустақилона муайян месозад, дараҷаи зарурии азхудкунии корҳои мустақилонаро оид ба фанҳои таълимиро таъмин менамояд ва роҳҳои ҳавасманд гардонидани оид ба ҳар як фанни таълимиро муайян менамояд;

- тақсимоти буҷети вақтро аз ҷониби донишҷӯён, ки ҳамчун тарзи муайян намудани иҷрои корҳои мустақилона, аксбардорӣ ва сарфи буҷети вақт ҳисобида шудааст, назорат мекунад;

- масъалаҳои ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯро ба барномаи таълимии фанҳои омӯхташаванда ворид менамояд;

- самаранокии корҳои мустақилонаи донишҷӯро таҳлил намуда, бо мақсади ташаккул додан ва беҳтар гардонидани сифати иҷро намудани ин

шакли корҳои таълимӣ ба садорати факултет дархост ва пешниҳод барои ворид намудани тағйиротҳо манзур менамояд;

- мониторинги ташаккул додани малака ва маҳорати донишҷӯёнро аз рӯи иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ гузаронида, тавсияҳои худро оид ба такмил додани он пешниҳод менамояд;

- корҳоро барои пурра гардонидан ва таъмин намудани кабинетҳои таълимӣ бо адабиёти илмӣ, таълимӣ, нашрияҳои даврӣ, асбобҳои техникӣ ва инчунин, маводи зиёди таълимӣ ташкил кардан мумкин аст;

- проблема ва муҳиммияти рисолаҳои хатмро баррасӣ намуда, дастуру ҳидоятҳо оиди дар амал иҷро гардидани онҳоро пешниҳод менамояд.

Дар раванди низоми таҳсилоти кредитӣ омӯзгор низ ҳамчун назоратчӣ мавқеи хоссаи худро дорад. Тайёрии омӯзгор ба дарс аз кордонию эҷодкории ӯ вобаста буда, аз вай масъулиятнокӣ ва ташаббускориро талаб менамояд.

Ташкили машғулиятҳо аз бисёр ҷиҳат ба захираи дониш, таҷрибаи корӣ, маҳорату малака, инчунин аз тайёрии омӯзгор вобаста аст. Ҳар машғулият аз омӯзгор, хоҳ навкор асту хоҳ соҳибтаҷриба, тайёрии ҷиддиро талаб менамояд, яъне омӯзгори хуб барои баргузоркунии машғулиятҳо тайёрии пухта дида, баҳри бартараф намудани камбудиҳои шогирдон роҳ меҷӯяд. Чунончи, дар ин бобат мутафаккири Рими қадим Квинтилиан фармудааст: «Шогирдон пайрави он устоде мегарданд, ки ӯ ба онҳо роҳ нишон медиҳад, вале пайрави он устоде намешаванд, ки ӯ танҳо хатоҳояшонро нишон медиҳад» [243].

Шаклҳои асосии машғулиятҳои аудиториро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ лексия, семинар, КМДРО ва машғулиятҳои амалию лабораторӣ ташкил медиҳанд.

Лексия яке аз шаклҳои нисбатан мураккаби машғулиятҳои таълимӣ буда, барои гузаронидани он мутахассисони варзида, аз зумраи профессорон ва дотсентон ҷалб карда мешаванд. Лексия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷузъи асосии сикли таълим ба ҳисоб меравад ё ба таври дигар, лексия - шакли асосии таълим буда, фарогири баёни бонизому тадриҷӣ ва яклухти

маводи таълимӣ аз ҷониби омӯзгор мебошад. Мақсади он – ташаккул додани асосҳои раҳнамоӣ барои азхудкунии минбаъдаи маводи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён мебошад. Лексия чунин вазифаҳоро иҷро мекунад: ахборотӣ (маълумоти зарурӣ баён карда мешавад), ҳавасмандкунонӣ (ба омӯзиши мавзуъ шавқу ҳавас пайдо мекунонад, тарбиявӣ, инкишофӣ (ба ҳодисаи муоинашаванда баҳо дода мешавад, тафаккурро ташаккул медиҳад), тавзеҳотӣ (ба ташаккул додани мафҳумҳои асосии илм равона карда шудааст).

Чунин навъҳои лексияро аз ҳамдигар фарқ кардан мумкин аст:

- аз рӯйи мақсадҳои умумӣ: таълимӣ, ташвиқотӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ, инкишофӣ;

- аз рӯйи академӣ, оммавӣ ва муайян намудани сатҳи илмияти он;

- аз рӯйи тарзи баёни мавод: бинарӣ ва ё лексия-мусоҳиба (муколамаи ду омӯзгор, ки ақидаҳои гуногунро ҳимоя мекунанд), проблемавӣ, лексия-конференсия [254, с.5].

Дар лексия оид ба мавзуи мувофиқи фанни таълимӣ ба донишҷӯён маълумоти нав пешниҳод карда мешавад. Ҳамзамон, ба донишҷӯён баҳри мустақилона таҳлил намудани маводи омӯхташуда роҳҳои ҳалли мусоиди проблемаи омӯхташаванда пешниҳод мегардад.

Тартиби тайёрӣ ва ташкилу гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ду зинаи асосиро дарбар мегирад:

Методикаи тайёрӣ ба машғулияти лексионӣ.

Методикаи гузаронидани машғулияти лексионӣ.

Методикаи тайёрӣ ба машғулияти лексиониро, дар навбати худ, коркарди матн (нақша)-и лексия ва тайёрии инфиродии омӯзгор барои баёни он ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳия ё таълифи матн (нақша)-и лексия омӯзгор ба инобат гирад, ки он бояд аз се қисми зерин иборат бошад:

а) қисми муқаддимавӣ аз гузориши сардор ё навбатдори гурӯҳ оид ба иштироку омода будани донишҷӯён ба машғулият шуруъ шуда, ба эълони мавзуъ, мақсаду саволҳои таълимӣ, асосноккунии мубрамияти мавзуи

омӯхташаванда, ки дар барномаи таълимӣ нишон дода шудааст ва барқарор намудани робитаи он бо маводи пешомӯхташуда аз ҷониби омӯзгор ба анҷом мерасад.

б) қисми асосӣ, ки баёни 2-3 масъалаи умдаи мавзуи барномаи таълимиро дарбар мегирад;

в) қисми хотимавӣ аз ҷамъбасти машғулият шуруъ шуда, ба саволҳои донишҷӯён ҷавоб додан, барои кори мустақилона супориш пешниҳод кардан, муайян намудани усулҳои омӯзиши минбаъдаи фанни таълимӣ ба итмом мерасад.

Ҳангоми тайёрӣ ба машғулиятҳои семинарӣ танҳо ба маводи лексия маҳдуд шудан мумкин нест. Ҳангоми иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) донишҷӯ имкон дорад аз рӯйи тавсияҳои методии омӯзгор барои ҳар як мавзуи ба нақша гирифташуда мавод ҷамъ намояд ва ё ба дарси семинарӣ дуруст тайёрӣ бинад. Барои санҷидани дараҷаи тайёрии донишҷӯён ба машғулиятҳои семинарӣ пештар машғулиятҳои просеминарӣ, ҳоло КМД ва КМДРО ташкил карда мешавад, ки дар донишгоҳ тибқи низомномаи махсус амал мекунанд. Просеминар (КМД ва КМДРО) – ин шинос намудани донишҷуён ба хусусиятҳои корҳои мустақилона, адабиёт ва методикаи кор бо онҳо буда, пеш аз машғулиятҳои семинарӣ дар дарсҳои КМДРО ташкил карда мешавад.

Семинар – ин суҳбати муфассал аз рӯйи нақшаи пешакӣ маълум, маърузаҳои на он қадар калони донишҷӯён мебошад.

Дар ҷараёни машғулиятҳои семинарӣ (амалӣ) дониши донишҷӯён оид ба проблемаҳои мушаххаси мавзуъҳои мувофиқи фанни таълимӣ санҷида ва мустаҳкам гардонида мешаванд. Ҳамзамон, малакаҳои донишҷӯён оид ба таҳлилкунии масъалаҳои проблемавии соҳаҳои назария ва амалия ташаккул меёбанд. Дар ҷараёни семинар малакаҳои донишҷӯён оид ба мантиқию ифоданок ва босаводона баён намудани нуктаи назари худ доир ба масъалаҳои баҳсию ақидаҳои мухталиф инкишоф меёбад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар амалияи донишгоҳ самараи семинарҳое бештар аст, ки ҷанбаи ҷамъбасткунандаи нерумандро соҳибанд. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки машғулиятҳои амалӣ дар худ хусусиятҳои хос доранд. Зеро омӯзиши талаботҳои дидактии он ба донишҷӯён шароит фароҳам меорад, ки мустақилона бо маводи таълимӣ шинос гардида, фикру андешаҳои худро озодона тавонанд пешниҳод намоянд.

Машғулияти лабораторӣ яке аз шаклҳои дигари ташкили раванди таълим дар донишгоҳ мебошад. Машғулияти лабораторӣ ин шакли таълимест, ки дар ҷараёни он донишҷӯён таҳти роҳбарии омӯзгор ё лаборант аз рӯйи нақшаи пешакӣ мураттабгардида таҷрибаҳо мегузаронанд ва ё супоришҳои амалӣ иҷро мекунанд ва дар рафти он донишҳои нав ҳосил мекунанд.

Корҳои лабораторӣ имкон медиҳанд, ки донишҳои назариявӣ ва амалия алоқаманд карда шаванд. Ҳадаф ва ташкили корҳои лабораторӣ дар амал татбиқ кардани донишҳои омӯхташуда мебошад. Тавассути корҳои амалӣ ва лабораторӣ донишҳои назариявии азхудкардашуда боз ҳам мустаҳкам гашта, моҳият, мақсад ва мазмуни мавзуъро мефаҳманд.

Имрӯзҳо барои дар амал татбиқ кардани низоми кредитии таҳсилот якчанд санадҳои меъёрию ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ тибқи низоми кредитии таҳсилот амал менамоянд, ки асосиашон инҳоянд:

-Низомномаи намунавии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Низомномаи намунавӣ оид ба сабақгардонии донишҷуён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Низомнома оид ба ташкил ва гузаронидани дарсҳои такрорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Низомномаи намунавӣ оид ба сесияи имтиҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар;

-Низомномаи намунавии маркази бақайдгирӣ ва машварати муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Низомномаи намунавӣ оид ба таъин ва пардохти стипендияи донишҷӯёни макотиби олии мамлакат.

Низоми нави кредитии таҳсилот дар муқоиса нисбат ба таълими анъанавӣ беҳтар мебошад. Низоми кредитӣ шакли демократии идоракунии раванди таълим, баҳисобгирии максималии таваҷҷуҳ ва талаботи донишҷӯён, озодии академии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯён, қонеъ гардонидани талаботи кордиҳанда, гузариши таҳсилот аз шакли «омӯзонидан (teaching)» ба шакли «омӯхтан (learming)» зоҳир мегардад.

Хусусиятҳои хоси низоми кредитии таҳсилот чунин мебошанд:

-ҷорӣ намудани низоми воҳидҳои санҷишӣ (кредитҳо) барои баҳодиҳӣ ба ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯ ва омӯзгор оид ба ҳар як фанни нақшаи таълимӣ;

-салоҳиятҳои васеи садорати факултетҳо дар ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ;

-таъмини баланди заминаҳои таълимию методӣ ва иттилоотию техникӣ.

Барои татбиқи пурраи низоми кредитии таҳсилот пайваста чораҳо, аз ҷумла аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида мешаванд. Дар ин замина, нақшаҳои таълимӣ таҷдиди назар гардида, курсҳои нави таълимии замонавӣ, мураттаб сохтани барномаҳои муштараки таълимӣ ва илмиро муайян намуда, рақобатпазир будани таҳсилоти муассисаи олӣ ва мутахассисонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин менамояд.

Хусусияти дигари низоми кредитии таҳсилот дар пайваста баланд бардоштани маҳорати педагогӣ, такмили касбияти ташкилкунандагони раванди таълим ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам ифода мегардад.

Донишҷӯён имконияти озодона дар тамоми зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ таҳсил намуданро пайдо мекунанд. Илова ба ин, донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот аз ҷониби нофаъоли

азхудкунанда ба иштирокчии фаъоли раванди таълим табдил меёбанд. Дар низоми кредитии таҳсилот аз омӯзгор маҳорати касбии махсус, қобилияти ба таври инфиродӣ кор кардан бо донишҷӯён талаб карда мешавад.

Хулоса. Дар муддати 20 соли амалӣ гардидани низоми кредитии таҳсил тадриҷан ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ зина ба зина ба низоми мазкур гузашта, мазмун ва мундариҷаи барномаҳои асосии таҳсилот (Стандартҳои давлатии таҳсилот аз рӯи ихтисосҳо), нақшаҳои таълимии заминавӣ, нақшаҳои таълимии корӣ, нақшаҳои таълимии инфиродӣ, барномаҳои таълимии фан, барномаҳои кории таълимии фан (силлабус), таҳияи комплексҳои методӣ-таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимиро дар шакли электронӣ таҳия намуданд.

Айни замон татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ дар маҷмуъ, ба талабот ҷавобгӯ бошад ҳам, ҳанӯз мушкилиҳои зерин дар ин самт вуҷуд доранд, ки рафъи онҳо шарт ва зарур аст:

- таъмин намудани донишҷӯён бо маводи таълимию методӣ, аз ҷумла, китоби дарси тибқи талаботи низоми кредитии таҳсилот ва маводи аёнӣ;

- муҳайё кардани шароит ба донишҷӯ барои интихоби фанҳо ва омӯзгор;

- омода намудани маводи таълимию методиро беҳтар гардонида, масъалаи таъмин намудани донишҷӯёнро бо маҷмуаи таълимию методии фан дар баробари мураттаб сохтани матни лексияҳо, саволномаҳои тестӣ, ҳамчунин муайян намудани мавзуъҳо ва шаклҳои гуногуни иҷрои корҳои мустақилона, назорат ва баҳодиҳӣ ба онҳо, таҳия ва таълифи супоришҳои хонагӣ, супоришҳои тестӣ, намунаи рефератҳо, эссе, дастуру воситаҳои таълимиро бештар намоянд;

- инфиродӣ гардонидани раванди таълим, яъне мустақилона азбар намудани ҳаҷми муайяни барномаи таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯро тақвият додан зарур аст;

- барои боз ҳам беҳтар амалӣ гардонидани низоми кредитии таҳсилот ташкил намудан ва гузаронидани семинар-машварат, конференсия ва аз курсҳои такмили ихтисос оид ба азхуд намудани паҳлуҳои гуногуни низоми

кредитии таҳсилот гузаронидани омӯзгорон ба манфиати беҳтар намудани сифати таҳсилот аст;

- воқеъбинона, холисона ва дуруст ба роҳ мондани низоми холдиҳӣ-рейтингӣ ба дониши донишҷӯёну магистрантон ҳавасмандии онҳоро ба донишомӯзӣ зиёд мегардонад.

«Пешвои муаззами миллат баҳри рушди маориф як қатор тадбирҳо андешидаанд. Масалан эҷоди асарҳои илмиву сиёсӣ доир ба рушди соҳаи маориф ва тақвияти илму дониш» [45; 46]; зиёд намудани маблағгузорӣ дар соҳаи маориф; ҳидоятҳо ҷиҳати дастгирии соҳаи маориф аз тарафи соҳибкорони саховатманд ва падару модарони дорои масъулияти баланди тарбиявӣ; такмили қонунгузории кишвар дар робита ба соҳаи маориф ва илм.

Дар воқеъ, яке аз ташаббусҳои муҳимтарини Пешвои миллат дар рушди маориф – ин қабули қонунҳои нав, ташаббусҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва дастгирии қабули қонунҳо маҳсуб меёбад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешрафти соҳаи маориф, рушди тафаккури техникиву технологӣ, рушди «зеҳни сунъӣ»-и ҷавонону ҷаҳонбинии илмии аҳли ҷомеа саҳми арзанда доранд, ки ҳамаи ин барои пешрафти ҷомеаи Тоҷикистони муосир минбаъд низ мусоидат намуда, барои рушди минбаъдаи он дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат заминаи мусоид гузоштанд

## ХУЛОСА

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи таҳлили таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол солҳои 1991-2021, мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Ислоҳоти низоми маориф аз соли 2004, ҳамчун оғози давраи стратегӣ ба ҳисоб рафта, то ҳанӯз давом дорад. Дар давраи таҳқиқшаванда якчанд қонунҳо дар соҳаи маориф қабул гардида, муҳимтаринаш қонун «Дар бораи маориф» мебошад, ки пайваста бо дигаргун гаштани тақозои замон солҳои 2013, 2016, 2017, 2018, 2020 таҷдид ва аз нав қабул карда шуданд.

2. Соли 2010 дар мамлакат ҳамагӣ 40 Маркази инкишофи кӯдакон ба истифода дода шуд, ки ба онҳо ҳамагӣ 900 нафар кӯдак ҷалб гардиданд. Бахри беҳтару хубтар гардонидани саломатии кӯдакон дар ин муассисаҳои томактабӣ комплексҳои махсуси солимгардонӣ ба роҳ монда шуд. Дар вилояти Хатлон миқдори муассисаҳои томактабӣ 5 адад зиёд гардид. Дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Балҷувон, Ховалинг, Шӯробод, (Ш. Шоҳин) Муъминобод, Сангвор (Тавилдара), Деваштич ва Варзоб кӯдакистонҳои нав сохта шуданд ва ё кӯдакистонҳое, ки солҳои пеш аз фаъолият бозмонда буданд, баъд аз таъмиру тармим боз ба фаъолият шуруъ намуданд.

3. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар мулоқоту вохӯриҳояшон бо зиёиён ва фаъолони маорифи ҷумҳурӣ ислоҳоти соҳаи маориф, махсусан муассисаҳои томактабиро таҳлили сифатан созандаи пешрафти ҷамъият маънидод намуда, дастуру ҳидоятҳо медиҳанд. Аз ҷумла, таъмини синфхонаҳои муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ бо технологияҳои ҳозиразамон ва дигар воситаҳои аёнию техникӣ таҳти назорати бевоситаи худи Сарвари давлати маорифпарвари матин қарор дошта, ин иқдом аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳо, созмону муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанӣ дастгирӣ ёфта истодааст.

4. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои

мазкур тадриҷан меафзояд. Масалан, дар мамлакат соли хониши 2014-2015 миқдори тарбиятгирандагони муассиса 88351 нафар, муассисаҳои томактабӣ бошад, 577 ададро бар гирад, пас, соли хониши 2020-2021 шумораи муассисаҳои томактабӣ ба 696 адад ва миқдори тарбиятгирандагон 101170 нафарро ташкил медод, ки нисбат ба соли 2015 шумораи кӯдакон 12819 нафар, миқдори муассисаҳо 180 адад афзоиш ёфтаанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ соли 2021 200 муассисаи томактабии хусусӣ ва марказҳои хусусии инкишофи кӯдак бо фарогирии 10593 нафар фаъолият менамуданд, ки дар онҳо ҳамагӣ 800-нафар тарбиятдиҳандагон ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул буданд, ки аз ҷумлаи онҳо 780 нафарро занон ташкил медоданд [18-М].

5. Масъалаи рафти такмили низоми соҳаи маориф идома ёфта, бештар ба масъалаҳои ислоҳот диққат дода мешуд. Дар ин давра масъалаи таҳияи Консепсияи нави таҳсилот ба миён гузошта шуд. Дар ин замина, зарурияти аз сари нав таҷдид намудани нақшаю барномаҳои таълим, китобҳо ва омода намудани китобу дастурҳои нав пайдо гардид. Дар асоси ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мазмуни раванди таълим, нақшаю барномаҳои таълимӣ тағйирот ворид гардид.

6. Барои рафъ намудани масъалаҳои асосии соҳаи маориф Ҳукумати мамлакат чораҳои зарурӣ андешида, назоратро дар самти фаъолияти мактаб - интернатҳо пурзӯр намуд, зеро дар ин давра кӯдакони зиёд падару модари худро аз даст дода, сатҳи зиндагиашон паст гардида, ба дастгирии давлату ҳукумат ниёз доштанд. Нигоҳ накарда, ба сатҳи пасти иқтисодиёти кишвар Пешвои миллат барои рушди мактаб-интернатҳо диққати махсус дода, дар шаҳру ноҳияҳои мухталиф муассисаҳои типи нав, мактаб- интернатҳо таъсис ёфтанд.

7. Раванди ислоҳоти ҳадафноку пайгиронаи соҳаи маориф, дар тули солҳои охир дар сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро касб намудааст. Яке аз ҷанбаҳои асосии он компютерикунонии муассисаҳои ҳамаи

зинаҳои таҳсилот, талаботи рақамикунонии раванди таълим буда, дар рушди соҳа ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардидани он маориф нақши калидиро иҷро менамояд [9-М].

8. Таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ яке аз проблемаҳои калидӣ ба шумор меравад, ки то ҳол роҳи ҳалли пурраи худро наёфтааст. Дар соли таҳсили 2015-2016 аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои кишвар барои 3715 нафар омӯзгор дархост пешниҳод гардида буд, ки он дар ВМКБ 163 нафар, вилояти Хатлон 777 нафар, вилояти Суғд 956 нафар, шаҳри Душанбе 446 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1373 нафар ба қайд гирфта шуда буд [4-М].

9. Таҳқиқ нишон дод, ки таи солҳои 2010-2017 сохтмони биноҳои муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби фонди захиравии давлат ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ босуръат идома ёфтааст. Масалан, агар дар соли 2011 барои сохтмони иншоотҳои муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба миқдори умумии 20,0 млн. сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда бошад, пас дар соли 2017 барои маблағгузорӣ дар соҳаи номбурда 325 млну 204 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

